ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ АМИТ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД:343.2/.7(575.3)

ТКБ:67.408(5тоҷик)

Қ–57

ҚОДИРЗОДА БАХТИЁР БОБОМУРОД

БАНИЗОМДАРОРӢ ВА ТАСНИФИ МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои

ҳуқуқшиносӣ, профессор

Назаров А.Қ.

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГЎЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3-4

МУҚАДДИМА…….……...…… 5-25

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИВИИ ТАҲҚИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ.....26-71

1.1. Матншиносии Қонунгузории ҷиноятӣ: таҳлил ва консепсияи сохторӣ ва забонӣ.....26-43

1.2. Сарчашмаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ.....43-56

1.3. Сарчашмаҳои иҷтимоии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ.....56-71

БОБИ 2. ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ.....72-116

2.1. Вазифаҳои Қонунгузории ҷиноятӣ: муносибати низомнок ва дурнамои такмили КҶ ҶТ.....72-100

2.2. Сохтори меъёри ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ дар Қонунгузории ҷиноятӣ.....100-116

БОБИ 3. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМНОКСОЗИИ ИНСТИТУТҲОИ ҚИСМИ УМУМИИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....117-155

3.1. Низоми институтҳои Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ: таҳлили категориявӣ ва сохторӣ.....117-135

3.2. Асосҳои консептуалии сохтори Қисми умумии Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....136-155

БОБИ 4. МАФҲУМИ КАТЕГОРИЯҲОИ ҶИНОЯТ ВА МЕЪЁРҲОИ БА КАТЕГОРИЯҲО ҶУДО НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО.....156-208

4.1. Категорияҳои ҷиноят дар низоми Қонуни ҷиноятӣ: мафҳум, меъёрҳо ва аҳаммияти ҳуқуқӣ.....156-182

4.2.Таҳлили муқоисавии таснифи ҷиноятҳо дар низомии Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷ.....182-208

БОБИ 5. МОДЕЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТ.....209-274

5.1. Мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «нормативистӣ» ба фаҳмиши таркиби ҷиноят.....209-226
5.2. Мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «объективистӣ» оид ба фаҳмиши таркиби ҷиноят.....226-239
5.3. Таносуби мавқеи «нормативистӣ» ва «объективистӣ» нисбат ба мафҳум ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят.....239-255
5.4. Намудҳои таркиби ҷиноят.....255-274
БОБИ 6. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМӢ-СОХТОРИИ ҚИСМИ МАХСУСИ КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ.....274-232
6.1.Таҳлили низомӣ-сохтории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ: методологияи сохтор, унсурҳо ва омилҳои ташаккул.....274-294
6.2. Институтҳои Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....294-323
ХУЛОСА…….....324-335
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....336-339
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....340-380
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....380-383

НОМГЎЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

АМО ҶТ – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

СҲШ – Созишномаи ҳамкории Шанхай

САД –Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СМИТ ВКД ҶТ – Сармаркази иттилооти-таҳлии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

б. – банд

б.б. – бандҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низомноксозӣ ва тасниф ниёз дорад ва доираи масъалаҳое, ки дар ин самт ба миён меоянд, хеле васеъ мебошад. Аммо дар миёни онҳо сохтори муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки ин соҳаро ташкил медиҳанд, яъне сохтори дохилӣ ва таркиби зоҳирии онҳо, мавқеи марказӣ дорад. Масъалаҳои мазкур ҳам барои рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам барои такмили амалияи Қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Қонунгузори ҷиноятӣ соҳаи мустақили низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳар як соҳа барои танзими муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ва давлатӣ хизмат мекунад ва воситаҳои ҳуқуқии махсуси худро дорад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 қабул шуда 01 сентябри ҳамон сол ба қувваи Қонуни гирифт. Қонунгузории мазкур бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ мутобиқат мекунад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28 декабри соли 2023 қайд карда шуд, ки «Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшиши худро ба ин самт равона созанд. Зимнан, хотирнишон менамоям, ки дастоварду пешравиҳои то имрӯз ноилшудаи кишвар натиҷаи Қонунҳои таҳия ва қабулкардаи парламенти мамлакат мебошад» [5]. Дар ин замина, ба низомдарории меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҳамчун раванди доимӣ ва мақсаднок баррасӣ гардад, ки ба талаботи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии марҳилаи муосири рушди ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Мустақил будани ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ аз мазмуни меъёрҳое, ки онро ташкил медиҳанд, баръало аён мегардад. Дар ин ҷо предмети махсуси танзим амал мекунад, яъне кирдорҳое, ки барои ҷамъият

хавфнок эътироф шуда, боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд. Ба ин, инчунин, усули манъкунандаи хоси ин соҳа илова мешавад, ки тавассути он санксияҳо ва чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ифода меёбанд.

Ягонагии дохилии Қонунгузори ҷиноятӣ бо он исбот мешавад, ки меъёрҳои он танҳо маҷмуи муқаррароти пароканда набуда, балки низоми мантиқан бо ҳам пайваст мебошанд. Ин меъёрҳо бо самти умумии ҳуқуқӣ, ҳадафҳои ҳифзи манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва таъмини Қонунияту адолат муттаҳид гардидаанд. Алоқамандии онҳо ва сохтори дохилиашон низоми ягонаи батанзимдарории ҳуқуқӣ- ҷиноятиро ташаккул медиҳанд, ки онро устуворӣ ва сохтори мантиқии дохилӣ фарқ месозад.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст зикр карда мешавад, ки «Дар замони муосир Қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Ҷаҳонишавӣ, ба вуқӯъ омадани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриҚонунии маводди нашъаовар ва киберҷиноятҳо аз давлат талаб менамояд, ки Қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил диҳад» [4].

Дар шароити муосир Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воситаи муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши калидӣ мебозад ва ба ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат равона гардидааст. Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткорӣ, зарурати ба низом даровардани меъёрҳои ҷиноятӣ ва таснифи дақиқи онҳо бештар мегардад. Пеш аз ҳама, ба низомдарории меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ бояд бо дарназардошти намудҳои нави ҷиноятҳо, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, ҷиноятҳои марбут ба маводди нашъаовар ва киберҷиноятҳо амалӣ гардад. Ин раванд талаб мекунад, ки меъёрҳо аз рӯи самт, объекти ҳифз ва дараҷаи хавфнокӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда шаванд.

Низоми Қонунгузории ҷиноятӣ ба таври анъанавӣ аз ду ҷузъи сохтории бо ҳам пайванд иборат аст -Қисми умумӣ ва Қисми махсус. Онҳо дар чунин шакл зиёда аз якуним аср расман эътироф ва истифода мешаванд. Ҳар яке аз ин қисмҳо вазифаҳои махсуси худро дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ иҷро мекунад ва дар умум маҷмуи ягонаи муқаррароти меъёриро, ки аз лиҳози дохилӣ мувофиқ ва ҳамоҳанг мебошанд, ташкил медиҳанд

Дар адабиёти илмӣ дар даҳсолаҳои охир пайваста таъкид шудааст, ки тағйирот ва иловаҳои аз ҳад зиёд ба Қонунгузории ҷиноятӣ мувофиқати онро суст мекунанд, зиддиятҳои дохилиро ба вуҷуд меоранд ва аз принсипҳои асосии Қонунгузорӣ дур мешаванд. Чунин падидаҳо боиси тафсири норавшани меъёрҳои ҳуқуқӣ мегарданд ва татбиқи якхелаи онҳоро бозмедоранд. Дар ин робита, олимон бештар зарурати навсозии консептуалии Қонунгузории ҷиноятиро, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи нав ё қабули санади навро пешниҳод мекунанд.

Бо вуҷуди ин, чунин ташаббусҳо набояд саросемавор амалӣ карда шаванд. Онҳо бояд ба заминаи ҷиддии илмӣ такя намоянд, ки дар асоси тасаввури амиқ ва асоснок дар бораи низоми муносиби Қонунгузории ҷиноятӣ ташаккул ёфтааст. Ислоҳоте, ки ба асосҳои сохтории ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл мекунад, бе консепсияи ягонаи илмӣ ғайриимкон мебошад. Чунин консепсия бояд як қатор масъалаҳои муҳимро равшан созад: меъёрҳо аз рӯи кадом принсипҳо ба низом дароварда ва тасниф карда мешаванд, сохтори институтсионалии онҳо чӣ гуна аст, онҳо дар дохили худи соҳа бо ҳам чӣ гуна робита доранд ва бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ чӣ гуна ҳамоҳанг мегарданд. Ҳамчунин муҳим аст муайян карда шавад, ки Қонун муқаррароти худро дар кадом шаклҳо ифода мекунад ва то чӣ андоза ин шаклҳо ба воқеиятҳои муосири иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Аз ҳамин ҷо таваҷҷуҳи махсус ба меъёрҳои ҳар ду қисми Қонуни ҷиноятӣ ба миён меояд, зеро маҳз онҳо пояи асосии ин соҳаи ҳуқуқро ташкил медиҳанд. Ин меъёрҳо асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муайян намуда, ҳудуди ҷазоро барои кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок муқаррар мекунанд. Аз он ки ин меъёрҳо то чӣ

андоза дуруст ба низом дароварда ва ба категорияҳо ҷудо шудаанд, бевосита вобаста аст, ки Қонун то кадом андоза аз ҷиҳати дохилӣ мувофиқ, устувор ва қодир ба вокуниши саривақтӣ ба таҳдидҳои криминологӣ хоҳад буд.

Якпорчагии дохилии Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва самаранокии амалии он, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки муқаррароти Қисми махсус то чӣ андоза дақиқ буда, бо муқаррароти Қисми умумӣ ва инчунин бо меъёрҳои соҳаҳои ҳамҷавори ҳуқуқ аз лиҳози мантиқӣ мувофиқ ва пайвастаанд. Аз ҳамин ҳолат амалӣ гардидани вазифаҳои пешгирикунанда ва тарбиявии ҳуқуқи ҷиноятӣ низ вобастагӣ дорад.

Дарки воқеӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки он, ки Қонунгузории ҷиноятии кишвар чӣ гуна ба низом дароварда ва тасниф карда мешавад, инчунин таҳияи принсипҳо ва меъёрҳои чунин фаъолият, яке аз вазифаҳои асосии назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, ин яке аз вазифаҳои мураккабтарин низ мебошад. Бояд зикр намуд, ки номуайянӣ, номувофиқатӣ ва камбудиҳои мавҷудаи Қонун дар бисёр ҳолатҳо аз он сарчашма мегиранд, ки сохтори дохилии он ба таври кофӣ коркард нашудааст ва то ҳол муносибати ягонаву пайдарпай ба низомдарории меъёрҳо ташаккул наёфтааст. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба сифати танзими ҳуқуқӣ таъсир расонида, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд меорад.

Дар чунин шароит, таҳияи маҷмуи омилҳои муассир, ки имкон медиҳад навовариҳои пешниҳодшудаи Қонунгузории ҷиноятӣ аз нигоҳи мувофиқати онҳо бо низоми Қонунгузории мавҷуда арзёбӣ карда шаванд, махсусан муҳим аст. Чунин механизм бояд тасдиқи қарорҳои нави ҳуқуқиро аз нигоҳи мувофиқати онҳо, мутобиқат ба принсипҳои муқарраршуда ва риояи меъёрҳои банизомдарори меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ таъмин намояд.

Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҳамчун асоси назариявӣ ва методологӣ хизмат мекунад, метавонад ҳамчун чунин воситаи универсалӣ хизмат кунад. Татбиқи он на танҳо имкон медиҳад, ки сатҳи эътибори илмии тағйироти пешниҳодшударо муайян кунад, балки оқибатҳои татбиқи онҳоро низ пешгӯӣ кунад ва мушкилотҳо ва хатарҳои эҳтимолиро муайян кунад. Дар ниҳоят, ин ба

рушди низоми Қонунгузории ҷиноии ҳамаҷониба, мувофиқ ва самаранок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Аҳаммияти мавзӯи банизомдарори ва таснифоти Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як қатор омилҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба ҳолат ва рушди кунунии ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Дар шароити тағйироти динамикии Қонунгузорӣ ва муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ, таъмини мувофиқати дохилӣ ва тартиби мантиқии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ махсусан муҳим аст. Набудани банизомдарори ва таснифот дар Қонунгузорӣ, мавҷудияти камбудиҳо ва ихтилофотҳои норавшании амалияҳои татбиқи ҳуқуқ, зарурати таҳлили амиқи илмии равандҳои банизомдарорӣ ва таснифоти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро нишон медиҳанд.

Аҳаммияти таҳқиқот инчунин аз зарурати таҳияи консепсияи куллӣ барои батанзимдарори Қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки устуворӣ, пешгӯишавандагӣ ва самаранокии онро таъмин мекунад, муайян карда мешавад. Сифати банизомдарори мустақиман ба якрангии татбиқи меъёрҳо, риояи принсипи Қонуният ва сатҳи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс таъсир мерасонад.

Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза Аҳаммияти назарияи илмӣ асоснокшуда ба таҳия ва татбиқи навовариҳои Қонунгузори ҷиноятӣ меафзояд. Набудани меъёрҳои равшан барои банизомдарорӣ метавонад боиси парокандагии Қонунгузорӣ ва коҳиши потенсиали танзимкунандаи он гардад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мавзӯъ ба таҳияи дастурҳои методологии зарурӣ барои беҳтар кардани фаъолияти Қонунгузорӣ мусоидат мекунад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аз олимони ватанӣ таҳқиқотҳои худро ба омӯзиши масъалаҳои умумии банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидаанд, аз ҷумла У.А. Азизов [314], З.А. Камолов [335], Н.А. Қудратов [344], А.К. Назаров [274], Ф.А. Мирзоахмедов [270], Э.Б. Миралиев [350], Ш.Л. Холиқзода [175] ва дигаронро метавон номбар намуд.

Масъалаҳои вобаста ба банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчунин дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла А.Э. Жалинский [38], М.С. Жук [40], Г.А. Злобин [227], А.В. Иванчин [330], Н.Г. Кадников [50], А.П. Козлов [59], Л.Л. Кругликов [69], Н.Е. Крылова [70], Ю.В. Кудрявцев [77], Н.Ф. Кузнецова [77], Н.А. Лопашенко [85], А.А. Малиновский [88], В.В. Мальцев [93], С.А. Маркунцов [267], И.Л. Марогулова [347], А.И. Марцев [97], Н.Н. Маршакова [348], А.В. Наумов [102], Б.С. Никифоров [104], Г.П. Новоселов [353], К.К. Панько [355], Н.И. Пикуров [115], А.А. Пионтковский [285], С.В. Познышев [117], Ю.Е. Пудовочкин [125], Б.Т. Разгильдиев [359], А.И. Рарог [288], Д.В. Решетникова [290], А.К. Романов [131], Р.А. Ромашов [293], С.Ю. Тимохин [364], С.С. Тихонова [142], А.Н. Трайнин [143], В.Д. Филимонов [271], А.А. Чистяков [368], Б.В. Яцеленко [186], ва дигарон баррасӣ шудааст.

Бо ин вуҷуд, бояд зикр кард, ки то ҳол аз ҷониби на муҳаққиқони ватанӣ ва на хориҷӣ таҳқиқоти ҳамаҷонибаи банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқгарони тоҷик танҳо ба баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи мавриди баррасӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Бо дарназардошти сатҳи кофӣ омӯхта нашудани масъала ва аҳаммияти баланди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки онро бо такя ба талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва дастовардҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир ба таври амиқ ва пайдарпай таҳлил намояд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ шудааст, иҷро гардида, ҳамзамон мутобиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи

масоили мубрами илмҳои ҳуқуқии конститутсионии институти давлат ва ҳуқуқӣ АМИТ таҳия шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи ин таҳқиқот омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва системавӣ-сохтории Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъкид ба муайян кардани Қонуниятҳо дар сохтори меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ, таҳлили таснифоти ҷиноятҳо ва унсурҳои ҷиноятҳо, инчунин ташаккули моделҳои консептуалӣ барои банизомдарории онҳо мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ ва таъмини риояи қатъии Қонуният дар амалияи татбиқи Қонунгузории ҷиноятӣ равона шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Бо мақсади ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳал намудани вазифаҳои зерин зарур буд:

– муқарар кардани матни Қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳлили консепсияи сохторӣ ва забонии Қонунгузории ҷиноятӣ;

– муаян намудани сарчашмаҳои умумии Қонунгузории ҷиноятӣ;

–муаян кардани сарчашмаҳои иҷтимоии Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ;

– таҳлили вазифаҳои Қонунгузории ҷиноятӣ;

– муқарар намудани дурнамои такмили КҶ ҶТ;

–таҳлили намудани сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар Қонунгузории ҷиноятӣ;

– таҳқиқи низоми институтҳои Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ: таҳлили категориявӣ ва сохторӣ;

– муқарар намудани асосҳои консептуалии сохтори Қисми умумии Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили категорияҳои ҷиноят дар низоми Қонуни ҷиноятӣ;

– таҳлили муқоисавии таснифи ҷиноятҳо дар низомии Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «нормативистӣ»;

– таҳқиқи мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «объективистӣ»;

– муаян намудани таносуби мавқеи «нормативистӣ» ва «объективистӣ» нисбат ба мафҳум ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят

– таҳқиқи намудҳои таркиби ҷиноят;

– таҳлили низомӣ-сохтории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ;

– таҳқиқи институтҳои Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди низоми Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро муаян карда, меъёрҳои ҳуқуқии Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ, системаи категорияҳои ҷиноятҳо ва унсурҳои ҷиноятҳое, ки ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат, инчунин таъмини волоияти Қонун ва амнияти ҷамъиятиро танзим мекунанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот низоми меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ, инчунин институтҳои таснифоти ҷиноятҳо ва сохтори унсурҳои ҷиноятро дар бар мегирад, ки механизмҳои амали ҳуқуқӣ ва кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро муайян мекунанд. Мавзӯи таҳқиқот хусусиятҳои сохторӣ ва консептуалии сохтори меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, систематизатсияи категорияҳои ҷиноятҳо ва унсурҳои ҷиноятҳо ва усулҳои татбиқи самараноки онҳо мебошад.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Бо мақсади омӯзиши низомнок, ҳамаҷониба ва мукаммали банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди таҳқиқот маълумоти омории марбут ба солҳои 2010-2023 истифода шудааст. Давраи таҳияи диссертатсия бошад, солҳои 2021-2026-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти асосии консепсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, инчунин корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки бевосита ба объекти таҳқиқот марбутанд ва ба соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазо,дахл доранд. Ҳамчунин маводди конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, ки ба масъалаҳои мавриди таҳлили муаллиф бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни омодасозии ин кори илмии диссертатсионӣ, муаллиф аз корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври васеъ истифода намудааст, аз ҷумла аз осори У.А. Азизов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, Н.А. Қудратов, А.К. Назаров, А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов, А.Э. Жалинский, М.С. Жук, Г.А. Злобин, А.В. Иванчин, Н.Г. Кадников, А.П. Козлов, Л.Л. Кругликов, Н.Е. Крылова, Ю.В. Кудрявцев, Н.Ф. Кузнецова, Н.А. Лопашенко, А.А. Малиновский, В.В. Мальцев, С.А. Маркунцов, И.Л. Марогулова, А.И. Марцев, Н.Н. Маршакова, А.В. Наумов, Б.С. Никифоров, Г.П. Новоселов, К.К. Панько, Н.И. Пикуров, А.А. Пионтковский, С.В. Познышев, Ю.Е. Пудовочкин, Б.Т. Разгильдиев, А.И. Рарог, Д.В. Решетникова, А.К. Романов, Р.А. Ромашов, В. Г. Смирнов, С.Ю. Тимохин, С.С. Тихонова, А.Н. Трайнин, В.Д. Филимонов, А.А. Чистяков, Б.В. Яцеленко, П.С. Яни ва дигарон.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ (таҳлил, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ ва оморӣ) ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои мавриди баррасӣ мусоидат мекунанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, масъалаҳои мубрамеро инъикос менамоянд, ки бо синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, иртибот доранд ва ба талабот ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, криминология ва психология пурра мутобиқ мебошанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар таҳлили амиқи амалияи татбиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти судӣ асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот 250 ҳукмҳо, ки қувваи Қонунӣ гирифтаанд ва аз ҷониби судҳои вилояти Халон, Суғд, шаҳри Душанбе бароварда шудаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, таҳқиқот ба оморҳои расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилӣ, такя мекунад. Ҳамчунин маълумотҳои омории солҳои 2010-2026, ки аз ҷониби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ пешниҳод шудаанд, инчунин маводдҳои бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки омӯзиши низомноки асосҳои назариявӣ ва методологии Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар ба таври мустақил анҷом дода нашуда буд. Таҳқиқоти мазкур, моҳиятан, нахустин кӯшиши ҷиддӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад ва аҳаммияти асосии он низ дар ҳамин зоҳир мегардад. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар заминаи сохтори меъёрҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ кадом Қонуният ва мантиқи дохилӣ ҷой дорад. Аммо масъала танҳо бо ин маҳдуд намешавад. Робитаҳое, ки ин меъёрҳоро бо ҳам мепайванданд, яъне робитаҳои категориявӣ, сохторӣ ва функсионалӣ, дар таҳқиқот ба таври ҷудогона не, балки дар доираи масъалаи васеътар баррасӣ шудаанд: ҳуқуқ чӣ гуна ба таъмини адолати иҷтимоӣ хизмат мекунад ва манфиатҳои ҷомеаро ҳифз менамояд. Маҳз ҳамин ҷиҳат яке аз натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот ба шумор меравад.

Дар кор, инчунин модели ягонаи консептуалӣ пешниҳод гардидааст. Ин модел ҳам таснифи категорияҳои ҷиноятҳо ва ҳам таснифи таркибҳои ҷиноятро фаро гирифта, ҳамзамон ба мавқеъҳои «нормативистӣ» ва «объективистӣ» такя мекунад. Ба воситаи чунин ҳамоҳангсозӣ унсурҳои таркиби ҷиноят ҳамчун низоми ягона дарк гардида, дақиқии бандубасти

ҳуқуқии кирдорҳо баланд мегардад. Дар натиҷа, татбиқи ҳуқуқ хусусияти бештар якхела пайдо мекунад, доираи тафсирҳои субъективӣ маҳдуд мешавад ва пешгӯишавандагии қарорҳои судӣ меафзояд, ки барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Муқаррароти назариявии низомӣ-сохторӣ пешниҳод гардидаанд, ки ҳадафи онҳо ба низом даровардан ва такмил додани Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Дар доираи онҳо методикаи махсус низ пешбинӣ шудааст, ки имконият медиҳад сохтори меъёрҳо таҳлил гардида, унсурҳо ва омилҳое муайян карда шаванд, ки институтҳои алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз онҳо ташаккул меёбанд.

Маҳз ҳамин натиҷаҳо заминаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокро фароҳам меоранд, ки бе он масъалаи муосирсозии Қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани аҳаммияти иҷтимоии он ва самараноктар гардонидани танзими намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, дар таҳқиқот тавсияҳо оид ба такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ асоснок карда шудаанд. Ин тавсияҳо ба мутобиқ намудани Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ равона гардидаанд.

Бори аввал усули низомнокии таҳлили робитаи байни Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷумла баррасии категорияҳо, унсурҳо ва институтҳои Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун сохтори ягонаро дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки тасвири куллии танзими ҳуқуқӣ эҷод карда шавад, оқибатҳои тағйироти Қонунгузорӣ пешгӯӣ карда шаванд ва тавсияҳо барои беҳтар кардани сиёсати ҳуқуқӣ ҷиноятӣ таҳия карда шаванд.

Нуктаҳо, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

1. Таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккулдиҳандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷузъи асосии назарияи умумии сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи методологӣ, сарчашмаҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун маҷмуи ягонаи омилҳо амал мекунанд, ки ҳам заминаи

умумии пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам шартӣ будани ҷудокунии онҳо ба ду қисм вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, таҳлили мустақили сарчашмаҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок мебошад, зеро маҳз он хусусиятҳои хоси соҳаро пурра инъикос мекунад ва муҳтавои асосии меъёрҳоро дарбар мегирад.

Сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд:

Доктриналӣ – арзёбиҳои илмӣ ва консептуалӣ, ки асосҳои меъёрҳои ҳуқуқиро таҳлил мекунанд;

Ҷамъиятӣ-сиёсӣ – арзёбиҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ки таъсир ба танзими муносибатҳои ҷамъиятиро нишон медиҳанд;

Сиёсӣ-ҳуқуқӣ – санадҳои стратегия ва консепсияҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, ки таҳдидҳо ва хатарҳоро арзёбӣ мекунанд;

Ҳуқуқӣ – Қонунҳо, шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии соҳавӣ, ки татбиқи меъёрҳои ҷиноятиро таъмин мекунанд.

Зарур аст, ки сарчашмаҳои иҷтимоӣ ба таври систематикӣ, бо ҷудо кардани қисми диспозитсия ва қисми санксионӣ таҳлил карда шаванд, то хусусиятҳои хоси меъёрҳои ҷиноятӣ равшан гарданд. Ҷорӣ кардани шаклҳои ифодаи нави сарчашмаҳо зарур аст, ки категорияи «шаклҳои ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ» ҳамчун ҷузъи алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ қабул карда шавад, то муносибати байни воқеияти иҷтимоӣ ва Қонунгузорӣ равшантар таҳлил гардад.

2. Зинабандии институтҳо ва пайдарҳамии мантиқии онҳо дар асоси омилҳои зерин роҳандози карда шавад:

1). Сохтори оптималии Қисми умумӣ бояд аз рӯи принсипи «аз умумӣ ба махсус», «аз ягона ба сершумор», «аз қоидаҳои умумӣ ба истисноҳо» ташкил карда шавад. Мутобиқи ин, пайдарҳамии зерини институтҳо мақсаднок ба назар мерасад:

– институти мафҳум ва категорияҳои ҷиноят, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдорро истисно мекунанд;

– институти шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;

– гуноҳ, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки гунаҳгориро истисно мекунанд;

– ҷинояти нотамом;

– сершумории ҷиноятҳо;

– шарикӣ дар ҷиноят;

– ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон.

2). Номгӯйи чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар сурате шакли дигар пайдо мекунад, ки он аз чораи ибтидоӣ ба чораҳои ҳосилавӣ тартиб дода шавад. Чораи аввалиндараҷа ҳамоно ҷазо мебошад. Ба он, пеш аз ҳама, чораҳое наздиканд, ки барои иваз намудани ҷазо пешбинӣ шудаанд; дуюм, чораҳое, ки ҳамзамон бо ҷазо таъйин мегарданд; сеюм, маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки бо шартан маҳкум намудан ё шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо алоқаманд мебошанд. Аммо озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷазо ба ин номгӯй дохил намешаванд, зеро ҳеҷ яке аз онҳо чораи мустақили алоҳидаро ташкил намедиҳад. Ҳар ду институт, дар асл, шаклҳои амалӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд.

3). Институтҳо ба институтҳои асосӣ ва зериниститутҳо ҷудо мешаванд:

А) Институтҳои асосӣ- сохтори мантиқии категорияҳоро ташкил медиҳанд (масалан, институти мафҳуми ҷиноят, институти ҷавобгарии ҷиноятӣ).

Б) Субинститутҳо - мазмуни институтҳои асосиро мушаххас ва муфассал мегардонанд (масалан, ҳолатҳое, ки ҷиноятӣ будани кирдор ё гунаҳгориро истисно мекунанд, чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, меъёрҳо оид ба ҷавобгарии ноболиғон).

В) Институтҳои байнисоҳаӣ (авф ва бахшиши ҷазо) - бояд ҳамчун гурӯҳи алоҳида берун аз сохтори КҶ ҶТ ҷудо карда шаванд ё дар доираи Қонунгузории байнисоҳаӣ танзим гарданд.

3. Категорияи ҷиноят ҳамчун асоси низомдарории меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҷиноятҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо ва санксияҳои намунавӣ ба тартиб

дароварда шаванд. Ҳамзамон, он ба таъмини ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат менамояд.

Моддаи 18 КҶ ҶТ танҳо як модели категориябандии ҷиноятҳоро муқаррар мекунад: аз рӯи хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки тавассути санксияи намунавӣ ифода меёбад, дар ҳоле ки меъёри иловагӣ шакли гуноҳ мебошад. Бо вуҷуди ин, мавқеи амалкунандаи Қонунгузор ҳамаи омилҳои ба хавфнокии ҷамъиятӣ таъсиррасонандаро аз ҷумла объекти ҷиноят, вазнинии оқибатҳо, муташаккилона будани кирдор ва ё мунтазамии содир намудани ҷиноятро пурра ба назар намегирад.

Хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят тавассути ду ҷанба зоҳир мегардад - хусусият ва дараҷа. Хусусият тавсифи сифатии ҷиноят буда, аломатҳои объективӣ ва субъективии хоси онро инъикос мекунад, дар ҳоле ки дараҷа нишондиҳандаи миқдории хавфнокии ҷамъиятӣ мебошад. Шакли гуноҳ ҳамчун меъёри иловагӣ баромад намуда, ба дараҷаи хавфнокӣ таъсир мерасонад, аммо наметавонад асоси мустақили категориябандӣ гардад.

Навгонии таҳқиқоти мазкур дар таҳияи модели фарогири категориябандии ҷиноятҳо ифода меёбад, ки унсурҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноятро дар бар мегирад ва ҳамзамон ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки тавассути санксияи намунавӣ ифода меёбад, Аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Нақши шакли гуноҳ ҳамчун меъёри иловагӣ, на асосӣ, дақиқтар муайян карда шудааст, ки ин имкон медиҳад дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ бе тағйири сунъии таъкид ба омилҳои субъективӣ арзёбӣ гардад.

Ҳамзамон меъёрҳои иловагӣ пешниҳод гардидаанд, ки муташаккилона будани кирдорҳо, вазнинии оқибатҳо, объекти таҷовуз ва мунтазамии содир намудани ҷиноятҳоро ба назар мегиранд. Ин ҳолат фарқгузории дақиқтари ҷавобгарии ҷиноятиро таъмин намуда, таҳдидҳои воқеии иҷтимоиро бештар инъикос мекунад. Модели пешниҳодшуда бори аввал хусусиятҳои мазмунии ҷиноятҳоро бо баҳодиҳии Қонунгузории санксияҳо муттаҳид менамояд ва барои ҳамоҳангсозии муносибат ба категориябандии ҷиноятҳо бо таҷрибаи

байналмилалӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳуқуқтатбиқкунӣ дар шароити Қонунгузории муосири ҷиноятӣ замина фароҳам меорад.

4. Аз нуқтаи назари назарияи нормативистӣ, таркиби ҷиноятро ҳамчун сохтори ҳуқуқии аз тарафи Қонунгузор муқарраршуда мебошад, ки барои ба низом даровардани аломатҳои кирдор хизмат намуда, бандубасти ҳуқуқии онро таъмин мекунад, мумкинаст эътироф кард. Бо назардошти мавқеи нормативистӣ таркиби ҷиноятро ҳамчун модели иттилоотӣ баррасӣ карда ҳамаи унсурҳои зарурироо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муаян карда мешавад. Ин сохтор бояд унсурҳои зеринро дар худ муттаҳид кунад:

– аломатҳои объективии кирдор - ҳаракат ё беҳаракатии шахс, оқибатҳои кирдор, робитаи сабабӣ, тарз ва шароити содир намудани ҷиноят;

– аломатҳои субъективӣ - гуноҳ, ангеза ва мақсади кирдор, ки муносибати рӯҳии шахсро ба кирдори содиршуда инъикос мекунанд;

– субъект ва объекти ҷиноят - шахси мушаххасе, ки нисбат ба ӯ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ татбиқ мешаванд, ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба онҳо таҷовуз равона шудааст;

– хавфнокии ҷамъиятӣ - ҳамчун категорияе, ки манъ будани кирдорро инъикос мекунад, ҳарчанд масъалаи ворид намудани он ба тарафи объективии таркиби ҷиноят то ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок боқӣ мемонад.

Дар фаҳмиши нормативистӣ таркиби ҷиноят бо худи ҷиноят баробар нест, балки ҳамчун воситаи тавсиф ва таҳлили ҳуқуқии он хизмат мекунад. Дар доираи нормативизм таркиби ҷиноят тавассути диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ва унсурҳои Қисми умумии он муайян карда шуда, модели ягона ва аз тарафи Қонунгузор асоснокшуда барои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

5. Таҳлили таносуби мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосири низоми ҳуқуқии ҶТ мавқеи объективистӣ мувофиқтар ба назар мерасад. Бартарии ин мавқеъ дар он аст, ки баҳодиҳии кирдор бо дарназардошти аломатҳои расмӣ-моддӣ анҷом дода мешавад, ки ҳам дар КҶ ҶТ мустаҳкам гардидаанд ва ҳам дар воқеияти амалии

ҳаёт зоҳир мешаванд. Чунин мавқеъ таркиби ҷиноятро ҳамчун сохтори ягонаи бо хавфнокии ҷамъиятӣ алоқаманд баррасӣ намуда, имкон намедиҳад хавфнокии ҷамъиятии хоси ҳар як ҷиноят нодида гирифта шавад. Ин ҳолат ба муқаррароти м.11 КҶ ҶТ, ки тибқи он таркиби ҷиноят асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, мутобиқат мекунад.

Ҷорӣ намудани чунин тавзеҳ ё такмили фаҳмиши назариявии таркиби ҷиноят Аҳаммияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад зиддиятҳои мавҷуда, ки ба бандубасти кирдорҳои камАҳаммият вобастаанд, бартараф гардида, эҳтимоли хатогиҳои ҳуқуқтатбиққунӣ кам гардад. Чунин мавқеъ ба баланд гардидани дақиқии бандубасти ҳуқуқи ҷиноятӣ, риояи принсипи Қонуният ва таҳкими адолат ҳангоми таъини ҷазо мусоидат мекунад.

6. Сохтори Кодекси ҷиноятӣ тасодуфӣ нест. Он, ҳамон тавре ки мазмуни моддаҳои алоҳидаро низ муайян мекунад, зери таъсири маҷмуи омилҳо ташаккул меёбад: афзалиятҳои конститутсионӣ, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, вазъи криминогенӣ ва, дар ниҳоят, уҳдадориҳои байналмилалии давлат. Аммо масъала, албатта, танҳо бо ин маҳдуд намешавад. Техникаи Қонунгузорӣ ва доктринаи илмӣ низ нақши муҳим ва, ба назари мо, на камтар аз дигар омилҳо доранд. Маҳз аз онҳо то андозаи зиёд вобаста аст, ки Қисми махсус то чӣ ҳад низомнок ва аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст сохта мешавад.

Самтҳои мушкилоти Қонунгузории муосири ҷиноятӣ:

– зиёд шудани шумораи моддаҳо ва пайдоиши санксияҳои бенизом татбиқи меъёрҳоро мушкил мегардонад;

– дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба ҷиноятҳое, ки бо преюдитсияи маъмурӣ алоқаманданд, зиддиятҳо вуҷуд доранд;

– тағйироти зуд-зуд дар баъзе моддаҳо метавонад ягонагии низомии кодексро халалдор созад;

– набудани муттаҳидсозии кофии санксияҳо ва принсипҳои мушаххаси мураттаб сохтани ҷазоҳо ба пешгӯишавандагӣ ва адолати татбиқи Қонун таъсири манфӣ мерасонад.

Тамоюлҳои муосир нишон медиҳанд, ки бидуни ислоҳоти мукаммали Қонунгузории ҷиноятӣ кӯшишҳои тағйир додани унсурҳои алоҳидаи сохтори Қисми махсус метавонанд ба ноустувории меъёрӣ ва душвор гардидани татбиқи Қонун оварда расонанд.

7. Марҳилаҳои сӯиқасди ҷиноятро бодарназардошти татбиқи Қонунгузории ҷиноятӣ дар амалияи тафтиши ба чунин гуруҳҳои тақсим кардан мумкин аст: а) қасдан фароҳам овардани шароит барои содир кардани ҷиноят; б) иҷрои воқеии кирдори ба ҷамъият хавфнок.

Ин тақсимбандӣ имкон медиҳад, ки ҷиноятҳо аз рӯи дараҷаи анҷомёбӣ ба таври низомнок тасниф карда шаванд.

Таснифоти ҷиноятҳои нотамом тайёрӣ ба ҷиноят, суйиқасди нотамом, суйиқасди хотимаёфта ва ҷинояти хотимаёфтаро дар бар мегирад, ки тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятиро вобаста ба дараҷаи иҷрои нияти ҷиноятӣ бо назардошти хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ҳар як марҳила таъмин мекунад.

Ҷазодиҳии ҷиноятҳои нотамом мақсаднок аст, ки дар моддаи алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам карда шавад. Дар он андоза ё муҳлати ҷазо бояд мутаносибан ба дараҷаи анҷомёбии ҷиноят муайян гардад. Аз ҷумла, барои тайёрӣ ба ҷиноят ҷазо набояд аз чоряки ҷазое, ки барои ҷинояти анҷомёфта пешбинӣ шудааст, зиёд бошад; барои суиқасди нотамом – на бештар аз нисфи чунин ҷазо; барои суиқасди тамомшуда – на бештар аз сеяки он. Чунин тарз имкон медиҳад, ки байни вазнинии кирдори содиршуда ва ҷазои таъйиншаванда мутобиқати низомнок таъмин карда шавад.

8. Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи сохтори иерархии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки шартҳои татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ, оқибатҳои содир кардани кирдорҳои мушаххаси ба ҷамъият хавфнок ва ҷазоҳои мушахасро муқаррар мекунанд.

Баланд бардоштани мувофиқат ва самаранокии Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ба низом даровардани меъёрҳои он бо такя ба аломатҳои объективии ҷиноятҳо имконпазир мебошад. Дар ин робита, мақсаднок аст, ки таркибҳои ҷиноят вобаста ба дараҷаи хавфнокии

ҷамъиятии онҳо: аз кирдорҳои нисбатан хавфнок ба кирдорҳои хавфнокиашон камтар, бо мустаҳкам намудани чунин тартиб дар низоми моддаҳои дахлдор ҷойгир карда шаванд.

Модели назариявии такмили Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо риояи меъёрҳои конститутсионӣ, иҷтимоӣ, ва байналмилалӣ, робитаи генетикии байни Қисмҳои умумӣ ва махсусро ба назар гирад ва инчунин якҷоя кардани якчанд ҷиноятҳои мустақилро дар як модда истисно кунад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот барои амиқтар ва низомнокии фаҳмиши сохтор ва принсипҳои Қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳлили Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ робитаҳои сохторӣ ва категориявии дохилии онҳоро ошкор кард, ки ба фаҳмиши амиқтари моҳияти танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Моделҳои консептуалии таҳияшудаи категорияҳои ҷиноят ва унсурҳои ҷиноят, ки дурнамои «меъёрӣ» ва «объективистӣ»-ро муттаҳид мекунанд, равишҳои навро барои фаҳмиши назариявии унсурҳои ҷиноят мекушоянд ва ба мо имкон медиҳанд, ки онро ҳамчун як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ кунем.

Ғайр аз ин, таҳқиқот усулҳои системавӣ ва сохториро барои таҳлили институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод мекунад, воситаи ягонаи методологиро барои омӯзиши Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекс эҷод мекунад ва замина барои сохтани моделҳои ҳамаҷонибаи илмии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ мегузорад. Таҳлили ҳамаҷонибаи муқоисавии ҳуқуқии таснифоти ҷиноятҳо имкон медиҳад, ки намунаҳои амалиявиро карда шавад ва онҳоро барои такмили Қонунгузории ҷиноятии миллӣ мутобиқ сохта ва бо ин васила ба рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун як соҳаи мустақил мусоидат карда шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар татбиқи эҳтимолии натиҷаҳои он барои такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар равшан кардани сохтори муқаррароти он ва таҳияи таснифоти дақиқтари ҷиноятҳо ва унсурҳои ҷиноят, ки бо ин васила баланд бардоштани самаранокии мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Моделҳои консептуалӣ ва равишҳои системавӣ-сохторӣ метавонанд аз ҷониби Қонунгузорон, судяҳо, прокурорҳо ва дигар мутахассисони ҳуқуқи ҷиноятӣ барои таснифи дақиқтари амалҳо ва асоснок кардани чорабиниҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода шаванд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда барои мутобиқсозии Қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ба таҳкими волоияти Қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва таъмини муносибатҳои устувортари ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Ғайр аз ин, методологияи таҳлили робитаи байни Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекс барои раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла омӯзиши донишҷӯёни факултаҳои ҳуқуқшиносӣ ва гузаронидани тадқиқоти амалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ Аҳаммияти калон дорад, ки истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқотро ҳам дар илм ва ҳам дар фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода усулҳои илмӣ ва таҳлили Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ ва санҷиши систематикии натиҷаҳоро тавассути таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ муттаҳид мекунад, таъмин карда мешавад. Дар рафти таҳқиқот усулҳои таҳлили сохторӣ ва системавӣ, гурӯҳбандӣ ва моделсозии консептуалӣ истифода шуданд, ки имкон доданд, ки Қонуниятҳои дохилӣ дар сохтори муқаррароти Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ, инчунин таснифи ҷиноятҳо ва унсурҳои ҷиноятҳо муайян карда шаванд.

Таваҷҷӯҳи махсус ба санҷиши мутобиқати натиҷаҳои бадастоварда бо Қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин муқоисаи натиҷаҳо бо татбиқи судии Қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шуд. Таҳлили ҳамаҷонибаи матнҳои санадҳои меъёрӣ, сохтори мантиқӣ ва семантикии онҳо ва динамикаи ҳуқуқӣ объективӣ ва эътиборнокии Қонуниятҳои муайяншударо тасдиқ кард.

Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин бо истифодаи равиши муқоисавии ҳуқуқӣ, ки таҳлили Қонунгузории ҷиноятӣ ва муайян кардани принсипҳои

умумии таснифи ҷиноятҳо, унсурҳои онҳо ва сохтори институтсионалии Қонунгузории ҷиноятиро дар бар мегирифт, дастгирӣ карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат доранд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо омилҳои зерин муайян мегардад: Саҳми шахсии докторант дар таҳияи мустақилонаи асосҳои назариявӣ ва методологии кор, аз ҷумла таҳияи ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзӯи таҳқиқот, инчунин муайян кардани самт ва сохтори рисола, равшан аст. Докторант дар таҳлили Қонунгузории ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок карда, таҳлили системавӣ-сохторӣ ва категориявии муқаррароти Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ, инчунин омӯзиши муқоисавии таснифоти ҷиноятҳо дар низоми Қонунгузории ҷиноятӣ, ки имкон дод Қонуниятҳои он муайян карда шаванд, анҷом дод.

Саҳми махсуси муаллиф дар таҳияи модели консептуалии муттаҳидшудаи категорияҳои ҷиноят ва унсурҳои ҷиноятҳо мебошад. Докторант инчунин усулҳои системавӣ-сохториро барои таҳлили муассисаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод кард, ки имкон медиҳанд, ки Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекс ҳамчун як системаи ба ҳам алоқаманд ва куллӣ баррасӣ карда шаванд ва Қонуниятҳои дохилии онҳо муайян карда шаванд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шудаанд:

А) байналмилалӣ:

– Маводди конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-уми солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва

иноватсия” ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони “Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи марказӣ” маъруза дар мавзуи «Гурӯҳбандии институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» (ш. Душанбе, 5-уми декабри соли 2025).

– Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Муқовимат ба экстремизму терроризм дар шароити нави тағйирпазирии ҷомеа» маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои сарчашмаҳои иҷтимоии қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ» (ш. Душанбе, 3-майи соли 2025).

– Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Илм ва амалияи ҳуқуқ», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва гиромидошти хотираи профессори фахрии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Р.С. Мулукаев. Маъруза дар мавзӯи «Фаъолияти маъмурӣ-юрисдиксионӣ: мафҳум ва муҳтаво» (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025).

Б) ҷумҳуриявӣ:

Конференсияи амалӣ-ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Вазъият ва дурнамои амнияти иттилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикситон” маъруза дар мавзуи «Принсипҳои мантиқии ба гурӯҳҳо тақсим кардани ҷиноятҳо» (ш. Душанбе, 13-14-уми июни соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар як монография 21 мақолаи илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 17-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, шаш боб, ки аз понздаҳ параграф иборат аст, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 383 саҳифаро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИВИИ ТАҲҚИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ

1.1. Матншиносии Қонунгузории ҷиноятӣ: таҳлил ва консепсияи сохторӣ ва забонӣ

Дар назарияи ҳуқуқ муносибати устувор нисбат ба забони ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ифодаи хаттии ҳуқуқ ташаккул ёфтааст. Якчанд насли ҳуқуқшиносон ба таври анъанавӣ чунин меҳисобанд, ки «маҳз забон воситаи интиқоли иттилоот дар бораи муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад» [357, с. 170], забони Қонун ягона шакли мавҷудияти ҳуқуқ аст, ҳуқуқ наметавонад бе забон вуҷуд дошта бошад, «бе забон ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад» [133, с. 286]. Муносибати мазкур ба таври возеҳ дар номгӯи нашрияҳои муосир инъикос гардидааст, ба монанди: «Забони Қонун» (1990), «Забони ҳуқуқ» (1997), «Забон ва услуби санадҳои Қонунгузорӣ» (2003), «Забон ва ҳуқуқ» (2004, 2005), «Забони Қонуни ҷиноятӣ ва фаҳмиши он» (2009). [184, с. 189]

Дар фаъолияти ҳуқуқӣ забон пеш аз ҳама ҳамчун воситаи расонидани мазмуни меъёрҳои ҷиноятӣ истифода мешавад. Ҳуқуқшинос ҳангоми таҳлил ва татбиқи Қонун бо матни санадҳои меъёрӣ рӯ ба рӯ мегардад, на бо забон ҳамчун объекти мустақили омӯзиши забоншиносӣ. Аз ҳамин ҷиҳат, мафҳумҳои «забони Қонун», «забони ҳуқуқ» ва «забони Қонунгузорӣ» одатан ба шакли махсуси баёни хаттӣ ишора мекунанд, ки дар он фикр бо дақиқӣ, расмият, пайдарҳамӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ифода меёбад. Аз ин рӯй, истилоҳҳои мазкур ба маънои мушаххаси «забони Қонунгузорӣ», «забони ҳуқуқи ҷиноятӣ» ё «забони Қонуни ҷиноятӣ» истифода намегарданд, зеро дар воқеият ҳуқуқ дар асоси забони табиӣ ифода меёбад, на дар асоси забони махсуси Қонунгузорӣ.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ асосан масъалаҳои забонӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, на масъалаҳои сирф забонӣ. Муаллифони тамоми таҳқиқотҳо хусусиятҳои забонҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳанд. Ин ҳолат дар таваҷҷуҳи пайвастаи муҳаққиқон ба зарурати равшанӣ, соддагӣ ва саҳеҳияти забони Қонун, пешгирии зиёдатӣ ва

камбудиҳои суханронӣ дар забонҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин риояи талаботи Қонунгузор вобаста ба мутобиқати забони санадҳои Қонунгузорӣ ба меъёрҳои дақиқият, возеҳият ва пуррагии ҳуқуқӣ ба таври возеҳ таҷассум мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсифи забони Қонуни ҷиноятӣ ногузир бо баррасии хусусиятҳои забони Қонунгузорӣ алоқаманд мебошад. Ба шумори аломатҳои умумӣ ва махсуси забони меъёрии ҳуқуқӣ А.И.Бойко дақиқӣ, беғаразӣ, соддагӣ ва дастрас буданро дохил менамояд. Ҷолиб аст, ки дар таҳқиқоти дигари марбут ба забони Қонуни ҷиноятӣ муаллифон бештар на худи забонро, балки масъалаҳои пуррагӣ, саҳеҳӣ, равшанӣ ва соддагии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ҳамзамон зикр мегардад, ки аксар вақт «тавсифи аломатҳои таркиби ҷиноят дар забони Қонун ба таври нокифоя равшан, нофаҳмо, дорои маъноҳои гуногун ё печида ифода мегардад» [20, с. 308].

Б.В.Волженкин таъкид менамояд, ки «амалӣ кардани принсипи Қонуният, пеш аз ҳама, тақозо мекунад, ки аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят дар забони Қонун бо тарзи ҳарчи равшантар ва дақиқтар тавсиф шаванд, ки имкони тафсирҳои мухталифро ба вуҷуд наоранд. Бигзор забони Қонун дар баъзе мавридҳо душворфаҳм ё вазнин бошад ва аз ҷиҳати услуб на он қадар зебо, ки интизор меравад, вале муҳимтар аз ҳама, он бояд комилан возеҳ ва барои шахсе, ки метавонад ҷиноят содир кунад, ва ҳам барои шахси мансабдоре, ки Қонуни ҷиноятиро татбиқ мекунад, фаҳмо бошад» [207, с. 9-12].

Ҷолиби диққат аст, ки маҳз он олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки: «тарафдори боло бурдани сатҳи возеҳият ва равшании Кодекси ҷиноятӣ мебошанд, ба таҳқиқи хосият, хусусият ва сифати забони Қонунгузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, ҳарчанд амалан сухан дар бораи забони худи Қонуни ҷиноятӣ меравад» [245, с. 144-150].

Дар адабиёти ҳуқуқии солҳои 1990-ум қайд мегардад, ки: «мушкилоти марбут ба забони Қонун, дар воқеъ, ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифта, дар илми ҳуқуқшиносӣ то андозае беАҳаммият мондааст.

Муаллифони асари дастаҷамъонаи «Забони Қонун» (1990) дар муқаддимаи китоби худ таъкид менамоянд, ки онҳо кӯшиш намудаанд, то ба омӯзиши мушкилоти забони Қонун аз мавқеи илмӣ-назариявӣ наздик шуда, асосҳои назариявии услуби Қонунгузориро ҳамчун услуби мустақили нутқи адабӣ баён кунанд» [184, с. 189]. Бо вуҷуди ин, муаллифон ба таҳлили аломатҳои хоси забонҳои Қонунгузорӣ ворид нашудаанд: «зеро таваҷҷуҳи асосиро ба масъалаҳои забонӣ равона сохта, ҳамчун маҷмуи воҳидҳои забони Қонунгузорӣ бо мазмуни дақиқи луғавӣ баррасӣ шудаанд.

Дар солҳои охир забонҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳи намояндагони назарияи умумии ҳуқуқ, мутахассисони техникаи ҳуқуқӣ, техникаи Қонунгузорӣ ва монографияҳо қарор гирифтаанд. Ҳамзамон олимон-филологҳои дар ҳамкорӣ бо ҳуқуқшиносон самти нави илмӣ - «юрислингвистика» (лингвоюристика)–ро ташаккул дода истодаанд» [182, с. 721]. Объекти таҳқиқоти юрислингвистика ва лингвоюристика муносибатҳои мутақобилаи забон ва Қонун мебошад: агар муносибати забон нисбат ба Қонунро юрислингвистика мавриди таҳқиқ қарор диҳад, пас муносибати Қонун нисбат ба забон мавзуи омӯзиши лингвоюристика ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, масъалаҳои ҳуқуқии забон предмети омӯзиши юрислингвистика буда, масъалаҳои забонии ҳуқуқ дар маркази таваҷҷуҳи лингвоюристика қарор доранд.

Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ кушишҳо барои тағйири самти таваҷҷуҳи муҳаққиқон аз масъалаи «забони Қонун» ба «забони Қонун» ба назар мерасанд. Дар адабиёти марбут ба техникаи ҳуқуқӣ ба таври асоснок зикр мешавад, ки донистани хусусиятҳои забони Қонун барои фаъолияти ҳуқуқшинос танҳо масъалаи назариявӣ нест. Меъёрҳо, тартиби танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва худи институтҳои ҳуқуқӣ маҳз тавассути забони Қонун ифода меёбанд; бинобар ин, бе дарки дурусти он татбиқи саҳеҳи ҳуқуқ низ душвор мегардад [20, с. 308].

Дар ин робита Т.Я. Хабриева ва ҳамкасбони ӯ қайд менамоянд, ки забонҳои меъёрии ҳуқуқӣ назар ба худи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки

тавассути онҳо ифода ёфтаанд, хеле камтар омӯхта шудаанд. Дар ҳақиқат, байни ҳаҷми таҳқиқоти назариявии забонҳои Қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номутаносибӣ ба андозае зиёд аст, ки муайян намудани дараҷаи дақиқи он имконнопазир мебошад. Бештари таҳқиқоте, ки расман ба омӯзиши забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, танҳо ифодаҳои ҷудогонае дар бораи аҳаммияти иҷтимоию ҳуқуқии забони Қонунро дарбар мегиранд ва дар амал ба ҷои таҳқиқи худи забон хусусиятҳои забонии санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро, аз ҷумла асосҳои грамматикии онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд [100, с. 544].

Таҳқиқотҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки ба техникаи Қонунгузорӣ бахшида шудаанд, аз нигоҳи методологӣ пайрави назарияҳои умумии ҳуқуқ мебошанд: ба ҷои забони Қонуни ҷиноятӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба воситаҳои забонӣ, яъне калимаҳо, ибораҳо, сохторҳои грамматикии устувор ва қоидаҳои истифодаи онҳо дар забонҳои Қонунҳои ҷиноятӣ дода мешавад. Дар айни ҳол, усули забонии баён намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби тарафдорони чунин мавқеъ, ҳамчун техникаи берунии Қонунгузорӣ баррасӣ мегардад. Аммо истифодаи забон дар низоми амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ предмети таҳқиқоти юрислингвистӣ мебошад, на предмети техникаи берунии Қонунгузорӣ. Техникаи берунии Қонунгузорӣ бевосита бо забонҳои меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ кор мекунад, бинобар ин ҳар муаллифе, ки ба таҳлили унсурҳои техникаи Қонунгузорӣ ё усули забонии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муроҷиат мекунад, маҷбур аст, ки бо забонҳои меъёрӣ ё қисматҳои алоҳидаи онҳо сарукор дошта бошад, на бо воҳидҳои сохтори забонӣ.

2. Сарчашмаҳои дуввумдараҷа – санадҳое, ки вазифаи мушаххасгардонӣ ё маънидодсозии меъёрҳоро доранд (масалан, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ), ки хусусияти ҳатмӣ ё тавсиявӣ доранд.

Таҳлили назариявӣ ва амалии сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки:

- фарқгузорӣ байни манъкуниҳои ҳуқуқӣ ва аломатҳои таркиби ҷиноят муҳим буда, асоси системаи ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил мекунад;
- мушаххасгардонӣ ва маънидодкунии ҳуқуқ раванди ҷудогона дошта, аз нигоҳи субъектҳо ва мақсади татбиқ фарқ мекунанд;
- Кодекси ҷиноятӣ сарчашмаи асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мемонад, дар ҳоле ки дигар санадҳо нақши шарҳдиҳӣ ва танзимкунандаро иҷро мекунанд;
- таснифи сарчашмаҳои маънидодкунанда ба расмӣ ва ғайрирасмӣ таҳлили муассири низоми ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин мекунад.

Аз ин рӯ, назарияи муосир сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун маҷмуи ҳамоҳангшудаи санадҳои ибтидоӣ ва дуввумдараҷа таҳлил менамояд, ки ин муносибати мантиқӣ ва низомнокро дар таҳқиқи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин мекунад ва ба татбиқи дурусти Қонунгузорӣ ва кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон замина фароҳам меорад.

1.3. Сарчашмаҳои иҷтимоии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ

Таҳқиқ ва таҳлили сарчашмаҳои ташаккулдиҳандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷузъи ногусастании назарияи умумии сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳавӣ мебошад. Қисми умумӣ ва Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳам ҷудо ба вуҷуд намеоянд; ҳар ду ба як заминаи умумии ҳуқуқӣ такя мекунанд. Ҷудо шудани онҳо бештар барои тартиб додани худи Қонун ва осон кардани истифодаи он зарур аст. Аммо дар доираи ин таҳқиқот Қисми махсусро алоҳида баррасӣ кардан лозим меояд, зеро маҳз дар ҳамин қисм дида мешавад, ки кадом кирдор ҷиноят дониста мешавад, кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳифз мегарданд ва меъёрҳои ҷиноятӣ дар амал чӣ гуна мазмун пайдо мекунанд.

«Масъалаи сарчашмаҳои иҷтимоии қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун мавзӯи алоҳида то имрӯз дар адабиёти илмӣ муфассал таҳқиқ карда нашудааст, вале новобаста аз ин муҳаққиқон ҳангоми таҳлили масъалаҳои муносибати байни қисматҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша ба он ишора мекарданд. Дар ин соха микдори муайяни тачрибаи илмй чамъ карда шудааст, ки умумият ва минбаъд инкишоф доданро талаб мекунад» [191, с. 193-212].

Мавриди зикр аст, ки: «Дар асарҳои илмӣ бо истилоҳоти гуногун масъалаҳои иҷтимоии Қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба қисми махсуси он бештар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Сарфи назар аз шарти будани ҳар яке аз ин истилоҳот, бояд эътироф кард, ки ҳар як истилоҳ таваҷҷуҳи худро ба ҷанбаҳои инфиродии ин масъала равона намуда, самтҳои тадқиқоти минбаъдаро пешакӣ муайян мекунад» [318, с. 19]. Бо ҳамин далел, бо вуҷуди шабоҳати консепсияҳои илмӣ, ҳамоҳангсозӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо вазифаи нисбатан душвор ба ҳисоб меравад.

Масалан, О.Н. Бибик мафҳуми «сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ»-ро истифода намуда, дар доираи он ҳам падидаҳоеро, ки: «боиси ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мегарданд ва ҳам омилҳоеро, ки мазмуни ин меъёрҳоро ҳангоми ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян мекунанд, мефаҳмад» [318, с. 19]. Дар навбати худ, Н.И. Пикуров бошад, гарчанде ин нуктаро на ҳама вақт ба таври ошкоро баён мекунад, омилҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: «аз як тараф онҳое, ки сабаби пайдоиши меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мегарданд ва аз тарафи дигар, онҳое, ки замина ва шароити фаъолияти ин меъёрҳоро фароҳам меоранд. Ӯ истилоҳи «инфрасохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ»-ро истифода мебарад, ки маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, институтҳо ва падидаҳои гуногунро ифода намуда, муҳити татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Таркиби ин мафҳум на танҳо бо падидаҳои иҷтимоӣ, балки бо омилҳои ҳуқуқӣ, ки ба ғайр аз соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷойгир шудаанд, низ иртибот дорад» [115, с. 219].

Ҷудо намудани чунин омилҳо барои ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим аст. Зеро шароите, ки боиси пайдо шудани меъёрҳои ҷиноятӣ мегардад, ва шароите, ки ҳангоми татбиқи онҳо ба миён меояд, гарчанде ба ҳам вобаста бошанд ҳам, як вазифаро иҷро намекунанд. Баъзе омилҳо ба ташаккули худи меъёр таъсир мерасонанд, қисми дигар бошад, барои амалӣ шудани он дар ҳаёти ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад. Дар айни вақт, ин ду раванд аз ҳам пурра ҷудо нестанд: баъзан як омили мушаххас ҳам сабаби пайдоиши меъёр мегардад ва ҳам баъдтар шарти татбиқи амалии он мешавад. Дар даврaҳои таърихи ин омилҳо хусусиятҳои худро афзун намуда мавқеъи худро мустаҳкам мекунанд

Таҳқиқи масъалаи маънидодсозии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба муайян кардани асоси фаҳмидани мазмуни меъёрҳо мебошад, ки он бояд ё дар контексти омилҳои ҳамроҳкунандаи татбиқ, ё дар натиҷаи шароитҳое, ки сабаби пайдоиш ва ташаккулёбии онҳо гаштаанд, таҳлил гардад. Дар ҳамин замина, як масъалаи дигаре низ муҳим аст, ки оё шароити таърихии рушди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ метавонанд маънои онҳоро дар марҳалаи амалишавии ҳозира мушаххас созанд ва то чӣ андоза тағйирёбии шароитҳои

иҷтимоии таърихӣ метавонанд маънои Қонуни ҷиноятиро таҳаввул диҳанд. Ин масъалаҳо дар ин таҳқиқот ба таври муфассал баррасӣ намешаванд. Аммо ҳуди фарқ гузоштан миёни онҳо нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои иҷтимоии Қонуни ҷиноятӣ як падидаи якхела нестанд. Онҳо бо ҳам алоқамандand, вале мазмун ва нақши ҳар кадом фарқ мекунад. Аз ин рӯ, дар ин ҷо истифодаи мафҳуми «сарчашма» мувофиқтар аст, зеро сухан дар бораи омилҳое меравад, ки ба пайдоиш ва шаклгирии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, на дар бораи «инфрасохтор» ба маънои васеи он.

Яке аз масъалаҳои асосии ҳангоми маънидодкунии истилоҳот иборат аз он аст, ки ба таври бевосита ба шенасоии асл ва маънои сарчашмаи иҷтимоии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсиргузор аст. Дар адабиёти илмӣ бештар он равиши методологӣ бартарӣ дорад, ки вобастагии иҷтимоии равандҳои криминализатсияро ҳамчун асоси ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шарҳ медиҳад. Дар ин равиш асосан он омилҳои иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд, ки зарурати дар Қонун пешбинӣ шудани таркибҳои ҷиноятро ба миён меоранд. Г.А. Злобин низ асосҳои криминализатсияро бо равандҳои моддӣ ва маънавии ҳаёти ҷомеа алоқаманд дониста, чунин таъкид мекунад: «Рушди ин равандҳо зарурати объективии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии арзишҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи ӯ, маҳз дар натиҷаи чунин равандҳо эҳтиёҷи воқеии иҷтимоӣ барои қабули навгониҳои Қонунгузории ҷиноятӣ ташаккул меёбад» [228, с. 54-62].

Чунин андешаро А.В. Грошев низ ҷонибдорӣ намуда баён медорад, ки: «Асосҳои криминализатсия тамоми зуҳуроти иҷтимоиро, ки ба ҳастии ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ иртибот доранд, дарбар мегиранд. Албатта, дар таҳқиқотҳои марбут ба равандҳои криминализатсия, истилоҳи «сарчашмаҳои иҷтимоӣ» одатан истифода намешавад, вале омилҳое, ки таъсир ба ин равандҳо мерасонанд, асосан ҳамонҳо мебошанд, ки дар тадқиқотҳои дигар ҳамчун сарчашмаҳои иҷтимоӣ муайян шудаанд» [213, с. 54-58].

Муносибати дигар дар доираи консепсияи С.А. Маркунцов ифода ёфтааст, ки дар таҳлили худ байни «манъи ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «таркиби

ҷиноят» фарқ мегузорад. Ба назари ӯ, таркиби ҷиноят бештар маҳсули фаҳмиши илмӣ мебошад, дар ҳоле ки манъи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар худи Қонун ҷой мегирад ва онро Қонунгузор мустақиман муқаррар мекунад. Ба андешаи Маркунцов: «Дар асоси як манъ метавон якчанд таркиби ҷиноятиро ташаккул дод. Маркунцов ҳамчунин манъи ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун муқаррароти меъёрӣ-ҳуқуқии асосӣ арзёбӣ мекунад, ки аз мафҳуми меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқ дорад. Дар тафсири ӯ, меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ду муқаррарот иборат аст: муқаррароти манъкунанда ва таъини ҷазо барои вайрон кардани чунин манъкунӣ. Бо вуҷуди ин, Маркунцов истилоҳи «сарчашмаҳои иҷтимоӣ»- ро нисбати манъкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ қобили қабул намешуморад ва ба ҷои он истифодаи истилоҳи «асосҳои манъкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ»-ро пешниҳод менамояд» [266, с. 100-109; 267, с. 477-478; 346, с. 550].

Назари муқобилро Ю.Е. Пудовочкин иброз менамояд, ки: «Бар он ақида аст, ки хориҷ кардани ҷазодиҳӣ аз муҳтавои манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ имконнопазир мебошад, зеро кирдор наметавонад бе муқаррар намудани санксия дар Қонуни ҷиноятӣ манъ гардад» [195, с. 3-16]. Бо ин тартиб, Ю.Е. Пудовочкин манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро бо ҳамдигар ҳамсон медонад ва таъкид менамояд, ки мутобиқати иҷтимоии манъ бояд на танҳо ҷараёни таъсис ва муқаррар кардани онро, балки инчунин муайян кардани ҷазоро барои содир намудани кирдори манъшуда низ фаро гирад. Ба ҳамин мавқеъ Н.Т. Идрисов низ такя намуда чунин баён медорад, ки: «Манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо дар сурате воқеият дорад, ки риояи ҳатмии он бо таҳдиди ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ таъмин гардида бошад» [230, с. 131-135].

Ҳамин тавр, масъалаи дарки моҳияти манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва вобастагии иҷтимоии он дар адабиёти илмӣ ҳанӯз мавриди баҳсҳо боқӣ мемонад. Ин ҳолат бо фарқиятҳои мавҷуда дар маънидоди мафҳумҳое чун «криминализатсия» ва «пенализатсия» иртибот дорад. Дар ин замина як гурӯҳ муаллифон криминализатсияро танҳо бо муқаррар намудани ҷиноят будани кирдор маҳдуд мекунанд. Гурӯҳи дигар онро дар маънои васеътар шарҳ дода, масъалаҳои ҷазодиҳии кирдорро низ ба он шомил менамоянд.

Ҳангоми омӯзиши омилҳои иҷтимоие, ки ба манъи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, криминализатсия ва пенализатсияро пурра аз ҳам ҷудо кардан дуруст нест. Ин равандҳо бо ҳам пайванд доранд ва бояд дар як низоми ягонаи омилҳои ба ҳам вобаста баррасӣ шаванд. Бо вуҷуди ин, барои таҳқиқоти илмӣ муҳим аст, ки миёни сарчашмаҳои қисми диспозитивии меъёр ва сарчашмаҳои санксияи он фарқи дақиқ гузошта шавад.

Аз ҷумла, асосҳои иҷтимоӣ ва криминологии криминализатсияи кирдорҳо диспозитсияи манъи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Ин асосҳо омилҳои иҷтимоиро, ба монанди зуҳуротҳои манфӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа фаро мегиранд. Санксияи меъёри ҷиноятӣ танҳо аз вазъи иҷтимоӣ ё криминологӣ барнамеояд. Ҳангоми муайян шудани он, самти сиёсати ҷиноятии давлат ва назарҳои дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пазируфташуда низ нақш доранд. Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои иҷтимоии қисми санксионии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бештар хусусияти сиёсии онро инъикос менамоянд.

Инчунин, бояд таъкид кард, ки таҳқиқоти омилҳои иҷтимоие, ки ба Қонунгузории ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, набояд танҳо бо сарчашмаҳои расмӣ, ба монанди қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ё амсолӣ судӣ маҳдуд карда шавад. Омилҳои иҷтимоӣ дар раванди таъсири худ ба Қонунгузории ҷиноятӣ ба он чизе табдил меёбанд, ки Н.И. Пикуров онро «инфрасохтори иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ» номидааст. Ин инфрасохтор вазифаи ҳамоҳангсозӣ ва мушаххаснамоии муҳтавои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро иҷро менамояд, вале худи онҳоро бевосита ба вуҷуд намеорад» [115, с. 219].

Дар вақти таҳлили ин бахш, муҳим аст, ки ба он таъкид шавад, ки кӯшишҳо барои муайян кардани фарқиятҳои асосӣ байни мафҳумҳои «асосҳо» ва «сарчашмаҳо» аз ҷиҳати назариявӣ Аҳаммият доранд, аммо бояд таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ба масъалаи аслӣ кӯчонда нашавад. Дар охир, аз он ки кадом истилоҳ истифода мешавад, муҳаққиқон дар бораи як масъала омилҳое, ки таъсир ба мавҷудият, классификатсия ва муҳтавои муқаррароти Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ мерасонанд назар мекунанд. Мазмуни санксияи

меъёри ҷиноятӣ танҳо бо шароити иҷтимоӣ ё криминологӣ муайян намешавад. Дар ташаккули он ҳам сиёсати ҷиноятии давлат ва ҳам мавқеъҳои қабулшудаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир мегузоранд. Аз як тараф, назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аллакай тасаввури умумиро дар бораи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла сарчашмаҳои Қисми махсус, ташаккул дода, зарурати таҳқиқи онҳоро эътироф намудааст. Аммо аз тарафи дигар, дар масъалаҳои методология, истилоҳот ва муҳтавои ин сарчашмаҳо то кунун ягонагии андешаҳо ба вуҷуд наомадааст. Ҷой надоштани чунин ягонагӣ, дар навбати худ, дар гуногунрангии омилҳо ва зуҳуротҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ки ҳамчун сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ мегарданд, таҷассум ёфтааст.

Масалан, З.А. Незнамова, ҳангоми баррасии мафҳуми «сарчашмаҳои моддӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, онҳоро ҳамчун нерӯҳое, ки Қонунҳоро ташаккул медиҳанд, сарчашмаҳое, ки меъёрҳои ҳуқуқро таъмин месозанд, ва маводҳое, ки бар асоси онҳо Қонунгузорӣ таҳия мегардад, муайян менамояд» [276, с. 168-174]. Ю.Е. Пудовочкин, бидуни муайян кардани марҳилаҳои таснифот, «ба манбаъҳои мухталифе, ки ба асарҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, ишора мекунад, ки байни онҳо метавон асосҳои иҷтимоӣ-криминологӣ, этикӣ, байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-таърихиро ном бурд» [195, с. 3-16]. С.А. Маркунцов дар консепсияи хеш сарчашмаҳои иҷтимоӣ, ки омилҳои иҷтимоии психологӣ ва ахлоқию маънавиро дар бар мегиранд ва сарчашмаҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, ки дар миёни онҳо асосҳои фарҳангӣ-таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии ҳуқуқӣ бо Аҳаммияти махсус зикр мегарданд, муайян кардааст. О.Н. Бибик низ тақсими сарчашмаҳоро ба объективӣ ва субъективӣ пешниҳод менамояд. «Ба сарчашмаҳои объективӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои дигари иҷтимоии батанзимдароранда, ба сарчашмаҳои субъективӣ зуҳуроти равонӣ мансуб дониста мешавад» [318, с. 19].

Аммо чунин фарқиятҳои ҷиддӣ дар таснифи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ комилан асоснок ба назар намерасанд, ки эҳтимол аз сабаби камтаҳқиқ будани худи мафҳуми «сарчашмаи иҷтимоӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд омадааст. Ба ибораи дигар, шиносоии омилҳое, ки нақши муҳим дар

ташаккули маърифати иҷтимоӣ ва ҳокимияти давлатӣ доранд, ба назар мерасад, ки метавонад танҳо ба роҳи таҳлили бисёрҷабҳа ва дарк кардани равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дуруст иҷро шавад. Дар ин замина, омилҳои фарҳангӣ ва динӣ ҳамчун сарчашмаҳои иҷтимоӣ на танҳо дар чорчӯбаи объективӣ, балки дар маҷмӯъ, бо таъмини як назарияи интерактивӣ, ки аз омилҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ташхис карда шаванд. В.Н. Кудрявтсев «Аҳаммияти таҳқиқи равандҳои объективии иҷтимоиро барои фаъолияти Қонунгузорӣ эътироф намуда, инчунин мушкилии гузаришро аз омилҳои умумии иҷтимоӣ ба меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ таъкид мекунад» [110, с. 303]. Аз нигоҳи В.В. Малтсев: «криминализатсия намудани рафтор на аз худи равандҳои иҷтимоӣ, балки аз арзёбии иҷтимоии онҳо сарчашма мегирад. Ба ғайр аз ин, чунин арзёбии иҷтимоӣ бояд аз ҷониби институтҳои иҷтимоӣ шакли объективӣ гирад, ки марҳилаи зарурии пеш аз таъсиси меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад» [94, с. 484].

Аз ин ҷиҳат, дар чаҳорчӯби назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарур аст ба таври амиқ дарк карда шавад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ натиҷаи таъсири мустақими равандҳои иҷтимоӣ нестанд, балки дар натиҷаи арзёбӣ ва тафсири онҳо дар сатҳи шуури ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври одӣ танзим намекунад. Он вақте ба кор медарояд, ки ин муносибатҳо зарар мебинанд ё зери хатар мемонанд. Аз ҳамин сабаб, меъёрҳои ҷиноятӣ пеш аз ҳама ҷазоро барои чунин кирдорҳо муайян мекунанд ва он соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро муҳофизат менамоянд, ки ба ҳимояи махсуси ҳуқуқӣ ниёз доранд.

Дар миёни зуҳуроти иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ як марҳилаи байнинаҳодӣ ё «минтақаи буферӣ» вуҷуд дорад, ки аз арзёбии раванди иҷтимоӣ дар шуури ҷамъиятӣ ва таҳдидҳое, ки метавонанд рушди муқаррарии ин равандҳоро халалдор кунанд, ташкил ёфтааст. Арзёбиҳои мазкур, ки дар шакли объективӣ ба вуҷуд меоянд, тавассути шаклҳои мушаххасе баён мешаванд, ки муносибатро миёни омилҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамоянд. Маҳз чунин шаклҳоро бояд ҳамчун зуҳуроти сарчашмаҳои

иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ кард. Дар таҳқиқоти илмӣ чунин назар низ вуҷуд дорад, ки сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо худи омилҳои иҷтимоиро нишон намедиҳанд. Онҳо бештар тарзи баҳодиҳии ҷомеа ва муҳити касбиро ба ин омилҳо ифода мекунанд.

Ин хулоса нишон медиҳад, ки барои таҳқиқи амиқи сарчашмаҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар доираи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд доираи тадқиқот танҳо ба шаклҳои объективии ифодаи онҳо маҳдуд нагардад. Дар ин ҷо бояд ба назар гирифт, ки баҳодиҳӣ ба чунин зуҳуроти иҷтимоӣ ҳамеша дар шакли муайян ифода меёбад. Маҳз ҳамин шаклҳои ифода имкон медиҳанд, ки мафҳуми «шаклҳои ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ» ҳамчун категорияи илмӣ истифода шавад. Хусусияти онҳо дар он аст, ки робитаи байни вазъи воқеии иҷтимоӣ ва таҳияи меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, ин категория ҳамчун падидаи мустақил ҳанӯз ба таври ҷудогона таҳқиқ нашудааст, гарчанде унсурҳои алоҳидаи онро дар корҳои илмии марбут ба сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқ дидан мумкин аст. Дар ин асарҳо, санадҳои расмӣ, мисли Конститутсия, созишномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ, ки арзёбиҳои касбии равандҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Раванди пайдо шудани манъҳои ҳуқуқи ҷиноятиро метавон чунин нишон дод: аввал омилҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд, баъд онҳо дар шуури ҷамъиятӣ инъикос меёбанд, сипас ин баҳодиҳиҳо дар санадҳои ҳуқуқӣ ҷой мегиранд ва дар ниҳоят ба Қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҷиноятӣ таъсир мерасонанд. Бояд гуфт, ки ду марҳилаи аввал одатан берун аз доираи бевоситаи ҳуқуқи ҷиноятӣ меистанд ва бештар дар илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ё равоншиносӣ таҳлил мешаванд. Вале дар доираи таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, диққат ба натиҷаҳои арзёбии омилҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ равона мегардад.

Дар шароити муосир, вақти таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва фаъолияти Қонунгузорӣ, асосан санадҳое таҳлил мешаванд, ки арзёбиҳои илмии омилҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд.Ин масъала Аҳаммияти муҳимм дорад, зеро

криминализатсия намудани кирдор на ҳамеша бар асоси ниёзҳои объективии ҷомеа сурат мегирад, балки баъзан натиҷаи баҳогузории манфии ҷамъиятӣ мегардад, ки дар навбати худ метавонад боиси қабули меъёрҳои асоснок набудаи Қонунгузорӣ гардад.

Арзёбии илмӣ ва касбии равандҳо ва зуҳуроти иҷтимоии, ки вокуниши ҷиноятӣ-ҳуқуқиро талаб мекунанд, ногузир унсурҳои субъективиро дар бар мегирад. Дар раванди таҳқиқ ва арзёбии воқеияти иҷтимоӣ, идрок ва афзалиятҳои субъекти маърифатӣ ҳамеша дар шакли санадҳои ниҳоӣ инъикос мешаванд. Аммо чунин хусусияти субъективӣ набояд ҳатман ҳамчун нуқсон фаҳмида шавад. Он бештар аз мураккабии ҳаёти иҷтимоӣ, гуногун будани баҳодиҳиҳо ба он ва мавҷудияти назару мавқеъҳои мухталиф дар ҷомеа бармеояд.

Ҳамин гуногунфикрӣ ва гуногунбаҳои иҷтимоӣ барои пайдо кардани роҳҳои мувофиқ ва созишӣ замина фароҳам меорад, ки ин роҳу усулҳо метавонанд асоси Қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ шаванд.

Азбаски раванду ҳодисаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби муҳаққиқон, мутахассисон ва ниҳодҳои гуногун яксон баҳогузорӣ намешаванд, чунин арзёбиҳо дар ҳуҷҷатҳои гуногун ифода меёбанд. Барои мақсади ин таҳқиқот онҳоро метавон ба чор гурӯҳ ҷудо кард: а) доктриналӣ; б) ҷамъиятию сиёсӣ; в) сиёсӣ-ҳуқуқӣ; г) ҳуқуқӣ.

Шакли доктриналӣ ба он арзёбиҳое дахл дорад, ки дар корҳои илмӣ баён мешаванд. Дар ин навъи арзёбӣ муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки чаро зарурати қабули меъёри нави ҷиноятӣ ё тағйири меъёри амалкунанда ба миён меояд ва чунин тағйирот то кадом андоза асоснок, мақсаднок ва самаранок буда метавонад.

Солҳои охир андешаҳо дар бораи зарурати таҳияи доктринаи миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар садо медиҳанд. Бо вуҷуди ин, доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва шакли доктриналии ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқро набояд як чиз донист. Доктрина бештар ҳамчун як таълимот, консепсияи илмӣ, низоми назарҳои илмӣ-сиёсӣ ё мавқеи расмии давлат фаҳмида мешавад.

Аломати асосии доктрина – эътирофи расмии он аз ҷониби мақомоти давлатӣ мебошад. Аммо, чунон ки А.К. Романов дуруст таъкид мекунад, эътирофи ҷамъиятии он ҳатмӣ нест [291, с. 142-234].

Дар доираи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ, баъзан мафҳуми доктрина дуруст дарк намешавад. Агар низоми назарҳо ва арзёбиҳо аз ҷониби давлат эътироф ёбад, он ба ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ табдил меёбад ва хусусияти расмӣ ва ҳатмии худро касб мекунад. Дар чунин ҳолат, шакли ифодаи сарчашмаи иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ тағйир меёбад.

Мафҳуми доктринаро дурусттар аст ҳамчун маҷмуи назарҳои илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ фаҳмид, ки масъалаҳои асосии ҷиноят ва ҷазоро шарҳ медиҳанд. Бо чунин фаҳмиш, доктрина шакли илмии баёни мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳо ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, сарчашмаҳои доктриналӣ худ меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ нестанд; онҳо бештар баҳодиҳии воқеияти иҷтимоӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятиро ифода мекунанд.

Сарчашмаҳои доктринавӣ метавонанд на танҳо дар шакли асарҳои илмӣ (рисолаҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳо), балки дар шакли матнҳои консептуалӣ-барномавӣ низ вуҷуд дошта бошанд, ки ғояҳои асосии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунанд. Масалан, ин гуна сарчашмаҳо метавонанд дар шакли Консепсияи такмили Қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи иқтисодӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари монанд пешниҳод шаванд.

Шакли ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҳолатеро дар бар мегирад, ки баҳодиҳӣ ба воқеияти иҷтимоӣ дар оинномаҳо, барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё сиёсӣ ҷой мегирад. Воқеан, ин арзёбиҳо мантиқан дар доираи мақсадҳои ташкилотҳо барои арзёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ бо диққат ба таъсироти онҳо дар ҷомеа нишон дода мешаванд.

Шакли сиёсӣ-ҳуқуқии ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, ба арзёбӣ ва танзими ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷомеа дахл дорад. Ин баҳогузорӣ дар ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, ки самтҳои сиёсати дохилӣ ва

хоричӣ, стратегияҳо ва консепсияҳои тасдиқшуда дар онҳо пешбинӣ шудааст, баён мегардад.

Арзёбиҳое, ки дар чунин ҳуҷҷатҳо инъикос мешаванд, дар асл баъд аз марҳилаи арзёбиҳои доктринавӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар шакли санадҳои расмии дорои хусусияти меъёрӣ-сиёсӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳарчанд таҳлил ва номбар кардани тамоми чунин ҳуҷҷатҳо метавонад миқдори зиёди саҳифаҳоро дар бар гирад, мо бар ин ақидаем, ки бояд чанд ҳуҷҷати муҳим ва калидӣ, ки Аҳаммияти махсус доранд, махсусан таъкид карда шаванд.

Гарчанде ки рӯйхати овардашударо намешавад ҳамчун маъруфи пурра дар дохили ҳамаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ баррасӣ кард, вале ҳар яке аз онҳо метавонад бахшҳои мухталиферо дар бар гирад, ки ба таҳлил ва арзёбии хатарҳо ва таҳдидҳои соҳаҳои гуногуни робитаҳои ҷамъиятӣ марбут мебошанд. Таҳдид ва хатарҳои мазкур метавонанд барои рушди ҷомеа монеа созанд ва эҳтимоли натиҷаҳои манфиро зиёд кунанд, ки барои муқобила бо онҳо вокуниш ва ҳимояи давлатии самаранок зарур аст. Аз ин рӯ, чунин арзёбиҳо метавонанд ҳамчун манбае барои таъйин кардани самтҳои рушди Қонунгузории ҷиноятӣ хизмат кунанд. Ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар соҳаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ нақши муҳим ва махсус доранд, ки намудҳои гуногун – аз ҷумла декларасияҳо, қарорҳо (резолюсияҳо), тавсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва инчунин маводди конфронсҳои мунтазами Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди масъалаҳои пешгирии ҷиноятқорӣ дар бар мегиранд. Дар чунин санадҳо арзёбии фарогири таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ нисбат ба амнияти давлат, ҷомеа, шахс ва арзишҳои башардӯстона ифода ёфтааст. Ин гуна баҳодиҳиҳо давлатҳоро ба он мерасонанд, ки Қонунгузории дохилии худро, аз ҷумла Қонунгузории ҷиноятиро, аз нав баррасӣ ва пурратар намоянд. Мақсад аз ин кор пешгирии хатарҳо, кам кардани оқибатҳои онҳо ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсоне мебошад, ки Қонунро вайрон мекунанд.

Шакли ҳуқуқии ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии меъёрҳои ҷиноятӣ дар он дида мешавад, ки Қонун ё санади ҳуқуқӣ кадом таҳдидро ҳамчун кирдори

ҷиноятӣ мешиносад ва кадом арзишҳоро зери ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор медиҳад. Ин сарчашмаҳоро аз рӯйи мазмун ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дуюм шартномаҳои байналмилалӣ дохил мешаванд. Давлатҳо бо имзо ё тасдиқи чунин шартномаҳо уҳдадор мегарданд, ки баъзе кирдорҳои барои ҷомеа хавфнокро ҷиноят эътироф кунанд ё ба Қонунгузории ҷиноятии худ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид намоянд. Ҳамин хусусиятҳо ин шартномаҳоро ҳамчун сарчашмаҳои эътиборноки ҳуқуқи ҷиноятӣ муаррифӣ менамояд.

Навъи сеюм бошад, санадҳои меъёрии соҳавӣ мебошанд, ки зарурати ҷиноят ҳисобидани кирдорҳои мушаххас ё муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани онҳо ифода мекунанд. Ҳарчанд чунин Қонунҳо бевосита Қонунҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб намераванд, муқаррароти онҳо нияти Қонунгузорро барои таъсиси меъёрҳои нави ҷиноятӣ ба таври возеҳ нишон медиҳанд. Ин мавқеъ сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ба як мақоми махсус – «сарчашмаҳои генетикӣ» – гузоштааст, ки муҳаққиқ К.В. Ображиев низ онро таъкид кардааст. Ҳамаи шаклҳои ифодаи сарчашмаҳои меъёрҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ як маҷмуи ягонаи арзёбии вазъияти кунунӣ ва дурнамои иҷтимоиро ташкил медиҳанд, ки имконият ва зарурияти татбиқи чораҳои муҳофизатии давлатӣро асоснок мекунад. Аммо ин сарчашмаҳо тамоми масъалаи ташаккули меъёри ҷиноятиро фаро намегиранд. Онҳо асосан нишон медиҳанд, ки кадом кирдор бояд манъ карда шавад ва ба диспозитсияи меъёр ворид гардад.

Қисми санксия бошад, масъалаи дигар аст. Навъи ҷазо, андоза ва шакли он танҳо аз чунин сарчашмаҳо бароварда намешавад, зеро онҳо бештар барои асоснок кардани худи манъи кирдор хизмат мекунанд. Ба ин далел, пешниҳод мешавад, ки дар санадҳои Қонунгузорӣ, ки зарурати таъмини ҷавобгарӣ барои кирдорҳои муайянро пешбинӣ мекунанд, Қонунгузор бояд аз нишон додани аниқ ва бевоситаи намуди ҷавобгарӣ ё таъкид кардани ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ худдорӣ кунад. Дар марҳилаи баҳогузории муносибатҳои ҷамъиятӣ ва

таҳдидҳо ба рушди дурусти онҳо, чунин хулосаҳо бармаҳал буда метавонанд. Барои тасдиқи чунин қарор зарурати асосноккунии иловагӣ бо дарназардошти омилҳои махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ вуҷуд дорад.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ҳамчун манбаи калидии иҷтимоии муайянкунандаи мазмуни дохилии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ гардад. Дар солҳои охир зарурати таҳия ва қабули чунин санади муҳимро намояндагони ҷомеаи илмӣ ҳарчи бештар таъкид мекунанд. Тавре ки муҳаққиқ В.Ю. Левченко дуруст қайд намудааст: «криминализатсияи кирдор худ аз худ бартарӣ нест; ин тадбири маҷбурист, ки барои ҳифзи манфиатҳои муҳимми ҷомеа аз манфиатҳои камАҳаммияттар даст кашиданро тақозо мекунад». Аз ин рӯ, криминализатсия танҳо дар ҳолатҳое мувофиқ аст, ки усулҳои дигари танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон ё бесамар бошанд.

Муайян кардани чунин ҳолатҳо танҳо бо такя ба консепсияи боэътимоди ҳуқуқи ҷиноятӣ имконпазир аст. Ин консепсия бояд асосҳои устувори фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва криминологӣ дошта бошад, то зарурати эътироф кардани баъзе кирдорҳо ҳамчун ҷиноят ё, баръакс, тарки онҳоро ҳамчун ҷиноят асоснок шавад. Инчунин, консепсия бояд ба таври равшан арзёбӣ кунад, ки чӣ гуна кирдорҳо барои ҷомеа хатарнок ҳастанд, то ки таҳияи намунаҳои дуруст барои санксияҳо дар Қонунгузории ҷиноятӣ имконпазир гардад.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба моҳияти сарчашмаҳои иҷтимоии ташаккули меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки чанд хулосаи назариявӣ ва илмӣ бароварда шавад.

Ин хулосаҳо барои рушди минбаъдаи назарияи сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дарки асосҳои иҷтимоии он мусоидат хоҳанд намуд.

Таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба фаъолияти ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иҷтимоии соҳа аз зерсохтори иҷтимоии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқ карда шаванд. Ба сарчашмаҳои иҷтимоӣ танҳо он

омилҳое дохил мешаванд, ки ба пайдоиш ва мазмуни меъёрҳои манъкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бевосита таъсир мерасонанд.

Омилҳои иҷтимоие, ки мазмуни ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, ба он на бевосита, балки тавассути шуури ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд.

Аз ин рӯ, сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша бо баҳодиҳии равандҳои муайяни ҷомеа алоқаманданд. Ин баҳодиҳӣ нишон медиҳад, ки то кадом андоза ҳифзи онҳо бо воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ зарур ва имконпазир аст.

Таълимоти соҳавӣ дар бораи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ худи омилҳои иҷтимоӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғ.)-ро дар шакли бевосита дар бар намегирад, зеро мутахассисони ҳуқуқи ҷиноятӣ имконият ва салоҳияти кофиро барои таҳлили мустақими онҳо надоранд. Ба ҷои ин, онҳо танҳо робитаи байни ин омилҳо ва Қонунгузории ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Арзёбии омилҳои иҷтимоие, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, шакли объективии ифода доранд. Аз ҳамин ҷо зарурати истифодаи мафҳуми «шакли ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоӣ» ба миён меояд. Зери ин мафҳум чунин ҳуҷҷатҳо фаҳмида мешаванд, ки дар онҳо вазъи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хатарҳои эҳтимолӣ ба рушди муътадили онҳо ва ниёз ба ҳимояи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ аз назари илмӣ ва касбӣ баҳогузорӣ мегарданд.

Ин шаклҳо метавонанд доктриналӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ бошанд. Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ нишон медиҳанд, ки вазъи иҷтимоӣ ва дурнамои он аз ҷониби субъектҳои гуногун чӣ гуна арзёбӣ мешавад ва то кадом андоза дахолати муҳофизатии давлат зарур ё имконпазир аст.

Хулоса: Таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккулдиҳандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷузъи асосии назарияи умумии сарчашмаҳои ҳуқуқи соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Қисми умумӣ ва Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ аз як заминаи умумӣ сарчашма мегиранд. Аз ҳамин сабаб, сарчашмаҳои онҳо низ ба ҳам пайванд доранд ва онҳоро пурра ҷудо аз якдигар фаҳмидан дуруст нест. Ҷудо шудани ин ду қисм бештар ба тартиби дохилии худи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста мебошад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили мустақили сарчашмаҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок мебошад, зеро маҳз он хусусиятҳои хоси соҳаро пурра инъикос мекунад ва муҳтавои асосии меъёрҳоро дарбар мегирад.

Мавзӯи сарчашмаҳои иҷтимоии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол дар адабиёти илмӣ пурра таҳқиқ нашудааст, гарчанде ки муҳаққиқон барои таҳлили муносибатҳои байни қисмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба онҳо ишора менамоянд. Дар ин соҳа таҷрибаи илмӣ ҷамъшуда вуҷуд дорад, ки талабгори таҳқиқоти минбаъд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарчашмаҳои иҷтимоӣ на танҳо омилҳои ба ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсиркунанда мебошанд, балки арзёбии ҷамъиятӣ ва касбии онҳо низ ба ташаккули меъёрҳо таъсир мерасонад.

Муҳиммияти таҳқиқи сарчашмаҳо дар он аст, ки равандҳои пайдоиш ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пайвастаанд ва аксар вақт як омил ҳамзамон сабаби пайдоиши меъёр ва шарти татбиқи он мешавад. Омӯзиши манъҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва равандҳои криминализатсия ва пенализатсия нишон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун равандҳои ҳамкор ва муттаҳид бояд таҳлил намуд, гарчанде ки байни қисми диспозитсия ва қисми санксионӣ фарқиятҳои назариявӣ вуҷуд доранд.

Сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ якранг нестанд. Онҳо вобаста ба он ки аз ҷониби кӣ ва дар кадом шакл ифода меёбанд, ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Якум, шакли *доктриналӣ* мебошад. Дар ин ҷо сухан дар бораи арзёбиҳои илмӣ ва назариявие меравад, ки моҳият, асос ва зарурати меъёрҳои ҳуқуқиро шарҳ медиҳанд;

Дуюм, шакли *ҷамъиятӣ-сиёсӣ* аст. Он мавқеъ ва баҳодиҳии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро дар бар мегирад, ки муносибати онҳоро ба танзими равандҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад;

Сеюм, шакли *сиёсӣ-ҳуқуқӣ* ба санадҳои стратегӣ, консепсияҳо ва ҳуҷҷатҳои давлатӣ ё байналмилалӣ вобаста мебошад. Дар чунин санадҳо

одатан таҳдидҳо, хатарҳо ва самтҳои асосии вокуниши ҳуқуқӣ арзёбӣ карда мешаванд;

Чорум, шакли *ҳуқуқӣ* мебошад. Ба он Қонунҳо, шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии соҳавӣ дохил мешаванд, ки барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асос ва тартиби зарурироро фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ натиҷаи арзёбиҳои ҷамъиятӣ ва касбии раванди иҷтимоӣ мебошанд ва танҳо тавассути ин арзёбӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шакл медиҳанд. Омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар ташаккули онҳо ҳамзамон нақши муҳим доранд.

Муайян намудани мақоми сарчашмаҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ: зарур аст, ки сарчашмаҳои иҷтимоӣ ба таври систематикӣ, бо ҷудо кардани қисми диспозитсия ва қисми санксионӣ таҳлил карда шаванд, то хусусиятҳои хоси меъёрҳои ҷиноятӣ равшан гарданд.

Таъкид ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ: таҳқиқоти минбаъда бояд ҳам таъсири воқеияти иҷтимоӣ ва ҳам арзёбиҳои касбӣ ва ҷамъиятиро дар бар гирад, зеро ташаккули меъёрҳо натиҷаи ҳамоҳангии онҳо мебошад.

Таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ бояд на танҳо санадҳои миллӣ, балки шартномаҳо ва тавсияҳои байналмилалиро низ дар бар гирад, ки барои мутобиқсозии меъёрҳои Қонунгузорӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ Аҳаммият доранд.

Ҷорӣ кардани шаклҳои ифодаи нави сарчашмаҳо: зарур аст, ки категорияи «шаклҳои ифодаи сарчашмаҳои иҷтимоии ҳуқуқи ҷиноятӣ» ҳамчун ҷузъи алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ қабул карда шавад, то муносибати байни воқеияти иҷтимоӣ ва Қонунгузорӣ равшантар таҳлил гардад.

Мутобиқсозии меъёрҳо бо арзёбиҳои объективӣ ва субъективӣ: Қонунгузор бояд дар санадҳо ба таври равшан намуди ҷавобгарӣ ва таъсиррасонии меъёрҳоро нишон надиҳад, балки онро бо арзёбиҳои иҷтимоӣ ва касбӣ асоснок намояд.

БОБИ 2. ВАЗИФАҲО ВА СОХТОРИ МЕЪЁРҲОИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ

2.1. Вазифаҳои Қонунгузории ҷиноятӣ: муносибати низомнок ва дурнамои такмили КҶ ҶТ

Хусусияти низомноки Кодекси ҷиноятӣ, инчунин мансуб будани он ба шумори сохторҳои ҳуқуқии ба таври сунъӣ ташаккулёфта, аз хусусияти мақсадноки ташаккули он шаҳодат медиҳад. Қисми мазкури Қонуни ҷиноятӣ аз ибтидо ҳамчун маҷмуи мураттаби меъёрҳо таҳия гардидааст, ки барои ҳал намудани вазифаҳои мушаххаси танзими ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Ин хусусият дар амалишавии вазифаҳо ва механизмҳои таъсиррасонии ҳуқуқии он ифода меёбад. Расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз он вобаста аст, ки унсурҳои Қисми махсус то чӣ андоза бо ҳам мувофиқанд, сохтори онҳо то кучо мантиқӣ аст ва робитаи байни онҳо чӣ қадар устувор нигоҳ дошта мешавад.

Дар ин замина, муносибати низомнок ба таҳлили падидаҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Тавре ки Д.А. Керимов дуруст қайд намудааст, чунин муносибат таҳқиқоти илмиро ба ошкор намудани унсурҳои сохтории низоми ягона, хусусиятҳои мазмунӣ ва функсионалии онҳо равона месозад. Чунин муносибат на танҳо муайян кардани унсурҳои алоҳидаи низом, балки ошкор намудани хусусиятҳои махсуси онҳо, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи робитаҳо, муносибатҳо ва вобастагии байни ин унсурҳоро тақозо менамояд. Илова бар ин, таҳлили низомнок на танҳо худи низомро дар маҷмуъ, балки ҷойи ҳар як унсури онро низ равшан мекунад. Бо ин роҳ муайян мешавад, ки ҳар унсур чӣ вазифа дорад, то кадом андоза муҳим аст ва таъсири он ба муҳити иҷтимоӣ чӣ гуна зоҳир мегардад.

Нисбат ба КҶ ҶТ, муносибати низомнок имкон медиҳад, ки: «он на ҳамчун маҷмуи механикии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки ҳамчун сохтори мураккаб ва бисёрсатҳа арзёбӣ гардад, ки дар доираи он ҳар як меъёр ҷойгоҳи муайян дошта, вазифаи мушаххаси танзимкунанда ва ҳифзкунандаро иҷро менамояд.Чунин фаҳмиш ба дарки амиқтари Қонуниятҳои сохтори Қонуни

ҷиноятӣ, ошкор намудани зиддиятҳои дохилӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи амалии он мусоидат менамояд» [53, с. 330].

Дар маънои умуминазариявӣ, функсияи низом ҳамчун шакли ифодаи фаъолият ва тарзи амалӣ намудани хусусиятҳои ба он хос дар ҳамкорӣ бо муҳити атроф арзёбӣ мегардад. Фаъолияти низом тавассути робитаҳои устувор ва зарурии байни унсурҳо зоҳир мешавад, ки дар онҳо тағйирёбии ҳолати баъзе унсурҳо боиси тағйироти мувофиқи дигар унсурҳо мегардад. Маҳз дар ҷараёни чунин робитаи мутақобила низом қобилияти худро барои таъсири мақсаднок ва ҳифзи ягонагии дохилӣ нишон медиҳад.

Амалисозии функсияҳои низом ба расидан ба ҳолати муайяни мақсаднок равона гардидааст, ки ҳамчун нуқтаи ниҳоии мавҷудият ва рушди он баромад мекунад. Ин мақсад на танҳо натиҷаи дилхоҳи фаъолияти низом, балки таъиноти объективии онро инъикос менамояд. Барои ноил шудан ба он, низом маҷмуи усулҳо ва механизмҳои таъсиррасониро таҳия ва истифода менамояд, ки ҳаракати пайдарпайро ба сӯи натиҷаи пешбинишуда таъмин мекунанд.

Дар айни замон, расидан ба мақсади ниҳоӣ хусусияти марҳилавии фаъолияти системаро пешбинӣ мекунад, ки он дар гузоштани вазифаҳои алоҳида ва ҳалли пайдарпайи онҳо зоҳир мегардад. Ин вазифаҳо натиҷаҳои мобайнии фаъолияти низом буда, дар раванди амалишавии он пайдарпай татбиқ мешаванд ва ба ноил гардидан ба мақсади умумӣ мусоидат менамоянд. Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳо раддабандии ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки самт ва муҳтавои фаъолияти низомро муайян месозад.

Дар адабиёти илмӣ зимни арзёбии Қонуни ҷиноятӣ таъкид мегардад, ки «самаранокии ҳар як низом аз қобилияти расидан ба мақсад вобаста аст» [253, с. 61-62], инчунин «мақсаднокӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои низом мебошад» [251, с. 365]. Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун низоми махсус сохташуда худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Он аз оғоз барои расидан ба натиҷаи муайян тартиб дода мешавад. Яъне КҶ бо мақсади мушаххас шакл мегирад ва ин мақсад аз вазифаҳое бармеояд, ки иҷрои онҳо ба зиммаи он гузошта шудааст. Масалан: «Ҳ.Т.Ҳ. моҳи августи соли 2010 бо шахсе бо номи «Матлуба», ки дар асл

корманди ғайриштатии милитсия будааст, шинос шуда, ба дарёфт ва фурӯши маводди нашъадор розигӣ медиҳад. Баъдан ӯ бо шиносаш «Ғаффор» тамос гирифта, барои пайдо ва фурӯши маводди нашъадори навъи «афюн» миёнаравӣ мекунад.

Бо маслиҳати пешакӣ байни «Матлуба» ва «Ғаффор» шарт гузошта мешавад, ки 5 кг маводди нашъадор бо нархи муайян фурӯхта шавад. Рӯзи 23 августи соли 2010 Ҳаитова маводди нашъадорро аз «Ғаффор» гирифта, барои супоридан ба «Матлуба» мебарад. Ҳангоми расонидани мавод ва гирифтани маблағ (2000 доллари ИМА), кормандони милитсия ӯро дастгир мекунанд.

Ҳангоми кофтуков аз дасти ӯ 4466 грамм маводди нашъадори навъи «афюн» ёфта гирифта мешавад. Дар рафти тафтишот ва мурофиаи судӣ Ҳаитова гуноҳи худро пурра эътироф намуда, изҳори пушаймонӣ мекунад» [378].

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки Кодекси ҷиноятӣ на танҳо маҷмуи қоидаҳои назариявӣ, балки як низоми мақсаднок мебошад, ки барои ҳалли чунин вазъиятҳои мушаххас пешбинӣ шудааст. Яъне меъёрҳои Кодекс пешакӣ барои ҳолатҳои гуногуни ҷиноятӣ пешбинӣ мешаванд. Ҳамин тартиб ба суд роҳ медиҳад, ки кирдори шахсро дуруст муайян кунад ва ҷазоеро таъин намояд, ки ба он кирдор мувофиқ бошад.

Тавре ки М.В. Бавсун дуруст қайд менамояд, «гарчанде Қонунгузор мақсади танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар Кодекси ҷиноятӣ бевосита муқаррар намекунад, ин маънои онро надорад, ки онҳо вуҷуд надоранд. Самтҳои мақсаднок, новобаста аз камбудиҳои Қонун ва аз риоя ё риоя нашудани талаботи он, ҳамеша мавҷуданд, ки инро рад намудан душвор аст» [13, с. 172]. Мақсади Қонуни ҷиноятиро муайян намуда истода, олим таъкид намудааст, ки бояд аз он чизе ба роҳбарӣ гирифта шавад, ки «...дар худи он зикр шудааст. Ба назари мо, сухан бояд дар бораи он вазифаҳое равад, ки Қонунгузор дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ нишон додааст, инчунин дар бораи он мақсадҳое, ки нисбат ба ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд (қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ)».

С. Ю. Тимохин нуқтаи назари муайян намудани мақсади Қонуни ҷиноятиро тавассути мақсадҳои ҷазо ҷонибдорӣ намекунад ва қайд мекунад, ки «муайян кардани мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асоси мазмуни қисмҳои алоҳида ва унсурҳои низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, масалан тавассути мақсади ҷазо, аз ҷиҳати методологӣ нодуруст мебошад» [364, с. 18]. Ба назари С.Ю. Тимохин, мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ байни худ яксон нестанд ва дар шакли зинавӣ ҷой мегиранд. Дар маркази ин низом як мақсади асосӣ меистад, ки дар марҳилаи имрӯза бо таъмини иҷрои уҳдадории конститутсионии давлат тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд мебошад [364, с. 18]. Муаллиф ин масъаларо аз нуқтаи назари муносибати фаъолиятнок шарҳ дода, ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун шакли муайяни фаъолияти иҷтимоии муназзам ва институтсионалӣ баррасӣ мекунад. Эътирофи мақсаднокии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо консепсияи субъекти ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд аст, ки нақши онро давлат иҷро менамояд [364, с. 18].

Тавре В.Г. Смирнов таъкид намудааст, ки: «Қонунгузории ҷиноятӣ аз лиҳози табиати худ дорои хусусияти мақсаднок буда, пеш аз ҳама барои таъмини вазифаи ҳифзкунанда дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят халалдор мегарданд, ташаккул меёбад. Таъиноти он танҳо ба муқаррар намудани манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ маҳдуд намешавад, балки ба фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои барқарор ва нигоҳ доштани фаъолияти муътадили робитаҳои иҷтимоӣ, ки зери таъсиррасонии ғайриҚонунӣ қарор гирифтаанд, равона шудааст. Дар ин самт, Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун танзимгари махсус баромад мекунад, ки вазифаи вокуниш ба вайроншавии аллакай ба амал омадаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва кам намудани оқибатҳои манфии кирдори ҷиноятқоронаро ба уҳда дорад. Тавассути низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи неъматҳои дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ ва устуворсозии равандҳои ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи ҷиноят зери хатар қарор гирифтаанд, таъмин мегардад. Бо ин тартиб, Қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо ба пешгирӣ ва қатъ намудани таҷовузҳои ғайриҚонунӣ, балки ба нигоҳ доштани устуворӣ

ва таҳдиди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар маҷмӯъ равона шудааст» [136, с. 188]. Масалан: «Ноболиғ Х.С. бо ҳамроҳии ноболиғи дигар – И., бо маслиҳати пешакӣ тасмим мегиранд, ки дуздӣ содир намоянд. Бо ин мақсад онҳо ба маҳаллаи Ваҳдат-1 рафта, вагони истиқоматиро мебинанд, ки дар он оилаи шаҳрванд Ш. зиндагӣ мекард. Он вақт дар дохили вагон танҳо писари ноболиғи соҳибхона ҳузур дошт. Онҳо ба назди вагон наздик шуда, бо фиреб худро шиноси наздики соҳибхона муаррифӣ мекунанд, то боварии кӯдакро ба даст оранд. Баъдан ба дохили вагон ворид мешаванд. Барои амалӣ кардани нияти ҷиноятӣ, яке аз онҳо бо кӯдак шӯхӣ, бозӣ ва гӯштингирӣ карда, диққати ӯро ба худ ҷалб мекунад. Дар ҳамин ҳол, шахси дигар аз фурсат истифода бурда, дохили вагонро кофтуков намуда, либос ва дигар ашёҳоро ба ҳар тараф партофта, пинҳонӣ як планшет ва ду телефони мобилиро мегирад.

Пас аз ба даст овардани ашё, онҳо ба кӯдак баҳона оварда, ки гӯё коре доранд, аз дохили вагон баромада, аз ҷойи ҳодиса дур мешаванд. Кӯдак аз дуздӣ дарҳол огоҳ намешавад, зеро диққаташ парешон карда шуда буд.

Баъди дур шудан аз ҷойи ҳодиса, онҳо ашёи дуздидаро байни худ тақсим мекунанд: планшет ба Х. мерасад, ду телефони мобилӣ бошад ба ҳамроҳаш. Ҳамин тавр, онҳо бо роҳи пинҳонӣ молу мулки дигаронро тасарруф намуда, ба ҷабрдида зарари моддӣ мерасонанд» [379].

Дар парвандаи ноболиғ Х.С. дида мешавад, ки чӣ гуна низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар амал татбиқ мегардад. Дар натиҷаи содир шудани дуздӣ, ҳуқуқи моликияти шаҳрванд Ш. поймол гардида, тартиботи ҳуқуқӣ халалдор шудааст. Бо дахолати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баррасии судӣ, ин ҳуқуқҳо ҳимоя гардида, гунаҳкор муайян ва ба ҷавобгарӣ кашида шуд.

Ҳамин тавр, ин мисол нишон медиҳад, ки Қонунгузории ҷиноятӣ дар амал на танҳо барои ҷазо додан, балки барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъият, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва таъмин намудани тартиботу суботи иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Таҳлили мавқеъҳои дар адабиёти илмӣ овардашуда имкон медиҳад, ки зарурати ба инобат гирифтани хусусияти субъективии мақсадҳои ҳуқуқи

ҷиноятӣ асоснок дониста шавад, зеро маҳз Қонунгузор он субъектест, ки манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро расмӣ мегардонад ва ҳудуди таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян мекунад. Аз ин нуқтаи назар, мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятиро танҳо ҳамчун падидаҳои объективии пешакӣ муқарраргардида баррасӣ кардан дуруст нест, зеро онҳо натиҷаи ирода ва интихоби афзалиятҳои сиёсати Қонунгузор дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд.

Ҳамзамон, бо мавқеи С.Ю. Тимохин оид ба муайян намудани мақсади асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавон комилан розӣ шуд. Аз нигоҳи ӯ, чунин мақсад метавонад муқаррароти конститутсионӣ дар бораи арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бошад. Аммо ба назари мо, ин гуна фаҳмиш ба модели амалкунандаи танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, пурра мувофиқат намекунад, зеро Қонунгузор вазифаҳои Қонуни ҷиноятиро васеътар муайян кардааст.

Бешубҳа, ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳифзи шахсият ва ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи он пешбинӣ шудааст, вале таъиноти функсионалии он танҳо ба ин самт маҳдуд намегардад. Қонуни ҷиноятӣ ҳамзамон ба ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва давлат, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, сулҳ ва амнияти инсоният, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ равона шудааст. Ин гуногунрангии объектҳои ҳифзшаванда аз хусусияти комплексии вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад ва имкон намедиҳад, ки самти мақсадноки он танҳо ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс маҳдуд карда шавад.

Илова бар ин, иддаои мавриди баррасӣ дар сохтор ва мазмуни Кодекси амалкунандаи ҷиноятӣ далели кофии эътимодбахш намеёбад. Агар Қонунгузор воқеан ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун мақсади асосӣ ва афзалиятноки ҳуқуқи ҷиноятӣ мешуморид, ин ҳолат ногузир дар баҳогузории дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои дахлдор, инчунин дар хусусият ва вазнинии санксияҳо инъикос меёфт. Бо вуҷуди ин, таҳлили низоми КҶ нишон медиҳад, ки гарчанде шахсият аз лиҳози сохторӣ ҳамчун объекти дорои арзиши баландтари ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф шудааст,

дар амал таваҷҷуҳи бештар ба таъмини амнияти давлат, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти ҷамъиятӣ, инчунин манфиатҳои сулҳ ва амнияти инсоният равона гардидааст.

Дар ин замина мавқеи А.И. Бойко асосноктар ба назар мерасад, ки: «Тибқи он ҳангоми муайян намудани мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд аз самтгирии сиёсати ҷиноятӣ баромада, робитаи низомии ин падидаҳои ҳуқуқиро ба назар гирифт. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ на ба таври ҷудогона, балки дар доираи стратегияе, ки давлат дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ амалӣ менамояд, баррасӣ карда шаванд. Ин ба дарки мукаммалтар ва воқеъбинонаи мазмун ва таъиноти функсионалии онҳо мусоидат мекунад» [19, с. 639].

Бо вуҷуди он ки дар адабиёти илмӣ баҳсҳо оид ба моҳият ва мазмуни сиёсати ҷиноятӣ то ҳол идома доранд, одатан ҳамчун яке аз самтҳои асосии таъсири он пешгирӣ, коҳиш ва муътадилсозии сатҳи ҷиноятқорӣ, инчунин ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие, ки зери ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор доранд, арзёбӣ мегардад. Ин нишондиҳандаҳо самти амалии сиёсати ҷиноятӣ ва нақши онро дар низоми воситаҳои муқовимат ба ҷиноятқорӣ инъикос мекунанд.

Бо ҷонибдорӣ аз ин мавқеъ, бояд қайд намуд, ки дар маънои маҳдуд татбиқи чунин фаъолият танҳо ба меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ такя мекунад. «Маҳз Қонуни ҷиноятӣ воситаи асосии расмӣ гардондани чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, ҳуди криминализатсия ва декриминализатсия намудани кирдор, инчунин низоми санксияҳоро муайян мекунад, ки тавассути онҳо ба ҳолати ҷиноятқорӣ таъсир расонида шуда, ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти иҷтимоӣ таъмин мегардад» [8, с. 143]. Қонунгузории ҷиноятӣ ядрои сиёсати ҷиноятиро ташкил дода, бо адолат метавон онро сиёсати ҷиноятӣ дар маънои маҳдуд номид [32, с. 124; 320, с. 217; 209, с. 5-28]. Тавре ки Н. А. Лопашенко таъкид мекунад, ки: «Сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбат ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дар аввал мебошад; он вазифаҳои дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ гузошташударо муайян мекунад ва

асосан тавассути Қонунгузории ҷиноятӣ дар он таҷассум меёбад» [257, с. 64-71].

Ин муқаррароти назариявӣ дар он замина аҳаммияти махсус пайдо мекунанд, ки Кодекси ҷиноятӣ бояд ҳамчун шакли ягона ва марказии ифодаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ гардад. Аз ин рӯ, Қонуни ҷиноятӣ ядрои сиёсати ҷиноятии давлат мебошад. Ин ҳолат бештар дар Қисми махсуси Кодекс дида мешавад. Дар ҳамин қисм кирдорҳои ҷиноятӣ мушаххас гардида, номгӯйи амалҳое оварда мешавад, ки барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аҳаммияти махсус доранд. Маҳз дар ҳамин қисм механизми амалисозии сиёсати ҷиноятӣ тавассути муқаррар намудани манъкуниҳои мушаххаси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҷассум меёбад.

Муносибати мутақобилаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва сиёсати ҷиноятӣ ба Қонуниятҳои низомнокӣ итоат мекунад. Сиёсати ҷиноятӣ ҳамчун детерминанти берунаи ҳуқуқи ҷиноятӣ самти стратегии рушд ва фаъолияти онро муайян менамояд. Азбаски яке аз мақсадҳои калидии сиёсати ҷиноятӣ муқовимат ба ҷиноятқорӣ мебошад, ҳамин тавр метавон мақсади Қонуни ҷиноятӣ ва, аз ҷумла, низоми меъёрҳои Қисми махсуси Кодексро муайян кард. Дар айни замон бояд зикр намуд, ки дар доктринаи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқгузории мафҳумҳои «мақсад» ва «вазифа» на ҳамеша равшан аст: баъзан ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамзамон ҳамчун мақсад ва ҳамчун вазифа шарҳ дода мешавад. Ин мавқеъ баҳснок аст, зеро аз ҷиҳати функционалӣ ва мантиқӣ ин категорияҳо якхела нестанд.

Бояд таъкид кард, ки Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун шакли мушаххаси мавҷудияти ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавонад худ мақсади ниҳоии ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад. Ҳифз дар ин маврид вазифа, яъне натиҷаи мобайнии фаъолияти Қонуни ҷиноятӣ мебошад. Мақсади воқеии Қонунгузории ҷиноятӣ васеътар буда, дар муқовимат ба ҷиноятқорӣ ва нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ ифода меёбад. Азбаски Кодекси ҷиноятӣ ядрои сиёсати ҷиноятии давлат мебошад, маҳз тавассути он механизме амалӣ

мегардад, ки имкон медиҳад тавассути муқаррар намудани меъёрҳои танзимкунандаи кирдорҳои ҷиноятӣ ба ин мақсадҳо ноил гарданд.

Муайян кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ва муносибатҳое, ки бояд ҳифз шаванд, ҳанӯз мақсади охирини сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ нест. Ин бештар марҳилаест, ки тавассути он Қонун ба иҷрои вазифаҳои худ наздик мешавад. Ҳамин маънӣ дар қисми 2 моддаи 2 КҶ ҶТ низ омадааст: Кодекс асос ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муайян мекунад, кирдорҳои хавфнок барои шахс, ҷомеа ва давлатро ҷиноят мешиносад ва барои онҳо ҷазо ё чораҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, муқовимат ба ҷинояткорӣ вақте самаранок мешавад, ки ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи муқаррар кардани манъкуниҳои ҷиноятӣ амалӣ гардад.

Ҳамин тавр, низоми КҶ аз ибтидо бо мақсади муқовимат ба ҷинояткорӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ба вазифаи асосии Қонуни ҷиноятӣ мутобиқат намуда, таъиноти стратегии тамоми Қонунгузории ҷиноятиро инъикос менамояд. Дар ниҳоят, тавассути муқаррарсозии муназзами манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ на танҳо ҳифзи неъматҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ, балки амалисозии мақсади васеътар – нигоҳ доштани Қонуният, амнияти ҷамъиятӣ ва суботи тартиботи иҷтимоӣ таъмин мегардад.

Моҳияти таҳлили мақсадҳои Кодекси ҷиноятӣ аз хусусиятҳои амалисозии вазифаҳо ва функсияҳои он бармеояд. Таҳқиқи нуқтаҳои назари назариявӣ нишон медиҳад, ки: «Дар илм фаҳмиши функсияи ҳуқуқ ҳамчун самти муайяни таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда васеъ паҳн шудааст. Аз ҷумла, ба андешаи С. С. Алексеев, функсияҳои ҳуқуқ самтҳои мушаххаси таъсиррасонии ҳуқуқӣ мебошанд, ки нақши ҳуқуқро дар ташкил ва танзими робитаҳои ҷамъиятӣ инъикос менамоянд» [9, с. 359]. В.Д. Филимонов қайд мекунад, ки «функсияҳои ҳуқуқ ин нақши иҷтимоиест, ки он дар ташкил (танзим) намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ иҷро мекунад ва бо самт ва усули танзими ҳуқуқӣ муайян мегардад» [171, с. 196]. Ф.Н. Фаткуллин функсияҳоро ҳамчун самтҳои асосии таъсири ҳуқуқ ба рушди ҷомеа шарҳ медиҳад. Ба андешаи ӯ, ин самтҳо аз моҳият, мақсад ва ҷойи ҳуқуқ дар ҳаёти

иҷтимоӣ бармеоянд [168, с. 334]. М.И. Байтин бошад, функсияҳоро, зикр месозад, ки: «Самтҳо ва паҳлуҳои муҳимтарини таъсиррасонии ҳуқуқ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар онҳо табиати умумиинсонӣ ва иҷтимоии ҳуқуқ зоҳир мегардад мешуморад» [196, с. 4-16].

Бо мавқеи олимоне, ки таъкид менамоянд амалӣ гардидани функсияҳои ҳуқуқ бидуни иштироки давлат ва мақомоти он, инчунин бидуни истифодаи воситаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ғайриимкон аст, бояд розӣ шуд. Ба ибораи дигар, ҳуқуқ нерӯи танзимкунандаи худро на ба таври абстрактӣ, балки тавассути фаъолияти муташаккили сохторҳои давлатӣ, муқаррар намудани меъёрҳо дар Қонун ва татбиқи амалии онҳо зоҳир месозад.

Б.В. Шейдлин ба таври асоснок таъкид мекард, ки ба нақши танзимкунандаи ҳуқуқ ҳамаи шаклҳои таъсиррасонии ҳуқуқии давлат ба рафтор ва фаъолияти одамон мансуб дониста шаванд. Ӯ таъкид менамуд, ки: «Раванди амалишавии ҳуқуқ аз чанд марҳилаи ба ҳам вобаста иборат аст: аз лаҳзаи қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оғоз шуда, тавассути татбиқи расмии онҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдор идома меёбад ва бо таъмин намудани иҷрои меъёрҳои ҳуқуқ дар муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ анҷом меёбад. Ҳамзамон, дар ҳолатҳои муайян барои расидан ба мақсадҳои танзим қувваи маҷбуркунандаи дастгоҳи давлатӣ низ метавонад ҷалб гардад, ки самаранокии таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва риояи меъёрҳои муқарраршударо таъмин мекунад» [176, с. 140]. Ба андешаи С. А. Комаров, «функсияҳои ҳуқуқ метавонанд ҳамчун самтҳои калидии таъсиррасонии меъёрӣ-ҳуқуқии давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шаванд, ки муҳтавои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии танзимро инъикос менамоянд» [61, с. 314].

Мавқеъҳои овардашуда яке аз тарзҳои функсияронии ҳуқуқ, яъне таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқиро инъикос мекунанд. Ин ҳолат ҳангоми муайян кардани функсияҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо назардошти он ки, мувофиқи муқаррароти

м. 1 КҶ ҶТ, маҳз ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун шакли ягонаи танзимнамоӣ дар ин соҳа баромад менамояд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ин андешаҳо барои фаҳмидани функсияҳои ҳуқуқ дар маънои умумӣ асос медиҳанд. Дар ҳамин замина баъдтар функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ муайян карда мешаванд. Фарқ танҳо дар он аст, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ предмет ва тарзи таъсири худро дорад, бинобар ин функсияҳои он низ бо ҳамин хусусиятҳо ҷудо мешаванд. Масалан, С.Ю. Тимохин таърифи зеринро пешниҳод мекунад: функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ - ин «хусусиятҳои объективӣ, нисбатан устувор ва махсуси ин соҳаи ҳуқуқ ҳамчун танзимгари ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бо хусусиятҳои предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян шуда, имкони амалисозии вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин мекунанд» [364, с. 18]. Бо ин таъриф метавон розӣ шуд. Аммо пеш аз тавсифи функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Қонуни ҷиноятӣ зарур аст таносуби ин мафҳумро бо чунин падидаи ҳуқуқӣ чун вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дақиқ намоем.

Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, вобастагии функсияҳои ҳуқуқ аз вазифаҳои он чандин маротиба зоҳир мешавад: «Якум, вазифаҳо аксар вақт худи мавҷудияти функсияҳоро муайян мекунанд; дуюм, онҳо мазмуни функсияҳоро муқаррар месозанд; сеюм, таъсири бештарро вазифаҳо ба шаклҳо ва усулҳои татбиқи функсияҳо тавассути муайян намудани самтҳои мушаххаси таъсиррасонии ҳуқуқӣ мерасонанд» [128, с. 142]. Чунин нуқтаи назар афзалияти вазифаҳои ҳуқуқро нисбат ба функсияҳои он таъкид мекунад. Бо вуҷуди ин, андешаҳои дигар низ мавҷуданд. Масалан, Б. Т. Разгилдиев чунин меҳисобад, ки: «Вазифа наметавонад унсури муайянкунандаи функсияи ҳуқуқ бошад; он танҳо метавонад зери таъсири функсия ташаккул ёбад, зеро аз мавқеи функсияҳои ҳуқуқ вазифа омили беруна маҳсуб мешавад. Ба андешаи ӯ, хусусияти дохилии ҳуқуқ, яъне функсияи он унсури муайянкунанда мебошад» [129, с. 226]. М. П. Трофимова ин мавқеъро танқид намуда, ба хулоса меояд, ки: «Вазифа бештар категорияи субъективӣ аст: ҳар гуна фаъолият пеш аз оғоз гузоштани мақсад ва вазифаҳоро талаб мекунад. Дар ин замина,

Қонунгузор нахуст соҳаи муайяни ҳуқуқро шакл медиҳад ва сипас вазифаҳои онро, гӯё аз хусусиятҳои моҳиятии он бароварда, муайян мекунад. Ба андешаи муҳаққиқ, чунин мавқеъ бо пайдарҳамии мантиқӣ ва сохтори дохилии танзими ҳуқуқӣ мувофиқат наменамоя» [366, с. 208].

Вазифаҳо ва функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан дар робитаи ногусастанӣ баррасӣ мегарданд. Бархе муаллифон чунин мешуморанд, ки: «Мафҳуми «функсияҳои ҳуқуқ» вазифаҳо ва тарзҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятиро дар худ ҷамъ намуда, дар ягонагӣ мақсадҳо ва усулҳои танзими онҳоро муайян мекунад, яъне дар маҷмӯъ предмет, вазифаҳо ва усули танзимро инъикос менамояд» [136, с. 188]. Дигарон андеша доранд, ки «ҳар чӣ гуна мазмун ба ин мафҳумҳо дода шавад ҳам, онҳо бешубҳа бо предмети танзим ва усулҳои ин танзим, ки тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ мегарданд, зич вобастаанд… вазифа чизест, ки аз берун ба иҷрокунанда дода мешавад; ҳуқуқ бошад худ онро ба шакли муайян медарорад [56, с. 146]. Он аз шароити моддии зиндагӣ ҳамчун падидаи объективию Қонунӣ ба миён гузошта мешавад, ки бояд ҳал гардад. Функсия бошад - нақшест, ки худи ҳуқуқ иҷро мекунад. Мазмуни ин нақшро вазифаҳои ҳуқуқ муайян месозанд».

Дар ҳуқуқшиносӣ функсия ва вазифа як маъно надоранд. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Қонунгузории ҷиноятӣ ҳар кадом вазифа ва самти таъсири худро доранд. Фарқ гузоштан миёни онҳо барои он зарур аст, ки мазмуни ин мафҳумҳо ва тарзи амалӣ шудани онҳо дуруст фаҳмида шавад. Масалан, В. В. Малсев чунин мешуморад, ки функсияи Қонунгузории ҷиноятӣ мустақиман ба вазифаҳои он баробар нестанд, ҳатто агар онро танҳо ҳамчун нақши Қонун баррасӣ намоем. Ғояи асосӣ дар он ифода меёбад, ки ҳам вазифаҳо ва ҳам функсияҳо аз ҷониби Қонунгузор ба таври расмӣ муайян ва муқаррар карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, мазмун ва самти онҳо худсарона нест, балки аз шароити воқеӣ ва объективии ҳаёти иҷтимоӣ, яъне аз ниёзҳо ва воқеияти мавҷудаи ҷомеа, сарчашма мегирад.

Ба ибораи дигар, Қонунгузор вазифа ва функсияҳоро муайян мекунад, аммо онҳо дар асоси талабот ва шароити воқеии рушди ҷамъият ташаккул меёбанд.

Қонун танҳо ҳамон функсияҳо ва вазифаҳоеро амалӣ месозад, ки Қонунгузор ба ӯ вогузор кардааст; дар ин ҳолат нақши иҷрокунанда - хоҳ мақомоти давлатӣ бошад, хоҳ шахси мансабдор ба ин муқаррарот тобеъ буда, ҳангоми татбиқи вазифаҳо ва иҷрои функсияҳои Қонунгузории ҷиноятӣ ба таври якхела маҳдуд мегардад. Ҳамзамон, функсияи Қонун ҳамчун хусусияти дохилии табиати он, ҳамчун зоҳиршавии хусусиятҳои объективии ба он хос фаҳмида мешавад, ки «ҳаёту фаъолияти» меъёрро дар заминаи иҷтимоӣ инъикос менамоянд. Он дар асоси омилҳои воқеияти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, мазмун ва самти таъсиррасонии Қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунад.

Баръакси функсия, вазифаи Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун унсуре дарк мегардад, ки «аз берун» аз ҷониби Қонунгузор пешниҳод гардидааст. Он самтҳои мақсаднокро инъикос менамояд, ки аз берун муқаррар шуда, муайян месозанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ба кадом натиҷаҳо оварда расонанд. «Аммо вазифаҳо ҳамеша дар муносибатҳои беруна бо табиати дохилаи Қонун қарор дошта, дорои он дараҷаи аҳаммияти мустақил нестанд, ки ба функсияҳо хос мебошад. Функсия аз дохил ҳамчун натиҷаи робитаи мутақобилаи меъёрҳои Қонунгузорӣ бо шароити воқеии иҷтимоӣ ташаккул меёбад, дар ҳоле ки вазифа ҳамчун воситаи амалисозии ин меъёрҳо вуҷуд дошта, наметавонад моҳияти дохилии онҳоро муайян намояд» [262, с. 194-195].

Ҳар яке аз ин назарҳо асоси худро дорад. Бо вуҷуди ин, онҳо одатан функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷойи Қонун ва таъсири вазифаҳоро ба ин раванд танҳо аз як ҷиҳат нишон медиҳанд. Дарки пурраи ин категорияҳо баррасии робитаи мутақобила ва боҳам таъсиррасони низомноки онҳоро тақозо мекунад, зеро функсияҳо, вазифаҳо ва мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сохтори ягонаи динамикиро ташкил медиҳанд, ки дар он ҳар як унсур дигареро муайян ва ислоҳ намуда, мазмуни онҳоро ғанӣ мегардонад.

Ба назари мо, ҷанбаи калидӣ дар масъалаи таносуби вазифаҳо, функсияҳо ва мақсадҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ - ин робитаи пайваста ва вобастагии мутақобилаи онҳо мебошад. Вазифаҳоро метавон ҳамчун дастурҳои барномавии низом баррасӣ намуд, ки самтҳои рушд ва фаъолияти онро муайян месозанд. Вобаста ба он ки чӣ гуна натиҷаҳои мобайнии иҷрои ин вазифаҳо муайян ва амалӣ мегарданд, ҳаракати низом ба сӯи мақсади ниҳоӣ ташаккул меёбад. Функсияҳо бошад, вектори амалии низом, маҷмуи чорабиниҳои зарурӣ ва усулҳои мушаххаси амалисозии нақши ибтидоии Қонунро муайян намуда, иҷрои таъиноти дохилии онро таъмин мекунанд.

Барои низоми Қонуни ҷиноятӣ ин Қонуният ба таври равшан зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, маълум аст, ки Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ифодаи расмии мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ногузир функсияҳои онро иҷро менамояд. Дуюм, Кодекси ҷиноятӣ аз ҷониби Қонунгузор на танҳо барои муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки барои низомсозӣ, ягонагӣ, мантиқи дохилӣ, мутобиқат ва ҳамоҳангии онҳо таҳия шудааст. Аз ин рӯ, Кодекси ҷиноятӣ низоми ҳам мазмунӣ ва ҳам мантиқӣ-шаклиро ташкил медиҳад, ки дар он меъёрҳои алоҳида ба таври мутақобила пайваст ва сохторбандӣ шудаанд, то ки ягонагии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро таъмин намоянд.

Дар ин замина, вазифаи Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун шакли ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд барасмиятдарорӣ ва низомсозии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дониста шавад, ки татбиқи самараноки онҳоро таъмин намуда, ба амалисозии функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалияи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. «Мо комилан мавқеи муҳаққиқонро ҷонибдорӣ менамоем, ки муқаррар намудани вазифаҳои Қонуни ҷиноятӣ дастоварди муҳимми андешаи ҳуқуқшиносии миллӣ ва нишонаи сатҳи баланди техникаи Қонунэҷодкунӣ мебошад. Ин мавқеи меъёрӣ имкон медиҳад, ки на танҳо самтҳои рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дақиқ муайян шаванд, балки механизмҳое низ фароҳам оварда шаванд, ки ягонагӣ ва ҳамоҳангии мантиқии тамоми танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро таъмин менамоянд» [127, с. 295]. Ғайр аз вазифаи барасмиятдарории муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки қаблан зикр гардид, Қонунгузор мутобиқи қ.1 м.2 КҶ ҶТ

вазифаҳои дигарро низ муайян намудааст, ки ба ҳифзи неъматҳои калидии ҷамъиятӣ равона шудаанд. Ба ин доира ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ, ахлоқ, моликият, сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, инчунин таъмини сулҳ ва амнияти башарият дохил мешаванд. Илова бар ин, Қонунгузории ҷиноятӣ вазифаи пешгирии ҷиноятҳоро низ дар назди худ мегузорад, ки яке аз самтҳои бунёдии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

Бисёр муҳаққиқон бар онанд, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Қонуни ҷиноятӣ асосан ду вазифаи бо ҳам пайванд доранд: ҳифзи неъмату манфиатҳои Қонунии ҷомеа ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳо. Ин мавқеъ қобили дастгирист, зеро хусусияти низомии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро инъикос менамояд. Кодекси ҷиноятӣ бо муайян кардани асосу принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, доираи кирдорҳои хавфнок барои шахс, ҷомеа ё давлат, инчунин намудҳои ҷазо ва чораҳои дигари ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ вазифаи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятиро иҷро мекунад. Ҳамзамон, ташаккули манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо нисбат ба шахси ҷиноят содирнамуда ифодаи мушаххаси пешгирии умумӣ ва хусусӣ буда, ҳам таъсири пешгирикунанда ва ҳам таъсири сазодиҳандаи Қонунро таъмин мекунад.

Бо вуҷуди он ки вазифаҳои Қонуни ҷиноятӣ ба таври дақиқ дар Қонун муқаррар шудаанд, як қатор муаллифон ба камбудиҳои муайяни муқаррароти қ.1 м. 2 КҶ ҶТ ишора менамоянд. Аз ҷумла, нопурра будани номгӯйи неъматҳои ҳифзшаванда ва мутобиқат надоштани он бо низоми Қисми махсуси Кодекс, ки дар он объектҳои ҳифзшаванда назар ба объектҳои дар Қисми умумӣ инъикосшуда бештар муайян гардидаанд, мавриди танқид қарор дода мешавад.

Бо дарназардошти ин, Қисми махсуси КҶ ҶТ вазифаҳои мушаххаси марбут ба ҳифзи доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳоро муайян менамояд. Ба ин доира чанд самти асосӣ дохил мешавад. Пеш аз ҳама, Қонун шахсият ва ҳуқуқҳои ӯро ҳимоя мекунад: ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, шаъну

эътибор, дахлнопазирии ҷинсӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, инчунин оила ва ноболиғон.

Ҳамчунин моликият, фаъолияти иқтисодӣ ва манфиатҳои хизматӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо зери ҳимоя қарор мегиранд.

Қисми дигар ба амнияти ҷамъиятӣ ва тартибот вобаста аст. Дар ин ҷо сухан дар бораи саломатии аҳолӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, амнияти нақлиётӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва маълумоти компютерӣ меравад.

Ғайр аз ин, Қонун асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, хизмати давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, адолати судӣ, тартиботи идоракунӣ ва хизмати ҳарбиро низ ҳифз мекунад.

Дар сатҳи васеътар бошад, ҳифзи сулҳ ва амнияти инсоният низ ба ҳамин низом дохил мешавад.

Ғайр аз ин, вазифаи Қисми махсус пешгирии содиршавии ҷиноятҳо нисбат ба объектҳои зикршуда, барасмиятдарории манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мушаххас намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо тавассути муқаррар намудани санксияҳо барои содир намудани онҳо мебошад.

Бояд таъкид кард, ки ҳарчанд Қисми махсуси Кодекс вазифаҳои хоси худро амалӣ менамояд, миқёси онҳо наметавонад аз вазифаҳои тамоми Қонуни ҷиноятӣ зиёд бошад, зеро он ҳамчун қисми низоми ягонаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ фаъолият мекунад. Дар сарчашмаҳои назариявӣ барои бартараф намудани номутобиқатиҳои низомӣ байни Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ чораҳои муайян пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, Ю. Е. Пудовочкин ва С. С. Пирвагидов пешниҳод менамоянд, ки вазифаҳои Қонуни ҷиноятӣ бо номгӯйи ҳама объектҳои хелии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, бо истиснои хизмати ҳарбӣ ҳамчун намуди хизмати давлатӣ, пурра карда шаванд. Ғайр аз ин бояд дар вазифаҳои Қонуни ҷиноятӣ инчунин ҳифзи дигар манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат мушаххас карда шавад.

Аммо, ба андешаи Н. А. Лопашенко: «Моҳияти баҳс на дар номбар кардани одии объектҳое мебошад, ки ба асоси фаслҳои Кодекс гузошта шудаанд, балки дар муайян намудани дақиқи он аст, ки кадом объектҳо бояд бо воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифз карда шаванд. Ин зарурати муносибати низомнокро нишон медиҳад, ки дар доираи он вазифаҳои Қисми махсус бо мақсадҳо ва функсияҳои умумии Қонуни ҷиноятӣ ҳамоҳанг карда мешаванд ва муқаррар намудани объектҳои ҳифз бо назардошти аҳаммият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии таҷовузҳо сурат мегирад» [257, с. 64-71].

Ба назари мо, муайян ва фардисозии объектҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ниёз доранд, вазифаи хоси Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мебошад. Дар айни замон, дар доираи Қисми умумии Кодекс бояд вазифаи умумии Қонуни ҷиноятӣ яъне ҳифзи шахсият, ҷомеа, давлат, инчунин сулҳ ва амнияти инсоният аз таҷовузҳои хавфноки ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятҳо муқаррар гардад.

Тавсифи чунин вазифаи умумӣ имкон медиҳад, ки муқаррароти Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекс бе он ки принсипи Қонуният халалдор гардад ҳамоҳанг карда шаванд. Ҳатто дар таҳрири амалкунандаи қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ, инчунин бо дарназардошти тағйироти пешниҳодшаванда, муқаррароти қ. 2 м.2 Кодекс аз Қонунгузор талаб менамояд, ки аломатҳои таркиби ҷиноятҳоро муайян ва онҳоро ҷиноят эътироф намояд, ки мутобиқи м. 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи умумии Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун самти стратегии фаъолияти он баромад намуда, фаъолияти ҳамоҳанги тамоми унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд.

Вазифаҳои Қонун самти кори онро муайян мекунанд. Аз ҳамин ҷо функсияҳои Қонуни ҷиноятӣ ва Қисми махсуси он ба миён меоянд. Функсияро метавон ҳамчун амали воқеии низом фаҳмид: низом тавассути он вазифаҳои худро ичро мекунад ва ба мақсадҳои пешбинишуда мерасад. Аммо чунин низом танҳо дар дохили худ амал намекунад. Барои нигоҳ доштани устувории худ, он ҳам бо унсурҳои дохилӣ ва ҳам бо муҳити беруна робита дорад. Аз

ҳамин сабаб, дар таҳлили низомӣ одатан функсияҳои дохилӣ ва беруна ҷудо карда мешаванд.

Функсияҳои беруна нишон медиҳанд, ки низом ба муҳити атроф чӣ гуна ҷавоб медиҳад ва унсурҳои он бо омилҳои беруна чӣ гуна робита мекунанд. Барои онҳо чанд хусусият хос аст: фаъолияти нисбатан устувор ва пайваста, доштани самти муайяни таъсир, робитаи дуҷониба бо муҳит ва равона будан ба натиҷаи мушаххас.

Функсияҳои дохилӣ бошад, бештар ба тартиби кори худи низом дахл доранд. Низом танҳо вақте метавонад ба муҳити беруна таъсир расонад, ки дар дохили худ ягонагӣ ва тавозун дошта бошад. Яъне унсурҳои он бояд бо ҳам мувофиқ амал кунанд ва дар доираи як маҷмуи ягона пайваст бошанд.

Дар Қонуни ҷиноятӣ функсияҳои беруна пеш аз ҳама бо ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятҳо алоқаманданд. Онҳо бо функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқ буда, таъсири мақсадноки Қонунро ба муҳити иҷтимоӣ, яъне ба муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳанд.

Яке аз чунин функсияҳо функсияи ҳифзкунанда мебошад. Мазмуни он дар ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятӣ, неъматҳо, манфиатҳо, ҳуқуқ ва озодиҳо ифода меёбад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин функсия ҳамчун яке аз функсияҳои асосӣ эътироф шудааст. Дар назарияи умумии ҳуқуқ низ ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан ҳамчун соҳаи дорои хусусияти ҳифзкунанда баррасӣ мешавад: меъёрҳои он ҳуқуқу уҳдадориҳои мустақил муқаррар намекунанд, балки чораҳои таъсиррасонии давлатиро нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон муайян намуда, вазифаи муҳофизатиро иҷро мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки: «Кодекси ҷиноятӣ функсияҳои ҳифзкунанда ва пешгирикунандаро амалӣ менамояд. Онҳо тавассути муқаррар намудани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян намудани доираи амали Қонуни ҷиноятӣ, муқаррар намудани мафҳуми ҷиноят, низоми ҷазо ва озод намудан аз он, криминализатсияи кирдорҳо ва муқаррар намудани чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ зоҳир мегарданд. Ҳамин тариқ, функсияҳои Қонуни ҷиноятӣ

механизми асосии амалисозии вазифаҳо ва мақсадҳои он буда, танзими низомӣ ва мақсадноки муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноятҳо ва ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷомеа ва давлатро таъмин менамоянд» [82, с. 611].

В.Д. Филимонов, ки функсияи ҳифзкунандаро дар як таҳқиқоти ҷудогона баррасӣ кардааст, онро вазифаи асосии иҷтимоии ин соҳаи ҳуқуқ мешуморад. Ба андешаи ӯ: «Функсияи ҳифзкунанда тавассути таъсири низомии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шахсият, ҷомеа ва давлат, бо истифода аз механизмҳои маҷбуркунӣ ва ҳавасмандкунӣ амалӣ мегардад. Қонун ба шахсоне, ки қобили содир намудани ҷиноятанд ё аллакай онро содир намудаанд, таъсир расонида, онҳоро ба рафтори Қонунӣ водор месозад. Ҳамзамон, ҳуқуқи ҷиноятӣ шаклҳои рафтореро ҳавасманд мекунад, ки ба даст кашидан аз кирдорҳои ҷиноятӣ ва пешгирии оқибатҳои хавфноки онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, функсияи ҳифзкунанда унсурҳои сазодиҳӣ ва пешгирикунандаро муттаҳид намуда, низоми муассири ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахсият, ҷомеа ва давлатро ташкил медиҳад» [172, с. 252].

В.Д. Филимонов минбаъд таъкид мекунад, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ функсияи ҳифзкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалӣ шудани вазифаҳои Қонунгузории ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Ин вазифаҳо тавассути манъ кардани таҷовузҳои ҷиноятӣ, ҳавасманд намудани рафтори пешгирикунанда ва меъёрҳое иҷро мешаванд, ки тартиби татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро муайян мекунанд.

Ба назари мо, ин таъриф моҳияти функсияи ҳифзкунандаро ба таври нисбатан мукаммал инъикос намуда, ҷанбаҳои пешгирикунанда ва сазодиҳандаи онро муттаҳид месозад.

Ба андешаи мо, пояи функсияи ҳифзкунандаи Қонуни ҷиноятӣ Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад. Дар ҳақиқат, муқаррароти Қисми умумӣ худ аз худ имкони воқеии ҳифзи самараноки муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятиро фароҳам намеоранд. Бе Қисми махсус, ки объектҳои ҳифз ва кирдорҳои

ҷиноятиро мушаххас месозад, объекти дақиқи ҳифз мавҷуд намебуд ва функсияи ҳифзкунанда хусусияти декларативӣ мегирифт.

Бо вуҷуди ин, набояд нақши Қисми умумии Кодекс кам арзёбӣ шавад. Муқаррароти консептуалии Қисми умумӣ, аз ҷумла асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазо, озодшавӣ аз он ва дигар институтҳои калидӣ, заминаи сохторӣ ва мантиқии амалӣ Қонуни ҷиноятиро таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин, бидуни мушаххас намудани манъкуниҳо нисбат ба содир намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок, чунин муқаррарот хусусияти абстрактӣ касб намуда, аз таъсири воқеии амалӣ маҳрум мемонанд.

Дар қ. 1 м.2 КҶ ҶТ вазифаи умумии Қонуни ҷиноятӣ нишон дода шудааст, вале маҳз дар Қисми махсус меъёрҳое муқаррар мегарданд, ки манъкуниҳои мушаххаси ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян намуда, амалишавии функсияи ҳифзкунандаро таъмин мекунанд. Ин меъёрҳо барои ҷудо кардани объектҳои ҳифз ва муайян намудани он хизмат мекунанд, ки кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд аз таҷовузҳои ҷиноятӣ муҳофизат шаванд. Ин ҳолат бо вазифаҳои Қисми махсус пурра мувофиқ аст.

Бояд таъкид кард, ки функсияи ҳифзкунанда ба тамоми Қонуни ҷиноятӣ хос аст, вале ҳифзи неъматҳои мушаххаси ҷамъиятӣ танҳо тавассути Қисми махсус амалӣ мегардад. Масалан, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс дар амал маҳз тавассути он меъёрҳои Қисми махсус таъмин мегардад, ки ба муҳофизати ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, шаъну эътибор, озодии ҷинсӣ ва ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ равона шудаанд.

Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои мушаххаси таркиби ҷиноятро муқаррар намуда, манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ташаккул медиҳад, ки содиршавии ҷиноятҳоро пешгирӣ намуда, амалишавии воқеии функсияи ҳифзкунандаро таъмин мекунад. Худи мавҷудияти Қисми махсус зуҳроти равшани пешгирии умумӣ мебошад, зеро Қонун ба шахсони эҳтимолӣ ва воқеии ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонида, онҳоро аз содир намудани ҷиноят бозмедорад.

Дар мавриди функсияи пешгирикунанда бояд зикр кард, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мақоми мустақили он баҳсҳои гуногун вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, худи мавҷудияти он дар илм мавриди инкор қарор надорад. Ихтилоф асосан ба он вобаста аст, ки оё онро бояд ҳамчун функсияи ҷудогона баррасӣ намуд ё ҳамчун ҷанбаи функсияи ҳифзкунанда арзёбӣ кард.

Масалан, В.В. Похмелкин таъкид менамуд, ки: «Ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии аз ҳама муҳим тавассути пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва барқарор намудани муносибатҳои вайроншуда амалӣ мегардад, ки ин омезиши ҷанбаҳои пешгирикунанда ва барқароркунандаи функсияи ҳифзкунандаро инъикос менамояд» [119, с. 175]. Мавқеи монандро В.Г. Смирнов низ ҷонибдорӣ намуда, қайд кардааст, ки: «амалисозии функсияи ташкилии ҳуқуқи ҷиноятӣ, мисли функсияи ҳифзкунанда, дар ниҳоят ба пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав равона шудааст» [136, с. 188].

Мо бо ин назар розӣ ҳастем. Муносибатҳои ҷамъиятиро самаранок ҳифз кардан душвор аст, агар ба гурӯҳҳои эҳтимолан хавфнок таъсири пешгирикунанда расонида нашавад ва нисбат ба шахсони ҷиноят содиркарда чораҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ татбиқ нагарданд.

«Таъсири пешгирикунандаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ тавассути мушаххас намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо дар муқаррароти он амалӣ мегардад. Ин имкон медиҳад, ки ҳам вазифаҳои хусусӣ - пешгирии ҷиноятҳои алоҳида, ва ҳам мақсади умумии Қонунгузории ҷиноятӣ - пешгирии маҷмуи тамоми кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ таъмин гардад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври асоснок функсияи ҳифзкунанда-пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷудо карда мешавад» [85, с. 339].

Яке аз масъалаҳои баҳсӣ функсияи танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Дар бораи он миёни муҳаққиқон андешаҳои гуногун ҷой доранд. Аз ҷумла, В.Д. Филимонов нақши танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятиро пурра рад карда, чунин менависад: «танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ на функсия, балки тарзи амалисозии он мебошад, ки вобаста ба вазифаҳои дар назди Қонунгузории ҷиноятӣ гузошташуда метавонад ба натиҷаҳои гуногун равона

шавад» [172, с. 252]. Ин мавқеъро баъзе муҳаққиқони дигар низ ҷонибдорӣ менамоянд [211, с. 16-20].

Бо ин ҳама, дар баъзе сарчашмаҳо Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун дорои нақши танзимкунанда баррасӣ мешавад. Масалан, М.И. Ковалёв қайд мекунад, ки аз замони ба вуҷуд омадани манъи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, он ҳамаи шахсонро водор месозад, ки аз рафтори муайяни зараровар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ худдорӣ намоянд [56, с. 146]. Ба андешаи Б. С. Никифоров, «агар чунин ҳисоб карда шавад, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо муносибатҳои ҷамъиятиро ҳифз менамояд, пас саволе ба миён меояд, ки кадом соҳаҳои ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиро, ки аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз мешаванд, масалан, ҳангоми одамкушӣ ва дигар ҷиноятҳо ба муқобили шахсият танзим мекунанд» [104, с. 229]. А. А. Чистяков, ки: «Механизми ҷавобгарии ҷиноятиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, асоснок менамояд, ки худи воқеаи табдил ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба предмети ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи маҳз функсияи танзимкунанда тавассути таъсири меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат мегирад» [368, с. 56]. Мавҷудияти функсияи танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятиро, инчунин А.В. Наумов эътироф менамояд ва таъкид мекунад, ки: «Манъкуниҳои ҷиноятӣ ба шаҳрвандон уҳдадории худдорӣ намудан аз содир намудани ҷиноятро вогузор менамояд ва аз ин рӯ, ба танзими рафтори одамон дар ҷомеа равона гардидааст» [80, с. 767]. Ба назари А.И. Коробеев: «Ҷанбаи мазмунии функсияи танзимкунанда аз танзими муносибатҳое иборат аст, ки байни давлат ва шаҳрванд дар натиҷаи аз ҷониби охирин содир намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок ба вуҷуд меоянд» [132, с. 602].

Муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо манъи содир кардани кирдорҳои муайянро дар бар намегиранд. Дар онҳо ҳамчунин уҳдадории давлат барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор ва истифодаи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ пешбинӣ мешавад. «Ин меъёрҳо муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил ва танзим намуда, иштирокчиёни онҳоро бо ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххас таъмин мекунанд, ки ин зуҳуроти функсияи танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ

мебошад. Дар айни замон, дуруст қайд мегардад, ки меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири мустақим намерасонанд, дар ҳоле ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути таҳдиди татбиқи санксияҳои сахт нақши калидӣ мебозанд» [205, с. 120-127].

Амалӣ гардидани функсияи ҳифзкунандаи Қонуни ҷиноятӣ тавассути Қисми махсуси Кодекс ба шарофати он таъмин мегардад, ки маҳз дар ҳамин қисм манъкуниҳои расмии содир намудани кирдорҳои мушаххаси хавфнок муқаррар шудаанд. Ғайр аз ин, Қисми махсус аломатҳои зарурии таркиби ҷиноят ва меъёрҳои бандубасти онро равшан мекунад, инчунин санксияҳоро пешбинӣ менамояд. Ҳамин чиз имкон медиҳад, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо дақиқтар муайян гардад. Маҳз ҳамин меъёрҳо модели рафтори давлатро дар ҳолати вайрон шудани манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян намуда, таъсиррасонии низомнок ва мақсаднок ба ҳуқуқвайронкунандагони эҳтимолӣ ва воқеиро таъмин мекунанд.

Ғайр аз функсияҳои ҳифзкунанда-пешгирикунанда ва танзимкунанда, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин функсияи тарбиявӣ ҷудо карда мешавад. Он ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба Қонун дар шаҳрвандон равона шудааст. Бо вуҷуди ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбат ба мавҷудияти мустақили ин функсия мавқеъҳои зид низ баён шудаанд. Аз ҷумла, Н.А. Лопашенко қайд менамояд, ки: «Ҷудо кардани функсияи тарбиявӣ зарурати махсус надорад, зеро Қонуни ҷиноятӣ мустақиман ба тарбияи шахс машғул намешавад ва вазифаи асосии он ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешгирии ҷиноятҳо мебошад» [85, с. 339].

Ҳамин тавр, функсияи тарбиявӣ, гарчанде дар илм эътироф шудааст, бештар хусусияти ғайримустақим дошта, тавассути механизмҳои ҳифзкунанда ва пешгирикунандаи Қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ мегардад, аз ҷумла тавассути муқаррар намудани манъкуниҳо ва санксияҳо, инчунин пешбинӣ намудани ҷазо ва ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд [3]. Дар мавриди функсияи тарбиявии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва Қонуни ҷиноятӣ, В. В. Малсев қайд менамояд, ки: «Маҳз ҳуқуқи ҷиноятӣ,

шояд бештар аз ҳар соҳаи дигари ҳуқуқ, ба шуури ҳуқуқии ҷамъият ва ба ғояҳои адолате, ки дар ҷомеа мавҷуданд, такя мекунад. Бо вуҷуди ин, ба андешаи ӯ, фаъолияти тарбиявӣ набояд ҳамчун функсияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ шавад; агар чунин фаъолият вуҷуд дошта бошад, он ба Қонуни ҷиноятӣ тааллуқ дорад, на ба соҳаи ҳуқуқ дар маҷмӯъ» [93, с. 531].

Ба назари мо, мувофиқ аст, ки функсияи тарбиявӣ ҳам нисбат ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дар маҷмӯъ ва ҳам нисбат ба Қонуни ҷиноятӣ ҷудо карда шавад. Ҳанӯз Л.И. Петражитский таъкид намуда буд, ки: «Ҳуқуқ ба шуури фардӣ ва оммавии одамон таъсири устувор ва назаррас расонида, рафтори аз нигоҳи иҷтимоӣ қобили қабулро ҳавасманд намуда, зуҳуроти рафтори зиддиҷамъиятиро маҳдуд месозад» [113, с. 318]. Ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути Қонуни ҷиноятӣ ифода меёбад. Аз ҳамин сабаб, маҳз Қонуни ҷиноятӣ воситаи асосии таъсири тарбиявӣ ба ҷомеа ба шумор меравад. Дар айни замон, бояд ба назар гирифт, ки функсияи тарбиявӣ тавассути як қатор механизмҳо амалӣ мегардад: иттилоотонии шаҳрвандон дар бораи санадҳои меъёрии қабулшуда, ки дар нашрияҳои расмӣ интишор мешаванд; шарҳи сабабҳо ва ҳадафҳои қабули ин санадҳо, инчунин мазмуни онҳо; огоҳ намудани аҳолӣ дар бораи оқибатҳои номатлубе, ки ҳангоми вайрон намудани меъёрҳо ба миён омада метавонанд; расонидани маълумот дар бораи натиҷаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо, прокуратура ва дигар мақомоти ваколатдор.

Хусусияти махсуси амалисозии функсияи тарбиявӣ тавассути Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар он аст, ки муқаррароти он дар сатҳи мушаххас баён мешаванд. Бо шарофати ин, аксарияти шаҳрвандон метавонанд мазмуни меъёрҳо, самти амалии онҳо ва оқибатҳои риоя накардани манъкуниҳоро дарк намоянд. Ба ин тартиб, функсияи тарбиявӣ тавассути пешгирии содиршавии ҷиноятҳои мушаххас, ки дар вазифаҳои Қисми махсус мустаҳкам гардидааст, амалӣ мегардад.

Бояд розӣ шуд, ки Қонуни ҷиноятӣ мустақиман ба тарбияи шахс машғул намешавад. Аммо инкор кардан мумкин нест, ки иҷрои вазифаи пешгирикунанда бидуни таъсири ғайримустақими тарбиявӣ ба шаҳрвандон

имконнопазир аст. Амали манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ шахсиятро танҳо бо роҳи тарс аз ҷазо нигоҳ дошта наметавонад, балки шароите фароҳам меорад, ки дар он шахс маҷбур мешавад арзишҳои муқаррарнамудаи Қонунгузорро арзёбӣ намуда, рафтори худро бо талаботи Қонун мутобиқ созад. Аз лаҳзаи пайдо шудани манъкуниҳо инсон маҷбур аст маънои онҳоро дарк намуда, рафтори худро бо талаботи ҳуқуқ мувофиқ намояд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ногузир аз шуури муроҷиаткунандагони худ гузашта, ба фаҳмиши онҳо оид ба Қонуният, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо таъсир мерасонанд.

Дар ин замина, Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ нақши калидӣ мебозад: он номгӯйи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои ҳифзшавандаро муқаррар намуда, муайян мекунад, ки давлат кадом арзишҳоро афзалиятнок мешуморад, инчунин ба бозандешии онҳо аз ҷониби шаҳрвандони алоҳида ва ҷомеа мусоидат мекунад. Ин раванд хусусияти иҷтимоии ҳуқуқро нишон медиҳад, ки дар он меъёрҳо на танҳо манъкуниҳоро муқаррар мекунанд, балки ба шуури одамон таъсир расонида, самтҳои муайяни рафторро ташаккул медиҳанд.

Самаранокии амалисозии функсияҳои берунии Қонуни ҷиноятӣ мустақиман ба он вобаста аст, ки манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ то чӣ андоза пурра, мантиқӣ ва возеҳ баён шудаанд. Дар ин ҷо функсияҳои дохилии Қонун ва зернизоми он - Қисми махсус аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд. Функсияҳои дохилӣ қобилияти низомро барои робитаи мутақобила бо муҳити беруна, нигоҳ доштани ягонаго ва ҳамоҳангсозии амалҳои унсурҳои алоҳида таъмин менамоянд.

Функсияҳои дохилӣ дар танзими мунтазами унсурҳои низом, мувофиқсозии робитаҳои байни онҳо, ташкили сохтори иерархӣ, инчунин муайян намудани муносибатҳои ҳамоҳангсозӣ ва тобеият ифода меёбанд. Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ аз меъёрҳое иборат аст, ки унсурҳои сохтории ин низом мебошанд. Барои татбиқи вазифаҳои он вобаста ба расмиятбахшии манъкуниҳои ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ва мушаххас намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо, зарур аст, ки ҳамтаъсиррасонии меъёрҳо байни ҳам таъмин карда шавад, ба ҳар яке аз онҳо доираи ҳаракатимушаххас

вобаста гардад, мутобиқати амали унсурҳои гуногун ҳамоҳанг карда шавад ва ягонагии низомноки онҳо ташаккул дода шавад.

Ҳамин тавр, функсияҳои дохилии Қонуни ҷиноятӣ ва Қисми махсуси он асосан ба тартиби кори худи низом дахл доранд. Яке аз онҳо дар он зоҳир мешавад, ки меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар шакли расмӣ мустаҳкам гардида, мазмуни онҳо равшан ва якмаъно ифода меёбад. Дигараш ба ҳамоҳангии меъёрҳо ва унсурҳои гуногуни низом вобаста буда, мувофиқати онҳоро таъмин мекунад. Функсияи дигар бошад, тартиби зинавӣ ва ҷойи ҳар як унсурро дар дохили низом муайян менамояд.

Маҳз ба шарофати ин механизмҳои дохилӣ Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ метавонад вазифаҳо ва функсияҳои берунии худро, аз ҷумла ҳифзкунанда, пешгирикунанда ва бавосита тарбиявиро самаранок амалӣ намуда, таъсири ягона ва низомноки ҳуқуқи ҷиноятиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин созад.

Функсияи дохилии мустаҳкамсозии расмии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки меъёрҳои абстрактӣ ва манъкуниҳои дар Қонун мавҷудбуда шакли мушаххаси ҳуқуқӣ-забонӣ мегиранд, ки барои амалӣ намудани функсияҳои берунии низом заруранд.

Унсурҳои Қисми махсус бо ҳам пайванд доранд ва пояи сохтории ин низомро ташкил медиҳанд. Маҳз тавассути ҳамин пайванд функсияҳои дигари дохилӣ амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, функсияи амрдиҳӣ дар муқаррар намудани амалҳои мушаххас барои унсурҳо ва зернизомҳо ифода меёбад. Қисми махсус ҳамчун зернизоми Қонуни ҷиноятӣ баромад намуда, дар он Қонунгузор аломатҳои таркиби ҷиноятҳоро тавсиф карда, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳоро арзёбӣ менамояд, зеро дар Қисми умумии Кодекс санксияҳо ва фарқгузории ҷазо пешбинӣ нашудаанд. Муқаррароти алоҳидаи Қисми махсус вазифаи дугона иҷро мекунанд: аз як тараф, онҳо иродаи давлатро ифода менамоянд, аз тарафи дигар, ҳифз ва танзими муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ, манфиатҳо ва неъматҳоро таъмин мекунанд.

Функсияи ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқсозӣ дар муттаҳид намудани унсурҳои низоми Қисми махсус зоҳир мегардад, ки ба туфайли он амали муштараки онҳо таъмин мешавад. Бо ин тарз, Қонунгузор институтҳоеро ташаккул медиҳад, ки вазифаҳои мушаххаси ҳифзи неъматҳо ва манфиатҳои ҷамъиятиро иҷро менамоянд. Функсияи тобеият, ки аз лиҳози моҳият ба ҳамоҳангсозӣ монанд аст, тақсимоти нақшҳоро байни унсурҳои низом дар меҳвари амудӣ дар назар дорад, яъне унсурҳои бартаридошта ва ҷойгиршавии сохтории онҳоро муайян месозад. Масалан, фаслҳо ва бобҳои Қисми махсус объектҳои гуногунро ҳифз менамоянд, аммо танҳо фаъолияти якҷояи ҳамаи зерфаслҳо имкон медиҳад, ки функсияи умумии ҳифзкунандаи Қонуни ҷиноятӣ амалӣ гардад.

Аз нуқтаи назари мавқеи низомнок, сохтор шарти амалисозии функсияҳо мебошад. Ю.Г. Марков ба таври асоснок қайд мекунад: «Функсияҳо, новобаста аз табиати онҳо, танҳо дар сохтор амалӣ мешаванд… Функсия тавассути сохтор амалӣ гардида, тавассути сохтор шарҳ дода мешавад». Маҳз тавассути ташаккули сохтории меъёрҳои Қисми махсус иҷрои тамоми вазифаҳои ба он вогузоршуда таъмин мегардад.

Дар анҷом бояд таъкид кард, ки мақсади КҶ бо мақсади умумии Қонуни ҷиноятӣ мувофиқат дошта, бо назардошти хусусияти субъективии он дар робита бо сиёсати ҷиноятии давлат муайян гардида, дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ифода меёбад.

Ба вазифаҳои Қисми махсус муқаррар кардани манъкуниҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдорҳо дохил мешавад. Ин қисм инчунин муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои Қонунии шахс, ҷомеа, давлат, сулҳ ва амнияти инсониятро ҳифз мекунад. Ҳамзамон он ба пешгирии кирдорҳое равона мегардад, ки ба объектҳои мазкури ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ таҷовуз мекунанд.

Амалисозии ин вазифаҳо бидуни функсияҳои дахлдори дохилӣ ва беруна имконнопазир аст.

Функсияҳои беруна (ҳифзкунанда-пешгирикунанда, танзимкунанда ва тарбиявӣ) таъсирарасонии фаъол ва мақсадноки низом ба муҳити беруна, яъне ба муносибатҳои ҷамъиятиро ифода менамоянд.

Функсияҳои дохилӣ робитаи ҳамоҳанги қисмҳоро дар дохили низом таъмин намуда, табиат ва таъиноти Қисми махсусро ҳамчун шакли мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ инъикос менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд: функсияи мустаҳкамсозии расмии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, функсияи амрдиҳӣ (распорядительная), функсияи ҳамоҳангсозӣ ва мутобиқсозӣ, инчунин функсияи тобеият.

Ҳамин тавр, низоми Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ сохтори дори имконияти кофии дохилӣ буда, қодир аст ҳам функсияҳои дохилии худро ва ҳам таъсири берунии худро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ намояд, ки ин иҷрои вазифаҳо ва расидан ба мақсадҳои Қонунгузории ҷиноятиро дар маҷмӯъ таъмин мекунад.

Хулоса:

Табиати низомнокии Қисми махсуси КҶ имкон медиҳад, ки он ҳамчун зернизоми мустақили Қонуни ҷиноятӣ баррасӣ гардад, ки функсияҳои берунаро (ҳифзкунанда-пешгирикунанда, танзимкунанда ва тарбиявӣ) тавассути мушаххас намудани кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ амалӣ менамояд. Маҳз Қисми махсус манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муқаррар намуда, аломатҳои таркиби ҷиноят ва санксияҳоро муайян мекунад, ки ин робитаи самараноки низомро бо муҳити беруна: ҷомеа, шахсият ва давлат таъмин менамояд.

Робитаи мутақобилаи функсияҳои дохилӣ ва берунии Қисми махсус барои амалӣ самараноки он аҳаммияти калидӣ дорад. Функсияҳои дохилӣ, аз ҷумла расмисозии муқаррарот, ҳамоҳангсозӣ, мутобиқсозӣ ва тобеият, сохтори низомро нигоҳ медоранд ва пайванди унсурҳои онро таъмин мекунанд. Ҳамин асос имкон медиҳад, ки функсияҳои беруна амалӣ гардида, мақсадҳои Қонуни ҷиноятӣ иҷро шаванд.

Функсияи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ асосан тавассути Қисми махсус амалӣ мегардад. Бе мушаххас намудани объектҳои ҳифз ва тавсифи аломатҳои ҷиноят, ки дар Қисми махсус мустаҳкам шудаанд, амалисозии функсияи ҳифзкунандаи Қонуни ҷиноятӣ ғайриимкон аст. Қисми умумӣ принсипҳои консептуалиро муайян менамояд, аммо бидуни Қисми махсус ин принсипҳо хусусияти абстрактӣ касб мекунанд ва аз мазмуни мушаххаси амалӣ маҳрум мемонанд.

Функсияҳои пешгирикунанда ва тарбиявӣ низ ба таври бавосита тавассути пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва таъсир ба шуури шаҳрвандон амалӣ мегарданд.

Мақсад ва вазифаҳои КҶ бо мақсади умумии тамоми Қонуни ҷиноятӣ ва сиёсати ҷиноятии давлат мувофиқат доранд: муқовимат ба ҷиноятқорӣ, ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат, сулҳ ва амният, пешгирии ҷиноятҳо, муқаррар намудани манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мушаххас намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо.

Ҳамоҳангсозии Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекс масъалаи муҳимми муосир боқӣ мемонад. Аз ҷумла, номгӯйи арзишҳои ҳифзшаванда дар м. 2 КҶ ҶТ на ҳамеша тамоми низоми объектҳои дар Қисми махсус муқарраршударо пурра инъикос менамояд, ки метавонад номутобиқатӣ байни вазифаҳои Қонун ва мушаххасоти кирдорҳои ҷиноятиро ба миён оварад.

2.2. Сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар Қонунгузории ҷиноятӣ

Дарки дурусти сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад, зеро маҳз тавассути татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бандубасти ҷиноятҳои содиршуда амалӣ гардида, чораи фардисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Дар илми ҳуқуқ сохтори меъёр ҳамчун таркиби дохилии он ва тарзи ташкили унсурҳое, ки мазмуни онро ташкил медиҳанд, фаҳмида мешавад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлили сохтори меъёрҳо бештар бо муқаррароти

Қисми махсуси КҶ маҳдуд мегардад, ки дар онҳо манъкуниҳои мушаххаси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд.

«Муҳаққиқони муосир дар сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ду унсури асосиро ҷудо менамоянд: диспозитсия ва санксия. Диспозитсия унсурест, ки моҳияти ҷиноят ё аломатҳои бандубастшавандаи онро шарҳ медиҳад, дар ҳоле ки санксия намуд ва андозаи ҷазоро барои кирдори дар диспозитсия зикршуда муайян мекунад. Ҳамин тариқ, робитаи диспозитсия ва санксия пояи таҳлили назариявӣ ва татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳад» [72, с. 592; 162, с. 496; 12, с. 288]. Чунин нуқтаи назар дар мактаби шӯравии ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул ёфта, то имрӯз дар Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ ҳукмфармост. Чунончи: «Моҳияти он дар муайян ва ҷудо намудани унсурҳои асосии меъёри ҳуқуқӣ: гипотеза, диспозитсия ва санксия зоҳир мегардад. Ҳамзамон, дар доираи ин мавқеъ имкони мавҷуд будани унсурҳои иловагӣ низ ба назар гирифта мешавад, аз ҷумла ишора ба шартҳо ва ҳолатҳое, ки татбиқи меъёрро муайян мекунанд. Ин мавқеи низомнокӣ ва пайдарҳамии танзими ҳуқуқиро таъмин намуда, муқаррароти Қисми умумиро бо меъёрҳои мушаххаси Қисми махсус муттаҳид месозад ва татбиқи амалии онҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ осон мегардонад» [157, с. 167; 149, с. 639].

Дар таҳқиқоти муосир сохтори меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ одатан тавассути мазмуни маводди меъёрии дар моддаҳои мушаххаси Қисми махсус муқарраршуда таҳлил мегардад. Ҳамзамон, таҳқиқоти махсус нишон медиҳанд, ки ин масъала яке аз мураккабтарин ва баҳсталабтарин масъалаҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Гуногунандешии андешаҳо асосан аз номуайянии сохтори меъёри ҳуқуқӣ, ки то ҳанӯз дар назарияи умумии ҳуқуқ ҷой дорад, сарчашма мегирад. Дар доираи таълимоти умумии назариявӣ оид ба меъёри ҳуқуқӣ нисбат ба ин масъала нуқтаҳои назари гуногун ташаккул ёфтаанд.

Аз ҷумла, бархе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки: «Ҳар як меъёри ҳуқуқӣ аз ду унсури асосӣ иборат мебошад, ки ҷузъҳои ҷудонашавандаи

сохтори дохилии онро ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин унсурҳо мазмун ва самти функсионалии меъёрро муайян месозанд» [256, с. 172-189]. Консепсияи дузинагии сохтори меъёр аз рӯи формулаи «агар – пас» ташаккул меёбад. Дар доираи ин модел қисми аввал вазифаи гипотезаро иҷро намуда, қисми дуюм ё дар шакли диспозитсия ва ё дар шакли санксия зоҳир мешавад. Фаҳмиши алтернативии сохтори дузинагиро як қатор ҳуқуқшиносон пешниҳод менамоянд. Аз ҷумла, Е. А. Крашенинников ва Т. Н. Лисова таъкид мекунанд, ки: «Ҳар як меъёри ҳуқуқӣ аз ду унсури ба ҳам алоқаманд иборат аст: гипотеза, ки шароитеро муайян мекунад, ки дар онҳо ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, ки дар диспозитсия мустаҳкам гардидаанд, ба вуҷуд меоянд, ва худи диспозитсия, ки дар мавриди мавҷуд будани ҳолатҳои пешбинишуда аз ҷониби гипотеза ин ҳуқуқу уҳдадориҳоро мушаххас мегардонад. Дар ҳолатҳое, ки меъёрҳо барои танзими вазъиятҳои ихтилофӣ пешбинӣ шудаанд, қисми дуюми меъёр ҳамчун санксия ифода меёбад ва чунин меъёрҳо нисбат ба муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда вазифаи ҳифзкунанда иҷро мекунанд.

Ҳамин тавр, модели дузинагӣ на танҳо имкон медиҳад, ки сохтори дохилии меъёр низомнок карда шавад, балки инчунин робитаҳои функсионалии байни шароити эҳтимолӣ ва оқибатҳои танзими ҳуқуқӣ ошкор гарданд, ки барои назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад» [375].

Баъзе муҳаққиқоне, ки консепсияи сохтори дузинагии меъёри ҳуқуқиро ҷонибдорӣ мекунанд, бар онанд, ки дар Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ аломатҳои ҷиноят асосан дар гипотезаи меъёр ифода меёбанд. Аз ҷумла, В. Г. Смирнов таъкид кардааст, ки: «меъёрҳои Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ танҳо аз ду қисми сохторӣ: гипотеза ва санксия иборат мебошанд. Яъне, гипотеза ҳаракат ё беҳаракатие, ки Қонунгузор онро ҷиноят эътироф менамояд, тавсиф мекунад, дар ҳоле ки санксия чораи ҷавобгарии ҳуқуқиро барои содир намудани он муайян месозад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки унсурҳои меъёр возеҳ ҷудо гардида, ҳудуди танзими ҳуқуқӣ ва дақиқии

бандубасти ҷиноятҳо таъмин карда шавад» [136, с. 188]. Ин консепсия дар таҳқиқоти муосир низ аҳаммияти худро нигоҳ доштааст. Масалан, Е. В. Благов, бо ҷонибдорӣ аз назарияи дузинагии меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, гипотезаро ҳамчун унсуре шарҳ медиҳад, ки маҷмуи аломатҳои таркиби ҷинояти мушаххас, инчунин кирдорҳое, ки аз сабаби камаҳаммияти барои ҷамъиятӣ хавфнок нестанд ва ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, дар бар мегирад. Бо вуҷуди баҳсталаб будани чунин таъриф, он арзиши консептуалӣ дорад, зеро гипотеза дар ин нуқтаи назар доираи ҳолатҳои ҳуқуқӣ-маҳдудкунандаро муайян мекунад, ки барои татбиқи меъёр заруранд.

Бо вуҷуди ин, дар назарияи умумии ҳуқуқ бештар мавқеи сохтори сезинагии меъёри ҳуқуқӣ эътироф шудааст. Ин консепсия, ки аз ҷониби С. А. Голунский ва М. С. Строгович таҳия гардидааст: «мавҷудияти се унсури ба ҳам вобастаро дар назар дорад ва имконият медиҳад, ки шароити пайдоиши оқибатҳои ҳуқуқӣ, мазмун ва функсияи танзимкунандаи меъёр ба таври муфассал таҳлил карда шаванд» [140, с. 304]. Дар доираи модели сезинагӣ сохтори меъёри ҳуқуқӣ аз рӯи принсипи «агар - пас -дар акси ҳол» баён мегардад. Тибқи ин модел, дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои муайян, ки ҳамчун гипотеза ифода мешаванд, субъекти ҳуқуқ уҳдадор аст ҳаракат намояд ё аз анҷом додани ҳаракатҳои муайян худдорӣ кунад, ки ин дар диспозитсия муқаррар мегардад; дар акси ҳол, барои ӯ оқибатҳои номусоид, ки дар санксия пешбинӣ шудаанд, фаро мерасанд. «Дар натиҷаи тафтишот муайян гардид, ки Я.Ш.М. ва Т.О.А. бо маслиҳати пешакӣ, бо мақсади дуздӣ, чанд маротиба ба амволи шаҳрвандон дастдарозӣ намудаанд. Аввалан, 19 октябри соли 2011 онҳо дар шаҳри Душанбе, бо истифода аз набудани соҳибхона ва беАҳаммиятии атрофиён, ба ҳавлии истиқоматии шаҳрванд Ш.Ҷ.Н. ғайриҚонунӣ ворид шуда, аз мурғхона ду мурғи хонагиро пинҳонӣ дуздидаанд. Баъдан амволро бо худ бурда, ҳангоми интиқол ва пинҳон кардан аз ҷониби кормандони милитсия дастгир шудаанд. Мурғҳои дуздидашуда дар ҷои ҳодиса аз онҳо дарёфт ва ба соҳибаш баргардонида шудааст.

Сониян, дар моҳи ноябри соли 2011 Я.Ш.М. бо шахси дигар бо маслиҳати пешакӣ аз назди хонаи шаҳрванд М.М.С. як варақаи оҳанини мавриди истифода дар назди ҷуйбори обгузарро пинҳонӣ тасарруф намуда, онро аз ҷойи ҳодиса бурдааст. Баъдан ин ашё ба нуқтаи қабули оҳанпора бурда, фурӯхта шуда, маблағаш байни онҳо тақсим ва сарф гардидааст. Дар натиҷа ба соҳибмулк зарари моддӣ расонида шудааст.

Баъдтар ашёи дуздидашуда тавассути кормандони милитсия дарёфт шуда, ба ҷабрдида баргардонида шудааст.

Ҳамин тавр, ҳар ду судшаванда бо амалҳои такрорӣ, гурӯҳӣ ва бо воридшавӣ ба манзил ба таври пинҳонӣ амволи шаҳрвандонро тасарруф намуда, ба онҳо зарари моддӣ расонидаанд» [380]. Мавҷудияти се унсури ба ҳам вобастаи меъёри ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ҳар як ҳолати воқеӣ дар партави қоидаҳои ҳуқуқӣ ҳамаҷониба таҳлил карда шавад ва оқибатҳои ҳуқуқии он дуруст муайян гардад.

Дар мисоли ҳодисаи содирнамудаи Ятимов Ш.М. ва Табаров О.А. се унсури асосии меъёри ҳуқуқӣ равшан ба назар мерасанд: фарзия (гипотеза), диспозитсия ва санксия.

Дар адабиёти илмӣ инчунин андеша дар бораи ба мақсад мувофиқ будани ҷудо намудани унсури чоруми меъёри ҳуқуқӣ иброз мегардад, ки доираи муносибатҳои ҷамъиятии танзимшавандаро муайян намояд.

«Ба назари муаллифон, ворид намудани чунин унсур ба пурратар инъикос ёфтани объекти танзими ҳуқуқӣ имкон дода, фаҳмиши низомноки сохтори дохилии меъёрро таъмин намуда, дақиқии татбиқи меъёрро дар амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баланд мебардорад» [9, с. 359].

Дар адабиёти илмӣ, инчунин пешниҳодҳо оид ба ҷудо намудани унсурҳои панҷум дар сохтори меъёр асоснок карда мешавад, ки он бо ишора ба татбиқи меъёр ё механизми амали он алоқаманд мебошад.

Ҷонибдорони ин мавқеъ бар онанд, ки: «Илова ба унсурҳои анъанавӣ: гипотеза ва санксия, инчунин ҷузъҳои эҳтимолии дигар (масалан, диспозитсия ва шартҳои амали меъёр), ворид намудани унсури мустақиле, ки тартиби

татбиқи меъёрро муқаррар менамояд, ба баланд бардоштани дақиқии ҳуқуқӣ ва самаранокии амалии Қонунгузорӣ мусоидат мекунад. Чунин мавқеъ ба дарки равшантари он ки меъёр дар вазъиятҳои мушаххаси ҳаётӣ чӣ гуна амал мекунад ва кадом ҳаракатҳои субъектҳо дар амал танзим мегарданд, мувофиқ мебошад» [168, с. 334].

Дар илми ҳуқуқи хориҷӣ низ андеша дар бораи сохтори муфассалтар - шашзинагии меъёри ҳуқуқ баён мегардад. Аз ҷумла, Фон Райт шаш унсури ба ҳам алоқаманди меъёрро ҷудо менамояд: «1) хусусияти меъёр, ки онро ҳамчун иҷозатдиҳанда, манъкунанда ё уҳдадоркунанда муайян месозад; 2) мазмуни меъёр, ки номи кирдорро инъикос мекунад; 3) шартҳое, ки дар онҳо татбиқи меъёр имконпазир аст; 4) мақомоте, ки меъёрро муқаррар намудааст; 5) субъекте, ки меъёр ба ӯ равона шудааст; 6) ҳолатҳое, ки фаро расидани онҳо боиси амалӣ гардидани меъёр мегардад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки меъёри ҳуқуқӣ ҳамчун институти комплексӣ баррасӣ гардад, ки на танҳо аломатҳои расмии кирдор ва санксияро, балки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва субъективии танзими ҳуқуқиро низ ба назар мегирад. Чунин густариши сохтори меъёр ба муайянсозии дақиқтари унсурҳое, ки барои татбиқи амалии он, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ заруранд, мусоидат менамояд» [202, с. 19-25].

Дар доираи чунин мавқеъ, санксия ҳамчун қисми мустақили меъёр арзёбӣ намегардад, балки бештар ҳамчун шакли берунии мустаҳкам намудани чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани муқаррарот баромад мекунад. Ҳамзамон, як қатор муҳаққиқон бар он назаранд, ки: «Меъёри ҳуқуқӣ метавонад ҳам сохтори дузинагӣ ва ҳам сохтори сезинагӣ дошта бошад. Дар шакли дузинагӣ он танҳо аз гипотеза ва санксия иборат аст, дар ҳоле ки дар шакли сезинагӣ илова бар ин диспозитсия низ ҷудо карда мешавад, ки қоидаи рафтореро тавсиф менамояд, ки субъекти ҳуқуқ бояд онро риоя кунад. Ин мавқеъ гуногунандеширо нисбат ба сохтори дохилии меъёр инъикос намуда, нишон медиҳад, ки назарияи ҳуқуқ дар муайян намудани унсурҳои таркибии

танзими ҳуқуқӣ вобаста ба мақсад ва хусусияти меъёр фарохии назариявӣ дорад» [309, с. 128-130].

Чунин мавқеъ бо он шарҳ дода мешавад, ки меъёрҳои гуногуни ҳуқуқ метавонанд сохтори дохилии фарқкунанда дошта бошанд. Аз ин рӯ, набудани дидгоҳи ягона нисбат ба таркиби меъёри ҳуқуқӣ боиси тафсири гуногуни унсурҳои алоҳидаи он мегардад.

Аз ҷумла, ҷонибдорони модели сезинагӣ гипотезаро ҳамчун унсури мустақил ҷудо намуда, онро дар маҷмӯъ ҳамчун шартҳои татбиқи меъёри ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунанд. Ба таври мушаххас, гипотеза чунин муайян карда мешавад: «Қисми меъёри ҳуқуқӣ, ки ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми фаро расидани онҳо бояд аз қоидаи муқаррарнамудаи он роҳнамоӣ карда шавад. Ба ибораи дигар, гипотеза вазъиятҳо ё ҳолатҳои воқеиро муайян мекунад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо қоидаи муқарраркардаи Қонун ба амал медарояд. Ин ба муайян намудани доираи амали меъёр ва баланд бардоштани муайяннокии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд» [107, с. 654].

Дар доираи мавқеи сезинагӣ, диспозитсия ҳамчун қоидаи рафторе муайян карда мешавад, ки аз ҷониби меъёр муқаррар гардидааст. Он ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххаси субъектҳоро тавсиф намуда, нишон медиҳад, ки дар вазъиятҳои дар гипотеза пешбинишуда чӣ гуна бояд амал кард. Ба ибораи дигар, диспозитсия муайян месозад, ки аз субъектҳои ҳуқуқ кадом ҳаркат ё худдорӣ аз ҳаракат талаб карда мешавад ва ҳамин тариқ иҷрои муқаррароти меъёрро таъмин менамояд.

Пас, мазмуни ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо бо мазаммати давлатӣ маҳдуд намешавад. Ба он ҷазо, чораҳое, ки ҷазоро иваз мекунанд, ва чораҳое дохил

мешаванд, ки суд онҳоро дар баробари ҷазо бо ҳукми айбдоркунанда таъин менамояд. Меъёрҳое, ки ин чораҳоро шарҳ медиҳанд, тартиби таъин ва татбиқи онҳоро муайян мекунанд ё ҳолатҳои озод шудан аз онҳоро пешбинӣ менамоянд, дар маҷмуъ институтҳои марбут ба ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳанд.

«Дар доираи зернизоми баррасишавандаи институтҳои Қисми умумӣ диққати махсус бояд ба меъёрҳо оид ба доғи судӣ, авф ва бахшиш дода шавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ фаҳмиши ягона оид ба табиати ҳуқуқии доғи судӣ вуҷуд надорад» [326, с. 17; 369, с. 28; 324, с. 23; 349, с. 23; 313, с. 24; 29, с. 272].

Ба назари мо, доғи судиро бояд на ҳамчун чораи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, балки ҳамчун вазъи ҳуқуқии шахс фаҳмид. Он баъди ҳукми айбдоркунанда ва эътирофи гунаҳгорӣ пайдо мешавад. Маҳз дар ҳамин асос нисбат ба шахс ҷазо, чораҳои дигари ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ё чораҳои фардии пешгирикунанда татбиқ шуда метавонанд, ҳатто агар баъзеи онҳо дар КҶ ҶТ мустақим пешбинӣ нашуда бошанд. Доғи судӣ худи чора нест; он танҳо нишон медиҳад, ки шахс дар ҳолати амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор дорад.

Гуфтаҳои боло аз мавҷудияти камбудиҳои назаррас ва танзими нокифояи институти доғи судӣ дар КҶ ҶТ шаҳодат медиҳад. Доғи судӣ, аввалан, ба мустаҳкамсозии муфассалтар дар Қонун ниёз дорад (на дар як модда, балки дар чанд меъёр), ва дуюм, бояд дар шакли боби мустақил дар Қонуни ҷиноятӣ ҷудо карда шавад.

Арзёбии комилан дигар бояд нисбат ба муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо дода шавад. Гарчанде баъзе муҳаққиқон онҳоро ҳамчун институтҳои мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мекунанд, чунин мавқеъ аз нигоҳи мо баҳсталаб аст. Моҳияти масъала дар он аст, ки тартиб, субъектҳо ва асосҳои авф ва бахшиши ҷазо асосан бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ танзим мегарданд. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо оқибатҳои эълони авф ё бахшиши ҷазоро муайян мекунанд.

Аз ин рӯ, авф ва бахшиши ҷазоро ҳамчун институт инкор накарда, метавон қабул кард, ки онҳо хусусияти байнисоҳавӣ доранд.. Чунонки И. Л.

Марогулова менависад, «авф ва бахшиши ҷазо ба ягон соҳаи ҳуқуқ маҳдуд намешаванд; меъёрҳои марбут ба онҳо дар ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ҷой доранд. Онҳо ба институти бахшиши давлатӣ мансубанд, ки дар соҳаҳои гуногуни Қонунгузорӣ ба таври васеъ истифода мешавад» [347, с. 47].

Бо чунин фаҳмиш, нигоҳ доштани муқаррароти васеи авф ва бахшиши ҷазо дар дохили Кодекси ҷиноятӣ чандон зарур нест. Дар корҳои илмӣ борҳо гуфта шудааст, ки беҳтар аст барои авф ва бахшиши ҷазо Қонунҳои махсус қабул шаванд [370, с. 54]. Мо низ ин пешниҳодро дуруст мешуморем. Меъёрҳои вобаста ба авф ва бахшиши ҷазо худ аз худ институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ намешаванд; онҳо метавонанд минбаъд аз Кодекси ҷиноятӣ берун оварда шуда, дар Қонунгузории махсуси байнисоҳавӣ равшантар танзим гарданд.

Бо ҳамин асос, метавон он институтҳоеро муайян кард, ки мазмуни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва чораҳои дорои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқиро нишон медиҳанд. Аммо пеш аз ташаккули чунин низом, зарур аст масъалаи тартиби мақсадноки ҷойгиркунии институтҳои дахлдор дар матни Қонуни ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Бо такя ба таҷрибаи мавҷуда, мо чунин мешуморем, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ бояд тавассути чанд институт нишон дода шавад. Ба ин низом, бо тартиби пешниҳодшаванда, мафҳум ва мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, мафҳум ва намудҳои ҷазо, таъйини ҷазо, озод кардан аз адои ҷазо, мусодираи молу мулк ва қоидаҳои таъйини он, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва тартиби татбиқи онҳо, инчунин доғи судӣ дохил мешаванд.

Ба назари мо, чунин номгӯй ва пайдарҳамии оптималии институтҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар асоснок буда, он мазмуни ду категорияи калидии соҳа - ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятиро ошкор месозад. Дар айни замон бояд гуфт, ки Қисми умумӣ танҳо аз ҳамин институтҳо иборат нест.

Ҷойгоҳи махсусро институти Қонуни ҷиноятӣ (ё институти ҳудуди амали Қонуни ҷиноятӣ), ишғол мекунад, ки меъёрҳо оид ба он дар боби 2 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд.

Ҳамчунин мақоми ҷудогона ба институти функсионалии ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон тааллуқ дорад, ки меъёрҳои махсуси озод кардан аз ҷавобгарӣ, таъйини ҷазо, озод кардан аз ҷазо ва ба назар гирифтани доғи судиро дар бар мегирад. Ин институт бо дарназардошти хусусиятҳои равонӣ, ҳуқуқӣ ва криминологии шахсоне, ки ҷиноятро дар синни аз 14 то 18-сола содир намудаанд таҳия шудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мантиқӣ аст, ки ин муқаррарот ҳамчун зеринститутҳои як институти функсионалӣ: ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон баррасӣ шаванд. Бо рioяи принсипи пайдарҳамии ҷойгиршавии институтҳо дар Қисми умумӣ, чунин меъёрҳо бояд дар охири Қисми умумии Кодекс ҷой гиранд.

Ҳамин тариқ, мо низоми институтҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии Қисми умумиро пешниҳод намудем, ки ё аллакай дар матни КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд, ё бо дарназардошти номутобиқатӣ ва зиддиятҳои мантиқии дохилӣ ба такмил ва низомноксозии Қонунгузорӣ ниёз доранд.

Хулоса:

Ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ асоси консептуалии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Ҷиноят ҳамчун кирдоре баррасӣ мешавад, ки дорои аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад, дар ҳоле ки ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеътар буда, чорабиниҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятиро, ки барои содир намудани ҷиноят таъйин мегарданд, дар бар мегирад. Ин категорияҳо заминаи мантиқии тамоми сохтори институтҳои Қисми умумиро муайян менамоянд.

Зинабандии институтҳо ва пайдарҳамии мантиқии онҳо:

1. Сохтори оптималии Қисми умумӣ бояд аз рӯи принсипи «аз умумӣ ба махсус», «аз ягона ба сершумор», «аз қоидаҳои умумӣ ба истисноҳо» ташкил

карда шавад. Вобаста ба ин пайдарҳамии мазкури институтҳо, ки категорияҳои ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятиро ошкор месозанд тавсия дода мешавад:

– институти мафҳум ва категорияҳои ҷиноят, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдорро истисно мекунанд;

– институти шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;

– институти гуноҳ, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки гунаҳгориро истисно мекунанд;

– институти ҷинояти нотамом;

– институти сершумории ҷиноятҳо;

– институти шарикӣ дар ҷиноят;

– институти ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон.

2. Ба чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бояд мансуб дониста шаванд: ҷазо, чораҳои ивазкунандаи он, чораҳои ҳамзамон бо ҷазо таъйиншаванда ва чораҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқ, ки дар доираи шартан маҳкумнамоӣ ё шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазо татбиқ мешаванд. Озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷазо набояд ҳамчун чораҳои мустақил баррасӣ карда шаванд, зеро онҳо шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошанд.

3. Институтҳо ба институтҳои асосӣ ва зериниститутҳо ҷудо мешаванд:

1) Институтҳои асосӣ- сохтори мантиқии категорияҳоро ташкил медиҳанд (масалан, институти мафҳуми ҷиноят, институти ҷавобгарии ҷиноятӣ).

2) Субинститутҳо - мазмуни институтҳои асосиро мушаххас ва муфассал мегардонанд (масалан, ҳолатҳое, ки ҷиноятӣ будани кирдор ё гунаҳгориро истисно мекунанд, чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, меъёрҳо оид ба ҷавобгарии ноболиғон).

3) Институтҳои байнисоҳаӣ (авф ва бахшиши ҷазо) - бояд ҳамчун гурӯҳи алоҳида берун аз сохтори КҶ ҶТ ҷудо карда шаванд ё дар доираи Қонунгузории байнисоҳаӣ танзим гарданд.

3.2. Асосҳои консептуалии сохтори Қисми умумии Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пайдарпайии баёни меъёрҳои Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ, ки хусусияти кодификатсионӣ дорад, бо мантиқи дохилии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян мегардад. Дар навбати аввал Қонунгузор аломатҳои асосии ҷиноятро муқаррар намуда, инчунин муқаррароти умумиро дар бораи усулҳо ва шаклҳои содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ баён мекунад. Танҳо баъд аз ин дар сохтори Қонун масъалаҳои бо чорабиниҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ алоқаманд, ки нисбат ба шахси кирдори барои ҷамъият хавфнок содир намуда татбиқ мешаванд ошкор мегардад.

«Чунин муносибат ҳам барои Қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва ҳам барои Қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ анъанавӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми таҳияи кодексҳои ҷиноятӣ истифода мешавад, то Аҳаммияти муайянкунандаи кирдори ҷиноятиро нисбат ба чорабиниҳои мақбуркунии давлатӣ таъкид намояд. Асоси консептуалии чунин пайдарпайӣ бори аввал дар корҳои илмии И. Бентам (1748–1832) инкишоф ёфтааст, дар ҳоле ки татбиқи амалии он дар аввалин санадҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба амал бароварда шуд. Аз ҷумла, дар Маҷмуи Қонунҳои ҷиноятии Австрия соли 1768, Кодекси ҷиноятии Фаронса соли 1781 ва Маҷмуи Қонунҳои ҷиноятии Бавария соли 1813» [374].

Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки: «Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масъалаи мафҳум ва мазмуни Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст. Таърифҳои камшумори мавҷуда Қисми умумиро ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ шарҳ медиҳанд, ки мазмуни категорияҳо ва мафҳумҳои асосии соҳа, асосҳои ҷавобгарӣ ва ҳудуди чорабиниҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро муайян мекунанд ва ҳамзамон ягонагӣ ва низомнокии Қонунгузориро таъмин менамоянд» [126, с. 272].

«Унсури сохтории Қонуни ҷиноятӣ маҷмуи меъёрҳоро дар бар мегирад, ки ба танзими масъалаҳои маъмулӣ ва умумӣ вобаста ба ҷиноят ва сазовари

ҷазо эътироф намудани кирдорҳое, ки ба манфиатҳои ҳифзшавандаи шахсият, ҷомеа ва давлат таҷовуз мекунанд равона шудааст» [166, с. 1152].

Дар баъзе ҳолатҳо дар манбаъҳои илмӣ таърифи на Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ, балки Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ пешниҳод мегардад. «Дар чунин замина, он ҳамчун низоми ташаккулёфтаи меъёрҳо ва муқаррароти ҳуқуқӣ дар асоси принсипҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мешавад, ки тавассути онҳо мазмуни категорияҳои асосӣ ва мафҳумҳои калидии ин соҳа ошкор гардида, инчунин асосҳои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ, шаклҳои татбиқи он ва ҳудудҳои истифодаи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян карда мешаванд» [40, с. 300].

Ҳамзамон, он маҷмуи институтҳои ба ҳам алоқаманди ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки дар пайдарпайии муайяни мантиқӣ ба низом дароварда шуда, байни худ робитаи устувори системавӣ доранд [134, с. 372].

Бо вуҷуди ин, Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ ва Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ аз рӯи мазмун ва таъиноти худ яксон нестанд. Робитаи байни онҳо анъанавӣ тавассути таносуби категориявии шакл ва мазмун шарҳ дода мешавад. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки гузаронидани сарҳади қатъӣ ва комилан ҷудокунанда байни ин падидаҳо имконнопазир аст, зеро ҳам Қисми умумии КҶ ва ҳам Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷанбаҳои гуногуни як низоми ягонаи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ифода мекунанд.

Ҳамзамон равшан аст, ки мутобиқати пурраи Қисми умумии КҶ ва Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад. Тафовути асосии онҳо бо хусусияти категорияҳои шакл ва мазмун вобаста аст, ки, чунон ки маълум аст, дар доираи як падида наметавонанд пурра бо ҳам мувофиқат намоянд.

Дар шакли умумӣ, мазмун ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои моҳиятӣ ва хосиятҳои дохилии падидаи муайян фаҳмида мешавад, дар ҳоле ки шакл ифодаи берунии ҳамин мазмун буда, аз табиати дохилии он бармеояд.

Барои таҳияи таърифи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дурусти Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ зарур аст, ки таърихи ташаккули он муайян гардида, мазмуни

меъёрии он таҳлил карда шавад. Бе омӯзиши ин ҷанбаҳо ошкор намудани аломатҳои муҳимми мафҳуми Қисми умумии КҶ душвор мегардад.

Дар марҳилаи муосир мавҷудияти Қисми умумӣ дар низоми Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун падидаи худ аз худ равшан пазируфта мешавад. Аммо чунин фаҳмиш якбора ва фавран ташаккул наёфтааст ва на ҳамеша ба низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ хос буд.

Дар адабиёти илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ аксар вақт ба Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ ҷойи афзалиятнок дода мешавад. Масалан, А.И. Чучаев қайд мекунад, ки: «Ташаккули Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар таърихи рушд аз Қисми махсус пеш гузаштааст» [156, с. 553]. Ба андешаи А.И. Бойко: «Қисми умумӣ аз ҷиҳати таърихӣ дертар аз манъкуниҳои мушаххас пайдо шудааст» [135, с. 508]. А.И. Бойсов низ қайд мекунад, ки аз ҷиҳати таърихӣ нахуст он меъёрҳое ба вуҷуд омадаанд, ки баъдан асоси Қисми махсусро ташкил доданд. Танҳо баъд аз онҳо қоидаҳои умумӣ шакл гирифтанд, ки имрӯз ҳамчун Қисми умумӣ шинохта мешаванд [22, с. 773]. Бо мавқеи муаллифони зикршуда М. С. Жук низ комилан ҳамфикр буда, таъкид менамояд, ки «тавре маълум аст, Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба он чи ки мо Қисми махсус меномем, хеле дертар ташаккул меёбад ва ҳатман ҳамин муқаррароти махсусро ҳамчун заминаи таърихии худ дар назар дорад» [40, с. 300].

Аз чунин мавқеъ бармеояд, ки дар марҳилаи муайяни рушд танҳо меъёрҳои ба Қисми махсус мувофиқ мавҷуд буда, Қисми умумӣ дертар ҳамчун унсури мустақил шакл гирифтааст. Аммо ин мавқеъро наметавон комилан асоснок шуморид.

Ба назари мо: «Мавқеи боварибахштар он аст, ки дар марҳилаи ибтидоии рушд меъёрҳои казуистӣ, ки ба ҳолатҳои мушаххаси кирдори хавфнок равона шуда буданд, ба вуҷуд омадаанд ва онҳо имрӯз ба меъёрҳои Қисми махсус мансуб дониста мешаванд Ба назари мо, боз ҳам асосноктар он мавқеъ мебошад, ки мувофиқи он санадҳои ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ на Қисми умумӣ ва на Қисми махсусро дар фаҳмиши муосири доктриналӣ дар бар

намегирифтанд, балки маҷмуи меъёрҳое буданд, ки чораҳои ҷазоро барои шаклҳои мушаххаси рафтор муқаррар менамуданд» [84, с. 224].

Дар ин изҳорот Аҳаммияти асосӣ маҳз ба ҳамин ҳолати охирин дода мешавад. Воқеан, дар тӯли давраи дароз дар Қонунгузории ҷиноятӣ на аз ҷиҳати мазмун ва на аз ҷиҳати сохтори расмӣ ҷудокунии он ба Қисми умумӣ ва Қисми махсус амалӣ карда намешуд. Дар ин замина таҳқиқоти махсуси Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби В.П. Коняхин анҷом дода шудааст, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ба гуфтаи муаллиф, решаҳои аввалини Қисми умумии Қонунгузории ҷиноятиро ҳанӯз дар ёдгориҳои хаттии асри X дидан мумкин аст. Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи шартномаҳои Руси Киев бо Византия меравад. Албатта, он вақт ин муқаррарот ҳанӯз шакли пурра ва мукаммал надоштанд, вале дар онҳо аллакай баъзе қоидаҳое ба назар мерасанд, ки баъдтар ба Қисми умумӣ дохил шудаанд, аз ҷумла: «Меъёрҳо дар бораи мудофиаи зарурӣ, кӯшиши содир намудани ҷиноят ва инчунин экстрадитсия. Илова бар ин, дар онҳо истилоҳҳои умумӣ ва якхела барои ифодаи категорияҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ - ҷиноят («хато», «гуноҳ») ва ҷазо («ҷазоҳои динӣ», «қатл») истифода мешуданд. Дар санадҳои меъёрии баъдӣ ин тамоюли ибтидоӣ рушди минбаъда ёфта, мустаҳкам гардидааст» [65, с. 346].

Аз гуфтаҳои боло метавон бо дараҷаи кофии асоснок хулоса кард, ки дар марҳилаи ибтидоии рушди худ Қонунгузории ҷиноятӣ танҳо қисман ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ вуҷуд дошт; бештар бошад, он дар якҷоягӣ бо дигар низомҳои меъёрӣ амал мекард ва вобаста ба сохтор ба Қисми умумӣ ва Қисми махсус ҷудо карда намешуд. Мазмуни асосии чунин санадҳои аввалин, одатан, ба он меъёрҳое мувофиқат мекард, ки имрӯз ба Қисми махсус мансуб дониста мешаванд, аммо ҳамзамон дар онҳо унсурҳое низ мавҷуд буданд, ки доктринаи муосир онҳоро ба муқаррароти Қисми умумӣ нисбат медиҳад.

Барои таҳқиқоти мазкур мазмуни муосири фаслҳои асосии Қисми умумии Қонунгузории ҷиноятӣ Аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз он хусусияти хоси ин қисмро инъикос намуда, бояд ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ

ҳангоми таҳияи таърифи мувофиқи он ва инчунин ҳангоми арзёбии интиқодии таърифҳои қаблан пешниҳодшуда хизмат намояд.

Муқаррароти меъёрие, ки ба Қисми умумии Қонуни ҷиноятии кодификатсияшуда дохил мешаванд, аз ҷиҳати мантиқӣ метавон ба ду гурӯҳи сохторӣ ҷудо намуд: «Гурӯҳи аввал муқаррароти низомсоз ё низомнигоҳдорандаро дар бар мегирад, ки тамомият ва ҳамоҳангии дохилии низоми ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин мекунанд. Гурӯҳи дуюм бошад, муқаррароти воқеан умумиро фаро мегирад, ки мазмуни асосии Қисми умумиро ташкил дода, масъалаҳои маъмулӣ вобаста ба ҷиноят ва сазовори ҷазо буданро танзим менамоянд» [65, с. 346].

Муқаррароти низомсоз, ки нақши калидӣ доранд, самти умумии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян намуда, ҳамгироии меъёрҳоро дар низоми ягона таъмин мекунанд. Дар таҳрири амалкунанда ин муқаррарот дар Фасли I Қисми умумии КҶ ҶТ муттаҳид шудаанд, ки «аз лиҳози аҳаммият заминаи ахлоқии тамоми соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд» [323, с. 24]. Онҳо таъсири иттилоотӣ-равонасозӣ дошта, доираи сарчашмаҳо ва вазифаҳои Қонуни ҷиноятӣ, принсипҳои он ва доираи амали онро муайян мекунанд.

Ҳарчанд тартиби ҷойгир шудани ин маълумот дар сохтори Қонуни ҷиноятии кодификатсияшуда Аҳаммияти асосӣ надорад, як нукта равшан аст: ҳар қадар муқаррароти низомсоз дар санадҳои кодификатсияшудаи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ бо тартиби наздиктар ҷой гиранд, ҳамон қадар ёфтани меъёрҳои зарурӣ барои ҳуқуқшиносон осонтар мегардад.

Ба андешаи А.А. Нечепуренко, вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ мувофиқ аст бо мазмуни зерин такмил дода шаванд: «Барои амалӣ намудани вазифаҳои зикршуда, Кодекси мазкур асосҳо ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамояд, муайян мекунад, ки кадом кирдорҳое, ки барои шахсият, ҷомеа ва давлат хавфнок мебошанд, ҷиноят эътироф карда мешаванд, ва барои содир намудани онҳо чораҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар месозад, аз ҷумла доғи судӣ, ҷазо ва санҷиш, инчунин дигар чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро пешбинӣ менамояд: чораҳои маҷбурии хусусияти тарбиявӣ,

чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ ва мусодираи молу мулк» [352, с. 43]. Бо вуҷуди ин, муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятии барои ворид намудан ба Кодекси ҷиноятӣ пешниҳод шаванда, бештар ба мундариҷаи сохторӣ шабоҳат дорад, ки монанди он дар нашрияҳои ғайрирасмии Кодекси ҷиноятӣ истифода мешавад. Ин ҳолат мувофиқати амалии чунин пешниҳод ва самаранокии онро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ зери шубҳа мегузорад.

«Ҳангоми муроҷиат ба номгӯйи принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ, ки Қонунгузор онҳоро ба ҳайси муқаррароти низомсоз ворид намудааст, бояд таъкид кард, ки онҳо муқаррароти ибтидоӣ ва роҳнамои дорои хусусияти умумӣ мебошанд, ки ё барои тамоми низоми ҳуқуқ аҳаммият доранд (принсипҳои умумиҳуқуқӣ), ё барои соҳа, зерсоҳа ё институти мушаххаси ҳуқуқ (принсипҳои соҳавӣ)» [112, с. 270; 273, с. 75-81].

Дар айни замон, Кодекси ҷиноятӣ принсипҳои зеринро муқаррар намудааст: Қонуният, баробарӣ дар назди Қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм.

Ба назари мо: «принсипҳое, ки пояи сохтори сиёсӣ-ҳуқуқии давлатро ташкил медиҳанд ва бидуни онҳо татбиқи ҳуқуқ, новобаста аз мансубияти соҳавӣ, ғайриимкон аст, бояд дар Конститутсия мустаҳкам карда шаванд ва ба сабаби амали мустақими онҳо такрори онҳо дар санадҳои кодификатсионии соҳавӣ зарурат надорад. Аз ин нуқтаи назар, мувофиқ будани мустаҳкамсозии принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди Қонун дар худи Кодекси ҷиноятӣ баҳснок менамояд, зеро он дорои хусусияти умумиҳуқуқӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, бо мавқеи баъзе олимон, ки принсипи Қонуниятро низ ба гурӯҳи принсипҳои умумии ҳуқуқ мансуб медонанд, розӣ шудан душвор аст, зеро мустаҳкам гардидани он дар Кодекси ҷиноятӣ на танҳо Аҳаммияти рамзӣ ва тасдиққунанда дорад, балки дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин нақши функсионалӣ ва танзимкунандаро низ иҷро мекунад» [308, с. 193-199].

Принсипи адолат, ки баъзан «ҷавобгарии одилонаи ҷиноятӣ» номида мешавад, ва принсипи инсондустӣ дар зоҳир мафҳумҳои васеъ менамоянд. Аммо дар матни Қонун онҳо хеле маҳдуд шарҳ ёфтаанд ва бештар ба доираи

худи ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл доранд. Бо дарназардошти Аҳаммияти махсуси ин принсипҳо, баъзе намояндагони илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бар онанд, ки таърифи онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ бояд васеътар шарҳ дода шавад. Масалан, пешниҳод мегардад, ки принсипи адолат ҳамчун талаботе фаҳмида шавад, ки мувофиқи он ««Қонуни ҷиноятӣ бояд то андозае ба тасаввуроти умуминсонӣ дар бораи адолат ва рафтори дуруст мувофиқат намояд, ки ин тасаввурот аз шароити иҷтимоии ҷомеа бармеоянд» [58, с. 406]. Дар варианти дигар гуфта мешавад, ки «Қонуни ҷиноятӣ бояд одилона бошад, яъне аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснок, инчунин аз лиҳози илмӣ ва криминологӣ далелнок бошад» [308, с. 193-199]. Принсипи инсондустӣ ҳамчун «мутобиқати Қонуни ҷиноятӣ ба тасаввуроти умумиинсонӣ дар бораи эҳтиром ба шахсият» [58, с. 406] шарҳ дода мешавад. Аммо дар сурати чунин тавсеаи абстрактии мазмун, аҳаммияти амалии мустаҳкамсозии ин принсипҳо дар матни Кодекс коҳиш меёбад. В.А. Толстик дуруст қайд мекунад, ки агар меъёрҳо аз ҳад зиёд абстрактӣ баён шаванд, онҳо хусусияти меъёрии худро гум мекунанд. Дар чунин ҳолат муқаррароти ҳуқуқӣ дигар ҳамчун қоидаи ҳатмӣ қабул намешавад, балки ба як изҳороти умумӣ ё тавсифи вазъ табдил меёбад, ки қувваи ҳуқуқӣ надорад [293, с. 296–302].

Аз ҳамин нигоҳ, таърифи Қонунгузории принсипҳои Қонуни ҷиноятиро на бо роҳи боз ҳам умумӣ кардани онҳо, балки тавассути равшантар ва мушаххастар нишон додани мазмунашон дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ такмил додан лозим аст. Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки «мувофиқи қоидаҳои техникаи Қонунгузорӣ, лексика ва услуби таҳририи матни меъёрӣ, принсипҳои асосӣ наметавонанд дар матни Қонуни ҷиноятӣ бо тамоми мазмун ва шаклҳои зоҳиршавии худ пурра баён карда шаванд» [161, с. 583].

Принсипҳо бори аввал дар Қонунгузории миллӣ дар Асосҳои Қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1991 мустаҳкам карда шуданд. Аммо ин муқаррарот 11 июли соли 1992 ба қувваи ҳуқуқӣ надаромад, зеро Иттиҳоди Шӯравӣ пеш аз он пароканда шуда буд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, мустаҳкам намудани принсипҳо бевосита дар Қонун Аҳаммияти калон дошт. Аввалан, ин ба баланд гардидани

муайяннокии ҳуқуқӣ мусоидат намуд, зеро дар Қонун фаҳмиши асосии он ки кадом ғояҳо пояи ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ҷиноятӣ кадом ҳадафҳоро пайгирӣ мекунад ва меъёри Қонун бо амалияи татбиқи он чӣ гуна бояд мутобиқат дошта бошад, муқаррар карда мешуд.

Дуюм, чунин мустаҳкамкунӣ ҳамчун кафолати ҳифзи ҳуқуқи инсон хизмат мекард: принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои Қонунгузор, судя ва муфаттиш ҳамчун роҳнамо амал намуда, хавфи татбиқи худсаронаи ҷазоро коҳиш медиҳанд.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим аст таъкид карда шавад, ки мустаҳкам намудани принсипҳо дар Қонун танҳо баёни декларативӣ нест. Принсипҳо ҳамчун асос барои тафсири меъёрҳо, ҳалли ихтилофҳо байни муқаррароти Қонун, инчунин барои ташаккули амалияи ягонаи татбиқи онҳо дар судҳо хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, мустаҳкам намудани принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ дар м.2 Асосҳои умумии Қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1991 метавонад ҳамчун марҳилаи муҳим дар таҳаввули ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ баррасӣ гардад. Ин иқдом ба ташаккули равиши низомнок ва принсипиалӣ дар танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ мусоидат намуд, гарчанде ки татбиқи мустақими ин меъёр бинобар шароити таърихӣ ғайриимкон гардид [2, с. 862].

Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ ва назариявии умумӣ пешниҳодҳо низ садо медиҳанд, ки Қонунгузор бояд принсипҳои танзимкунандаи фаъолияти муайянро дар пешгуфтори (преамбулаи) санади меъёрии дахлдор ба таври равшан мустаҳкам намояд. Чунин тавсия ба он асос меёбад, ки муқаррароти принсипии Қонун бояд аллакай дар оғози санад ба таври намоён ифода гарданд, то Аҳаммият ва нақши онҳо дар тафсири минбаъдаи меъёрҳо ҳам барои ҳуқуқтатбиққунандагон ва ҳам барои шаҳрвандон равшан бошад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, ворид намудани принсипҳо ба пешгуфтори Қонун якчанд вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Аввалан, ин ба дарки сохтории Қонун мусоидат намуда, имкон медиҳад, ки самтҳо ва ҳадафҳои асосии танзими ҳуқуқӣ аз оғоз муайян карда шаванд. Дуюм, чунин тарз ба мувофиқӣ ва пешгӯишавандагии татбиқи меъёрҳо мусоидат мекунад,

зеро судҳо ва мақомоти тафтиши пешакӣ ҳангоми тафсири меъёрҳои баҳснок ё ҳалли ихтилофҳо байни онҳо метавонанд ба принсипҳои муқарраргардида такя намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки чунин тавсия, инчунин ба баланд гардидани фарҳанги ҳуқуқии Қонунгузор мусоидат мекунад: мустаҳкам намудани принсипҳо дар преамбула Қонунгузорро ба муносибати бештар низомнок ҳангоми таҳияи Қонун ҳидоят менамояд, аз шаклгароӣ ва худсарӣ дар формулировкаҳо пешгирӣ мекунад ва инчунин кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои бунёдии шахсро, махсусан дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, тақвият мебахшад. Дар оянда чунин тарз метавонад ба ташаккули стандартҳои ягонаи тафсири Қонун мусоидат намуда, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунандагонро осон гардонад ва эътимоди ҷомеаро ба адолати ҷиноятӣ баланд бардорад.

Дар адабиёти муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин андешаҳо баён мешаванд, ки ҷонибдори интиқоли принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ аз гурӯҳи муқаррароти низомсоз бевосита ба преамбулаи Кодекси ҷиноятӣ мебошанд. Ҷонибдорони ин консепсия чунин мешуморанд, ки чунин преамбула метавонад нақши як навъ «Конститутсияи ҳуқуқи ҷиноятӣ»-ро иҷро намояд, яъне самтҳои асосии тамоми низоми Қонунгузории ҷиноятиро муайян карда, татбиқи ягонаи онро таъмин созад.

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқ, мустаҳкам намудани принсипҳо дар преамбула як қатор бартариҳои муҳим дорад. Аввалан, ин арзишҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба монанди Қонуният, адолат, инсондустӣ ва мутаносибии ҷазоро ба таври расмӣ муқаррар намуда, онҳоро барои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ошкоро ва ҳатмӣ мегардонад. Дуюм, преамбула метавонад вазифаи методологиро иҷро намояд, яъне ба ҳуқуқтатбиққунандагон - судяҳо, прокурорҳо ва муфаттишон имкон диҳад, ки ҳангоми тафсири меъёрҳо аз самтҳои ягона роҳнамоӣ намоянд, махсусан дар ҳолатҳои ихтилофи ҳуқуқӣ ё мавҷуд будани холигӣ дар Қонун.

Ғайр аз ин, мустаҳкам намудани принсипҳо дар преамбула ба баланд гардидани муайяннокӣ ва пешгӯишавандагии Қонунгузории ҷиноятӣ

мусоидат менамояд, зеро мақсад ва вазифаҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шакли як роҳнамои ҳуқуқии фаҳмо ва дастрас барои ҳамаи субъектҳо ифода мегарданд. Чунин тарз, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои Қонунии шаҳрвандонро тақвият дода, заминаи мутобиқсозии ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ ва ҳуқуқи инсонро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, пешниҳоди интиқоли принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ ба преамбулаи Кодекси ҷиноятӣ хусусияти танҳо декларативӣ надорад. Он Аҳаммияти воқеии амалӣ ва методологӣ дошта, пояи ягонаи низомии ҳуқуқи ҷиноятиро ташаккул медиҳад ва ҳамчун роҳнамо барои тамоми амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат мекунад.

Масъалаи мувофиқ будани мустаҳкам намудани принсипҳои соҳаи муайяни ҳуқуқ дар преамбулаи Қонунҳои дахлдор дар адабиёти илмӣ низ фаъолона баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, ба ин масъала ҳуқуқшиноси маъруфи рус О. С. Иоффе таваҷҷуҳ зоҳир намуда буд. Ӯ қайд мекард, ки ворид намудани принсипҳо ба преамбула имкон медиҳад, ки Қонунгузор заминаи идеологӣ ва арзишии санади меъёриро ба таври равшан муайян намояд, ки ин махсусан барои соҳаҳои низомсози ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, Аҳаммияти муҳим дорад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, андешаи О. С. Иоффе Аҳаммияти амалӣ дорад. Принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ на категорияҳои абстрактӣ, балки танзимгарони рафтори ҳам давлат ва ҳам иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, ки ҳудуди дахолати иҷозатдодашударо ба ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ муайян мекунанд. Мустаҳкам намудани онҳо дар преамбулаи Қонун имкон медиҳад, ки мақсадҳои асосии Қонунгузории ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноятҳо, таъини ҷазои одилона ва одаткунонии иҷтимоии ҳуқуқвайронкунандагон аз оғоз муайян карда шаванд.

Ғайр аз ин, андешае, ки О. С. Иоффе пешниҳод намудааст, вазифаи методологӣ ва меъёрии Қонунро тақвият мебахшад. Преамбулае, ки принсипҳоро дар бар мегирад, ба як навъ «чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ» табдил меёбад,

ки дар асоси он судҳо, мақомоти тафтишотӣ ва прокуратура метавонанд меъёрҳоро пайдарпай ва дақиқ тафсир намоянд, аз татбиқи худсаронаи Қонун худдорӣ карда, эътимоди ҷомеаро ба адолати ҷиноятӣ баланд бардоранд.

Ҳамин тариқ, О. С. Иоффе зикр месозад, ки: «зарурати ба таври низомнок мустаҳкам намудани принсипҳои бунёдии соҳаи ҳуқуқро дар преамбулаи санадҳои меъёрӣ тасдиқ менамояд. Чунин тарз ба баланд гардидани муайяннокии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таъмин мекунад ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳким мебахшад» [231, с. 178-195].

Дар ҳамин замина саволе ба миён меояд: то кадом андоза татбиқи пешниҳоди мустаҳкам намудани принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ дар преамбулаи Қонунгузории кодификатсияшудаи ҷиноятӣ мақсаднок аст? Ин баҳс ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои ташаккули низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ Аҳаммияти муҳим дорад.

Преамбула, ки аз калимаи лотинии *praeambula* («пешраванда», «пешомада») гирифта шудааст, қисми муқаддимавии санади меъёрӣ буда, унсури ёрирасони сохтории он ба ҳисоб меравад. Он муқаррароти ҳатмии барои иҷро пешбинишударо дар бар намегирад, аммо вазифаҳои муҳимми иттилоотӣ ва роҳнамоиро иҷро мекунад. Аз ҷумла, преамбула имкон медиҳад:

– мақсад ва вазифаҳои Қонунро нишон дода, равшан созад, ки танзими меъёрӣ ба кадом арзишҳо ва ғояҳо такя мекунад;

– дар фаҳмидан ва шарҳ додани меъёрҳо роҳнамо бошад, махсусан вақте ки дар Қонун холигӣ, ихтилоф ё норавшанӣ вуҷуд дорад;

– Қонунгузориро ба як низоми пайваста табдил дода, мувофиқати моддаҳои алоҳидаро бо принсипҳои асосии он нигоҳ дорад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, мустаҳкам намудани принсипҳо дар преамбула махсусан муфид мебуд. Принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ ҳудуди маҷбуркунии давлат, мутаносибии ҷазо, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро муайян мекунанд. Преамбулае, ки принсипҳоро ба таври возеҳ ифода мекунад, имкон медод самтҳои асосии

фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз оғоз муайян карда шуда, пешгӯишавандагии қарорҳои суд ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баланд бардошта шавад.

«Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари амалӣ бояд ба назар гирифт, ки преамбула унсури ёрирасони Қонун буда, унсури ҳатмӣ ҳисоб намешавад. Ин маънои онро дорад, ки худи он уҳдадориҳои нави ҳуқуқӣ эҷод намекунад, балки танҳо меъёрҳои мавҷударо ба низом медарорад ва Аҳаммияти онҳоро таъкид менамояд. Бо вуҷуди ин, нақши он дар Қонунгузории кодификатсияшудаи ҷиноятӣ набояд кам арзёбӣ гардад, зеро преамбула заминаи методологиро барои тамоми соҳаи ҳуқуқ фароҳам оварда, ба як навъ «конститутсияи» Қонунгузории ҷиноятӣ табдил меёбад, ки ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ метавонанд ба он такя намоянд» [183, с. 415].

Ҷолиб аст, ки на ҳамаи олимон ва мутафаккирон аз ғояи ворид намудани преамбула ба санадҳои Қонунгузорӣ ҷонибдорӣ мекарданд. Масалан, Фрэнсис Бэкон ба чунин амалия қатъиян мухолиф буд. Дар асари «Дар бораи баёни мураккаб ва норавшани Қонунҳо» ӯ пешниҳод мекард, ки Қонун бе преамбула оғоз шавад ва матн рост аз муқаррароти асосӣ оғоз гардад. Ба андешаи ӯ, преамбула фаҳмиши Қонунро вазнинтар мекунад ва метавонад таваҷҷуҳро аз мазмуни асосии он дур созад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, далели Бэкон то андозае Аҳаммият дорад, зеро: «Преамбула меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқиро муқаррар намекунад ва муқаддимаи аз ҳад муфассал метавонад диққатро аз муқаррароти мушаххаси Қонун дур намояд, ки ин ба равшанӣ ва татбиқи амалии он таъсири манфӣ мерасонад. Дар Қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар он танзими дақиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиа, инчунин шаклҳо ва муҳлатҳои ҷазо Аҳаммияти махсус дорад, преамбулаи аз ҳад тӯлонӣ ё мураккаб метавонад хавфи тафсири нодурусти меъёрҳоро ба вуҷуд оварад» [23, с. 567; 138, с. 622]. Дар илми муосири ҳуқуқи ватанӣ низ баҳсҳо дар бораи мақсаднокии ворид намудани преамбула ба санадҳои меъёрӣ идома дорад. Баъзе муҳаққиқон андеша доранд, ки: «Преамбула дар асл матни зиёдатӣ мебошад, ки санадро

пурбор карда, дарки ҳамаҷонибаи мазмуни тамоми санади меъёрӣ-ҳуқуқиро душвор мегардонад. Чунин интиқод ба он асос меёбад, ки преамбула, ҳамчун қисми муқаддимавӣ ва ёрирасони Қонун, меъёрҳои ҳатмиро дар бар намегирад ва метавонад боиси афзоиши ҳаҷми иттилоот гардад, ки диққатро аз муқаррароти мушаххаси Қонун дур месозад, махсусан дар соҳаҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқ, аз ҷумла дар Қонунгузории ҷиноятӣ» [52, с. 510].

Аз тарафи дигар, нуқтаи назари муқобил низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он «агар сухан дар бораи санади меъёрӣ равад, матлуб аст дар он ҳатто як преамбулаи кӯтоҳ ҷой дода шавад, то ба ҳуҷҷати ҳуқуқӣ асоснокӣ ва эътимоднокии муайян бахшида шавад». Ҷонибдорони ин мавқеъ таъкид мекунанд, ки сохтор ва тарзи таҳияи преамбула ба фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, иттиҳодияҳо, шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Ба ибораи дигар, преамбулаи дуруст таҳияшуда на танҳо низомнокӣ ва мантиқи Қонунро тақвият медиҳад, балки ба дарки самараноки мазмуни он мусоидат намуда, татбиқи ҳуқуқро осон мегардонад ва пешгӯишавандагии рафтори ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, ин баҳс Аҳаммияти махсус дорад, зеро: «Принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиа, инчунин мақсади ҷазо ва дигар чораҳои таъсиррасониро муайян мекунанд» [181, с. 384].

Дар ҳамин замина, В. М. Баранов зикр менамояд, ки: «Набудани преамбулаҳо дар чунин санадҳои кодификатсияшуда, ба монанди Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси шаҳрсозӣ, Кодекси маданӣ, Кодекси замин, Кодекси андоз, Кодекси гумрук ва Кодекси меҳнат, ҳамчун як камбудии Қонунгузорӣ арзёбӣ менамояд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ба ин номгӯй Кодекси ҷиноятӣ дидаву дониста дохил карда нашудааст, зеро зарурати мавҷудияти он ва Аҳаммияти меъёрии он барои ҷомеа шубҳа ба миён намеорад» [142, с. 243].

Ҳеҷ яке аз кодексҳои ҷиноятии қаблии миллӣ, аз ҷумла КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 преамбула надоштанд. «Таҳлили таҷрибаи муосири байналмилалӣ низ нишон медиҳад, ки ғояи ворид намудани преамбула ба кодексҳои ҷиноятӣ ба таври васеъ паҳн нашудааст. Аз ин рӯ, мавқеи он олимоне, ки тамоми Қисми умумии кодексҳои ҷиноятиро ба сифати преамбула арзёбӣ мекунанд, нодуруст буда, ба таҷрибаи таърихӣ ва ба таҷрибаи байналмилалӣ мувофиқат намекунад» [355, с. 52].

Гурӯҳи дуюми сохтории Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ аз муқаррароти умумӣ иборат аст. Мантиқи сохтани ин муқаррарот чунин аст, ки пеш аз ҳама аломатҳои умумии ҷиноят мустаҳкам карда шуда, тавсифи умумии роҳҳо ва шаклҳои содир намудани онҳо пешниҳод мегардад. Танҳо баъд аз ин меъёрҳое ифода меёбанд, ки хусусиятҳои умумии чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян мекунанд. Чунин пайдарпайӣ ба таври анъанавӣ ҳам дар Қонунгузории миллӣ ва ҳам дар Қонунгузории хориҷӣ ҳангоми таҳияи кодексҳои ҷиноятӣ истифода мешавад, зеро он бартарии кирдори барои ҷамъият хавфнокро нисбат ба маҷбуркунии минбаъдаи давлатӣ таъкид менамояд.

Дар КҶ ҶТ амалкунанда сохтори институтҳои хелии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аломатҳои умумии ҷиноят ва шаклҳои содир намудани онро шарҳ медиҳанд, ба таври зерин пешниҳод шудааст:

– институти мафҳум, категорияҳои ҷиноят ва сершуморагии ҷиноятҳо;

– институти шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;

– институти гуноҳ ва ҳолатҳое, ки гунаҳгориро истисно мекунанд;

– институти ҷинояти нотамом;

– институти шарикӣ дар ҷиноят;

– институти ҳолатҳое, ки ҷиноятӣ будани кирдорро истисно мекунанд.

Бо вуҷуди ин, чунин пайдарпайӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди эрод қарор гирифтааст. Аз ҷумла, ба андешаи М. С. Жук: «Тартиби оптималии ҷойгиршавии институтҳо бояд то андозае дигар бошад: аввал институти мафҳум ва категорияҳои ҷиноят, инчунин ҳолатҳое, ки хавфнокии ҷамъиятии

(ҷиноят будани) кирдорро истисно мекунанд; баъд: институти шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд; минбаъд институти гуноҳ ва ҳолатҳое, ки гунаҳгориро истисно мекунанд; сипас институти ҷинояти нотамом; институти сершумории ҷиноятҳо; ва ниҳоят: институти шарикӣ дар ҷиноят ҷойгир карда шаванд» [329, с. 62].

Дар маҷмӯъ, бо қабул намудани ин мавқеъ ва баррасии он ҳамчун заминаи эҳтимолии назариявӣ барои сохтани Қисми умумии Қонунгузории нави кодификатсияшудаи ҷиноятӣ, бояд ба як ҷанбаи баҳснок диққат дод, ки ба ҷойгир намудани институти сершуморагии ҷиноятҳо дар сохтори пешниҳодшуда алоқаманд аст. Бо дарназардошти он ки худи М. С. Жук низ «зарурати такмил додани тартиби баёни институтҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар Кодекси ҷиноятӣ эътироф мекунад ва ҳамчунин бо риояи мантиқи сохт аз умумӣ ба хусусӣ ва аз ягона ба сершумор, ба назар чунин мерасад, ки ҷойгир намудани институти сершуморагии ҷиноятҳо дар охири низом мақсадноктар хоҳад буд. Ин пешниҳод бо он асоснок карда мешавад, ки дигар институтҳои зикршуда, бар хилофи институти сершуморагии ҷиноятҳо, пеш аз ҳама як амали алоҳидаи содир намудани ҷиноятро тавсиф мекунанд» [329, с. 62].

Шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар КҶ ҶТ тавассути институтҳои намунавӣ муқаррар гардидаанд: ҷазо, озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва аз ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ва дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ. Аммо дар Қонунгузории амалкунанда ин тартиб вайрон шудааст: тақсимот на ҳамеша аз рӯйи як асос сурат мегирад. «Аз ҷумла, фасли КҶ «Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» меъёрҳоро муттаҳид мекунад, ки на танҳо ба шакли махсуси амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ (татбиқи чораҳои маҷбурсозии хусусияти тарбиявидошта) дахл доранд, балки инчунин имтиёзҳо ва хусусиятҳои татбиқи дигар чораҳои ҷавобгариро нисбат ба субъектҳое дар бар мегиранд, ки бо хусусияти синнусолӣ фарқ мекунанд» [3].

Истифодаи хусусияти синнусолӣ ҳамчун меъёри ташаккули институти алоҳидаи Қисми умумии КҶ дар оянда метавонад ба пайдоиши ғояи таъсиси институтҳои монанд барои занон (бо ҷудо намудани категорияҳои занони

ҳомила ва занони дорои фарзандони синни муайян), хизматчиёни ҳарбӣ (аз рӯи даъват ва аз рӯи қарордод), маъюбони гурӯҳҳои I–II ва дигар категорияҳо оварда расонад, зеро дар Қонунгузории амалкунанда меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуданд, ки барои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ имтиёзҳоро пешбинӣ мекунанд. Аммо чунин роҳро минбаъд нигоҳ доштан чандон дуруст нест. Ҳангоми такмили Кодекси ҷиноятӣ метавон ба масъалаи аз сохтори алоҳида баровардани фасли V «Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» ҷиддӣ назар кард.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша ба ноболиғон муносибати махсус доштааст. Дар муайян кардани ҷавобгарии онҳо танҳо худи кирдор не, балки синну сол ва ҳолати равонии онҳо низ ба назар гирифта мешуд. Бо вуҷуди ин, ҷудо намудани меъёрҳое, ки мақоми махсуси ноболиғонро танзим мекунанд, аз ҷиҳати техникаи ҳуқуқӣ танҳо бо қабули КҶ ҶТ соли 1998 ба амал омад (ба истиснои Асосҳои Қонунгузории ҷиноятии ИҶШС, ки бинобар пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 1 июли соли 1992 ба қувваи Қонунӣ надаромад) ва натиҷаи бевоситаи ислоҳоти куллии Қисми умумии Қонунгузории ҷиноятии миллӣ гардид.

Дар таҳрирҳои пешинаи Қонунҳои ҷиноятӣ қоидаҳое, ки ҷавобгарии сабуктари ноболиғонро муайян мекарданд, дар ҷойҳои гуногуни Кодекс оварда мешуданд. Ба онҳо, аз ҷумла, манъи истифодаи баъзе ҷазоҳо ва маҳдуд кардани муҳлати ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ дохил мешуд. Дар Кодекси ҷиноятӣ қисми ин муқаррарот ба бобҳои алоҳида муттаҳид карда шуд. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар чунин шакл низ байни қоидаҳои умумӣ ва истисноҳои мазмунӣ барои ноболиғон фосила боқӣ мемонад, гарчанде ки байни онҳо робитаи мантиқӣ мавҷуд аст. Ин ҳолат аз нуқтаи назари мақсаднокии техникаи ҳуқуқӣ шубҳаҳоро ба миён меорад.

Тавре ки В. М. Баранов қайд менамояд, ки: «Паси чунин ҳалли сохторӣ як навъ «заминаи ғояви»-и равиши техникӣ-ҳуқуқӣ қарор дорад. Дар тарзи муосири баёни имтиёзҳо барои ноболиғон ҷудоӣ ва парокандагии маводди ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин зиёдатии тақсимоти сохторӣ мушоҳида мешавад, ки дарки онро мушкил гардонда, татбиқи амалии онро низ душвор месозад»

[377]. Барои бартараф кардани ин камбудиҳо ва осонтар кардани истифодаи Қонунгузории ҷиноятии кодификатсияшуда, беҳтар аст танҳо институти чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ ҳамчун боби алоҳида ҷудо карда шавад. Меъёрҳои марбут ба он ҳоло дар моддаҳои 86-95 КҶ ҶТ ҷой доранд. Ҳамаи дигар муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҳамчун истисно барои ноболиғон баромад мекунанд, ба мақсад мувофиқ мебуд ба ҳамон фаслҳое интиқол дода шаванд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ба онҳо мансубанд ва мустақиман дар ҷойҳои танзими асосии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам гарданд. Чунин тарз имкон медиҳад парокандагии мавод бартараф гардида, зиёдатии тақсимоти сохторӣ коҳиш дода шавад.

Дар мавриди идеяи берун бурдани меъёрҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон аз доираи Қонуни кодификатсияшудаи ҷиноятӣ, яъне таҳияи Қонуни алоҳида барои танзими ҷавобгарии онҳо, чунин ташаббус чандон самаранок ба назар намерасад.

Ҳамзамон бояд бо андешаи М. С. Жук розӣ шуд, ки дар оянда: «Низоми институтҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд дар атрофи ду категорияи марказии соҳа -ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бунёд карда шавад» [40, с. 300]. Дар асоси ин пешниҳод чунин сохтори дурнамавии институтҳои хелии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро тавсиф мекунанд, пешниҳод мегардад: институти мафҳум ва мақсади ҷавобгарии ҷиноятӣ; институти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ; институти мафҳум ва намудҳои ҷазо; ба ин қатор таъини ҷазо, озод намудан аз адои ҷазо, мусодираи молу мулк, чораҳои маҷбурии тиббӣ ва доғи судӣ дохил мешаванд. Танҳо бояд он меъёрҳое ҷудо карда шаванд, ки ба озод намудан аз адои минбаъдаи қисми ҷазои аллакай адошуда дахл доранд, зеро онҳо бештар ба ҳуқуқи иҷрои ҷазо мансубанд.

Дар маҷмуъ, чунин тартибро метавон қабул кард, аммо он ҳанӯз ба такмил ниёз дорад. Баъзе институтҳо бояд дақиқтар ҷойгир ва пурратар сохта шаванд.

Диққати махсус ба бартарии сохтори пешниҳодшуда ҷалб мегардад, ки он дар ҷудо намудани институти озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва

институти озод намудан аз ҷазо ифода меёбад, дар ҳоле ки дар айни замон онҳо дар фасли IV КҶ ҶТ якҷо муттаҳид шудаанд. Ҳамзамон, ҳангоми ташаккули минбаъдаи институти хелии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд масъалаи нисбатан мураккаби шумораи институтҳои асосие, ки таркиби онро ташкил медиҳанд, ҳал карда шавад, зеро асосҳои озод намудан на танҳо дар Қисми умумӣ, балки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ низ пешбинӣ гардидаанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ҳолатҳои зикршуда, мумкин аст ба таърифҳои қаблан баррасишудаи Қисми умумии КҶ ҶТ баҳо дода шавад, ҳамчунин таърифҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ба назар гирифта шаванд.

Аввалан, дар Қисми умумии КҶ ҶТ он мафҳумҳо, категорияҳо ва институтҳое ҷой гирифтаанд, ки Қонунгузор онҳоро барои истифодаи Қисми махсус муқаррар кардааст. Аммо ин тавсиф ҳанӯз нишон намедиҳад, ки худи Қисми умумӣ дар сохтори Қонунгузории ҷиноятӣ чӣ ҷойи мустақил дорад.

Дуюм, Қисми умумӣ танҳо замима ё маҷмуи қоидаҳои ёрирасон нест. Он як низоми муайяни меъёрӣ мебошад, ки метавонад дар доираи худ инкишоф ёбад ва ҳамзамон пайвастагӣ, тартиб ва ягонагии дохилии Қонуни ҷиноятиро нигоҳ дорад. Бо вуҷуди ин, ишора ба пайдоиши генетикии он аз муқаррароте, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои алоҳида танзим мекунанд, барои дарки моҳияти он кофӣ нест, зеро чунин мавқеъ имкон медиҳад Қисми умумӣ ҳам ҳамчун натиҷаи ин меъёрҳо ва ҳам ҳамчун манбаи тавлидкунандаи онҳо баррасӣ гардад.

Сеюм, Қисми умумии Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун воҳиди сохтории Кодекси ҷиноятӣ баромад мекунад, ки дар доираи он масъалаҳои маъмулии вобаста ба ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорҳои барои шахсият, ҷомеа ва давлат хавфнок танзим карда мешаванд. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки бисёре аз меъёрҳо танҳо нисбат ба гурӯҳи муайяни кирдорҳо амал мекунанд.

Чорум, Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳо ва категорияҳои асосии соҳаро шарҳ медиҳад, ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, асосҳои он ва чораҳои татбиқшавандаро муайян мекунад. Вале онро танҳо аз принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баровардан дуруст нест. Агар принсипҳо дар дохили худи

Қисми умумӣ ҷой надошта бошанд, пас онҳоро ҳамчун пояи мустақими ҳамаи меъёрҳо нишон додан баҳснок мешавад. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ меъёрҳое низ ҳастанд, ки бевосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ намепайванданд. Масалан, чораҳои маҷбурии тиббӣ нисбат ба шахсони номукаллаф истифода мешаванд, чораҳои тарбиявӣ бошад баъд аз озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегарданд.

Панҷум, дуруст аст, ки Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун маҷмуи институтҳои ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, ки дар пайдарпайии мантиқӣ ҷойгир гардида, байни худ робитаи устувор доранд. Ҳамин гуна тавсифро нисбат ба Қисми махсуси Кодекс, ҳар як соҳаи ҳуқуқ ё қисми алоҳидаи он низ истифода бурдан мумкин аст.

Аз ин рӯ, ҳангоми шарҳи мафҳуми Қисми умумии КҶ ҶТ бояд пеш аз ҳама ҷойи он дар сохтори Кодекс нишон дода шавад. Ин қисм бо Қисми махсус робитаи вазифавӣ дорад ва аломатҳои умумитарини муқаррароти онро ифода мекунад. Дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки КҶ ҶТ санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки пеш аз ҳама ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорҳои барои шахсият, ҷомеа ва давлат хавфнокро муайян менамояд. Ин ҳолат махсусан дар қ. 1 м. 4 КҶ ҶТ таъкид шудааст, ки мувофиқи он маҳз Қонуни ҷиноятии амалкунанда «ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор»-ро муайян мекунад.

Хулоса:

Нақши консептуалии Қисми умумӣ. Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури сохтории Қонуни кодификатсияшудаи ҷиноятӣ мебошад, ки маҷмуи мафҳумҳо, категорияҳо ва институтҳои аз ҷониби Қонунгузор мустаҳкамшударо дар бар мегирад ва ягонагиву ҳамоҳангии дохилии Қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамояд. Он ҳамчун бахши низомсоз баромад карда, заминаи Қисми махсусро ташаккул медиҳад ва принсипҳои асосии танзими ҷавобгарии ҷиноятиро муайян менамояд.

Қисми умумӣ дар ҷараёни рушди таърихии Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун натиҷаи ҷамъбасти меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои

алоҳида танзим мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Дар ибтидо ҳуқуқи ҷиноятӣ ба Қисми умумӣ ва Қисми махсус ҷудо нашуда буд, ки ин ҳолат бо манбаъҳои таърихӣ ва санадҳои меъёрии минбаъда тасдиқ мегардад.

Пайдарпайии баёни меъёрҳои Қисми умумӣ (аз муайян намудани мафҳуми ҷиноят ва категорияҳои он, тавассути институти гуноҳ ва шарикӣ то шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба принсипи «аз умумӣ ба хусусӣ» асос ёфта, бартарии кирдори барои ҷамъият хавфнокро нисбат ба чораҳои маҷбуркунии давлатӣ таъкид менамояд. Бо вуҷуди ин, сохтори амалкунандаи КҶ ҶТ қисман мантиқи чунин тақсимбандиро вайрон намуда, баъзе институтҳоро, ки аз ҷиҳати мазмун ба ҳам алоқаманд нестанд, дар як ҷой муттаҳид мекунад.

БОБИ 4. МАФҲУМИ КАТЕГОРИЯҲОИ ҶИНОЯТ ВА МЕЪЁРҲОИ БА КАТЕГОРИЯҲО ҶУДО НАМУДАНИ ҶИНОЯТҲО

4.1. Категорияҳои ҷиноят дар низоми Қонуни ҷиноятӣ: мафҳум, меъёрҳо ва аҳаммияти ҳуқуқӣ

Мансуб донистани кирдори мушаххас ба категорияи муайяни ҷиноятҳо, пеш аз ҳама, низомноксозии тамоми маҷмуи кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишударо талаб мекунад. Категорияи «таснифи ҷиноятҳо», сарфи назар аз идома доштани баҳсҳои илмӣ оид ба мазмун ва ҳудудҳои он, Аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Тавре ки Н. Н. Маршакова ба таври асоснок таъкид менамояд, ки: «Нақши функсионалии тасниф дар он ифода меёбад, ки он имкон медиҳад дар асоси меъёрҳои ягона институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маҷмӯъҳои калони типологӣ ва аз ҷиҳати мазмун якхела муттаҳид карда шаванд» [348, с. 240].

Дар адабиёти илмӣ фаҳмиши ягона дар бораи ҳудудҳои иҷозатдодашудаи таснифи ҷиноятҳо вуҷуд надорад: масъалаи он ки оё тасниф бояд тамоми Қонунгузории ҷиноятиро фаро гирад ё танҳо дар доираи Қисми умумӣ ё Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ маҳдуд шавад, то ҳол баҳснок боқӣ мемонад. Масалан, Н. Г. Кадников мавқеи нисбатан маҳдудро ҷонибдорӣ намуда, тасниф ва категориябандии ҷиноятҳоро ҳаммаъно медонад ва онҳоро асосан дар асоси меъёрҳои Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ баррасӣ мекунад [50, с. 83]. Ба андешаи ӯ, тасниф (категориябандӣ)-и ҷиноятҳо дар Қисми умумӣ аз ҷудо намудани кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишуда ба категорияҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо иборат аст, ки ин дараҷа дар санксияи намунавӣ ифода ёфта, оқибатҳои хоси ҳуқуқи ҷиноятиро барои ҳар як категория муайян мекунад.

Бо вуҷуди ин, маҳдуд намудани тасниф танҳо ба категориябандӣ, инчунин маҳдуд кардани он бо доираи Қисми умумӣ, аз нуқтаи назари методологӣ осебпазир менамояд. Бояд ба назар гирифт, ки санксияҳо ҳамчун меъёри расмии баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ на танҳо дар Қисми умумӣ, балки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ низ муқаррар гардидаанд, ки ин

ҳолат доираи татбиқи муносибати таснифнамоиро ба таври объективӣ васеъ мегардонад.

Бо мурочиат ба асосҳои назариявии таснифнамоӣ, С. В. Познишев таъкид менамуд, ки: «Он марҳилаи аввалин ва аз ҷиҳати принсипӣ муҳимми таҳқиқи ҳар гуна маҷмуи мураккаб ва гуногуншакли падидаҳо мебошад. Ба андешаи ӯ, тасниф ҳамчун усули маърифати илмӣ Аҳаммияти дугона дорад: аз ҷиҳати беруна он низомнокӣ ва тартиби таҳқиқотро таъмин мекунад, дар ҳоле ки аз ҷиҳати дохилӣ ҳамчун шарти зарурии пуррагӣ ва дурустии хулосаҳои илмӣ хизмат менамояд» [117, с. 407].

А. П. Козлов ҳангоми таҳлили таснифи ҷиноятҳо танҳо бо категориябандии онҳо маҳдуд намешавад. «Ӯ дигар асосҳои низомноксозии кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишударо низ баррасӣ мекунад, аз ҷумла тақсимоти онҳоро аз рӯи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят, аз рӯи дараҷаи анҷомёбии таҷовузи ҷиноятӣ, инчунин вобаста ба хусусиятҳои муқаррар гардидани онҳо дар Қонунгузории ҷиноятӣ» [179, с. 522].

Таснифи ҷиноятҳо метавонад маҷмуи вазифаҳои ба ҳам алоқамандеро иҷро намояд, ки самтҳои гуногун доранд. Аз нуқтаи назари назариявӣ, он пеш аз ҳама ба муайян намудани монандии объективии гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятҳо равона мегардад, ки ин метавонад барои бознигарии мавқеи низомии онҳо дар сохтори Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ асос гардад.

Муносибати таснифнамоӣ, инчунин барои равандҳои криминализатсия ва бандубасти кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишуда Аҳаммияти калон дорад. Мансуб донистани таркибҳои мушаххас ба гурӯҳҳои муайяни намунавӣ имкон медиҳад тавсияҳо оид ба баҳодиҳии ҳуқуқии кирдори содиршуда таҳия карда шаванд, инчунин ҳам холигиҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳам ҳолатҳои криминализатсияи аз ҳад зиёди баъзе шаклҳои кирдор, ки хавфнокии ҷиддии ҷамъиятӣ надоранд, муайян карда шаванд.

Самти дигари татбиқи тасниф ба фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаманд аст. Дар доираи Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ он тавассути ташаккули унсурҳои асосӣ ва низомсози танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, аз ҷумла институтҳои ҷинояти нотамом, шарикӣ, гуноҳ ва дигар институтҳо амалӣ мегардад. Дар доираи Қисми махсус бошад, фарқгузорӣ бо роҳи муқаррар намудани низоми зинабандии аломатҳои вазнинкунандаи таркибҳои мушаххаси ҷиноят ба даст оварда мешавад.

Мавқеи дигар, ки аз нигоҳи таҳқиқотӣ хеле фарох мебошад, аз ҷониби Н. Н. Маршакова пешниҳод шудааст. Ӯ таснифро дар доираи таълимот оид ба техникаи Қонунгузорӣ баррасӣ менамояд. Ба андешаи ӯ: «Ин усул бояд на танҳо нисбат ба ҷиноятҳо, балки нисбат ба дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва падидаҳои дорои Аҳаммияти ҳуқуқӣ низ татбиқ гардад. Тавре ки Н. Н. Маршакова таъкид менамояд, ки: «Тасниф дар Қонунгузории ҷиноятӣ як усули махсуси техникаи ҳуқуқӣ мебошад, ки дар тақсим намудани муқаррароти ҳуқуқии дар Қонун мустаҳкамшуда аз рӯи як меъёри ягона ба категорияҳо (гурӯҳҳо, намудҳо) ифода ёфта, ба таъмин намудани фаҳмиши ягона ва татбиқи дурусти меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ равона шудааст» [348, с. 240].

Мавқеи диалектикӣ дар фаҳмиши тасниф ба он асос меёбад, ки он роҳи муайян намудани робитаи зарурии дохилӣ байни гурӯҳҳо (синфҳо, хелҳо ва дигар сатҳҳои умумисозӣ) мебошад, ки дар доираи онҳо объектҳои таснифшаванда ҷойгир карда мешаванд. Тасниф метавонад дар асоси меъёрҳои мантиқии шаклӣ низ бунёд ёбад; дар чунин ҳолат он ба усулҳои гурӯҳбандӣ такя мекунад, ки муттаҳид намудани объектҳоро дар асоси монандии онҳо дар дохили ҳар як гурӯҳ пешбинӣ менамоянд, ки ин монандӣ аз мавҷудияти хусусиятҳои умумӣ бармеояд. Дар ин раванд монандӣ ба фарқият муқобил гузошта мешавад, ва айният – бо ношабеҳӣ, ки аз нуқтаи назари мантиқӣ тавассути қоидаи тақсим амалӣ мегардад; ин қоида талаб мекунад, ки унсурҳои тасниф байни ҳамдигарро истисно намоянд.

Баръакси ин, навъи мазмунии тасниф диққатро ба ошкор намудани робитаҳои дохилӣ ва Қонунияти байни гурӯҳҳои ҷудошудаи объектҳо равона

мекунад. Дар доираи чунин мавқеъ байни предметҳо чунин муносибатҳо муайян карда мешаванд, аз ҷумла шаклҳои гузариш ва аломатҳои буришёбанда, ки ҳангоми истифодаи танҳо меъёрҳои шаклӣ одатан ба назар намерасанд. Таснифи мазмунӣ на танҳо монандии объектҳоро дар дохили гурӯҳҳои алоҳида ба назар мегирад, балки маҷмуи робитаҳои байни ҳамаи унсурҳои таснифшавандаро, ки ба гурӯҳҳои гуногун мансубанд, низ фаро мегирад.

Аломати муҳимми таснифи мазмунӣ дар инъикоси раванди тағйирёбӣ ва рушди падидаҳои таснифшаванда зоҳир мегардад, яъне дар эътирофи мавҷудияти шаклҳои гузариш байни онҳо. Азбаски чунин таснифҳо ифодаи мантиқии робитаҳо ва муносибатҳои воқеан мавҷудбуда мебошанд, ба онҳо дараҷаи баланди чандирии объективӣ хос аст; онҳо хавфи сунъӣ, худсарӣ ва субъективизмро ба ҳадди ақал мерасонанд. Аз ҳамин сабаб маҳз таснифҳои мазмунӣ воқеан илмӣ ва аз ҷиҳати методологӣ асоснок дониста мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ бештар андешаи мобайнӣ, ки унсурҳои дақиқияти шаклӣ ва таҳлили мазмунро бо ҳам мепайвандад, анъанавӣ ва аз ҷиҳати методологӣ асоснок шуморида мешавад. Масалан, А. Н. Кривоченко зикр менамояд, ки: «Тасниф ҳамчун тақсим намудани ҳамаи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки дар Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ба категорияҳои мустақил вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо муайян мекунад, ки ҳар як категория бо санксияи намунавӣ тавсиф шуда, оқибатҳои муайяни ҳуқуқи ҷиноятиро ба вуҷуд меорад» [67, с. 129]. В.С. Прохоров бошад, «таснифро ҳамчун ҷудо намудани ҷиноятҳо ба гурӯҳҳо (синфҳо) дар асоси як аломати муҳим баррасӣ менамояд, ки имкон медиҳад ҳам хусусиятҳои умумии онҳо ва ҳам фарқиятҳои байни кирдорҳои таснифшаванда ошкор карда шаванд» [120, с. 136].

Таърифҳои овардашуда дар маҷмӯъ бо фаҳмиши умумизабонии мафҳуми тасниф мувофиқат мекунанд, ки он ҳамчун натиҷаи тақсимоти низомнокӣ объектҳо ба гурӯҳҳо, хелҳо ё синфҳо фаҳмида мешавад. Нуқтаи назари нисбатан муфассал ва мураккабтарро П. С. Кардаев пешниҳод

менамояд, ки: «Диққати худро ба Аҳаммияти меъёрӣ-ҳуқуқии категорияҳои ҷиноят равона мекунад. Ба андешаи ӯ, тасниф тақсимоти ҷиноятҳоест, ки аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудааст ва дар асоси меъёри хавфнокии ҷамъиятии онҳо (дараҷаи вазнинӣ) амалӣ мегардад; шумораи ин категорияҳо ва Аҳаммияти ҳуқуқии онҳо аз маҷмуи институтҳои амалкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста мебошад, ки барои татбиқ нисбат ба шахсоне пешбинӣ шудаанд, ки ҷиноятҳои дорои дараҷаҳои гуногуни вазнинӣ содир кардаанд» [336, с. 198].

Ба чунин талабот пурра институти категориябандии ҷиноятҳо ҷавобгӯ мебошад. Дар асоси он, пеш аз ҳама, хавфнокии ҷамъиятии кирдор меистад. Ин хавфнокӣ дар Қонун тавассути санксияи меъёр ва шакли гунаҳгорӣ нишон дода мешавад. Категорияҳои ҷудошуда бо ҳамдигар омезиш намеёбанд, низоми муттасилро ташкил медиҳанд ва дар маҷмӯъ тамоми маҷмуи ҷиноятҳоро фаро мегиранд. «Аз ин рӯ, мавқеи он муаллифоне, ки дар м. 18 КҶ мавҷудияти ду асоси мустақили тасниф - санксия ва шакли гуноҳро мебинанд, асоснок ба назар намерасад» [64, с. 656].

Асоси категориябандии ҷиноятҳо дар қ. 1 м. 18 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст, дар ҳоле ки дар қисмҳои минбаъдаи ҳамин меъёр он боз ҳам мушаххастар гардида, инкишофи меъёрии худро пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, чунин модели тасниф ҷанбаи диалектикии рушдро, ки барои таснифҳои мазмунӣ хос аст, пурра инъикос намекунад, зеро бештар ба меъёрҳои шаклан муайяншуда такя мекунад.

Қобили зикр аст, ки сохторҳои таснифие, ки фарқиятҳои сифатиро байни падидаҳои ҳамсон ба назар мегиранд, аллакай дар Қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуданд. Масалан, метавон ба низоми шаклҳои шарикӣ, ки дар м. 36 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, ишора кард. Аз ҷумла, гурӯҳи муташаккил ҳамаи аломатҳои гурӯҳи шахсонеро, ки бо маслиҳати пешакӣ амал мекунанд, дар бар мегирад, аммо аз он на аз рӯи миқдор, балки аз рӯи сифат фарқ мекунад, пеш аз ҳама аз рӯи сатҳи ҳамоҳангӣ ва муташаккилии фаъолияти якҷояи ҷиноятӣ. Аз ин рӯ, мувофиқ ба назар мерасад, ки имконияти ворид намудани меъёрҳои

сифатӣ ба сохтори м.18 КҶ ҶТ низ баррасӣ карда шавад, ки ин ба категориябандии ҷиноятҳо хусусияти бештар мазмунӣ хоҳад бахшид (асосноккунии муфассали ин андеша дар қисмати минбаъда пешниҳод мегардад).

Ҳамин тариқ, таснифи ҷиноятҳо метавонад ва бояд хусусияти фарогир дошта бошад ва тамоми низоми Қонунгузории ҷиноятиро фаро гирад. Бо мақсади муқоиса мумкин аст вобаста ба вазифаҳои таҳқиқотӣ чандин намунаи моделҳои таснифӣ тарҳрезӣ карда шаванд. Ба сифати асоси чунин тасниф метавонанд инҳо баромад намоянд: унсурҳои гипотезаи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ; унсурҳои диспозитсияи он; унсурҳои санксияи он.

Унсурҳои гипотеза, одатан, берун аз доираи худи Қонунгузории ҷиноятӣ ҷой доранд ва дар меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқи позитивӣ ифода меёбанд. Гарчанде ки онҳо метавонанд барои бандубасти кирдор ва арзёбии он ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок Аҳаммияти муҳим дошта бошанд, истифодаи онҳо ҳамчун асоси таснифи ҷиноятҳо аз нуқтаи назари методологӣ асоснок ба назар намерасад. Таҳлили таснифӣ бояд танҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ такя кунад, ки ин зарурати муроҷиат, пеш аз ҳама ба диспозитсия ва санксияи меъёрро ба миён меорад.

Тавре маълум аст, диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ тавсифи таркиби ҷиноят ва маҷмуи унсурҳои онро дар бар мегирад, ки ин имкон медиҳад як қатор асосҳои мустақили таснифи ҷиноятҳо ҷудо карда шаванд.

Дар ҳақиқат, андешаи А. А. Тер-Акопов дар бораи он ки таркиби ҷиноят вазифаи таснифиро иҷро мекунад, ниёз ба мушаххассозӣ дорад. Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда метавон чунин хулоса кард:

Таркиби ҷиноят низоми аломатҳои объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, ки объект, тарафи объективӣ, субъект ва шакли гуноҳро фаро мегирад. Ин унсурҳо имконият медиҳанд, ки ҷиноятҳо аз рӯи аломатҳои мушаххас аз ҳам фарқ карда шаванд, аммо худ аз худ наметавонанд ҳамчун меъёри асосии тасниф хизмат кунанд. Онҳо танҳо заминаи ёрирасон фароҳам меоранд, ки ба Қонунгузор ва ҳуқуқтатбиққунанда имкон медиҳад намудҳои

алоҳидаи ҷиноятҳоро ҷудо намоянд, бандубасти онҳоро дақиқ гардонанд ва хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳоро муайян кунанд.

Пас, таркиби ҷиноят наметавонад меъёри асосии ҷудо кардани ҷиноятҳо бошад. Он танҳо нақши ёрирасон дорад. Асос ҳамоно хавфнокии ҷамъиятии кирдор аст, ки Қонун онро тавассути санксия нишон медиҳад. Таркиби ҷиноят бошад, бештар барои он лозим аст, ки ҳамин категорияҳо равшантар ва дақиқтар фаҳмида шаванд. Ин ҳолат бо муқаррароти м. 18 КҶ ҶТ ва равишҳои муосири фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқат дорад.

Таркиби ҷиноят ҳамон нишонаҳоеро дар бар мегирад, ки аз рӯйи онҳо ҳаракат ё беҳаракатии хавфноки шахс ҷиноят дониста мешавад. Ин нишонаҳо ҳам тарафи берунии кирдорро нишон медиҳанд ва ҳам муносибати дохилии шахсро ба он. Дар ин раванд таркиб вазифаи ёрирасонро дар тасниф иҷро намуда, имкон медиҳад ҷиноятҳо аз рӯи аломатҳои худ дақиқтар ҷудо карда шаванд, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо мушаххас гардад ва заминаи зарурӣ барои бандубасти онҳо фароҳам оварда шавад. «Аммо таркиби ҷиноят меъёри мустақили категориябандӣ ба ҳисоб намеравад, зеро таснифи ҷиноятҳо дар доираи м. 18 КҶ ҶТ, пеш аз ҳама ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ такя мекунад, ки онҳо тавассути санксия ифода ёфта, бо шакли гуноҳ такмил меёбанд» [141, с. 478].

Мафҳуми таркиби ҷиноят ҳамчун низоми мукаммали ҳуқуқи ҷиноятӣ бо маҷмуи унсурҳои онро ташкилдиҳанда робитаи ҷудонашаванда дорад. Ин унсурҳо ҳамчун зерсистемаҳои мустақил баромад мекунанд, аз ҷумла: объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари методологӣ нодуруст мебуд худи таркиби ҷиноятро ҳамчун меъёри мустақими таснифи кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишуда баррасӣ намуд. Мувофиқтар он аст, ки барои тасниф унсурҳои алоҳидаи таркиби ҷиноят ва аломатҳои мушаххаси онҳоро истифода бурд.

Бо чунин мавқеъ хулосаи Н. Г. Кадников низ мувофиқ меояд, ки: «Мувофиқи он таснифи таркибҳои ҷиноят хусусияти ёрирасон дошта, пеш аз

ҳама ҳамчун воситаи фарқгузории ҷиноятҳо аз рӯи унсурҳо ва аломатҳои алоҳидаи онҳо дар сатҳи танзими Қонунгузорӣ хизмат мекунад» [50, с. 83].

Дар байни унсурҳо ва аломатҳои таркиби ҷиноят метавон унсурҳо асосии зеринро ҷудо кард:

а) объекти ҷиноят;

б) сохтори таркиби ҷиноят;

в) шакли гуноҳ;

г) субъекти ҷиноят.

Дар айни замон, санксия бо сабаби дорои мазмуни нисбатан маҳдуд танҳо имконият медиҳад, ки ҷиноятҳо аз нуқтаи назари баҳодиҳии Қонунгузорӣ ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда муқоиса карда шаванд. Дар доираи Кодекси ҷиноятии амалкунанда дар ин ҳолат метавон аз шумора, намуд ва андозаи ҷазоҳои пешбинишуда баромад кард, ки имкон медиҳад санксияҳо ба таври зерин тасниф карда шаванд:

а) бо як ҷазои ягона (беалтернативӣ);

б) бо якчанд намуди ҷазо (алтернативӣ);

в) танҳо бо ҷазои асосӣ (содда);

г) бо ҷазои иловагӣ (кумулятивӣ);

д) пешбинӣ намудани маҳрум сохтан аз озодӣ;

е) пешбинӣ накардани маҳрум сохтан аз озодӣ.

Бар асоси чунин фарқиятҳо, инчунин мумкин аст дар бораи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мушаххас ва сатҳи зарароварии он барои ҷомеа хулоса бароварда шавад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тарзи таснифи кирдорҳои барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинишуда ҳанӯз дар давраи пешазинқилобӣ рушд ёфта буд. Масалан, Н. С. Тагансев ҳангоми баррасии масъалаи системабандии кирдорҳои ғайриҚонунӣ таснифро ба се гурӯҳ маҳдуд менамуд: «аз рӯи мазмуни кирдор, аз рӯи дараҷаи ҷазодиҳии он ва аз рӯи шартҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс» [139, с. 798].

Дар ин замина нуқтаи назари А. Марсев [268, с. 49-51] ва О. Михал [271, с. 50-53], ки пешниҳод мекунанд зарароварии ҷамъиятӣ ҳамчун меъёри асосии категориябандии ҷиноятҳо истифода шавад, қобили қабул буда наметавонад. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки зарароварии ҷамъиятӣ аз рӯи шакл ва намуд ҷудо карда шавад: ба меъёрҳои шакл онҳо хусусият ва дараҷаи зарарвариро, яъне нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдориро мансуб медонанд, ба меъёрҳои намуд бошад сершуморагии кирдорҳо, иштироки шарикон, марҳилаҳои ҷиноятҳои қасдона, инчунин мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаро дохил мекунанд. Аммо татбиқи чунин модел талаб менамояд, ки барои шакл ва намуд ду таснифи мустақил таҳия карда шавад, ки ин низомро ба таври ҷиддӣ мураккаб намуда, нисбат ба модели дар м. 18 КҶ ҶТ муқарраргардида самаранокии амалии онро коҳиш медиҳад.

Ҳамин тариқ, Қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ танҳо яке аз моделҳои имконпазири таснифи ҷиноятҳоро истифода мебарад -моделеро, ки ба андозаи ҷазои эҳтимолии пешбинишуда асос ёфтааст. Дар ин низом шакли гунаҳгорӣ Аҳаммияти дуюмдараҷа пайдо намуда, танҳо хусусияти ёрирасон дорад. Чунин вазъият зарурати таҳияи минбаъдаи методологияи таснифи ҷиноятҳоро таъкид менамояд, ки он имкон медиҳад модели дақиқтар ва асосноктари категорияҳои ҷиноятҳо ташаккул ёбад, инчунин мушкилоти мавҷудаи фарқгузории нокифояи ҷавобгарии ҷиноятӣ бартараф карда шаванд.

Ҳамчун нуқтаи ибтидоии роҳнамо бояд қарори Қонунгузор дар бораи мустаҳкам намудани тасниф дар шакли категориябандӣ дар меъёри Қисми умумӣ қабул карда шавад. Ин тарз Аҳаммияти равшани амалӣ дорад, зеро ба фаъолияти як қатор институтҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Баҳои ин навовариҳо якмаъно нест. Аз як тараф, мустаҳкам намудани тасниф дар Қисми умумӣ аз сатҳи баланди техникаи Қонунгузорӣ шаҳодат медиҳад ва метавонад ҳамчун такмили назарраси Кодекси ҷиноятӣ арзёбӣ гардад. Аз ҷониби дигар, ин то андозае нақши Қисми махсусро коҳиш медиҳад, зеро чунин вазъиятро ба вуҷуд меорад, ки фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад бо ду роҳи принсипан гуногун амалӣ карда шавад.

Фаъолияти самараноки низоми ҷавобгарии ҷиноятӣ талаб мекунад, ки ба ҳар як аломати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят санксияи дақиқ муайяншуда ва мустақил мувофиқат намояд. Айни замон сохтори мавҷудаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, сарфи назар аз дастовардҳои назаррас, на ҳамеша ба ҳисобгирии пурра ва низомманди ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноят ҳангоми фарқгузории ҷазоҳо мусоидат мекунад. Бо мақсади бартараф намудани ин камбудии методологӣ ва Қонунгузорӣ мувофиқ менамояд, ки ҳаҷми Қисми махсус бо роҳи зиёд намудани шумораи моддаҳо, ки санксияҳоро вобаста ба аломатҳои алоҳидаи квалификатсионӣ мушаххас мегардонанд, васеъ карда шавад.

Чунин васеъкунӣ имкон медиҳад робитаи мустақим байни унсурҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят ва оқибатҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин гардад, ки ин ба дақиқии фарқгузории ҷавобгарӣ мусоидат мекунад. Ҳар як ҷузъи таркиби ҷиноят – объект, тарафи объективӣ, субъект ва шакли гуноҳ метавонад дар меъёрҳои ҷудогонаи Қисми махсус равшантар нишон дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдор бо сахтии ҷазои пешбинишуда ба таври низомманд муқоиса гардад.

Татбиқи чунин тарз ба амалисозии принсипи мустақилияти санксионӣ мусоидат менамояд, ки мувофиқи он мавҷудияти аломати муайяни бандубастшаванда худ аз худ хусусият, намуд ва ҳадди ниҳоии ҷазоро муайян мекунад. Ин на танҳо пешгӯишавандагӣ ва адолатнокии таъқиби ҷиноятиро баланд мебардорад, балки таъсири омили субъективиро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ низ коҳиш медиҳад, ки ҳангоми муайян намудани дараҷаи вазнинии ҷиноят танҳо бар асоси салоҳдиди судя ё категорияҳои умумӣ ба вуҷуд меояд.

Ба назар мерасад, ки аз ҷиҳати назариявӣ мувофиқ мебуд сохтори Қонунгузории ҷиноятӣ бо роҳи «интиқол» додани ҳамаи муқаррароте, ки вазифаи унсурҳои санксияро иҷро мекунанд, аз Қисми махсус ба Қисми умумии КҶ ҶТ тағдиди назар карда шавад. Ин тарз метавонад механизми нави

институтсионалиро ба вуҷуд оварад, ки дар он таъини ҷазо мустақиман ба хусусият, категория ва дараҷаи вазнинии ҷинояти содиршуда вобаста мешавад.

Айни ҳол санксияҳо асосан дар меъёрҳои Қисми махсус мустаҳкам гардидаанд, ки ин як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад: аввалан, чунин ҳолат муқоисаи низомноки аломатҳои таркиби ҷиноятро бо ҷазоҳои мувофиқ мушкил месозад; дуюм, татбиқи принсипи пешгӯишавандагӣ ва ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққуниро душвор мегардонад. Интиқоли унсурҳои санксия ба Қисми умумӣ метавонад меъёрҳои баҳодиҳии ҷазоро якхела намуда, робитаи онҳоро бо категорияҳои ҷиноят, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор таъмин намояд.

Ташаккули институти нав, ки ин меъёрҳоро муттаҳид мекунад, ба бунёди низоми мантиқӣ ва муттасили ҷавобгарии ҷиноятӣ мусоидат менамояд, ки дар он ҳар як категорияи ҷиноят ва аломати алоҳидаи бандубасткунандаи таркиб хусусият, намуд ва ҳадди ниҳоии ҷазоро муайян мекунанд. Чунин тарз на танҳо заминаи объективии фарқгузории ҷавобгариро таҳким мебахшад, балки таъсири ихтиёри субъективии ҳуқуқтатбиққунандаро ҳангоми таъини ҷазо коҳиш медиҳад.

Ғайр аз ин, интиқоли муқаррароти санксионӣ ба Қисми умумӣ имконият фароҳам меорад, ки қоидаҳо ва алгоритмҳои умумии муайян намудани ҷазо таҳия карда шаванд, ки онҳо нисбат ба ҳамаи категорияҳои ҷиноят татбиқшаванда хоҳанд буд, аз ҷумла нисбат ба ҷиноятҳои қасдона, беэҳтиётӣ, аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккил содиршуда ё боиси оқибатҳои махсусан вазнин гардида. Дар натиҷа чунин тарз ба ташаккули низоми дақиқтар, шаффоф ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки категориябандии ҷиноятҳо ва фарқгузории ҷазоҳо мусоидат намуда, метавонад ба динамикаи муосири муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври муносиб ҷавоб диҳад.

Бешубҳа, аз нуқтаи назари техникаи Қонунгузорӣ мустаҳкам намудани таснифи категориявии ҷиноятҳо дар КҶ дастоварди муҳим ба ҳисоб меравад. Тавре ки В. П. Коняхин дуруст қайд менамояд, ки: «Бори аввал дар таърихи навини Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ субинститути муқаррароти меъёрӣ оид

ба категориябандии ҷиноятҳо ба таври расмӣ мустаҳкам гардид. Амалӣ гардидани тасниф тавассути институти категорияҳои ҷиноятҳо ифода ёфтааст, ки дар доктрина ҳамчун гурӯҳи ҷудогонаи намудҳои муайяни кирдорҳо фаҳмида мешаванд, ки бо умумияти аломатҳое муттаҳид гардидаанд, ки Қонуни ҷиноятӣ онҳоро дар низоми падидаҳои ҳамсон ҷудо мекунад. Асоси чунин категорияҳо дараҷаи вазнинии ҷиноят мебошад, ки дар санксияи намунавӣ инъикос ёфта, барои содир намудани онҳо оқибатҳои хоси ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд» [65, с. 346].

Бо вуҷуди ин, то имрӯз дар байни муҳаққиқон дар бораи пуррагии меъёрҳое, ки Қонунгузор онҳоро ҳамчун асоси категориябандӣ истифода кардааст, мавқеи ягона вуҷуд надорад. Мутаассифона, Қонунгузор натавонистааст консепсияи пешбинишудаи Кодекси ҷиноятиро пурра амалӣ намояд ва низоми категорияҳоеро бунёд кунад, ки ҳам хусусият ва ҳам дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳоро ҳамзамон инъикос намояд [51, с. 188].

Албатта, ба таври ғайримустақим хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ ба категорияи ҷиноят таъсир мерасонад, зеро он ҳангоми тарҳрезии санксияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ба назар гирифта мешавад. Аммо ин вобастагӣ тавассути муқаррароти Қисми махсуси кодекс зоҳир мегардад, на бевосита тавассути м. 18 КҶ. Дар асл метавон танҳо дар бораи робитаи мазмунии санксия бо объекти ҷиноят ҳамчун натиҷаи баҳодиҳии иҷтимоии он сухан гуфт.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ П. Коробов меъёрҳои мазмунии категориябандиро, ки дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, зери шубҳа мегузорад. Аз ҷумла, ӯ чунин мешуморад, ки «вазнинии ҷиноятҳо наметавонад аз сатҳи хавфнокии ҷамъиятии гурӯҳи муайяни кирдорҳо шаҳодат диҳад, зеро он танҳо миқдори хавфнокии ба ҷинояти мушаххас хосро ифода мекунад» [244, с. 47-49]. Аммо ин далел, дар асл, номувофиқии интиқоди пешниҳодкардаи муаллифи мӯҳтарамро нишон медиҳад.

Масалан, дар қисми 3 моддаи 49 КҶ ҶТ гуфта шудааст, ки ҳангоми муайян кардани ҷазо вазнинии ҷиноят танҳо меъёр нест. Суд бояд ҳолати

молумулкии маҳкумшударо ҳам ба назар гирад. Ҳамин тавр, ҳуқуқтатбиққунанда уҳдадор аст андозаи ҷаримаро дар доираи санксия бо дарназардошти ҳамин меъёрҳо интихоб намояд. Равшан аст, ки маҳз вазнинии кирдори содиршуда, яъне маҷмуи хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, омили асосие мебошад, ки ба андозаи ҷазои таъингардида таъсир мерасонад.

Андешаи Г. П. Новоселов дар ин масъала чунин аст: «Хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва ҷазои барои он пешбинишуда бояд ҳамчун ду асоси мустақили тасниф баррасӣ карда шаванд: якум имкон медиҳад намудҳо ё категорияҳои гуногуни ҷиноятҳо аз рӯи дараҷаи вазнинӣ ҷудо карда шаванд, дар ҳоле ки дуюм фарқгузории санксияҳои ҳуқуқи ҷиноятиро аз рӯи дараҷаи сахтии онҳо таъмин менамояд» [158, с. 553]. Дар маҷмӯъ, чунин андеша қобили қабул ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ки дар Қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам гардидаанд, ягона воситае мебошанд, ки имконият медиҳанд ҳудуд ва доираи онро муайян намоем. Аз ин рӯ, ҳар гуна таснифи ҷиноятҳо ногузир бо таҳлили санксияҳое алоқаманд аст, ки барои кирдорҳои дахлдор муқаррар гардидаанд.

Моддаи 18 КҶ ҶТ ҳам ба хусусият ва ҳам ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ишора мекунад, ки ду саволи асосиро ба миён меорад: «ин аломатҳо бо кадом меъёрҳои шаклӣ ва воситаҳои техникаи Қонунгузорӣ метавонанд ифода гарданд ва онҳо дар Қонунгузории амалкунанда чӣ гуна амалӣ шудаанд. Дар адабиёти илмӣ оид ба ин масъала мавқеи ягона вуҷуд надорад. Масалан, И. И. Саприкин чунин мешуморад, ки меъёри шаклии категориябандӣ танҳо санксияи пешбинишуда дар моддаи Қонуни ҷиноятӣ мебошад» [361, с. 165].

«Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар эътироф шудааст, ки ду меъёри асосӣ барои муайян намудани мансубияти ҷиноят ба категорияи муайян мавҷуд аст: якум - шакли гуноҳ, ки муносибати рӯҳии шахсро ба кирдори содиршуда инъикос намуда, имкон медиҳад кирдорҳои қасдона ва беэҳтиётӣ фарқ карда

шаванд; дуюм - андозаи санксия, ки тавассути муҳлати ниҳоии эҳтимолии маҳрум сохтан аз озодӣ ифода ёфта, ҳамчун нишондиҳандаи объективии хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ва вазнинии оқибатҳои он хизмат мекунад. Баррасии муштараки ин меъёрҳо имконият медиҳад категорияи ҷиноят дақиқтар муайян карда шуда, дараҷаи гунаҳгорӣ бо баҳодиҳии ҳуқуқии ҷазодиҳии кирдор ба таври низомнок пайваст карда шавад, ки барои ҳамоҳангии Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ Аҳаммияти муҳим дорад» [81, с. 387].

Тавре дида мешавад, дар ин маврид объекти ҷиноят на танҳо номбар намегардад, балки ҳатто ба таври ғайримустақим низ дар назар гирифта намешавад. Аз ин рӯ савол ба миён меояд: меъёрҳои интихобшуда то чӣ андоза асоснок мебошанд ва Қонунгузор ҳангоми тарҳрезии категорияҳои ҷиноят аз кадом имконот метавонист интихоб намояд.

«Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин аломатҳои шаклан муайяншуда пешниҳод шудаанд: санксияи Қонунгузорӣ; ҷазое, ки тибқи ҳукми суд таъин мегардад; номгӯйи ҷиноятҳо; шакли гуноҳ» [179, с. 522]. Ҳамчунин чунин меъёри эҳтимолии тасниф, ба монанди дараҷаи амалисозии қасд - тайёрӣ ба ҷиноят, суйиқасд ба ҷиноят ва ҷинояти хотимаёфта низ пешниҳод гардидааст [151, с. 1061].

Ба назар мерасад, ки меъёри равшан ва соддатарин барои таснифи ҷиноятҳо санксия мебошад. Бо вуҷуди ин, чунин тарз бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мегардад, зеро ҳадди ниҳоии ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ на танҳо аз хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор, балки аз ихтиёри Қонунгузор низ вобаста аст. Дар натиҷа, ҳангоми муайян намудани ҷазо ҳамоно унсури муайяни субъективизм боқӣ мемонад.

Объекти ҷиноят аз ҷониби Қонунгузор ҳамчун асоси сохтани низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ истифода шуда, дар қ.1 м. 2, ки вазифаҳои ҳифзии Қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунад, мустаҳкам гардидааст. Аммо наметавон гуфт, ки объекти ҷиноят дар Қисми умумӣ пурра сарфи назар

шудааст. Аҳаммияти он дар як қатор муқаррароти меъёрӣ зоҳир мегардад, аз ҷумла:

– ҳангоми сохтани низоми ҷазоҳои ҳарбӣ низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад: маҳдудият дар хизмати ҳарбӣ ва нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ асосан ба ҷиноятҳои зидди хизмати ҳарбӣ равона шудаанд;

– таъини якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҷазои қатл танҳо барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, инчунин татбиқи якумра маҳрум сохтан аз озодӣ барои кирдорҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ;

– муқаррар намудани маҳдудиятҳо ва истисноҳо ҳангоми татбиқи муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан вобаста ба хусусияти объекти таҷовуз;

– манъи мавқуф гузоштани адои ҷазо барои занони ҳомила ва заноне, ки кудакони то 8 сола доранд, дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин пешбинӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, объекти ҷиноят дар ҳар ду қисми Кодекси ҷиноятӣ - ҳам Қисми умумӣ ва ҳам Қисми махсус вазифаи муҳимми танзимкунандаро иҷро намуда, ба фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи чораҳои мушаххаси ҷазо таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, таснифи ҷиноятҳо метавонад бар асоси меъёрҳои гуногун, аз ҷумла шакли гуноҳ, сохтори таркиби ҷиноят ва дигар унсурҳо амалӣ гардад. Бо вуҷуди ин, дар м. 18 КҶ ҶТ танҳо як модели таснифи мустаҳкам шудааст - модели аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ муҳимтарин, яъне вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда. Дар таҷрибаи ҳуқуқии хориҷӣ истилоҳи «категориябандӣ» на ҳамеша истифода мешавад, бинобар ин дар бисёр ҳолатҳо дурусттар аст аз «таснифи ҷиноятҳо» сухан ронда шавад. Дар таҳқиқоти минбаъдаи диссертатсионӣ масъалаҳои таъсири категорияҳои ҷиноят ба институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин муайян намудани шумораи оптималии категорияҳо, дар бобҳои махсус баррасӣ карда мешаванд. Дар ин фасл бошад, мувофиқ аст ба

тавсифи меъёрҳои категориябандӣ таваҷҷуҳ карда, таҳлилро аз масъалаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят оғоз намоем.

Масъалаи муайян намудани ҳудуди хавфнокии ҷамъиятӣ низ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Дар адабиёти илмӣ ду нуқтаи назари асосии муқобил мавҷуд аст:

1. хавфнокии ҷамъиятӣ танҳо ҳамчун падидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мешавад ва дигар шаклҳои рафтори девиантӣ чунин хусусият надоранд;

2. хавфнокии ҷамъиятӣ метавонад ба ҳама шаклҳои рафтори ғайриҚонунии инсон хос бошад, ҳарчанд бо дараҷаҳои гуногун, ки бештар дар ҷиноятҳо зоҳир мегардад [102, с. 830].

Маълум аст, ки ин омилҳо наметавонанд ҳамчун асоси муайянкунанда барои тавсифи чунин аломати калидӣ, ба мисли хавфнокии ҷамъиятӣ, хизмат намоянд. Дар асл, маҳз хусусияти хавфнокии ҷамъиятии кирдор асоси фарқгузории ҷиноятҳо аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад.

Тавре ки Г. П. Новоселов дуруст таъкид менамояд, ки: «андешае, ки мувофиқи он хавфнокии ҷамъиятии кирдор аз камАҳаммиятии он вобаста дониста мешавад, на баръакс - камАҳаммиятӣ аз дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ муайян мегардад, бояд хилофи мантиқ шуморида шавад» [69, с. 289].

То имрӯз таносуби хавфнокии ҷамъиятӣ бо дигар падидаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ба таври кофӣ равшан нест, махсусан бо он падидаҳое, ки худ метавонанд ҳамчун асос барои таснифи ҷиноятҳо хизмат намоянд. «Дар байни чунин падидаҳо Аҳаммияти бештар андозаи зарари расонидашуда ва шакли гунаҳгорӣ доранд. Дар адабиёти илмӣ аксар вақт чунин андеша баён мегардад, ки маҷмуи ин меъёрҳо сифат ва андозаи гуногуни хавфнокии ҷамъиятиро инъикос менамоянд. То андозае ин андеша дуруст аст» [334, с. 349; 361, с. 165]. Аммо бояд дар хотир дошт, ки хавфнокии ҷамъиятӣ категорияи баҳодиҳанда мебошад, ки аз ҷониби Қонунгузор ва ҳуқуқтатбиққунанда муайян ва ошкор карда мешавад. Он набояд ҷойи категорияҳои мушаххаси ҳуқуқиро гирад, вале дар якҷоягӣ бо онҳо метавонад тавассути муроҷиат ба асосҳои аввалини онҳо дақиқтар муайян карда шавад.

Дар ҳақиқат, шакли қасдонаи гуноҳ, оқибатҳои вазнини кирдор (масалан, марги ҷабрдида ё расонидани зарари ҷиддӣ ба саломатӣ), истифодаи манбаи хавфи баланд, инчунин хусусияти оммавии рафтори ҷиноятӣ, одатан, ба дараҷаи баландтари хавфнокии ҷамъиятӣ ишора мекунанд нисбат ба ҳолатҳои камтар вазнин. Аммо ҳолатҳое низ ба миён меоянд, ки баъзе асосҳо ба дараҷаи баландтари хавфнокӣ ишора мекунанд, дар ҳоле ки дигарҳо баръакс ба паст будани он далолат менамоянд.

Аз ин рӯ, дар назди муҳаққиқ саволи муҳим ба миён меояд: ҳангоми баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ кадом асосҳо ё омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, хавфнокии ҷамъиятӣ тавассути ду ҷанбаи ба ҳам алоқаманд зоҳир мегардад - хусусият ва дараҷа. То чанде пеш тафсири расмии судии ин мафҳумҳо мавҷуд буд, ки ҳудудҳои методологии татбиқи онҳоро дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ муайян мекард. Нодурустии ин тавзеҳот аз ҷониби бисёр муҳаққиқон қайд гардидааст, бинобар ин дар адабиёти илмӣ метавон таърифҳои дигарро низ вохӯрд.

Масалан, ба андешаи Р.Р. Галиакбаров, аз хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ як қатор ҷанбаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста мебошанд: «Интихоби аломатҳои объективии таркибҳои мушаххаси ҷиноят, ҷудо намудани шаклҳои бандубастшавандаи онҳо, муайян намудани андозаи санксияҳо, инчунин тақсим намудани ҷиноятҳо ба категорияҳои дахлдор. Дар таҳқиқоти баъдӣ муаллиф мушаххас мекунад, ки маҳз хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ имкон медиҳад муайян карда шавад, ки кирдори содиршуда ҷиноят мебошад ва инчунин навъи мушаххаси он муайян гардад» [26, с. 444].

А.Б. Сахаров бар он назар аст, ки: «Хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ бо чунин унсурҳои таркиби ҷиноят муайян карда мешавад, ба мисли объекти таҷовуз (арзиши иҷтимоӣ ва Аҳаммияти он), шакли гуноҳ (қасд ё беэҳтиётӣ) ва баъзан ангезаи ҷиноят» [297, с. 42-54]. А.П. Чугаев бошад, масъалаи мазкуро чунин зикр месозад, ки «Зери мафҳуми хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда «хусусияти сифатӣ ва миқдорие»-ро мефаҳмад, ки ба

ҳамаи ҷиноятҳои ҳамин навъ хос буда, пеш аз ҳама аз хусусият ва арзиши объекти таҷовуз, инчунин аз маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят муайян мегардад» [173, с. 347]. Ба ин аломатҳо шакли гуноҳ, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, тарзи содир намудани кирдор, ангезаҳои ҷиноят, баъзе аломатҳои махсуси субъект, инчунин мансуб донистани кирдор ба категорияи муайяни ҷиноят мутобиқи м.18 КҶ ҶТ дохил мешаванд.

Дар адабиёти илмӣ бештар чунин андеша маъмул аст, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ тавсифи сифатии ҷиноят мебошад. Он имкон медиҳад кирдор ҳамчун ҷиноят аз рӯи маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии ба он хос ҷудо карда шавад, ки Аҳаммияти муносибатҳои ҷамъиятии ба онҳо таҷовузшуда ва инчунин шакли берунии кирдори ба ин муносибатҳо зараррасонандаро инъикос мекунанд.

Бояд таъкид кард, ки маҳз хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ категорияи ҷиноятро муайян мекунад, на баръакс. Тавре ки Г.П. Новоселов дуруст қайд менамояд, «хусусияти объективии хавфнокии ҷамъиятиро бояд дар мустақил будани он аз ирода ва шуури ҳам Қонунгузор ва ҳам шахсе, ки кирдори барои ҷомеа хавфнок содир кардааст, дид». Нодида гирифтани ин принсип метавонад ба хатогиҳои ҷиддии судӣ оварда расонад.

Аввалияти хавфнокии ҷамъиятӣ нисбат ба категорияҳои ҷиноятро А.Н. Ратков низ таъкид мекунад: «Аммо ӯ ба хулосаи муҳим мерасад: азбаски хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ аломати моддӣ ва объективии ҷиноят мебошанд, ки аз ҷониби Қонунгузор шинохта мешаванд ва аз ирода ё шуури ӯ вобаста нестанд, нодуруст аст, ки вобастагии мустақими категорияи ҷиноят аз вазнинии ҷазои дар кодекс пешбинишуда гуфта шавад. Ҷазо, ки на танҳо натиҷаи омилҳои объективӣ, балки маҳсули арзёбии субъективӣ низ мебошад, ногузир хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро ба назар мегирад. Аз ин рӯ, мантиқӣ мебуд категорияҳои деликтҳо тавассути навъи ҷазои дар кодекс пешбинишуда муайян карда шаванд, на тавассути худи хавфнокии ҷамъиятӣ» [360, с. 194].

Пас, хавфнокии ҷамъиятӣ аз меъёри асосӣ берун наемонад. Фақат дар худи таъриф ҷазо бештар ба пеш мебарояд, зеро тавассути он дараҷаи хавфнокии кирдор нишон дода мешавад. Дар ҳамин замина Г. П. Новоселов пешниҳод мекунад, ки муқаррароти модда дар бораи категорияи ҷиноят на ҳамчун категорияҳои ҷиноят, балки ҳамчун категорияҳои санксияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ карда шаванд [353, с. 46]. Бо ин мавқеъ розӣ шудан осон нест.

Дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ вазифаҳои асосии Қонунгузории ҷиноятӣ муайян шудаанд. Ба онҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохти конститутсионӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, инчунин пешгирии ҷиноятҳо дохил мешаванд. Ин падидаҳои иҷтимоӣ, бешубҳа, хусусияти объективӣ доранд, аммо онҳо танҳо тавассути низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил меёбанд. Вайрон намудани ин муносибатҳо худ ифодаи хавфнокии ҷамъиятӣ мебошад. Аз даст рафтани ин аломат мантиқи дохилии Кодекси ҷиноятиро вайрон карда, хавфи худсарии Қонунгузорро ҳангоми криминализатсия ва декриминализатсияи шаклҳои гуногуни рафтори девиантӣ ба вуҷуд меорад, махсусан дар соҳаи ҷиноятҳои ғайривозеҳ (*mala prohibita*), ки зарароварӣ ва ғайриахлоқии онҳо на ҳамеша равшан аст.

Тасдиқи чунин мавқеро метавон дар андешаҳои Ч. Беккариа низ дид, ки менавишт: «Қочоқ ҷиноят аст ба маънои воқеӣ, зеро ба давлат ва миллат зарар мерасонад. Аммо ҷазо барои чунин кирдор набояд хусусияти шармовар дошта бошад, зеро афкори ҷамъиятӣ онро ҳамчун амали нангин маҳкум намекунад. Ҷинояти қочоқро худи Қонун муайян намудааст» [15, с. 304].

Бо вуҷуди ин, ин мавқеъ дар адабиёти илмӣ мавриди бознигарии танқид қарор гирифтааст. Аз ҷумла: «И. М. Антонов кӯшиш кардааст зарурати ворид намудани ҷаримаро ба санксияҳои ҷиноятҳое, ки ба саломатӣ зарар мерасонанд, асоснок намояд ва онро ҳам ҳамчун ҷазои асосӣ ва ҳам ҳамчун ҷазои иловагӣ баррасӣ кунад. Ҷолиб аст, ки низоми далелҳои пешниҳодкардаи муаллиф ба як қатор таҳқиқоти илмӣ такя мекунад, ки дар онҳо тавсияҳо оид ба истифодаи васеътарини ҷарима ва коҳиш додани оқибатҳои манфии он

пешниҳод шудаанд. Бо вуҷуди ин, И. М. Антонов барои консепсияи пешниҳодшуда асосноккунии боварбахши криминологӣ пешниҳод намекунад» [316, с. 223; 345, с. 22].

Дар ин масъала далелҳои қотеътар аз ҷониби П. П. Осипов баён шудаанд. Ӯ таъкид мекунад, ки: «Ба шуури ҷамъиятӣ баробар кардани саломатии инсон ба арзишҳои моддӣ бегона аст ва аз ин рӯ ҷарима барои расонидани зарари ҷисмонӣ наметавонад талаботи иҷтимоии адолатро қонеъ намояд. Ба андешаи муаллиф, татбиқи ҷарима дар чунин ҳолатҳо ба шаклгирии шуури ҳуқуқии ҷиноятқор таъсири мусбат намерасонад, зеро метавонад тасаввуроте ба вуҷуд оварад, ки гӯё барои ҷиноят ба муқобили саломатӣ «пул дода» ва бо ин роҳ аз адолати судӣ раҳо шудан мумкин аст. Дар айни замон, Қонунгузории ҷиноятӣ дорои чунин чораест, ки унсурҳои ҷавобгарии моддӣ ва таъсири тарбиявиро дар худ муттаҳид мекунад - корҳои ислоҳӣ, ки имкон медиҳад ҳам ба шахсияти ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонда шавад ва ҳам манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳифз гарданд» [109, с. 135].

Ҳангоми баррасии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят бояд таъкид кард, ки он хусусияти миқдории зарароварии кирдорро ифода мекунад. Тибқи мавқеи Н. Ф. Кузнесова, ба сатҳи хавфнокии ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама оқибатҳои объективии ҷиноят таъсир мерасонанд, яъне ҳаҷми зарари расонидашуда ва Аҳаммияти он барои объектҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда - шахсият, ҷомеа ва давлат. Бо вуҷуди ин, баҳодиҳии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ танҳо бо аломатҳои объективӣ маҳдуд намешавад: ба он унсурҳои субъективии таркиби ҷиноят низ таъсири назаррас мерасонанд, ба инҳо шакли гуноҳ низ дохил мешавад: қасди пешакӣ, қасди ногаҳонӣ, беэҳтиётии дағал, инчунин пастии ангеза ва самти кирдор, ки огоҳона ва мақсаднок содир шудани рафтори ҷиноятиро нишон медиҳанд.

Ҳамчунин тарзи содир намудани ҷиноят Аҳаммияти махсус дорад. Масалан, як шахс содир кардани кирдор ва аз ҷониби чанд нафар содир шудани он яксон нест. Хусусан вақте кирдор бе маслиҳати пешакӣ, дар ҳайати гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ анҷом меёбад, мазмун ва вазни ҳуқуқии он

тағйир меёбад. «Ин ҳолатҳо ба таври миқдорӣ ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, зеро сатҳи баланди муташаккилӣ ва якҷоягии кирдорҳоро нишон дода, эҳтимоли зарар ва таъсири иҷтимоии ҷиноятро зиёд менамоянд. Аз ин рӯ, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун категорияи муттаҳидкунанда баромад мекунад, ки дар он аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят ба ҳам пайваста, заминаи боэътимод барои бандубасти дурусти кирдор, интихоби санксия ва фарқгузории категорияҳои ҷиноят дар доираи Кодекси ҷиноятиро фароҳам меоранд» [81, с. 387].

Ҳамзамон бояд байни дараҷаи намунавии хавфнокии ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби Қонунгузор ҳангоми фарқгузории ҷиноятҳо ба оддӣ, бо ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунанда мустаҳкам карда шудааст, ва дараҷаи мушаххаси хавфнокии ҷамъиятӣ фарқ гузошт. «Охирин хусусияти миқдории ҷиноятро ифода намуда, муайянкунандаи зоҳирии он ва дараҷаи рушди аломатҳои онро нишон медиҳад: арзиши объекти таҷовуз, андозаи зарари расонидашуда, дараҷаи гуноҳ, пастии ангезаҳо ва дигар аломатҳои муҳим» [149, с. 639].

Дар адабиёти илмӣ чунин андеша низ баён мегардад, ки ғайр аз хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ истифодаи мафҳуми сатҳи хавфнокии ҷамъиятӣ низ мувофиқ мебошад. Ин мафҳум фарқияти миқдори хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои алоҳидаро дар муқоиса бо дигар кирдорҳо инъикос мекунад. Ба андешаи Р. Р. Галиакбаров: «Сатҳи хавфнокии ҷамъиятӣ дар марҳилаи пеш аз криминализатсия зоҳир мегардад, дар ҳоле ки категорияҳои «хусусият» ва «дараҷаи» хавфнокии ҷамъиятӣ дар доираи меъёрҳои аллакай муқарраршудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ татбиқ мешаванд, яъне вақте ки шакли муайяни рафтор аз ҷониби Қонунгузор ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст» [26, с. 444].

Бо вуҷуди ин, ба назар мерасад, ки зарурати воқеии васеъ намудани низоми мафҳумҳои устуворшудаи хавфнокии ҷамъиятӣ тавассути ворид намудани категорияҳои нави ниёзманд ба тафсир ва шарҳи иловагӣ вуҷуд надорад. Дар акси ҳол хатари аз ҳад зиёд равона шудани диққат ҳангоми ҳал

намудани масъалаи асосҳои категориябандӣ танҳо ба хавфнокии ҷамъиятӣ ба миён меояд ва ҳамзамон дигар меъёрҳои эҳтимолӣ нодида гирифта мешаванд. Дар байни чунин меъёрҳо шакли гуноҳ Аҳаммияти махсус дорад, ки дар м.27 КҶ мустаҳкам гардидааст. Дар Қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дигар меъёрҳои категориябандӣ мавҷуд нестанд, ки ин метавонад ҳамчун камбудии техникаи муосири Қонунгузорӣ арзёбӣ гардад.

Шакли гуноҳ ҳамчун меъёри ба категорияҳо ҷудо намудани ҷиноятҳо.

Дар асоси м. 18 КҶ ҶТ, ягона меъёри иловагии категориябандии ҷиноятҳо метавонад шакли гуноҳ ба ҳисоб равад. Н. Ф. Кузнесова чунин мешуморад, ки шакли гуноҳ танҳо хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиро мушаххас менамояд [77, с. 336]. Ба андешаи мо нуқтаи назари дигар бештар асоснок ба назар мерасад, ки мувофиқи он маҳз шакли гуноҳ ба хусусият ва махсусан ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда таъсири муайянкунанда мерасонад. Бо вуҷуди ин, масъалаи меъёрҳои категориябандии ҷиноятҳо то ҳол мавриди таҳқиқи муфассал боқӣ мемонад. Номуайянии андешаҳо нисбат ба мансуб донистани кирдор ба категорияи муайян ҳанӯз барои муҳаққиқони давраи пешазинқилобӣ низ маълум буд. Дар асоси таҳлили таҳқиқотҳои онҳо метавон меъёрҳои зеринро, ки ба истилоҳоти муосир мутобиқ карда шудаанд, ҷудо намуд:

– самт ва мазмуни қасд;

– ретсидив ё такроран содир намудани кирдор;

– оқибатҳои вазнин барои ҷомеа;

– объекти ҷиноят, аз ҷумла неъматҳои муҳимтарини шахсият, манфиатҳои молу мулкии давлат ва моликият.

Идомаи мантиқии ин меъёрҳо ҷазои аз ҷониби Қонунгузор муқарраргардида мебошад, ки дар асоси он дараҷаи вазнинии ҷиноят муайян карда мешавад. Ин ҳолат имкон медиҳад дар бораи нокифоя будани меъёрҳои иловагии категориябандӣ, ки дар м. 18 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд, сухан ронда шавад. Дар амал, дар ин меъёр танҳо як маҳаки иловагӣ нишон дода шудааст -

шакли гуноҳ. Тибқи таҳрири амалкунандаи м. 18 КҶ ҶТ, ҷиноятҳои беэҳтиётӣ танҳо ба ду категория мансуб дониста мешаванд:

–ҷиноятҳои начандон вазнин - агар ҷазои ниҳоии пешбинишуда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд набошад;

–ҷиноятҳои дараҷаи миёна - агар ҷазои ниҳоии пешбинишуда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд бошад.

Бо ин вобаста саволи муҳим ба миён меояд: чӣ гуна бояд ҷиноятҳое бандубаст карда шаванд, ки метавонанд ҳам бо шакли қасдона ва ҳам бо шакли беэҳтиётии гуноҳ содир шаванд? Барои як қатор муҳаққиқон баррасии таносуби мантиқии байни санксия ва шакли гуноҳ Аҳаммияти принсипӣ дорад.

Масалан, В. А. Нерсесян пешниҳод мекунад, ки: «Категориябандии ҷудогонаи ҷиноятҳои қасдона ва беэҳтиётӣ вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо ҷорӣ карда шавад. Ба андешаи ӯ, барои ҷиноятҳои қасдона бояд таснифи мавҷуда нигоҳ дошта шавад: ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин. Дар айни замон, кирдорҳои беэҳтиётӣ мувофиқ мебуд ба се категория ҷудо карда шаванд: начандон вазнин, дараҷаи миёна ва ҷиноятҳое, ки боиси оқибатҳои махсусан вазнин гардидаанд» [351, с. 48].

Категорияҳои ҷиноятҳои беэҳтиётӣ дар ин пешниҳод ба таҳрири м. 18 КҶ ҶТ наздик мебошанд, В. А. Нерсесян ба ҷиноятҳои дараҷаи миёна он кирдорҳоро мансуб медонад, ки: «Барои онҳо ҷазои ҳадди аксар зиёда аз ду сол, вале на зиёда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ва ба ҷиноятҳое, ки боиси оқибатҳои махсусан вазнин шудаанд - он кирдорҳоро, ки барои онҳо ҷазои ҳадди аксар зиёда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ муқаррар гардидааст. Мавқеи зарурати таснифи мустақили ҷиноятҳои беэҳтиётӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон низ дастгирӣ мешавад, ки вариантҳои алтернативии сохторбандӣ ва тақсимоти онҳоро ба категорияҳо пешниҳод мекунанд» [158, с. 553; 360, с. 194].

Ҳамзамон дар баъзе ҳолатҳо таснифҳои пешниҳодшуда нопурра мебошанд. Масалан, П. Коробов панҷ воҳиди таснифиро ҷудо менамояд, ки:

«Танҳо дар яке аз онҳо - «ҷиноятҳои дорои хавфнокии паст» ҷиноятҳои беэҳтиётӣ дохил карда шудаанд, ки барои онҳо ҷазои сабуктар аз маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамаи дигар кирдорҳои беэҳтиётӣ дар низоми пешниҳодкардаи ӯ берун аз тасниф мемонанд, ки ин аз нопуррагӣ ва номуайянии чунин нуқтаи назар шаҳодат медиҳад» [244, с. 47-49].

Бо вуҷуди ин, то ҳол равшан нест, ки таснифи пешниҳодшуда ба кадом мақсади амалӣ ё назариявӣ хизмат мекунад. В. А. Нерсесян нишон намедиҳад, ки мансуб донистани кирдор ба категорияи «ҷиноятҳое, ки боиси оқибатҳои махсусан вазнин шудаанд» кадом оқибатҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ё умумии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад. Маълум аст, ки бевосита пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо нисбат ба ҷиноятҳои дараҷаи миёна пешбинӣ нашудааст ва дар шароити тамоюли умумии инсондустона гардидани Қонунгузории ҷиноятӣ чунин тадбир чандон мақсаднок ҳам нест.

Ғайр аз ин, бояд ба назар гирифт, ки шакли гуноҳ наметавонад ҳамчун меъёри асосии категориябандӣ баррасӣ гардад. Он танҳо вазифаи ёрирасонро иҷро намуда, соддагӣ ва яксамтии меъёри асосӣ, яъне санксияро то андозае ҷуброн мекунад. Тавре ки А. И. Рарог дуруст таъкид менамояд, ки: «Ҷиноятҳои беэҳтиётӣ низ метавонанд дорои дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ бошанд, ки ин дар нишондиҳандаҳои оморӣ низ инъикос меёбад; зарареро, ки аз онҳо расонида мешавад, дар баъзе ҳолатҳо бо зарари ҷиноятҳои қасдона муқоисашаванда аст» [130, с. 279].

Ҳамчунин М. М. Дайшутов мекунад, ки: «Пешниҳоди оид ба коҳиш додани санксияҳо барои ҳамаи ҷиноятҳои беэҳтиётӣ то ҳадди панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҷумла дар ҳолатҳои ба марг расонидани ба ду ё зиёда шахс, қобили қабул шуморида намешавад» [325, с. 157]. Тағйир додани санксия танҳо бар асоси шакли гуноҳ, бе дарназардошти дараҷаи объективии хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда, ба принсипҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мухолифат мекунад.

Ба ҳамин монанд, ҷудо намудани танҳо як гурӯҳи таснифии ҷиноятҳои беэҳтиётӣ низ мақсаднок ба назар намерасад, ва кӯшишҳои ба монанди

пешниҳодҳои П. Коробов оид ба мустаҳкам намудани оқибатҳои махсуси чунин кирдорҳо дар КҶ боиси эътирозҳои методологӣ ва амалӣ мегарданд [243, с. 28].

Ҳамин тариқ, шакли гуноҳ меъёри муҳим, аммо иловагии категориябандии ҷиноятҳо боқӣ мемонад. Дар ин замина мувофиқ ба назар мерасад, ки имкони истифодаи дигар меъёрҳои иловагӣ низ баррасӣ карда шавад, аз ҷумла:

- шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ;

- объекти ҷиноят;

- вазнинии оқибатҳои ба вуҷудомада;

- ретсидив ё мунтазамии ҳаракат, аз ҷумла ҳамчун касб содир намудани ҷиноят.

Бо дарназардошти маҳдуд будани доираи ин таҳқиқот, имкони таҳлили муфассали ҳамаи натиҷаҳои бадастомада мавҷуд нест.

Дар асоси гуфтаҳои боло пешниҳод мегардад, ки ба қисмҳои 2 ва 3 м. 18 КҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, онҳо дар таҳрири зерин ифода гарданд:

2. Ба ҷиноятҳои начандон вазнин кирдорҳои қасдона ва беэҳтиётие дохил мешаванд, ки ҷазои ниҳоии онҳо аз ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест. Аммо агар кирдори қасдона аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ содир шуда бошад, он ба ин гурӯҳ дохил карда намешавад.

3. Ҷиноятҳои дараҷаи миёна кирдорҳои қасдонае эътироф мешаванд, ки барои содир намудани онҳо ҷазои ҳадди ниҳоии пешбинишуда дар Кодекси мазкур аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ба истиснои кирдорҳое, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир шудаанд, инчунин кирдорҳои беэҳтиётие, ки барои содир намудани онҳо ҷазои ҳадди ниҳоии пешбинишуда дар Кодекси мазкур зиёда аз ду сол маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад».

Хулоса:

Таснифи ҷиноятҳо воситаи асосии фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бунёди низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили доктринаи миллӣ

ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки тасниф метавонад хусусияти шаклӣ- мантиқӣ, мазмунӣ ё мобайнӣ дошта бошад. Дар ин миён маҳз таснифҳои мазмунӣ имкон медиҳанд Қонуниятҳо ва робитаҳои дохилии байни ҷиноятҳоро ба таври объективӣ инъикос намоянд.

Моддаи 18 КҶ ҶТ танҳо як модели категориябандии ҷиноятҳоро муқаррар мекунад: аз рӯи хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки тавассути санксияи намунавӣ ифода меёбад, дар ҳоле ки меъёри иловагӣ шакли гуноҳ мебошад. Бо вуҷуди ин, мавқеи амалкунандаи Қонунгузор ҳамаи омилҳои ба хавфнокии ҷамъиятӣ таъсиррасонандаро аз ҷумла объекти ҷиноят, вазнинии оқибатҳо, муташаккилона будани кирдор ва ё мунтазамии содир намудани ҷиноятро пурра ба назар намегирад.

Хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят тавассути ду ҷанба зоҳир мегардад - хусусият ва дараҷа. Хусусият тавсифи сифатии ҷиноят буда, аломатҳои объективӣ ва субъективии хоси онро инъикос мекунад, дар ҳоле ки дараҷа нишондиҳандаи миқдории хавфнокии ҷамъиятӣ мебошад. Шакли гуноҳ ҳамчун меъёри иловагӣ баромад намуда, ба дараҷаи хавфнокӣ таъсир мерасонад, аммо наметавонад асоси мустақили категориябандӣ гардад.

Навгонии таҳқиқоти мазкур дар таҳияи модели фарогири категориябандии ҷиноятҳо ифода меёбад, ки унсурҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноятро дар бар мегирад ва ҳамзамон ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки тавассути санксияи намунавӣ ифода меёбад, Аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Шакли гуноҳ дар ин ҷо ҳамчун меъёри ёрирасон баромад мекунад, на ҳамчун асоси асосӣ. Ин имкон медиҳад, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдор бе зиёд нишон додани нақши омилҳои субъективӣ баҳогузорӣ шавад.

Ҳамзамон меъёрҳои иловагӣ пешниҳод гардидаанд, ки муташаккилона будани кирдорҳо, вазнинии оқибатҳо, объекти таҷовуз ва мунтазамии содир намудани ҷиноятҳоро ба назар мегиранд. Ин ҳолат фарқгузории дақиқтари ҷавобгарии ҷиноятиро таъмин намуда, таҳдидҳои воқеии иҷтимоиро бештар инъикос мекунад. Модели пешниҳодшуда бори аввал хусусиятҳои мазмунии

ҷиноятҳоро бо баҳодиҳии Қонунгузории санксияҳо муттаҳид менамояд ва барои ҳамоҳангсозии муносибат ба категориябандии ҷиноятҳо бо таҷрибаи байналмилалӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии ҳуқуқтатбиқкунӣ дар шароити Қонунгузории муосири ҷиноятӣ замина фароҳам меорад.

Категорияи ҷиноят гурӯҳи ҷудогонаи ҷиноятҳо мебошад, ки бо умумияти аломатҳои муҳим, пеш аз ҳама хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки тавассути унсурҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят зоҳир мегардад, муттаҳид шудаанд. Категорияи ҷиноят асоси низомноксозии меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро ташкил дода, имкон медиҳад ҷиноятҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо ва санксияҳои намунавӣ ба тартиб дароварда шаванд ва ҳамзамон ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ таъмин гардад.

Муҳимтарин аломатҳои категорияҳои ҷиноят инҳоянд:

1. Хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки ҷиноят аз ҷиҳати мазмун то чӣ андоза хатарнок аст. Дар он Аҳаммияти муносибатҳои ҳифзшаванда, тарзи дастдарозӣ, ангеза, усули содир кардани кирдор ва баъзе нишонаҳои махсуси шахси ҷиноятсодиркунанда ба назар гирифта мешаванд;

2. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ - тавсифи миқдорӣ буда, андоза ва оқибатҳои зарари расонидашударо ба объектҳои таҷовуз, шакли гуноҳ, самтнокӣ ва пастии ангезаҳоро ба назар мегирад;

3. Санксияи намунавӣ - ҷазое, ки Қонун пешбинӣ намудааст ва ба вазнинии ҷиноят мувофиқ буда, барои ҳамаи ҷиноятҳои ҳамин категория муқаррар мегардад;

4. Меъёрҳои иловагӣ (дар ҳолатҳои зарурӣ) - шакли гуноҳ, вазнинии оқибатҳо, муташаккилии кирдор, ретсидив ё мунтазамии содир намудани кирдорҳо.

4.2.Таҳлили муқоисавии таснифи ҷиноятҳо дар низомии Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷ.

Гарчанде ки компаративистикаи ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун самти илмӣ зиёда аз садупанҷоҳсола таърихи ташаккул дорад, он то ҳол аҳаммияти илмии худро нигоҳ дошта, дар айни замон бо сурат рушд намуда истодааст.

Зарурати таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ аз чанд омили объективӣ бармеояд. Аз як тараф, дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ тағйироти дохилӣ ба амал меояд. Аз тарафи дигар, равандҳои фаромиллӣ низ фаъолтар шуда, ба сохтори низоми ҳуқуқии байналмилалӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, компаративистикаи муосири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ на танҳо як самти илмӣ мебошад, ки Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногунро меомӯзад ва муқоиса мекунад, балки ҳамзамон воситаи муҳимми ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ низ ба ҳисоб меравад, ки ба таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва амалӣ намудани ӯҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии ҶТ равона шудааст.

Дар низоми умумии ҳуқуқ таснифи ҷиноятҳо то ҳол хусусияти таърихан ташаккулёфтаи худро сарфи назар аз он ки дар даҳсолаҳои охир тағйиротҳои муайян ба амал омадаанд нигоҳ доштааст.

Ин хусусият пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки модели англосаксонии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба танзими прецедентӣ ва нақши назарраси назарияҳои таърихӣ такя мекунад, ки ин бошад гузаронидани ислоҳоти куллии кодификатсиониро душвор месозад. Пас аз пошхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият кишварҳои ИДМ ва соҳили Балтика Қонунгузории худро нав карданд, ки ба шароити нави ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

Қабл аз оғози таҳлил қайд кардан лозим аст, ки Қонунгузорӣ, аз ҷумла Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои зикршуда танҳо дар зери таъсири шароити таърихӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳангоми сохтани институти таснифи ҷиноятҳо дар Қонуни ҷиноятӣ дар низоми гурӯҳбандии ҷиноятҳо шабоҳати зиёди маълумотҳо қайд карда мешавад.

Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки дар бораи ҳаллу фасли масъала дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ, таҳияи он дар доираи қарори Ассамблеяи байнипарламетнии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 28 октябри соли 1994 «Дар бораи таъмини ҳуқуқии рушди ҳамгироии Шуроҳои Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 14 феврали соли 1995 № 4 «Дар бораи Кумитаи барномавӣ ва гурӯҳҳои корӣ оид ба ташкили кодексҳои намунавии ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ» сурат гирифтааст [88, с. 588]. Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он олимон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дах кишвар: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белоруссия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Украина шомил гаштанд. Лоиҳаи Кодекси ҷиноятии намунавӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ таҳия шудааст, аз ҷониби Ассамблеяи байнипарламентӣ 17 феврали соли 1996 якдилона тасдиқ карда шуд.

Ҳангоми таҳияи Кодекси ҷиноятии намунавӣ идеяи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба вазнинии ҷинояти содиршуда ва баъзе ҳолатҳои дигар яке аз омилҳои муайянкунандаи тарҳрезии он буд.

Дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ ҷиноятҳо ба чор навъ ҷудо мешаванд: начандон вазнин, миёна, вазнин ва махсусан вазнин. Аммо ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин танҳо он кирдорҳои қасдонаанд, ки барои онҳо аз 12 то 20 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои боз ҳам сахттар пешбинӣ шудааст.

«Категорияҳои ҷиноятҳо барои тафриқаи ҷавобгарӣ асос мебошанд, зеро бисёре аз оқибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бо мансубияти ҷиноят ба категорияи дахлдор алоқаманданд, аз қабили: муқаррар намудани намуди ҷиноят, ҷавобгарӣ барои тайёрӣ ба ҷиноят, таъйин ва муайян кардани режими адои ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, доғи судӣ ва ғайра аз тарафи додгоҳи ҷудогона, хусусиятҳои тартиби баррасии он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст» [206, с. 8-9].

Ба ғайр аз зиёд кардани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, кодекси ҷиноятии намунавӣ тавсия додааст, ки дар кодексҳои миллӣ якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳамчун ҷазо, ки аз тарафи додгоҳ танҳо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки дар ҳолатҳои вазнинкунанда ба мақсади маҳрум сохтан аз ҳаёти инсон таъйин карда мешавад, пешбинӣ карда шавад. Ҷорӣ намудани ин ҷазо бояд ҳодисаҳои ҳукми қатлро кам кунад, ки онро Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои қасдан аз ҳаёт маҳрум кардани шахс дар ҳолатҳои вазнинкунанда, вале ҳамчун ҷазои истисноӣ иҷозат медиҳад [206, с. 8-9].

Навоварии Қонунгузорӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон дар модда 15 ба чашм мехӯрад, ки он таснифи ҷиноятҳоро пешбинӣ мекунад. Дар он пеш аз ҳама таснифоти чорзинагӣ пешбинӣ карда шудааст: ҷиноятҳо 1) хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд, 2) начандон вазнин, 3) вазнин ва 4) махсусан вазнин ҷудо карда мешаванд. Ҷиноятҳое, ки хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд, кирдорҳои қасдан ва беэҳтиётӣ содиршуда эътироф карда мешаванд, ки барои содир кардани онҳо ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд ё ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз ду соли маҳрумият аз озодӣ зиёд нест. Кирдорҳои қасдан ва беэҳтиётӣ содиркардашуда ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд, ки барои содир кардани онҳо ҷазои маҳруми аз озодӣ аз ҳафт сол зиёд нест. «Ҷиноятҳои вазнин кирдорҳои қасдан ва беэҳтиётӣ содиркардае эътироф карда мешаванд, ки барои содир кардани онҳо ҷазои ҳадди аксар аз 12 соли маҳрумият аз озодӣ зиёд нест. Ҷиноятҳои махсусан вазнин кирдорҳои қасдона эътироф карда мешаванд, ки барои содир кардани онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз 12 сол ё ҷазои нисбатан сахттар пешбинӣ шудааст» [296, с. 32-46].

Қонунгузор бо таснифи ҷиноятҳои начандон вазнин кирдорҳои қасдан ва беэҳтиётӣ кардан, ки ҷазои ҳадди аксар барои содир кардани онҳо аз ҳафт сол аз озодӣ зиёд нест, доираи ҷиноятҳои начандон вазнинро аз ҳисоби баъзе кирдорҳои вазнин ба таври сунъӣ васеъ кардааст. Чунин гурӯҳбандии ҷиноятҳои начандон вазнин на ба мафҳумҳои илмӣ ва на ба вазифаҳои амалӣ

мувофиқат намекунад. Зиёда аз он, вай минбаъд нишондиҳандаҳои сохти ҷиноятқориро таҳриф мекунад.

«Дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Белоруссия байни ҷиноят ва амал ё беамалие, ки ба таври расмӣ аломатҳои кирдори пешбиникардаи Кодекси чиноятиро дарбар мегирад, вале аз сабаби камаҳаммиятӣ хавфи ҷамъиятие, ки ба ҷиноят хос нест, марзи дақиқу саҳеҳро мушаххас кардааст (қисми 4 моддаи 11 Кодекси чиноятӣ)» [258, с. 62-101]. Дар ин ҷо инчунин пешбинӣ шудааст, ки чунин кирдор дар мавридҳои пешбиникардаи Қонун боиси татбиқи чораҳои маъмурӣ ё интизомӣ мегардад.

Ҳангоми тавсифи камарзишӣ таваҷҷуҳи корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо ба меъёри объективӣ (кирдор аз рӯйи мазмуни худ ба манфиатҳои бо Қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарари ҷиддӣ нарасондааст ва расонида наметавонист), балки ба меъёри субъективӣ (амал, аз рӯйи дастури худ ба манфиатҳои зикршуда зарари ҷиддӣ нарасондааст ва расонида наметавонад) низ нигаронида мешавад. Бо ин меъёри қисми 4 моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белоруссия ба андешаи мо аз меъёрҳои мушобеҳи Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (қисми 2 моддаи 14) ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина (қисми 2, моддаи 11), ки 1 сентябри соли 2001 эътибори Қонуни пайдо кардааст, ба таври назаррас фарқ мекунад.

Криминалистони маъруфи рус эътироф мекунанд, ки Кодекси ҷиноятии Белоруссия (моддаи 12) нисбат ба Кодекси ҷиноятии Россия (моддаи 15) сохтори дурусттар барои гурӯҳбандӣ кардани ҷиноятҳоро дорад, зеро тавре қайд карда шуд, дар Россия саҳван ҷиноятҳои беэҳтиётона содир карда шуда, бо ҷазои аз панҷ то даҳ соли маҳрумият аз озодӣ ҳамчун ҷиноятҳои вазнин тасниф карда шуданд.

Дар Белоруссия Қонунгузор ҷиноятҳоро ба чор категория (хатари калони ҷамъиятӣ надошта, камтар вазнин, вазнин ва махсусан вазнин) аз рӯйи хусусият ва дараҷаи хатари ҷамъиятии онҳо асоснок кардааст, ки ин ба андешаи мо нисбат ба ҳамон мақсадҳо истифода бурдани мафҳуми «дараҷаи вазнинии ҷиноят» дурусттар аст, ки дар қисми 1 моддаи 12 Кодекси ҷиноятии

Украина истифода мешавад. Ғайр аз он, ҷиноятҳои қасдан содир карда шуда, дар моддаи 12 Кодекси ҷиноятии Белоруссия дар ҳамаи гурӯҳҳои таснифоти зикршуда, дар ҳоле ки ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршуда танҳо ба ду гурӯҳи аввалини гурӯҳбандӣ дохил карда мешаванд (ҷиноятҳое, ки хавфи калони ҷамъиятӣ надоранд ва камтар вазнинанд) тааллуқ доранд.

Ба сифати нишондиҳандаи хислат ва дараҷаи хавфу хатари ҷамъиятӣ ҷазопазирии ҷиноят баромад мекунад, ки мутобиқи санксияи моддаи қисми махсуси Кодекси чиноятии соли 1999 ва шакли гуноҳ муайян карда шудааст, ки мувофиқи он ҳамаи ҷиноятҳо ба ҷиноятҳои зерин: а) қасдан ва б) аз беэҳтиётӣ содир шуда, тақсим мешаванд. Меъёри ҷазопазирии ҷиноятҳое, ки аз хунукназарӣ содир шудаанд, чунин маҳдудиятро дар бар мегиранд: барои онҳо ҳабси якумра ва ҷазои қатл муқаррар ва ё таъйин карда мумкин нест (ниг.: қисми 1 моддаи 58 ва 59 Кодекси ҷиноятӣ), ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ҳафт сол (ниг.: қисми 2 моддаи 57 КҶ) муқаррар ё таъйин карда намешавад.

Дар Кодекси ҷиноятиии Гурҷистон мафҳуми содир кардани амали ҷиноятии на он қадар назаррас дода шудааст. Дар қисми 2-юми моддаи 7 омадааст: «Амали содир карда шуда ҷиноят маҳсуб намеёбад, агар он ба таври расмӣ аломатҳои ягон кирдори пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар дошта бошад ҳам, бинобар камаҳаммият буданаш, зарарe, ки боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси содиркарда мегардад, наоварда бошад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд наоварад» [304, с. 106-110].

Таснифи ҷиноятҳо (моддаи 12) аз рӯйи ду меъёр сурат мегирад: шакли гунаҳкорӣ ва ҳудуди болоии ҷазое, ки дар Кодекси ҷиноятӣ барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст.

Кирдорҳои қасдона аз рӯйи вазнинӣ ба се навъ ҷудо мешаванд: начандон вазнин, вазнин ва махсусан вазнин. Барои кирдорҳои беэҳтиётӣ бошад, чунин тақсимот маҳдудтар аст: онҳо танҳо начандон вазнин ё вазнин буда метавонанд.

Таснифи дар боло зикргардидаи ҷиноятҳо, масалан, ҳангоми ҳисоб кардани муҳлати даъво, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ва ғайра ба назар гирифта мешавад.

Дар байни навигариҳои Кодекси чиноятии Қазоқистон, меъёри муқаррар намудани таснифоти ҷиноятҳоро (моддаи 10) қайд кардан лозим аст.

1 апрели соли 1999 дар Латвия Кодексти ҷиноятӣ ба ҳукми Қонун даромад [246, с. 463]. Қабули он кори Қонуни ҷиноятиро, ки дар охири соли 1990 оғоз шуда буд, ба анҷом расонд. Дар таҳияи Қонун меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Латвия, ки аз ин пеш дар соли 1961 амал мекард, Кодекси ҷиноятии пеш аз ҷанги соли 1933, таҷрибаи Қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ (Германия, Шветсия, Франсия, Дания), инчунин РФГ, Литва ва Эстония мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар он фикру мулоҳизаҳо ва эродҳои якчанд мутахассисони Европаи Ғарбӣ - мутахассисон оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба лоиҳаи Қонуни ҷиноятӣ ба назар гирифта шуданд.

Боби дуюм бо моддае дар бораи мафҳуми кирдори ҷиноятӣ оғоз мешавад, ки ҷиноятҳоро дар бар мегирад. Кирдори ҷиноятӣ амал ё беамалиест, ки шахс онро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир мекунад, Қонун онро ҷиноят мешиносад ва барои он ҷазо пешбинӣ менамояд. Аммо агар чунин амал ё беамалӣ аз рӯйи нишонаҳои зоҳирӣ ба ҷиноят монанд бошаду дар ҳолате содир гардад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, он кирдори ҷиноятӣ ҳисобида намешавад.

Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкур чунин аломати номуайян ва баҳодиҳӣ, ба монанди беаҳаммиятии санадро дар бар намегирад. Ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунанд, дар боби алоҳидаи Қисми умумӣ, инчунин дар моддаҳои алоҳидаи Қисми махсус (масалан, ихтиёран супурдани силоҳ) пешбинӣ шудаанд.

Таснифоти нави кирдорҳои ҷиноятӣ ҷорӣ карда шуд. Амалҳои ҷиноятӣ, тавре ки аллакай зикр гардид, ба амалҳои ҷиноятӣ ва ҷиноятҳо тақсим мешаванд.

Ҷиноятқорӣ ин кирдорест, ки барои он Қонуни ҷиноӣ аз озодӣ ба муҳлати на бештар аз ду сол ё ҷазои нисбатан сабуктар пешбинӣ кардааст. Ҷиноятҳо ба навъҳои начандон вазнин, вазнин ва махсусан вазнин тақсим мешаванд.

Дар чунин тақсимот вазнинии ҷиноят аз рӯйи муҳлати ҷазои пешбинишуда муайян карда мешавад. Кирдорҳое, ки қасдан содир шудаанд ва ҷазояшон аз ду то панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад, ба ҷиноятҳои начандон вазнин дохил мегарданд. Ба ҳамин гурӯҳ баъзе кирдорҳои беэҳтиётӣ низ мансуб дониста мешаванд, агар барои онҳо зиёда аз ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шуда бошад.

Агар кирдори қасдона бо ҷазои аз панҷ то даҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд бошад, он ҳамчун ҷинояти вазнин арзёбӣ мешавад. Ҳолатҳое, ки барои кирдори қасдона зиёда аз даҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ, ҳабси якумра ё ҳукми қатл пешбинӣ мегардад, ба ҷиноятҳои махсусан вазнин мансубанд.

Ҷиноят амали хатарнокест, ки Кодекси ҷиноятии Литва манъ кардааст ва Қонуни ҷиноятӣ барои он ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ кардааст [187, с. 190-218]. Ин чунин маъно дорад, ки Кодекси ҷиноятӣ аз ҷиҳати моддии ҷиноят тамоман даст накашидааст, балки диққати асосии худро ба ҷазо додани кирдор бо чораи муайяни ҷазо равона кардааст.

Мутаносибан, кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке, ки барои онҳо ҷазои сабуктар нисбат ба маҳрум сохтан аз озодӣ, ба истиснои ҳабс, ба кирдорҳои сабуки ҷиноятӣ дохил карда мешаванд.

Танҳо ҷиноятҳои қасдан содир карда шуда, дар навбати худ, аз ҷониби Қонунгузор аз рӯйи вазнинӣ бо назардошти ҷазои барои онҳо пешбинишуда ба чор гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1. Ҷиноятҳои сабук (агар ҷазо барои ин ҷиноятҳо то се сол аз озодӣ маҳрум кардан бошад);

2. Ҷиноятҳои начандон вазнин (агар ҷазо барои ин ҷиноятҳо аз се то шаш сол аз озодӣ маҳрум кардан бошад);

3. Ҷиноятҳои вазнин (агар ҷазо барои ин ҷиноятҳо аз шаш то даҳ сол аз озодӣ маҳрум кардан бошад);

4. Ҷиноятҳои махсусан вазнин (агар ҷазо барои онҳо аз муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ аз даҳ сол зиёд бошад).

Ҳамзамон бояд гуфт, ки ҷиноятҳои беэҳтиётӣ аз рӯйи дараҷаи вазнинӣ ҷудо карда намешаванд. Аз ҳамин сабаб, новобаста ба он ки барои онҳо чӣ гуна ҷазо пешбинӣ шудааст, дараҷаи хавфнокии онҳо яксон арзёбӣ мегардад.

Аввалин кодекс дар Қонуни ҷиноятии ҷаҳонӣ, ки хатари ҷамъиятиро муайян кардааст, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Булғористон аз соли 1968 буд. Дар моддаи 10 гуфта шудааст: «Амале, ки ба шахс, ҳуқуқҳои шаҳрвандон, моликият, тартиботи ҳуқуқие, ки Конститутсияи Республикаи Булғористон муқаррар кардааст ё дигар манфиатҳои бо Қонун ҳифзшаванда таҳдид менамояд ё зарар мерасонад, аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок аст» [187, с. 190-218].

Амалҳои беэҳтиётӣ танҳо дар сурате ҷиноят ҳисобида мешаванд, ки агар зарари калон расонанд. Аз ин рӯ, қисми 2 моддаи 14-и Кодекси ҷиноятӣ бояд маҳдуд шарҳ дода шавад. Дар бораи беаҳаммиятӣ танҳо нисбат ба ҷиноятҳои қасдан ва дар сурате сухан рондан мумкин аст, ки қасд ба таври равшан ба расонидани зарари маҳз ночиз, нигаронида шудааст.

Тамоми унсурҳои дигари ҷиноят ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок нигаронида шудаанд. Мақсад дар унсури зеҳнӣ моҳияти пешгӯии оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок мебошад. Раванди амал (беамалӣ) шакли рафторест, ки боиси ин ё он зарар мегардад. Усули зӯроварӣ зарари ҷисмониро танҳо ё якҷоя бо зарари дигар муайян мекунад. Усули гурӯҳӣ, истифода аз мавқеи хизматӣ, қаллобӣ - ҳама андозаи зарарро таъмин мекунанд. Мақсади ҷиноят тасаввуроти субъект дар бораи натиҷаи зарар аз ҷинояти пешбинишуда мебошад. Сабаби содир намудани ҷиноят зарурати субъектро барои ба даст овардани натиҷаи зараровар аз амали (беамалии) худ ифода мекунад.

Тавре дида мешавад, тамоми унсурҳои таркиби ҷиноятҳои қасдан содир карда шуда ба расонидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок нигаронида шудаанд, ки асосан хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятро муайян

мекунанд. Онҳо инчунин ҳамчун меъёри асосии фарқ кардани ҷиноятҳо ва кирдорҳои ношоиста – маъмурӣ, шаҳрвандӣ, андоз ва амсоли инҳо хизмат мекунанд.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белоруссия ин масъаларо бомуваффақият ҳаллу фасл намудааст дар қисмати 4 моддаи 11 чунин омадааст: «Амал ё беамалие, ки ба таври расмӣ аломатҳои ягон кирдори пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар гирифта, вале аз сабаби камаҳаммият будани худ хатари ҷамъиятии ба ҷиноят хос надошта бошад, ҷиноят намебошад. Кирдоре, ки аз рӯйи мазмун ва самти худ ба манфиатҳои бо Қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарари калон нарасидааст ва расонда наметавонист, камаҳаммият ҳисобида мешавад. Чунин кирдор дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонун метавонад боиси татбиқи чораҳои маъмурӣ ё интизомӣ гардад» [258, с. 62-101].

Тавре қаблан зикр гардид, афзалияти консептуалии соҳаҳои нави ҳуқуқ дар танзими ҷавобгарӣ барои кирдорҳое, ки хусусияти зиддиҷамъиятии онҳо бо ҷиноятҳои ношоиста ва ҷиноятҳо маҳдуд аст, иборат мебошад. Ин талабот дар робита ба ҷараёни адонашавандаи таклифҳо дар бораи ҳамчун ҷиноят эълон кардани кирдорҳое, ки хавфи кофии ҷамъиятӣ надоранд, боз ҳам тезу тундтар мегардад. Масалан, дар бораи ҷиноят донистани барангехтани низоъҳои байни миллатҳо ва қавмҳо (ҳарчанд дар Кодекси ҷиноятӣ моддаи 282 оид ба барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ ё динӣ пешбинӣ шудааст), паҳнкунии миллатчигӣ (ҳарчанд барои пӯшидани либоси дорои аломатҳои миллатчигӣ, таблиғи миллатчигӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, арзёбии мафҳуми миллатчигӣ амалан кори хеле сахту сангин ва мушкил мебошад), дидаю дониста мубтало сохтани шахси дигар ба бемории сил, ё омода кардани арақи дастӣ ва амсоли инҳо.

Дар ҳамин ҳол, маълум аст, ки ҷиноят донистани чунин ҷиноятҳо моҳиятан беҳуда мебошад. Думаи давлатӣ бо асосноккунии пурра дар ҷаласаи пленарии моҳи декабри соли 2001 пешниҳоди Маҷлиси Қонунгузории

Брянскро дар бораи ворид кардани моддаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши машруботи хонагӣ ба Кодекси ҷиноӣ рад кард.

«Дар Қонунгузории ҷиноятии Туркманистон муносибати Қонунгузор ба гурӯҳбандии ҷиноятҳо комилан нав аст. Мувофиқи моддаи 11-и Кодекси ҷиноятӣ ҳама ҷиноятҳоро ба чор категория тақсим мекунанд: сабук, миёна, вазнин ва махсусан вазнин. Гузашта аз ин, ба ин ё он тоифа тасниф намудани ҷиноят ба намуд ва андозаи ҷазое, ки барои содир кардани он пешбинӣ шудааст, бевосита вобаста мебошад» [105 с. 463].

Аввалин бор ба Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон моддаи таснифи ҷиноятҳо (моддаи 15) ворид карда шудааст, ки тибқи он ҳамаи ҷиноятҳо вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ доштанашон ба чор категория тақсим карда шудаанд.

Тавре маълум аст, меъёрҳои таснифи ҷиноятҳо самти умумии Кодекси ҷиноятиро нишон медиҳанд. Имрӯз Қонуне, ки бо ташаббуси президент Ислов Каримов қабул карда шудааст, Қонун дар бораи «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ, ва Кодекси протсессуалӣ ва Кодекси Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи ҷавобгари маъмурӣ дар иртибот ба либерализатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ» аз 18 октябри соли 2001 меъёрҳои он ба самти гуманизастияи таҷдиди назар шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳоло ба категорияи ҷиноятҳое, ки барои ҷамъият хавфи калон надоранд, ҷиноятҳои қасдан содир карда шуда, ки барои онҳо на бештар аз се сол аз озодӣ маҳрум сохтан, инчунин ҷиноятҳое, ки аз беэҳтиётӣ содир карда шудаанд, ки на бештар аз панҷ сол аз озодӣ маҳрум сохтан ва ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки барои содир намудани онҳо ба муҳлати бештар аз се сол, аммо на болотар аз панҷ сол аз озодӣ маҳрум сохтан дар назар гирифта шудааст.

Дар Қонунгузории Украина маҷмуи меъёрҳое, ки ба асосҳои моддию ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, аз моддаи 11 Кодекси ҷиноятӣ оғоз мешавад ва мафҳуми ҷиноятро ба тариқи ҷадид муайян мекунад: «амали (амал ё беамалии) гунаҳкорӣ барои ҷамъият хавфнок, ки дар ҳамин Кодекси

ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷониби субъекти ҷиноят содиршуда» эътироф карда мешавад [199, с. 463].

Ба ин муносибат дар қисми 2 моддаи 11-и Кодекси ҷиноятӣ чунин аломати ҷиноятро ҳамчун хавфи ҷамъиятии кирдор муайян кардааст: ин кирдоре эътироф мешавад, ки ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ҷамъият ё давлат зарари калон расонидааст ё расонида метавонад. Дар моддаи 12-и Кодекси ҷиноятӣ бори аввал ҷиноятҳоро вобаста ба вазниниашон ба чор намуд тасниф кардааст, ки бо вазнинии санксияи дахлдори қисми Махсуси Кодекси ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Ин тасниф қариб дар ҳамаи институтҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ истифода мешавад, аз ҷумла: ҳангоми муайян кардани ҷавобгарӣ барои тайёрӣ ба ҷиноят, барои ҷинояти содиркардаи ташкилоти ҷиноятӣ, ҳангоми аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан, ҳангоми таъйин кардани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва маҷмуи ҷазоҳо, ҳангоми таъйини ҷазои сабуктар аз муҳлати пешбининамудаи Қонун, пеш аз муҳлат озод кардан ва амсоли инҳо.

Бояд гуфт, ки таснифи ҷиноятҳо ба категорияҳои ҷиноятҳои вазнин ва миёна, вазнин ва махсусан вазнин ба шакли гуноҳи онҳо вобаста нест. Ба ибораи дигар, ба категорияи муайяни ҷиноят ҳам ҷиноятҳои қасдан ва ҳам аз беэҳтиётӣ содиршуда дохил мешаванд. Зимнан, хангоми татбиқи моддаҳои алоҳидаи Кодекси ҷиноятӣ муайян намудани шакли гуноҳ барои як категорияи мушаххаси ҷиноятҳо аҳаммияти принсипиалӣ пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, ҳангоми таъйини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ҷазои ниҳоӣ метавонад аз ҷониби додгоҳ дар муҳлати ҳадди аксар барои ин намуди ҷазо дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад, агар ақаллан яке аз ҷиноятҳо қасдан, вазнин ё махсусан вазнин бошад (қисми 2 моддаи 70).

Барои шартан пеш аз муҳлат озод кардан ё иваз намудани қисми боқимондаи ҷазо бо ҷазои сабуктар муҳим аст, ки маҳкумшуда чӣ қадар аз ҷазои таъиншударо воқеан адо кардааст. Ин муҳлат яксон нест: он аз он вобаста мешавад, ки ҷазо барои ҷинояти қасдона ё беэҳтиётӣ, инчунин барои

ҷиноятӣ вазнин ё махсусан вазнин таъин шудааст ё не. Аз ҳамин сабаб, суд бояд дар ҳукми айбдоркунанда дақиқ нишон диҳад, ки шахс барои кадом навъи ҷиноят маҳкум гардидааст.

Хусусиятҳои умумии Қонунгузории кишварҳои ИДМ ва Балтика пас аз пошхӯрии СССР, кишварҳои ИДМ ва Балтика системаҳои Қонунгузории худ, аз ҷумла Қонунгузории ҷиноятиро нав карданд, ки ин боиси шабоҳати муносибатҳо дар таснифи ҷиноятҳо гардид. Аксари кишварҳои минтақа категорияҳои шабеҳи ҷиноятҳоро истифода бурда, онҳоро вобаста ба вазнинӣ ва хатари ҷамъиятӣ ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд.

Ба ташаккули Қонунгузории ҷиноятӣ дар ин кишварҳо низоми ҳуқуқии шуравӣ таъсири сахт расонд, ки ин боиси шабоҳати муносибатҳо дар таснифи ҷиноятҳо гардид. Масалан, Кодекси намунавии ҷиноятии ИДМ, ки соли 1996 таҳия шудааст, чор категорияи ҷиноятҳоро дар бар мегирад: ҷиноятҳои начандон вазнин, миёна, вазнин ва махсусан вазнин.

Таснифи ҷиноятҳо дар кишварҳои гуногуни ИДМ ва Балтика гуногун аст, аммо дар маҷмуъ чаҳор гурӯҳи асосиро дар бар мегирад, аз ҷумла ҷиноятҳои сабук, миёна, вазнин ва махсусан вазнин. Ҷиноятҳо аз рӯйи вазнинии ҷазо ва оқибатҳои кирдор гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ки ин тафовути ҷавобгариро дар Қонуни ҷиноятӣ ифода мекунад. Категорияҳои ҷиноятҳо дар муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ, аз қабили интихоби судя, муҳлати даъво, таъйини ҳукм ва имконияти озод кардан аз ҷазо муҳиманд. Масалан, баъзе кишварҳо барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ҳукми ҳабси абадӣ ҷорӣ мекунанд, дар ҳоле ки дар дигар кишварҳо ҳукми қатл танҳо барои ҷиноятҳои вазнинтарин имконпазир боқӣ мемонад. Сарфи назар аз хусусиятҳои умумӣ, дар бархӯрдҳо барои таснифи ҷиноятҳо дар кишварҳои алоҳида фарқиятҳо мавҷуданд. Масалан, Белоруссия ва Россия бо назардошти он, ки кадом гурӯҳҳои гуногун ташкил мешаванд, нисбат ба вазнинии ҷиноятҳо бархӯрдҳои гуногун доранд. Украина ва Латвия низ дар тасниф ва таърифи ҷиноятҳо хусусияти беназир доранд.

Дар баъзе кишварҳо, аз қабили Озарбойҷон ва Қазоқистон, муқаррароти нав дар Қонунгузорӣ оид ба таснифи ҷиноятҳо ҷорӣ карда шудаанд, ки гуманизатсияи равишҳо ва бознигарии меъёрҳои вазнинии ҷиноятҳоро инъикос мекунанд. Яке аз мушкилот аз ҳисоби ҷиноятҳои вазнин ба таври сунъӣ васеъ кардани категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин мебошад, ки метавонад ба дурустии омори ҷиноятҳо таъсир расонад ва манзараи воқеиро таҳриф кунад. Аммо ин тағйиротҳо аз кӯшишҳои мутобиқ кардани кодексҳои ҷиноятӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва майли гуманизатсияи ҷазоҳо шаҳодат медиҳанд.

То амалӣ гардидани Қонуни дар бораи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз соли 1967 (Criminal Law Act 1967) дар Англия ҳамаи кирдорҳои ҷиноятӣ асосан мувофиқи меъёри таърихан ташаккулёфтаи дараҷаи хавфнокӣ тақсим карда мешуданд.

Дар ин замина ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷудо карда мешуданд, ки ба онҳо хиёнат ба давлат (treason) ва фелонияҳо (felonies) дохил мешуданд. Ба гурӯҳи фелонияҳо чунин ҷиноятҳо мансуб мебошанд, мисли куштор (murder – ҳам вазнин ва ҳам оддӣ), дуздӣ бо роҳи шикастан (burglary), тасарруф (kidnapping), бисёрзанӣ (bigamy) ва дигар кирдорҳое, ки сатҳи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ доранд. Кирдорҳои начандон вазнин ба гурӯҳи мисдиминорҳо (misdemeanours) дохил мешуданд. Ба ин гурӯҳ, масалан, чунин ҷиноятҳо тааллуқ доштанд, ба монанди нишондоди бардурӯғ (perjury), қаллобӣ (fraud), ҳуҷум (assault) ва дигар кирдорҳо.

Дар марҳилаҳои ибтидоии ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии англисӣ, фелонияҳо ба таври якхела сахт ҷазо дода мешуданд – бо ҷазои қатл ва мусодираи пурраи молу мулк. Танҳо бо гузашти вақт, дар Қонунгузорӣ ва амалияи судӣ муносибати бештари фарқгузорӣ нисбат ба ҷазоҳое қабул гардид, ки таносуби таъқиби ҷиноятиро таъмин менамуданд [371].

Айни замон дар Англия ва Уэлси, асоси таснифи ҷиноятҳоро аллакай меъёрҳои дигар ташкил медиҳанд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:

1. Аз ҷиҳати мазмунӣ ҷиноятҳо аввал ба хиёнат ба давлат (*treason*) ҷудо мешаванд, ки он ҳамчун кирдори махсусан хавфнок бар зидди давлат фаҳмида мешавад. Дигар кирдорҳо бошад, ба гурӯҳи умумии ҷиноятҳое дохил мегарданд, ки дар доираи юрисдиксияи ҷиноятӣ баррасӣ мешаванд.

Дар навбати худ, шакли мурофиавии баррасии парванда бо дараҷаи хавфнокии кирдор робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷиҳат, ҷиноятҳо ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳое, ки аз рӯи айбнома (indictable offences) баррасӣ мегарданд – инҳо кирдорҳои вазнин мебошанд, ки дар суд бо иштироки ҳайати ҳакамон (jury) муҳокима карда мешаванд; ҷиноятҳои умумӣ (summary offences) – ҳуқуқвайронкуниҳои сабуктар, ки бидуни иштироки ҳакамон дар судҳои магистратӣ (magistrates' courts) баррасӣ мешаванд; ва ҷиноятҳои «гибридӣ» (either-way offences) – ки вобаста ба мавқеи айбдоршаванда ва хусусиятҳои парванда, метавонанд ё дар суди магистратӣ ва ё дар суди бо ҳайати ҳакамон баррасӣ гарданд.

2. Аз рӯйи аломати мурофиавию полисӣ ҷиноятҳо вобаста ба он ки барои дастгир кардан иҷозати пешакии судӣ талаб мешавад ё не ба: ҳабсшаванда (arrestable offences) ва бе ҳабс (non-arrestable offences) тақсим мешаванд.

Ғайр аз ин, ҷиноятҳо то ҳол аз рӯйи сарчашмаи танзим низ фарқ карда мешаванд. Як гурӯҳ ҷиноятҳои ҳуқуқи умумӣ (*common law offences*) мебошанд, ки аз таҷрибаи судӣ ва прецедентҳо бармеоянд. Гурӯҳи дигар ҷиноятҳои статутӣ (*statutory offences*) аст, ки бевосита дар санадҳои Қонунгузорӣ муқаррар шудаанд.

Ҳамин гуна сохтори бисёрсатҳии таснифи ҷиноятҳо ба низоми англосаксонӣ хусусияти хос мебахшад, ки дар он ҳам меъёрҳои таърихӣ, ҳам амалияи судӣ ва ҳам принсипҳои ҳуқуқи умумӣ нақши марказӣ мебозанд. Ин ҳолат гузаронидани ислоҳоти куллии кодификатсионирo душвор месозад, аммо ҳамзамон пойдории таърихӣ ва мутобиқшавии мутаносиби низомро ба воқеиятҳои ҳуқуқии муосир таъмин менамояд.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба таври анъанавӣ низоми нисбатан содаву расмии таснифи ҷиноятҳо истифода бурда мешавад. Меъёри асосӣ дар

ин низом дараҷаи вазнинии ҷазои пешбинишуда мебошад. Мувофиқи амалияи умумӣ ва Қонунгузории аксари иёлотҳо, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

– Фелонияҳо (felonies) – ҷиноятҳои вазнин, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати зиёда аз як сол пешбинӣ шудааст. Дар баъзе ҳолатҳо, вобаста ба хусусияти ҷиноят ва Қонунгузории иёлот, фелонияҳо метавонанд бо якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҷазои қатл низ ҷазо дода шаванд.

– Мисдиминорҳо (misdemeanours) – ҷиноятҳои нисбатан сабуктар, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 15 рӯз то як сол пешбинӣ мешавад [372].

Дар як қатор иёлотҳои ИМА илова бар ин категорияҳои иловагӣ низ ҷудо карда шудаанд, аз ҷумла:

– Инфраксияҳо (*infractions*) ё ҳуқуқвайронкуниҳо ба кирдорҳои маъмурие дахл доранд, ки барои онҳо маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ намешавад. Масалан, вайрон кардани қоидаҳои таваққуфгоҳ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад;

– Кирдорҳои нақлиётӣ (traffic violations) , ки вобаста ба оқибатҳо ва хусусияти кирдор, метавонанд ё ҳамчун инфраксия, ё ҳамчун мисдиминор тасниф карда шаванд.

Масалан, мувофиқи §10.00 Кодекси ҷиноятии иёлати Ню-Йорк, ҳар як ҷиноят бо дарназардошти имкони таъини ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ муайян карда мешавад, ки ин меъёри калидӣ барои нисбат додани кирдор ба гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, системаи таснифи ҷиноятҳо дар кишварҳои дорои ҳуқуқи умумӣ (common law), сарфи назар аз унсурҳои меросии таърихӣ, зери таъсири омилҳои муосир, аз ҷумла тамоюли инсондустонаи сиёсати ҷиноятӣ ва мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави рафтори барои ҷамъият хавфнок, тағйир меёбад.

Бо вуҷуди ин, бар хилофи низоми ҳуқуқии континенталӣ, дар одатҳои англосаксонӣ меъёри ягонаи расман муқарраршудаи ба категорияҳо ҷудо намудан, монанди м. 18 КҶ ҶТ, мавҷуд нест. Ин ҳолат нақши калидии тафсири судӣ ва прецедентҳоро дар муайян кардани дараҷа ва табиати ҷиноят афзоиш медиҳад.

Новобата аз тақсимоти устувори анъанавии ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба фелонияҳо ва мисдиминорҳо, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва як қатор кишварҳои дигари ҳуқуқи англосаксонӣ амал мекунад, бояд эътироф кард, ки гузоштани хатти возеҳ ва универсалӣ байни ин ду категория то ҳол имконнопазир аст.

Меъёрҳои расмӣ, ба монанди, муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ то як сол, бештар ҳамчун нишондиҳандаи роҳнамо амал мекунад, на ҳамчун ҳадди қатъии ҳуқуқӣ барои ҷудосозӣ. Ин ҳолат ба сохтори федеративии ИМА ва фарқияти манбаъҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи иёлотҳо ва Қонунгузории федералӣ вобаста аст.

«Ҳамин тавр, Кодекси ҷиноятии федералии ИМА, оғоз аз нашри соли 1948 (боби 1, §1), се зинаи асосии гурӯҳбандии кирдорҳои ҷиноятиро пешбинӣ мекунад: ҷиноятҳо (offenses), рафтори ҷиноятӣ (misdemeanours) ҳуқуқвайронкуниҳо (infractions). Дар айни замон, ба сифати принсипи асосии ҳуқуқӣ – nullum crimen sine lege («ҳеҷ ҷиноят бе Қонун нест») боқӣ мемонад. Мувофиқи он, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар асоси Қонун татбиқ шуда метавонад, на дар пояи одатҳо ё прецедентҳои судӣ, ки дар доираи ҳуқуқи умумӣ (common law) иҷозат дода мешуданд» [121, с. 303].

Кодекси намунавии ҷиноятии ИМА (Model Penal Code), ки онро Институти амрикоии ҳуқуқ (ALI) таҳия кардааст, системаи мукаммалтар ва муфассалтари гурӯҳбандии ҷиноятҳоро пешниҳод менамояд. Мувофиқи моддаи 6.01-и ин Кодекс, ҷиноятҳо ба фелонияҳо (felonies), мисдиминорҳо (misdemeanours) ва мисдиминорҳои сабук (petty misdemeanours) тақсим мешаванд.

Ғайр аз ин, худи фелонияҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии ҷазо ба се зина ҷудо мешаванд (мод. 6.06 МПК):

Фелонияи дараҷаи I – ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз 10 сол то якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҳатто ҷазои қатл;

Фелонияи дараҷаи II – маҳрум сохтан аз озодӣ аз 3 то 10 сол;

Фелонияи дараҷаи III – маҳрум сохтан аз озодӣ аз 1 то 5 сол.

Танзими иловагӣ дар боби 3559-и фасли 18-и Маҷмуаи Қонунҳои Иёлоти Муттаҳида (U.S. Code) ҷой дорад, ки дар он гурӯҳбандии фелонияҳо ба панҷ синф (A, B, C, D, E) ва мисдиминорҳо ба се синф (A, B, C) пешбинӣ шудааст. Меъёри асосӣ барои чунин гурӯҳбандӣ ҳадди ниҳоии муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ мебошад:

Фелонияи синфи A – ҷазои ҳадди аксар: якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё ҷазои қатл;

Синфи B – то 25 соли маҳрум сохтан аз озодӣ;

Синфи C – то 10 сол;

Синфи D – то 5 сол;

Синфи E – то 3 сол [121, с. 303].

Мисдиминорҳо низ мувофиқи ҳамин принсип гурӯҳбандӣ мешаванд, аммо ҳадди болоии ҷазо дар ин ҳолат аз як соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд намешавад, ва дар баъзе ҳолатҳо он метавонад бо дигар чораҳои таъсиррасонӣ, аз қабили ҷарима ё корҳои ҷамъиятӣ, иваз гардад.

Дар сатҳи Қонунгузории иёлотҳо, низоми гурӯҳбандии ҷиноятҳо метавонад аз як иёлот то иёлоти дигар фарқ кунад. Дар бештари иёлотҳо, илова ба фелонияҳо ва мисдиминорҳо, Қонунгузор ҳамчунин вайронкуниҳои ҳуқуқӣ (violations)-ро ҷудо менамояд, ки одатан ҷиноят ҳисоб намешаванд. Ба чунин вайронкуниҳо, одатан, кирдорҳои маъмурӣ дохил мешаванд, аз ҷумла: зиёд намудани суръати ҳаракат; таваққуфи ғайриҚонунӣ; истифодабарии воситаи нақлиёти техникиаш носоз ва монанди инҳо. Ин гуна кирдорҳо ба қайди таърихи ҷиноятӣ (criminal record) ворид намешаванд ва дар доираи тартиби соддашудаи судӣ баррасӣ мегарданд.

Ҷолиб он аст, ки низоми тақсимоти ҷиноятҳо ба «фелония» ва «мисдиминор» на танҳо дар кишварҳои дорои анъанаи ҳуқуқии англосаксонӣ, балки ҳамчунин дар собиқ колонияҳои Британияи Кабир низ паҳн шудааст. Аз ҷумла, дар як қатор кишварҳои Африқо, ба монанди Гамбия, Замбия, Кения ва Танзания ин гурӯҳбандӣ то имрӯз қариб дар шакли аслии худ ҳифз гардидааст. Дар бархе дигар давлатҳо, ба монанди Нигерия ва Папуа –Гвинеяи Нав, илова бар ин ду категория, боз як гурӯҳи иловагӣ ҷудо мешавад – «ҷиноятҳои оддӣ» (simple offences), ки онҳо кирдорҳои хавфнокиашон камтаррро ифода мекунанд ва аз ҷиҳати мазмун ба ҳуқуқвайронкуниҳо (infractions) дар низоми ҳуқуқии ИМА шабоҳат доранд. Ҳамин тавр, системаи гурӯҳбандии ҷиноятҳо дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ (common law) дорои сохтори мураккаб ва бисёрзина мебошад. «Бо вуҷуди ҳифзи истилоҳоти таърихӣ, монанди «фелония», «мисдиминор» ва «вайронкунӣ», назария ва амалияи муосири ҳуқуқӣ бештар ба чунин омилҳо такя мекунанд, мисли ҳадди аксари ҷазо, тартиби мурофиавии таъқиби ҷиноятӣ, дараҷаи хавфнокии кирдор ва имкони татбиқи чораҳои ивазкунанда ё ғайриҷиноятӣ. Ин имкон медиҳад, ки низоми ҳуқуқӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷиноятқорӣ бо чандирӣ муносибат намояд ва ҳамзамон аз асосҳои доктринавии анъанаи ҳуқуқӣ даст накашад» [60, с. 476].

Қонуни ҷиноятии Амороти Муттаҳидаи Араб (ҚҶ АМА) низоми сезинагии тақсимоти кирдорҳои ҷиноятиро вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо пешбинӣ менамояд. Мувофиқи м. 28 ҚҶ АМА, ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо ба се категорияи асосӣ ҷудо мешаванд: «ҷиноятҳо (ҷинайят), рафтори ҷиноятӣ (ҷунҳа) ва ҳуқуқвайронкуниҳо (мухалфат). Ин модел ба меъёрҳои байналмилалӣ ва анъанаҳои ҳуқуқи ҷиноятии исломӣ, бахусус қоидаҳои шариат, мувофиқат дошта, ба андешаи муҳаққиқон, дорои сатҳи баланди асоснокии илмӣ ва сохтори ботартиб мебошад» [354, с. 336].

1. Ҷиноят.

Мувофиқи м.28 ҚҶ АМА, ҷиноятҳо ба кирдорҳои аз ҳама вазнин мансубанд ва бо яке аз ҷазоҳои зерин сазо дода мешаванд: ҷазоҳо, ки барои

кирдорҳои гурӯҳҳои «ҳудуд» ва «қисос» пешбинӣ шудаанд (ба истиснои баъзе ҳолатҳои мушаххас, мисли нӯшидани машрубот ё тӯҳмати исботнашудаи мусалмон дар зино); ҷазои қатл, якумра маҳрум кардан аз озодӣ, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян. Бояд таъкид намуд, ки муқаррароти марбут ба «ҳудуд» ва «қисос» бар асоси меъёрҳои шариат устувор гардидаанд, бинобар ин ин гурӯҳи ҷиноятҳо ҷузъи муқаддаси динӣ дорад ва аз доираи фаҳмиши танҳо позитивистии Қонуни ҷиноятӣ берун меистад.

2. Рафтори ҷиноятӣ

Ба категорияи рафтори ҷиноятӣ кирдорҳои дараҷаи вазнинии миёна дохил мешаванд. Санксияҳо барои чунин кирдорҳо аз: ҳабскардан (одатан кӯтоҳмуддат), ҷарима аз 1000 динор боло, ва дар баъзе ҳолатҳои махсус – задан бо қамчин, ки дорои хусусияти мазҳабӣ мебошад, иборат аст.

3. Ҳуқуқвайронкуниҳо

Хавфнокии камтар дошта ҳуқуқвайронкуниҳое эътироф мешаванд, ки барои онҳо ҷазо дар намуди ҳабс аз 24 соат то 10 рӯз, ё ҷарима то 1000 динор муқаррар шудааст.

Таснифоти мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши амалӣ ва мурофиавии баланд низ дорад, зеро дар доираи Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Амороти Муттаҳидаи Араб (АМА) нақши муҳимеро иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқи ҷиноятии АМА дараҷаи баланди воридшавии принсипҳои шариатӣ ба ҳуқуқи ҷиноятии позитивиро нишон медиҳад ва ҳамзамон сохтори возеҳу муназзам ва модели амалии дақиқи таснифи кирдорҳои ҷиноятиро ҳифз менамояд.

Чунон ки муҳаққиқ Н. А. Ал-Асумӣ таъкид мекунад: «Ин модели гурӯҳбандӣ бо пайдарпайии илмӣ ва мантиқии худ фарқ мекунад ва дар фазои ҳуқуқии арабӣ амсоли хешро надорад. Хусусияти фарқкунандаи он омезиши мутавозини принсипҳои динӣ-ҳуқуқӣ, кафолатҳои мурофиавӣ ва механизмҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад» [354, с. 336].

Дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои оилаи ҳуқуқи романо-германӣ таснифи ҷиноятҳо аксаран бар асоси меъёрҳое сохта шудааст, ки ҳанӯз дар Кодекси

ҷиноятии Фаронса соли 1810 гузошта шуда буданд. Дар он замон табиати ҷазо ҳамчун меъёри асосӣ истифода мегардид. Мувофиқи ин модел, кирдорҳо ба се гурӯҳ тақсим мешуданд: вайронкуниҳо (contraventions), ки барои онҳо ҷазоҳои полисӣ пешбинӣ мешуданд; рафторҳои ҷиноятӣ (délits), ки сазовори ҷазоҳои ислоҳӣ мебошанд ва ҷиноятҳо (crimes), ки бо ҷазоҳои вазнин ё таҳқиромез муқаррар мешуданд.

Сарфи назар аз ислоҳоти минбаъдаи Қонунгузории ҷиноятӣ, ин модели сезинагии таснифот дар Кодекси нави ҷиноятии Фаронсаи соли 1992 низ ҳифз гардид. Аммо дар Қонуни нав вазнинии содиршудаи кирдор ҳамчун меъёри асосӣ истифода мешавад, ки ин муносибат тамоюли моддисозии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро инъикос мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сохтори монанд ба ин модел, инчунин барои Қонунгузории дигар кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ хос аст. Бисёр кодексҳои ҷиноятӣ, илова ба ҷиноятҳо, рафторҳои ҷиноятиро низ ҷудо мекунанд – кирдорҳои хавфнокии камтар дошта, ки одатан бо ҷазоҳои сабук, наздик ба ҷазоҳои маъмурӣ, муҷозот мешаванд.

Ин гуна фарқгузорӣ имкон медиҳад, ки низоми мутаносиб ва чандири ҷавобгарии ҷиноятӣ ташаккул ёбад, ки дар он вазнинии кирдор ба оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии он мувофиқат мекунад.

Дар ин масъала намунаи хуб Кодекси ҷиноятии Италия мебошад. Дар ин Қонун ҳама гуна кирдорҳои ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд (м.17):

1. Дар ҳуқуқи ҷиноятии Италия кирдорҳо ба ду навъ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи якум *delitti* дохил мешаванд, ки барои онҳо ҷазоҳои вазнинтар, аз ҷумла маҳрум сохтан аз озодӣ барои якумр, маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян ё ҷарима аз 10 ҳазор то 10 миллион лир пешбинӣ шудааст.

2. Гурӯҳи дуюм *contravvenzioni* мебошад. Инҳо кирдорҳои нисбатан сабуктар буда, барои онҳо ҳабс ё ҷарима аз 4 ҳазор то 2 миллион лир муқаррар мегардад [7].

Тавре ки муҳаққиқ М. А. Игнатова менависад, ки: «Бисёр аз ин рафторҳои ҷиноятӣ дар Италия аз замонҳои қадим аз «Қонуншиканиҳои полисӣ», ки

қаблан зери салоҳияти мақомоти маъмурӣ қарор доштанд, сарчашма гирифтаанд. Вале баъдтар, вақте ки Италия аз давлати табақавӣ ба давлати ҳуқуқбунёд гузашт, ин кирдорҳо ба Қонунҳои ҷиноятӣ ворид шуданд» [332, с. 140]. Ба чунин тағйирот инчунин ғояҳои давраи Маорифпарварӣ таъсир расонидаанд, ки принсипи Қонуниятро ҳамчун кафолати озодии инсон эълон медоштанд.

Умуман, таснифи ҷиноятҳо аз рӯи дараҷаи вазниниашон дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқи континенталӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқию техникӣ, балки нақши сиёсати ҷиноятиро низ иҷро мекунад.

Тавре Н. Г. Кадников зикр мекунад, ки: «Чунин фарқгузорӣ: дараҷаи воқеии хафнокии иҷтимоии ин ё он кирдорро инъикос месозад; ба дақиқтар шудани сиёсати ҷиноятии давлат мусоидат мекунад; ҳамчун роҳнамо барои муайян кардани ҷазоҳо ва сохтори таҷассуми оқибатҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад (масалан, дар масъалаи гузаштани муҳлат, имкони авф, таъини шартан маҳкумнамоӣ ва ғ.)» [50, с. 83].

Ҳамин тавр, таҷрибаи Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва ҳам Қонунгузории ҷиноятии миллӣ зарурати таснифоти бисёрзинагии кирдорҳои ҷиноятиро нишон медиҳанд. «Дар баробари ин шаклҳои мушаххас ва маҳакҳои чунин ҷудосозӣ мумкин аст вобаста ба анъанаҳои ҳуқуқӣ, сатҳи шуурнокии ҷомеъ, инчунин нақши омилҳои таърихӣ- фарҳангӣ фарқ намоянд» [332, с. 140].

Таҳлили иловагии Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ҷаҳон, аз ҷумла ҳатто дар дохили як оилаи ҳуқуқӣ, масалан, низоми ҳуқуқи континенталӣ (романо-германӣ) усулҳои гуногуни таснифи ҷиноятҳо мавҷуданд. Новобаста аз принсипҳои умумӣ ҳар як кишвар модели хоси худро дорад, ки вобаста ба хусусиятҳои низоми миллии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, инчунин таърихи инкишофи Қонунгузорӣ ва доктринаҳои ҳуқуқии худ фарқ мекунад.

Дар Кодекси ҷиноятии Италия дар баробари таснифи дузинагии кирдорҳои ҷиноятӣ, яъне тақсим ба ҷиноятҳо (delitti) ва рафторҳои ҷиноятӣ

(contravvenzioni) тибқи м.17, инчунин, аломатҳои тасниф вобаста ба объекти ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, дар қ. 3 м.8 КҶ Италия таърифи расмии «ҷинояти сиёсӣ» оварда шудааст. Ин аз кушиши Қонунгузор оиди ҷудо намудани категорияи махсуси ҷиноятҳо, дар асоси сохтори давлатӣ шаҳодат медиҳад. Ин гуна ҷудокунӣ на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки оқибатҳои амалӣ низ дорад, аз ҷумла, дар масъалаҳои экстрадисия, татбиқи ҳолатҳои сабуккунанда ва фардикунондани ҷазо.

КҶ Австрия низ низоми дузинагии таснифро муқаррар месозад. Тибқи м. 17, ҳамаи кирдорҳои ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷиноятҳо – кирдорҳои қасдан содиршуда, ки барои онҳо якумра маҳрум кардан аз озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ беш аз се сол пешбинӣ шудааст; рафторҳои ҷиноятӣ– ҳамаи дигар кирдорҳо, аз ҷумла аз беэҳтиётӣ ва ҷиноятҳои сабуктари қасдан содиршуда.

Ин гуна тақсимоти содда татбиқ намудани Қонуни ҷиноятиро осонтар мекунад, зеро меъёри асосӣ дар ин ҷо на андозаи зарар ё дараҷаи гуноҳ, балки таҳдиди ҷазоест, ки Қонун пешбинӣ мекунад.

Дар навбати худ, Қонунгузории ҷиноятии Фаронса анъанавӣ низоми сесатҳаро истифода мебарад, ки ҳанӯз аз КҶ соли 1810 сарчашма мегирад. Тибқи ин низом, ҳамаи кирдорҳо ба се тасниф мешаванд: ҷиноятҳо (crimes); рафтори ҷиноятӣ (délits); ҳуқуқвайронкуниҳо (contraventions).

«Ин низоми сесатҳа дар КҶ нав (соли 1992) низ ҳифз карда шудааст, вале асоси тасниф каме дигар шудааст: агар пештар меъёр асосан намуди ҷазо бошад, пас ҳоло Қонунгузор дараҷаи хафнокии кирдорро ҳамчун меъёри асосӣ қабул кардааст. Яъне, имрӯз дар Фаронса ҷиноятҳо на танҳо аз рӯи ҷазо, балки аз рӯи дараҷаи зарар ва хавфнокии он барои ҷомеа ҷудо карда мешаванд» [70, с. 187]. Дар айни замон вобастагии мустақим байни ин тасниф ва дигар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вуҷуд надорад. Таъиноти асосии чунин таснифот аз осонтар ва равшантар сохтани сохтори моддаҳои Қисми умумии Кодекс ва ба низом даровардани меъёрҳои Қисми мухсус ба шумор меравад [50, с. 83].

Дар заминаи таҷрибаи байналмилалии таснифи ҷиноятҳо аз рӯи ҳуқуқи ҷиноятӣ, низоми пешбинишуда дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин таваҷҷуҳи махсусро ҷалб мекунад. Ин санади меъёрӣ, ки таҳти таъсири назарраси ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ ташаккул ёфтааст, гарчанде ки таснифи расмӣ ва ягонаи пурраро дар бар надорад, вале вобаста ба таҳлили низомноки мазмун ва сохтори он метавон чанд категорияи асосии ҷиноятҳоро ҷудо кард. Тавре ки муҳаққиқи рус А.А. Малиновский қайд мекунад, чунин таснифот аз ин иборат аст:

«1. Вазнинтарин ҷиноятҳо, ки барои онҳо ҷазои қатл пешбинӣ шудааст;

2. Ҷиноятҳои вазнин, ки асосан ба муқобили амнияти давлатии Чин равона шудаанд;

3. Дигар ҷиноятҳо, ки ҳамаи дигар кирдорҳои ғайриҚонунӣ ва сазовори ҷазоро дар бар мегиранд, ки ба категорияҳои зикршуда дохил намешаванд;

4. Ҷиноятҳои камаҳаммият, ки тибқи м. 37 КҶ Чин бо танбеҳи ҷамъиятӣ ё ҷазоҳои маъмурӣ ҷазо дода мешаванд» [89, с. 127].

Ҳамзамон, олимон, инчунин моделҳои дигари таснифро пешниҳод мекунанд, ки онҳо дар асоси меъёрҳои назариявӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ таҳия шудаанд.

Масалан, олими машҳури чинӣ дар соҳаи криминология Сван Сижен таснифи ҷиноятҳоро дар асоси таҳлили навъҳои мухталифи зиддиятҳо дар ҷомеаи сотсиалистӣ пешниҳод мекунад. Дар доираи консепсияи ӯ ҷиноятҳо ба чунин категориҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ, ки ба таҳриби асосҳои сохтори давлатӣ равона шудаанд;

2. Ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки зарари ҷиддӣ ба иқтисод мерасонанд, аз ҷумла қочоқ, ҳаннотӣ, коррупсия ва дигар кирдорҳои монанд;

3. Ҷиноятҳое, ки тартиб ва оромии ҷомеаро ба таври ҷиддӣ вайрон мекунанд, ба мисли куштори қасдона, роҳзанӣ, таҷовуз ба номус, авбошии гурӯҳӣ, савдои одамон ва ғайра;

4. Дигар ҷиноятҳои умумӣ, ки бе ҳолатҳои вазнинкунанда содир мешаванд ва ба ҷомеа зарари нисбатан камаҳаммият мерасонанд.

Гарчанде ин тасниф пайдарпайии комил надорад, аммо он пеш аз ҳама ба объекти таҷовуз ва андозаи зарари расонидашуда такя мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам хусусияти таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳам оқибатҳои он барои ҷомеа ба инобат гирифта шаванд.

Дигар муҳаққиқи чинӣ, Сзян Хуэйлин, кӯшиш намудааст, ки дар таснифи ҷиноятҳо аломати ҷазодиҳиро низ ба назар гирад. Ӯ ҷиноятҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: «аввал, ҷиноятҳое, ки мувофиқи санксияҳои моддаҳои КҶ бо ҷазоҳои ҷиноятӣ сазо дода мешаванд; дувум, ҷиноятҳое, ки барои онҳо чораҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба ҷазоҳои ҷиноятӣ дохил намешаванд, яъне амалан ба категорияи ҷиноятҳои камаҳаммият мувофиқанд» [367, с. 179].

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки таснифи ҳуқуқи ҷиноятии ҷиноятҳо дар Чин унсурҳои анъанаи шӯравиро бо хусусиятҳои сохтори иҷтимоию сиёсӣ ва шароити таърихию ҳуқуқии хоси ин кишвар муттаҳид мекунад. Гарчанде ки дар КҶ Чин таснифи дақиқи расмӣ вуҷуд надорад, муносибатҳои мавҷуда кӯшиши мутобиқ кардани методологияи ҳуқуқиро ба воқеияти ҷомеаи сотсиалистӣ инъикос мекунанд ва диққатро асосан ба ҳифзи амнияти давлатӣ, суботи иқтисодӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ равона месозанд [367, с. 179]. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки чунин тасниф дар КҶ Чин бештар хусусияти назариявӣ дорад ва ба татбиқи амалӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад, масалан, ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои нотамом, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳо. Тасниф асосан дар асоси ҳадди аксари ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ амалӣ мегардад, дар ҳоле ки ҳадди поёнии ҷазо, одатан, муайян карда нашудааст, ба истиснои баъзе ҳолатҳо, ба мисли ҷиноятҳои беэҳтиётии дараҷаи миёна ва ҷиноятҳои махсусан вазнин.

Хулоса:

Таҳлили муқоисавии категорияҳои ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки масъалаи гурӯҳбандии кирдорҳои ҷиноятӣ ба меъёрҳои вазнинии кирдор, оқибатҳои он барои ҷамъият ва сиёсати ҷиноятии давлат робитаи зич

дорад. Низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, аз ҷумла низоми ҳуқуқи континенталӣ (романо-германӣ), низоми ҳуқуқи англосаксонӣ (common law), ҳуқуқи исломӣ ва низомҳои ҳуқуқии кишварҳои пасошӯравӣ, дорои сохтор ва принципҳои фарқкунанда мебошанд, вале ҳамаи онҳо бо як ҳадафи умумӣ – таҳкими ҳуқуқ ва мутобиқсозии ҷазо ба хатарнокии кирдор – муттаҳиданд.

Дар кишварҳои собиқ ИДМ ва Балтика таъсири низоми ҳуқуқии шӯравӣ боқӣ монда, таснифи ҷиноятҳо асосан ба чор гурӯҳ – ҷиноятҳои начандон вазнин, миёна, вазнин ва махсусан вазнин – тақсим шудааст. Ин гурӯҳбандӣ на танҳо ба муайян кардани дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ба интихоб ва ваколати судяҳо, муҳлати мурофиавӣ ва таъини ҷазо таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин, фарқиятҳо дар ҳадди ҷазо ва таърифи ҷиноятҳо дар кишварҳои алоҳида (масалан, Украина, Латвия, Қазоқистон ва Озарбойҷон) ба назар мерасад, ки ин нишондиҳандаи ҳаракати Қонунгузорӣ ба сӯи гуманизатсия ва мутобиқсозии низоми ҷиноятӣ бо талаботи муосир мебошад.

Дар низоми ҳуқуқи англосаксонӣ, ки дар Англия, Уэлс ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико асоси тасниф на танҳо меъёрҳои таърихӣ, балки низ меъёрҳои мурофиавӣ ва дараҷаи хавфнокии кирдор мебошад. Ҷиноятҳо ба фелонияҳо (offences/felonies), мисдиминорҳо (misdemeanours) ва ҳуқуқвайронкуниҳои сабук (infractions) ҷудо мешаванд. Дар ИМА фелонияҳо вобаста ба ҷазои пешбинишуда ба якчанд дараҷа (I–III) ва синфҳо (A–E) тақсим карда мешаванд, ки нишондиҳандаи мушаххаси нисбат додани кирдор ба категорияи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ин низом имконият медиҳад, ки муносибати нисбат ба ҷазо ва дараҷаи ҷиноят фарқнок бошад ва ҳамзамон омилҳои таърихӣ ва амалияи судиро ҳифз намояд.

Қонунгузории Амороти Муттаҳидаи Араб низоми сезинагӣ пешниҳод мекунад: ҷиноятҳо, рафтори ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар он ҷараёни санҷиш ва ҷазодиҳӣ вобаста ба дараҷаи хавфнокии кирдор, қоидаҳои шариат ва меъёрҳои мурофиавӣ муайян карда мешавад. Ин модел омезиши муваффақи меъёрҳои динӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи муосири ҷиноятиро пешниҳод менамояд.

Дар давлатҳои ҳуқуқи континенталӣ, аз ҷумла Фаронса ва Италия, низоми таснифи ҷиноятҳо асосан бар асоси вазнинии кирдор ва оқибатҳои он ба ҷамъият сохта шудааст. Моделҳои классикӣ (Фаронса 1810, Италия м.17) ва ислоҳоти замонавӣ (Фаронса 1992) нишон медиҳанд, ки ҷиноятҳо ба кирдорҳои вазнин ва рафторҳои ҷиноятӣ бо ҷазоҳои гуногун тақсим карда мешаванд. Ҳадафи асосӣ – мутобиқсозии сиёсати ҷиноятӣ ва таъмини муносибати нисбатан чандир ба кирдорҳо мебошад.

Дар ҚҶ Чин низоми таснифи ҷиноятҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии кирдор таҳия шудааст. Дар Чин ҷиноятҳо ба гурӯҳҳои вазнинтарин, вазнин, дигар ҷиноятҳо ва ҷиноятҳои камаҳаммият ҷудо мешаванд, ки асосан ба ҳадди аксари ҷазо таваҷҷуҳ мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки ташаккули тасниф вобаста ба ҳифзи амнияти давлатӣ, суботи иқтисодӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ба роҳ монда шудааст, ҳарчанд дар амалияти ҳуқуқӣ таҳдидҳои ҷиддӣ ба миён намеояд. Дар кишварҳои пасошӯравӣ низ ба ҳамин тартиб, ҳамкории таъсири мероси шӯравӣ ва талаботи муосир ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҷаҳон ҳеҷ як низоми ягонаи таснифи ҷиноятҳо вуҷуд надорад. Ҳар як низом ба хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худ мутобиқ карда шудааст. Бо вуҷуди фарқиятҳо, як принсипи умумӣ ҳифз шудааст: ҷазо ва чораҳои ҳуқуқӣ бояд бо дараҷаи хавфнокии кирдор ва таъсири он ба ҷомеа мутаносиб бошанд.

Дар натиҷа, метавон хулоса намуд, ки системаи таснифи ҷиноятҳо дар ҳуқуқи ҷаҳонӣ ҳамеша бо ду унсур муайян мешавад: дар асоси меъёри вазнинӣ ва оқибатҳои кирдор ва дар асоси хусусиятҳои анъанавӣ ва мурофиавӣ, ки ин омилҳо ба ҳам пайваст шуда, низоми ҳуқуқиро дар шароити муосир ҳам пойдор ва ҳам чандир мегардонанд. Ин натиҷаҳо асоси илмӣ барои такмили Қонунгузории ҷиноятии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқсозии он бо меъёрҳои байналмилалӣ фароҳам меоранд.

БОБИ 5. МОДЕЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТ

5.1. Мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «нормативистӣ» ба фаҳмиши таркиби ҷиноят

Таркиби ҷиноят яке аз категорияҳои муҳимми назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки дар бандубасти кирдорҳое, ки аз ҷониби шахсони Қонуни ҷиноятиро вайронкарда содир мешаванд, нақши калидӣ мебозад. Он на танҳо маҷмуи аломатҳои расмӣ, балки як навъ чаҳорчӯба ё пояст, ки дар асоси он бандубасти ҳуқуқии кирдори ҷиноятӣ амалӣ мегардад. Бар хилофи худи ҷиноят, ки ҷанбаи воқеии кирдорро дар бар мегирад, таркиби ҷиноят имкон медиҳад он унсурҳо ҷудо карда шаванд, ки дар маҷмӯъ метавонанд ҳамчун асос барои эътироф намудани кирдор ҳамчун ҷиноят хизмат кунанд.

Мавқеи нормативистӣ нисбат ба таркиби ҷиноят ба он асос меёбад, ки ҳамаи унсурҳо ва аломатҳои асосии он дар Кодекси ҷиноятӣ муфассал муқаррар шудаанд. Мувофиқи ин мавқеъ, таркиби ҷиноят бояд пурра ба меъёрҳои дар санадҳои меъёрӣ муқарраргардида мувофиқат кунад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз нисбатан равшан будани танзими Қонунгузории таркиби ҷиноят, дар байни мутахассисони ҳуқуқи ҷиноятӣ ихтилоф ва баҳсҳои зиёд вуҷуд доранд. Онҳо ҳам ба таърифи худи таркиби ҷиноят, ҳам ба масъалаи сохтори он ва ҳам ба нақше, ки таркиб дар раванди бандубасти ҳуқуқии кирдор мебозад, дахл доранд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар баҳсҳо оид ба таркиби ҷиноят фаҳмидани таносуби байни ҷиноят ва таркиби он мебошад. Ҷонибдорони мавқеи нормативистӣ чунин мешуморанд, ки таркиби ҷиноят дар асл «инъикоси» фаъолияти воқеии ҷиноятӣ мебошад, ки ин ҳолат дар санадҳои Қонунгузорӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятӣ, тасдиқи худро меёбад. Дар ин замина таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмуи аломатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки имкон медиҳанд дақиқ муайян карда шавад, ки оё кирдори мушаххас ҷиноят аст ва ба кадом навъи ҷиноят мансуб мебошад. Ин аломатҳо барои ҳуқуқтатбиққунанда воситаи зарурӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба ӯ имкон медиҳанд бандубасти дурусти ҳуқуқӣ анҷом дода, ба гунаҳкор ҷазои мувофиқ таъин намояд.

Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба тарзи шарҳи таркиби ҷиноят, доираи аломатҳои дохилшаванда ба он ва нақши он дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд. «Баъзе муҳаққиқон таркиби ҷиноятро танҳо категорияи расмӣ медонанд, ки барои ташкил ва танзими фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ зарур аст. Дигарон бошанд, ба он Аҳаммияти назариявии амиқтар медиҳанд ва онро бо дарки моҳияти ҷинояткорӣ дар маҷмӯъ мепайванданд. Аз ин рӯ, таркиби ҷиноят на танҳо воситаи муҳимми татбиқи ҳуқуқ, балки объекти муҳимми баҳсҳои илмӣ ва таҳқиқоти минбаъда низ ба ҳисоб меравад, ки ба такмили низоми ҳуқуқӣ ва амиқтар гардидани донишҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ равона шудаанд» [341, с. 255].

Назарияи мазкури таркиби ҷиноят дар корҳои илмии як қатор олимон, аз ҷумла М. И. Ковалев [236, с. 151], В. В. Малсев [263, с. 52-59], Ю. И. Ляпунов [259, с. 44-48], А. Э. Жалинский [38, с. 337], В. П. Коняхин [240, с. 179-185] ва дигарон ҷонибдорӣ шудааст.

«Оғози ташаккули мавқеи нормативистӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан бо рушди Қонунгузории ҷиноятӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, аниқтараш бо қабули Кодекси ҷиноятии соли 1958 алоқаманд дониста мешавад. Ин санади меъёрӣ қадами муҳиме дар роҳи кодификатсияи Қонунгузории ҷиноятӣ ва татбиқи принсипҳои демократии танзими ҳуқуқӣ гардид. Яке аз чунин принсипҳо он буд, ки кирдор наметавонад ҷиноят эътироф гардад, агар он дар Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда бошад. Ин қоида ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва махсусан ба ташаккули консепсияи таркиби ҷиноят таъсири назаррас расонд» [298, с. 170-175].

Бо қабули Кодекси ҷиноятии соли 1961 инчунин рушди мавқеи нормативистӣ ба фаҳмиши таркиби ҷиноят оғоз ёфт, ки он ба унсури муҳимми назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ табдил гардид. Дар доираи ин мавқеъ таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмуи унсурҳои муайяни ҳуқуқӣ баррасӣ мешуд, ки бояд муайян ва дар Қонун ба таври возеҳ муқаррар карда шаванд, то ки кирдор ҳамчун ҷиноят бандубаст гардад. Дар ин замина андешаи донишманди маъруф И. Я. Гонтар Аҳаммияти махсус дорад. Ӯ таъкид мекард, ки: «Бо рушди Қонунгузории

ҷиноятӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ Қонуни ҷиноятӣ дуализми таркиби ҷиноятро инъикос менамояд. Моҳияти ин дуализм дар он ифода меёфт, ки таркиби ҷиноят ҳамчун омезиши ду унсури асосӣ дарк мегардид: асоси воқеӣ (кирдори барои ҷамъият хавфнок) ва асоси ҳуқуқӣ, ки меъёри ҳуқуқи дар Қонуни ҷиноятӣ мустаҳкамшударо ифода мекунад» [28, с. 200].

«Ҳамин тариқ, рушди мавқеи нормативистӣ ба таркиби ҷиноят бо гузариши тадриҷӣ ба танзими муфассалтар ва низомманди кирдорҳои ҷиноятӣ алоқаманд мебошад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ба пояи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ табдил меёбанд. Унсури муҳимми ин раванд талош барои таъмин намудани пешгӯишавандагӣ ва муайяннокӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ буд, ки ин ба баланд гардидани самаранокии он ва фароҳам овардани замина барои ислоҳоти минбаъдаи ҳуқуқӣ мусоидат намуд» [28, с. 200].

Олимон чунин таърифи таркиби ҷиноятро пешниҳод намудаанд: он маҷмуи аломатҳои кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки дар Қонуни ҷиноятӣ ифода ёфтаанд. Тибқи ин мавқеъ, асос барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ он аст, ки аломатҳои кирдори ҷиноятӣ бояд пурра ба тавсифи он дар Қонун мувофиқат кунанд. Бо вуҷуди ин, чунин фаҳмиши таркиби ҷиноят як қатор эродҳоро ба вуҷуд меорад, зеро он моҳият ва нақши воқеии онро дар низоми ҳуқуқӣ пурра инъикос намекунад.

Таърифи зикршуда фаҳмиши таркиби ҷиноятро маҳдуд намуда, онро танҳо ба рӯйхати аломатҳое коҳиш медиҳад, ки ба таври расмӣ ба тавсифи Қонун мувофиқат мекунанд. Дар чунин замина таркиби ҷиноят ҳамчун падидаи статикӣ ва ягона ба назар мерасад, ки дар асл онро ба худи асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ баробар мегардонад. Аммо чунин маҳдудсозӣ ба назар намегирад, ки таркиби ҷиноят як сохтори мураккаби ҳуқуқӣ мебошад, ки маҷмуи унсурҳоро дар бар мегирад. Ин унсурҳо бояд на танҳо дар Қонун мустаҳкам гардида бошанд, балки байни ҳамдигар дар ҳамбастагӣ амал намуда, заминаи пурраи бандубасти ҳуқуқии кирдорро таъмин кунанд.

Ғайр аз ин, чунин фаҳмиш нақши таркиби ҷиноятро ҳамчун категорияи мустақил дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ коста мегардонад. Таркиби ҷиноят танҳо

маҷмуи аломатҳо нест, балки унсури калидие мебошад, ки имкон медиҳад ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ карда шавад ва барои ҳуқуқтатбиққунанда ҳангоми бандубасти кирдор воситаи муҳим гардад. Чунин фаҳмиши васеътар ва амиқтар нақши функсионалии таркиби ҷиноятро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ таъкид мекунад, зеро он ҳамчун ҳалқаи пайванддиҳанда байни кирдор ва ҷавобгарии ҷиноятӣ хизмат менамояд. Мисол: «А.Б.И. ва И.Т.Н. дар давраи солҳои 2016–2017 бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт, бо роҳи фиреб ва сӯиистифода аз боварии шаҳрвандон як қатор кирдорҳои қаллобӣ содир намудаанд.

Онҳо бо шаҳрвандон С.Ё.Г., К.Н.Ю., И.М.С., Бабаҷонов А.М. ва М.И.Ҳ. шиносоӣ пайдо карда, аз ниёзҳои онҳо ба қитъаи замин ё маблағ огоҳ шуда, бо ваъдаи фурӯши замин ё сохтмони манзили истиқоматӣ онҳоро фиреб додаанд. Барои бовар кунонидан, онҳоро ба ҷойҳои гӯё замин бурда, ҳолати “соҳибмулк”-ро нишон дода, инчунин ҳуҷҷатҳои сохта ва баръало қалбакӣ пешниҳод намудаанд. Дар натиҷа, аз шаҳрвандон маблағҳои пулӣ гирифта шудаанд: аз С.Ё.Г. 2000 доллар, аз К.Н.Ю. 8000 сомонӣ, аз И.М.С. 14000 сомонӣ, аз Б.А.М. маблағ ва мол, ва аз М.И.Ҳ. 9000 сомонӣ. Ин маблағҳо пурра ба манфиати шахсии онҳо истифода шуда, баргардонида нашудаанд.

Ҳамчунин онҳо бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (қарорҳои сохта, аризаҳо ва маълумотномаҳо) кӯшиш кардаанд амали худро Қонунӣ нишон диҳанд ва эътимоди ҷабрдидагонро зиёд кунанд.

Дар натиҷа, ба шаҳрвандон зарари калони моддӣ расонида шуда, кирдорҳои онҳо ҳамчун қаллобии такрорӣ ва гурӯҳӣ бо истифодаи фиреб ва ҳуҷҷатҳои қалбакӣ арзёбӣ мегарданд» [380]. Дар асоси маводди баррасишуда ва кирдорҳои содирнамудаи А.Б.И. ва И.Т.Н. метавон хулоса кард, ки фаҳмиши дурусти таркиби ҷиноят Аҳаммияти калидӣ дар бандубасти ҳуқуқии чунин ҳолатҳо дорад.

Зеро кирдорҳои зикршуда — фиреб додани шаҳрвандон, гирифтани маблағҳои пулӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва барнагардонидани маблағ — танҳо дар сурате ҳамчун ҷинояти қаллобӣ дуруст арзёбӣ мегарданд, ки ҳамаи

аломатҳои таркиби ҷиноят пурра муайян ва исбот карда шаванд. Дар ин ҷо таркиби ҷиноят ҳамчун воситаи асосӣ барои фарқгузории кирдори ҷиноятӣ аз муносибатҳои одии шаҳрвандӣ хизмат мекунад.

Аз ин лиҳоз, фаҳмиш дуруст нишон медиҳад, ки таркиби ҷиноят танҳо маҷмуи аломатҳои механикӣ нест, балки категорияи мустақил ва муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки байни амалҳои содиршудаи шахсони мазкур ва ҷавобгарии ҷиноятӣ робитаи мустақим барқарор карда шавад.

Ҳамин тавр, дар мисоли кирдорҳои А.Б.И. ва Инонов Т.Н. равшан мегардад, ки таркиби ҷиноят ҳамчун ҳалқаи пайванддиҳанда байни кирдор ва ҷавобгарӣ нақши асосӣ дорад ва бе муайян кардани он бандубасти дурусти ҳуқуқӣ имконнопазир аст.

Таркиби ҷиноятро танҳо ҳамчун маҷмуи нишонаҳои дар Қонун зикршуда фаҳмидан кофӣ нест. Чунин нигоҳ мазмуни ҳуқуқии онро танг мекунад ва ҳамаи моҳияти онро нишон намедиҳад. «Аз ин рӯ, таркиби ҷиноят бояд ҳамчун сохтори чандҷанба ва чандир баррасӣ карда шавад, ки на танҳо таърифи ҳуқуқиро дар бар мегирад, балки инчунин баҳодиҳии умумии хавфнокии ҷамъиятии кирдорро низ фаро мегирад» [28, с. 200].

Мафҳум ва Аҳаммияти дигари таркиби ҷиноят дар доираи мавқеи нормативистӣ аз ҷониби М. И. Ковалев [236, с. 151] ва А. И. Марсев [269, с. 47-49] низ баён шудааст. Ба андешаи М. И. Ковалев, ин мафҳумро метавон ҳамчун маҷмуи аломатҳои муҳиме муайян кард, ки дар Қонуни ҷиноятӣ ифода ёфта, сохтори ҳар гуна рафтори барои ҷомеа хавфноки инсонро ташкил медиҳанд.

Илова ба таърифи қаблан пешниҳодшудаи таркиби ҷиноят, А. И. Марсев таъкид менамояд, ки таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳое мебошад, ки дар Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ва маҳз тавассути ҳамин аломатҳо худи ҷиноят тавсиф карда мешавад. Ба андешаи ӯ, таркиби ҷиноят танҳо маҷмуи унсурҳои расмӣ нест, балки сохтори ҳуқуқиест, ки таркиби кирдори ҷиноятиро инъикос намуда, барои бандубасти он хизмат мекунад. Ҷиноят бошад кирдори

мушаххасе мебошад, ки аз ҷониби инсон содир мешавад ва танҳо дар он ҳолат ҷиноят ҳисобида мешавад, ки агар ба ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар Қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, мутобиқат намояд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи А. И. Марсев, таркиби ҷиноят категорияи ҷудогона ва изолятсияшуда нест, балки як сохтори мукаммали ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути аломатҳои ҳуқуқӣ моҳияти кирдори ҷиноятиро ифода мекунад. Ин нишонаҳо қисми низоми ҳуқуқӣ мебошанд ва барои дуруст бандубаст кардани кирдор заруранд. Бо такя ба онҳо ҳуқуқтатбиққунанда метавонад муайян кунад, ки кирдор ба меъёрҳои дар Қонун пешбинишуда мувофиқ аст ё не ва онро ҳамчун ҷиноят арзёбӣ намояд.

Аз ин рӯ, таркиби ҷиноят дар раванди бандубаст нақши муҳим мебозад, зеро он имконият медиҳад аломатҳои ҷиноят ба тартиб дароварда шуда, бо кирдори мушаххаси содиркардаи шахс дуруст мутобиқ гарданд. «Дар ин замина таркиби ҷиноят на танҳо воситаи шаклии ҳуқуқӣ, балки ҷузъи муҳимми низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки адолат ва дақиқии татбиқи ҳуқуқро таъмин менамояд» [269, с. 47-49].

Дар назарҳои пештар зикршуда хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят бештар ба тарафи объективии таркиби ҷиноят вобаста дониста мешуд. Онро ҳамчун яке аз нишонаҳои асосие мефаҳмиданд, ки кирдори ҷиноятиро тавсиф мекунад. Аммо А.В. Иванчин ин масъаларо дигар хел шарҳ медиҳад: ба андешаи ӯ, хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун нишонаи моддии ҷиноят аз доираи таркиби ҷиноят берун меистад. Ба андешаи ӯ, хавфнокии ҷамъиятӣ қисми таркиби ҷиноят дар маънои маҳдуди он нест, зеро он категорияи васеътар буда, моҳияти худи манъ гардидани кирдорро аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ инъикос мекунад.

А.В. Иванчин хавфнокии ҷамъиятии кирдорро бо ғайриҚонунӣ будани он мепайвандад. Ба назари ӯ, чунин кирдор ба манфиатҳои ҷомеа зарар мерасонад ва барои некуаҳволии ҷамъият хатар ба вуҷуд меорад. Дар ин замина хавфнокии ҷамъиятиро наметавон танҳо ба доираи таркиби ҷиноят маҳдуд кард, зеро он пеш аз бандубасти ҳуқуқӣ вуҷуд дошта, асоси эътироф намудани кирдор ҳамчун ҷиноят мебошад. Ба андешаи олим, ин ҳолат бояд

ҳамчун унсури беруна, вале ҷудонашавандаи категорияи ҳуқуқии ҷиноят баррасӣ карда шавад.

А. В. Иванчин диққати худро ба он ҷалб менамояд, ки: «Хавфнокии ҷамъиятӣ набояд ҳамчун унсури таркиби ҷиноят баррасӣ гардад, балки бештар ҳамчун категорияе арзёбӣ шавад, ки худи имконияти эътироф намудани кирдорро ҳамчун ҷиноят муайян мекунад. Маҳз тавассути меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам гардидааст, хавфнокии ҷамъиятии кирдори мушаххас ифодаи зоҳирии худро пайдо карда, ба объекти баҳодиҳии ҳуқуқӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, бар хилофи мавқеи анъанавӣ, ки мувофиқи он хавфнокии ҷамъиятӣ қисми ҷудонашавандаи тарафи объективии таркиби ҷиноят шуморида мешуд, А.В. Иванчин нақши мустақили онро дар раванди бандубасти ҳуқуқии ҷиноятҳо таъкид менамояд, ки дар сатҳи умумии танзими ҳуқуқӣ Аҳаммияти муҳим дорад» [229, с. 110-114].

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки дар таҳрири муосири Кодекси ҷиноятӣ ишораи возеҳ ба унсури муҳиме, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳад, мавҷуд нест. Яъне кирдори шахси воқеӣ, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, бояд на танҳо аломатҳои таркиби ҷиноятро дар бар гирад, балки ҳамзамон дорои хавфнокии ҷамъиятӣ низ бошад. Ин унсур барои бандубасти дурусти кирдорҳо ҳамчун ҷиноят Аҳаммияти калидӣ дорад. Дар ҳолатҳое, ки кирдор дорои хавфнокии ҷамъиятӣ нест, ҳатто агар ба аломатҳои таркиби ҷиноят мувофиқат кунад ҳам, бинобар камАҳаммият буданаш ҷиноят эътироф намегардад, ки ин дар қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст.

Бо вуҷуди ин, агар муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ аз нуқтаи назари мавқеи нормативистӣ таҳлил карда шаванд, як камбудии возеҳ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, м.11 КҶ ҶТ, ки асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунад, ишораи мустақим ба хавфнокии ҷамъиятии кирдорро ҳамчун шарти ҳатмии эътироф намудани он ҳамчун ҷиноят дар бар намегирад. Ин камбудӣ метавонад боиси номувофиқӣ ва номуайянии ҳуқуқӣ гардад, махсусан ҳангоми татбиқи қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ, ки дар бораи камАҳаммиятии кирдор сухан меравад. Дар натиҷа вазъияте ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки кирдор аз ҷиҳати расмӣ

ҳамчун ҷиноят эътироф гардад, вале ба меъёри хавфнокии ҷамъиятӣ ҷавобгӯ набошад, ки ин мантиқи танзими ҳуқуқиро халалдор мекунад.

Тибқи хусусиятҳои таркиби ҷиноят, ки аз ҷониби А. В. Иванчин пешниҳод шудаанд, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудааст, бояд ишора ба хавфнокии ҷамъиятиро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби ҷиноят дар бар гирад. Ин имкон медиҳад, ки зиддиятҳои байни м. 11 ва қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ бартараф гардида, ҳамоҳангии танзими ҳуқуқӣ ва дақиқии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин карда шавад. Хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун унсури муҳимми ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд на танҳо қисми расмии матни ҳуқуқӣ бошад, балки асоси бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят гардад ва ҳамин тавр равшанӣ ва муайяннокии бештари ҳуқуқиро таъмин намояд.

Р. А. Комягин бар он назар аст, ки дар марҳилаи муосири рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ягонагии назарҳо дар доираи мавқеи нормативистӣ танҳо дар ду ҷанбаи асосӣ ба даст омадааст:

1. Манъ карда шудани кирдор аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ таҳти таҳдиди татбиқи ҷазо - ин аломати ҷиноят берун аз доираи таркиби ҷиноят қарор дорад. Дар ин замина, ба андешаи Р. А. Комягин, манъ будани кирдор ва таҳдиди ҷазо наметавонанд қисми таркиби ҷиноят бошанд, балки категорияҳои васеътаре мебошанд, ки дар маҷмӯъ муайян мекунанд, ки кадом кирдор ҷиноят ҳисобида мешавад. Чунин муносибат имкон медиҳад меъёрҳои ҷиноятқориро аз сохтори таркиби ҷиноят ба таври равшан ҷудо намуда, онҳоро бо принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ омехта накунем.

2. Таркиби ҷиноят ҳам дар моддаҳои Қисми умумӣ ва ҳам дар моддаҳои Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ инъикос меёбад**.** Дар ин ҷанба Р. А. Комягин таъкид мекунад, ки таркиби ҷиноят танҳо ба як қисми Кодекси ҷиноятӣ маҳдуд намешавад. Он Аҳаммияти умумӣ дошта, ҳам муқаррароти умумиро, ки хусусиятҳои ҷиноятро дар маҷмӯъ муайян мекунанд, ва ҳам аломатҳои мушаххасеро, ки барои намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо дар Қисми махсус пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад. Бо ҳамин тартиб, таркиби ҷиноят ба

воҳиди муҳимми пайванддиҳанда байни назарияи умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқӣ табдил меёбад, ки намудҳои гуногуни ҷиноятҳоро танзим мекунанд.

«Ин ду ҷанба имкон медиҳанд, ки дар доираи мавқеи нормативистӣ фаҳмиши дақиқтари таркиби ҷиноят ташаккул ёбад, робитаи он бо принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ таъкид гардад ва зарурати мутобиқ намудани аломатҳои ҷиноят бо меъёрҳои дар Кодекси ҷиноятӣ муқарраргардида нишон дода шавад» [341, с. 255].

Бо вуҷуди ин, нормативизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон намедиҳад, ки таносуби дақиқи байни ҷиноят ва таркиби ҷиноят чӣ гуна бояд муайян карда шавад, ки ин ба миён омадани як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон, азбаски таркиби ҷиноят асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, он бояд ишора ба аломатҳои хоси ҷиноятро дар бар гирад, ки таърифи он дар қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст. Дар ин масъала ҳанӯз ҳам як нуктаи баҳсӣ боқӣ мемонад: аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдор бо хавфнокии ҷамъиятӣ, гунаҳгорӣ ва зиддиҳуқуқӣ чӣ гуна робита доранд.

Дар адабиёти таълимӣ ва илмӣ аксаран таърифи таркиби ҷиноят пешниҳод мегардад, ки мавқеи нормативистиро инъикос мекунад. Масалан, В. К. Дуюнов таъкид менамояд, ки «таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни ҷиноятӣ имкон медиҳанд кирдори муайяни барои ҷамъият хавфнок ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шавад». Ин таъриф ба он ишора мекунад, ки таркиби ҷиноят танҳо сохтори расмӣ нест, балки категорияи мукаммали ҳуқуқӣ мебошад, ки унсурҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кирдорро муттаҳид намуда, имкон медиҳад хусусияти ҷиноятии он муайян карда шавад.

Аз ин рӯ, мавқеи нормативистӣ таркиби ҷиноятро ҳамчун воситаи асосии ҳуқуқтатбиққунӣ баррасӣ мекунад, ки дақиқии бандубасти кирдорҳоро таъмин менамояд. «Дар айни замон зарурати ҳамоҳангсозии дақиқтари мафҳумҳои аломатҳои объективӣ ва субъективӣ бо чунин унсурҳо, ба монанди

хавфнокии ҷамъиятӣ, гунаҳгорӣ ва зиддиҳуқуқӣ боқӣ мемонад, то таркиби ҷиноят тавонад вазифаи худро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ пурра иҷро намояд ва ҳамчун асоси боэътимод барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат кунад» [34, с. 681].

Ҳамзамон муаллиф дар тавсифи тарафи объективии таркиби ҷиноят равиши то андозае зиддиятнок нишон медиҳад. Аз ҷумла, В. К. Дуюнов ба баъзе аломатҳои ҳатмии тарафи объективӣ, аз ҷумла ҳаракат ё беҳаракатиро ишора мекунад, вале дар оғоз ба хавфнокии ҷамъиятии онҳо диққати махсус намедиҳад. Дар банди баъдӣ бошад, ӯ хавфнокии ҷамъиятиро ба аломатҳои тарафи объективӣ мансуб медонад ва бо ҳамин номуайянии муайянеро дар шарҳи ин масъала ба вуҷуд меорад.

Ҳангоми таҳлили минбаъдаи матн маълум мегардад, ки воситаҳои забонӣ, ки муаллиф барои пешгирӣ аз такрори калимаҳо истифода кардааст, дар амал боиси баробар донистани мафҳумҳои «кирдори барои ҷамъият хавфнок» ва ҳаракати мушаххас (ё беҳаракатӣ), ки ба тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил мешавад, мегарданд. Ин омехтагии мафҳумҳо метавонад нофаҳмиро ба вуҷуд оварад, зеро аз ҷиҳати расмӣ кирдори барои ҷамъият хавфнок мафҳуми васеътар мебошад, дар ҳоле ки ҳаракат ё беҳаракатӣ танҳо шакли мушаххаси рафтори шахс аст.

Аз ин рӯ, гарчанде муаллиф мехоҳад нишонаҳои тарафи объективии таркиби ҷиноятро ба тартиб дарорад, шарҳи ӯ пурра равшан нест. Дар он ҳам аз ҷиҳати истилоҳот ва ҳам аз ҷиҳати фаҳмиши назариявӣ баъзе ноаниқиҳо дида мешаванд. «Чунин номуайянӣ мураккабии ҳамоҳанг намудани меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ бо унсурҳои воқеии кирдорро нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти мавқеи нормативистӣ дар фаҳмиши таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар амал ин метавонад ҳангоми бандубасти кирдор мушкилот ба вуҷуд оварад, агар байни худи тарафи объективӣ ва тавсифи хавфнокии ҷамъиятии он фарқияти равшан гузошта нашавад» [34, с. 681].

Натиҷаи рушди мавқеи нормативистӣ нисбат ба таркиби ҷиноятро метавон хулосаҳои назариявие шуморид, ки аз ҷониби Н. А. Лопашенко дар

таҳқиқоти илмии ӯ баён шудаанд. Тибқи мавқеи ӯ, таркиби ҷиноят наметавонад аз рӯи ҳаҷм ва мазмун пурра бо худи ҷиноят мувофиқат кунад. Ин мафҳуми ҳуқуқӣ хусусияти мустақил дошта, аз ҷиноят ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ фарқ мекунад ва дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои сохтор ва вазифаҳои хоси худ мебошад.

Аз ҷумла, таркиби ҷиноятро метавон ҳамчун меъёри манъкунандаи ҳуқуқ баррасӣ кард, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам гардидааст. Дар айни замон бояд таъкид кард, ки ин категория танҳо тавассути диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ мегардад ва санксияро дар бар намегирад, зеро санксия унсуре мебошад, ки ба таври алоҳида танзим карда мешавад. Аз ҳамин сабаб таркиби ҷиноят ба моддаи алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пурра мувофиқат намекунад ва танҳо бо таърифи он маҳдуд намегардад.

Ғайр аз ин, баъзе унсурҳои таркиби ҷиноят дар моддаҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ муфассал шарҳ дода шудаанд, ки ин ба татбиқи низомноки онҳо мусоидат намуда, мазмуни ҳар як меъёрро мушаххас мегардонад. «Ҳамин тариқ, мавқеи нормативистӣ таркиби ҷиноятро ҳамчун сохтори мустақили ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад, ки асоси бандубасти кирдорҳоро ташкил дода, ҳамоҳангии байни Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамояд. Дар ин мавқеъ таъкид карда мешавад, ки таркиби ҷиноят танҳо маҷмуи расмии аломатҳо нест, балки категорияи мукаммали ҳуқуқӣ мебошад, ки ба низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамгиро гардида, дақиқӣ ва асоснокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин мекунад» [86, с. 228].

Таркиби ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ як сохтори махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз низоми ҳуқуқӣ дар воқеияти объективӣ вуҷуд надорад. Вазифаи он аз ҷудо намудан ва ба низом даровардани аломатҳои зарурии кирдори мушаххасе иборат аст, ки аз ҷониби шахс содир шудааст, то муайян карда шавад, ки оё ин кирдор метавонад ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шавад ё не.

Ба ибораи дигар, таркиби ҷиноят худи ҳаракт ё беҳаракатии воқеии шахс нест, балки воситаи таҳлил ва бандубасти ҳуқуқӣ мебошад. Он имкон медиҳад рафтори мушаххас бо меъёрҳои муқарраршудаи Қонуни ҷиноятӣ ба таври низомнок муқоиса карда шавад ва унсурҳои асосии он -тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ, объект ва субъекти ҷиноят муайян гарданд. Вобаста ба ин ҳуқуқтатбиққунанда метавонад мавҷудияти ҷиноятро дуруст муайян намуда, шахси гунаҳгорро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашад.

«Ҳамин тариқ, таркиби ҷиноят нақши ҳалқаи пайванддиҳандаро байни тарафи воқеии кирдор ва категорияи ҳуқуқии «ҷиноят» иҷро намуда, имкон медиҳад ҳаракат ё беҳаракатии мушаххаси барои ҷамъият хавфнок ба объекти баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва татбиқи санксия табдил ёбад» [86, с. 228].

Р. М. Комягин чунин таърифи таркиби ҷиноятро пешниҳод мекунад, ки моҳияти мавқеи нормативистиро пурратар инъикос менамояд: «Таркиби ҷиноят модели иттилоотии аз ҷониби Қонунгузор муқарраршуда мебошад, ки дар меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ аломатҳои зарурӣ ва кофии кирдори криминализатсияшавандаро, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс заруранд, мустаҳкам менамояд» [341, с. 255].

Ин таъриф нишон медиҳад, ки таркиби ҷиноят худи кирдори воқеӣ нест, балки сохтори ҳуқуқие мебошад, ки барои ба низом даровардан ва муайян намудани аломатҳое хизмат мекунад, ки ҳаракат ё беҳаракатиро ба кирдори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда табдил медиҳанд. Бар хилофи ҷиноят ҳамчун зуҳуроти воқеӣ, таркиби ҷиноят модели ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамаи унсурҳои заруриро дар бар мегирад: аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, объект ва субъекти ҷиноят, инчунин ҳолатҳое, ки ба бандубасти кирдор таъсир мерасонанд.

Ба андешаи Р. М. Комягин: «Таркиби ҷиноят заминаи иттилоотиро барои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин намуда, ба ҳуқуқтатбиққунанда имкон медиҳад рафтори мушаххаси шахсро бо талаботи Қонуни ҷиноятӣ ба таври объективӣ ва пайдарпай муқоиса намояд. Дар ин маъно мавқеи нормативистӣ

таркиби ҷиноятро ҳамчун воситаи баҳодиҳии дақиқи ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад, на ҳамчун худи кирдоре, ки бояд бандубаст карда шавад» [341, с. 255].

Маводди овардашуда Аҳаммияти таркиби ҷиноятро дар доираи мавқеи нормативистӣ равшан нишон медиҳад. Дар ин мавқеъ таркиби ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад, ки дар воқеияти объективӣ мустақилона вуҷуд надорад, аммо тавассути сохтори худ имкон медиҳад кирдори мушаххас ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шавад. Ба ибораи дигар, таркиби ҷиноят воситаест, ки ба ҳуқуқтатбиққунанда имконият медиҳад рафтори воқеии шахсро бо аломатҳои кирдори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда, ки дар Қонун муқаррар шудаанд, муқоиса намояд.

Дар муқоиса бо мафҳуми «ҷиноят», таркиби ҷиноят категорияи маҳдудтар ба ҳисоб меравад. Ҷиноят кирдори воқеии барои ҷамъият хавфнокро ифода мекунад, дар ҳоле ки таркиби ҷиноят сохтори меъёрии Қонунгузорӣ мебошад, ки дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам гардидааст. Ин сохтор имкон медиҳад аломатҳои умумии объективӣ ва субъективии кирдор ҷудо карда шаванд, ки барои ин моддаҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ ва диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсус истифода мегарданд. Маҳз тавассути чунин низомсозии аломатҳо бандубасти дақиқи кирдор ва минбаъд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳгор имконпазир мегардад.

Бо вуҷуди ин, мавқеи нормативистӣ бо як қатор масъалаҳои баҳснок рӯ ба рӯ мегардад. Яке аз масъалаҳои асосӣ таносуби байни аломатҳои ҷиноят ва таркиби ҷиноят мебошад. Мушкилоти назариявӣ ва Қонунгузорӣ дар он зоҳир мегардад, ки сохтори таркиби ҷиноят барои бандубасти пурраи кирдорҳои воқеии шахс на ҳамеша кофӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар баъзе корҳои илмӣ мафҳумҳои иловагӣ истифода мешаванд, ба монанди «аломатҳои кирдори содиршуда», «таркиби воқеӣ» ё «аломатҳои воқеии кирдори содиршуда». Ин истилоҳҳо барои дақиқтар тавсиф намудани унсурҳои кирдорҳои воқеӣ, ки ҳангоми бандубасти ҷиноят бояд ба назар гирифта шаванд, истифода мегарданд.

Ғайр аз ин, дар мавқеи нормативистӣ фарқгузории пурраи мафҳумҳои «ҷиноят» ва «таркиби ҷиноят» мавҷуд нест. Категорияи аввал кирдори воқеиро ифода мекунад, дар ҳоле ки таркиби ҷиноят ба соҳаи меъёрии Қонунгузорӣ мансуб мебошад. Чунин ҷудокунии мафҳумҳо барои бандубасти дуруст ва муайян намудани ғайриҚонунии кирдори шахси гунаҳгор зарур аст. Бо вуҷуди ин, масъалаи ворид намудани баъзе аломатҳои ҷиноят ба таркиби ҷиноят ҳамоно баҳснок боқӣ мемонад. Масалан, баъзе олимон зарур мешуморанд, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдор ба тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил карда шавад, дар ҳоле ки дигарон ин аломатро бо ҳаракат ё беҳаракатӣ баробар медонанд ё онро ба таври умумитар шарҳ медиҳанд. Масалан: «Шаҳрванд А.Р. 07 марти соли 2013, ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар истгоҳи нақлиётии «Баҳор»-и шаҳри Қӯрғонтеппа, ҳангоми идора кардани автомашинаи тамғаи «ВАЗ-21099» бо гумони ғайриҚонунӣ соҳиб шудан ва нигоҳ доштани маводди нашъадор боздошт карда шуд. Дар вақти азназаргузаронии автомашина аз дохили лухтак (хирсак)-и рангаш зард маводди нашъадори навъи «ҳашиш» дарёфт гардид, ки мувофиқи хулосаи экспертиза вазни он 164 граммро ташкил додааст.

Дар рафти тафтишот ва муҳокимаи судӣ гуноҳи А.Р. пурра тасдиқ гардид: ӯ ба гуноҳаш иқрор шуда, тарзи содир кардани кирдорро шарҳ додааст. Шоҳидон ва дигар далелҳои парванда (санади гирифтани далел, нишондоди шоҳидон, хулосаи экспертиза) мавҷудияти маводди нашъадор ва вобастагии онро ба судшаванда тасдиқ намуданд.

Суд амали А.Р.-ро тибқи моддаи 201 қисми 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ғайриҚонунӣ соҳиб шудан ва нигоҳ доштани маводди нашъадор ба миқдори начандон калон бандубаст намуд. Бо дарназардошти иқрори гуноҳ, пушаймонӣ, бори аввал содир намудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳои сабуккунанда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии низоми умумӣ таъин карда шуд. Далелҳои шайъӣ мусодира ва нобуд карда шуданд» [380].

Дар парвандаи А.Р., ки ба ғайриҚонунӣ соҳиб шудан ва нигоҳ доштани маводди нашъадори навъи «ҳашиш» (164 грамм) марбут аст, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асоси моддаи 201 қисми 2 КҶ ҶТ сурат гирифтааст. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки масъалаи назариявии фарқгузории мафҳумҳои «ҷиноят» ва «таркиби ҷиноят» дар амал мушоҳида гардад.

Аз нуқтаи назари нормативистӣ, «ҷиноят» ҳамчун кирдори воқеии иҷтимоии хатарнок баррасӣ мешавад, дар ҳоле ки «таркиби ҷиноят» ҳамчун конструксияи ҳуқуқӣ маҷмуи аломатҳои ҳуқуқии зарурӣ барои бандубасти кирдор мебошад. Дар парвандаи мазкур суд маҳз тавассути муайян кардани таркиби ҷиноят (объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ) кирдори А.Р.-ро ба меъёри Қонун мутобиқ намуд.

Таҳлили далелҳо нишон медиҳад, ки мавҷудияти маводди нашъадор, роҳи соҳибшавӣ ва далелҳои шайъӣ таркиби объективии ҷиноятро пурра собит карданд. Дар айни замон, эътирофи гуноҳ аз ҷониби судшаванда ва мавҷудияти ҳолатҳои сабуккунанда ба тарафи субъективӣ таъсир расонданд, вале таркиби ҷиноятро аз байн набурданд.

Дар сатҳи назариявӣ, масъалаи ворид намудани «хавфнокии ҷамъиятии кирдор» ба таркиби ҷиноят ҳанӯз баҳснок аст. Дар парвандаи мавриди баррасӣ ин аломат ба таври мустақим ба таркиб дохил карда нашуда, балки тавассути худи маводди нашъадор ва миқдори он (164 грамм ҳашиш) ҳамчун нишондиҳандаи дараҷаи хавфнокӣ дар раванди таъини ҷазо ба ҳисоб гирифта шудааст. Ин равиш мавқеи он олимонро тасдиқ мекунад, ки хавфнокии ҷамъиятиро на ҳамчун унсури мустақили таркиби ҷиноят, балки ҳамчун хусусияти умумии кирдори ҷиноятӣ мешуморанд.

Ҳамин тариқ, парвандаи А.Р. намунаи амалӣ барои тасдиқи мавқеи нормативистӣ мебошад, ки фарқгузории ҷиноят (воқеият) ва таркиби ҷиноят (конструкцияи ҳуқуқӣ) барои дуруст бандубаст кардан ва таъини одилонаи ҷазо Аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Нормативизм, ҳамин тариқ, тарзи тафсири таркиби ҷиноят мебошад, ки ба истифодаи истисноии меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ такя мекунад. Дар

фаҳмиши ҷонибдорони мавқеи нормативистӣ таркиби ҷиноят сохтори аз ҷониби Қонунгузор муқарраршуда мебошад, ки аломатҳои объективӣ ва субъективии зарурироо барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мустаҳкам мекунад. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои баҳсие, ки дар боло баррасӣ гардиданд, нокифоя будани дастгоҳи истилоҳии истифодашавандаро барои тавсифи асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқони пайрави мавқеи нормативистӣ маҷбур мешаванд барои тавсифи зуҳуротҳои воқеӣ аз таърифҳои иловагӣ истифода намоянд. Ин ҳолат, аз як тараф, ба бандубасти дақиқтари кирдорҳо мусоидат мекунад, аммо аз тарафи дигар, истилоҳоти ҳуқуқиро, ки ҳангоми шарҳи муқаррароти бунёдии Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ истифода мешаванд, мураккаб мегардонад.

Дар натиҷа, мавқеи нормативистӣ Аҳаммияти сохтори Қонунан муқарраршудаи таркиби ҷиноятро ҳамчун воситаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад ва ҳамзамон маҳдудиятҳо ва мушкилотеро ошкор месозад, ки ҳангоми мутобиқ намудани амалҳои воқеӣ бо категорияҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Ин масъалаҳо то ҳол мавзӯи баҳсҳои илмӣ ва такмили минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ мемонанд.

Бо вуҷуди ин маҳдудиятҳо, бояд афзалиятҳои назарраси нормативизм низ таъкид карда шаванд. Хусусияти асосии мусбати ин равиш дар он аст, ки шарҳи таркиби ҷиноят танҳо тавассути меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ амалӣ мегардад, ки ин мутобиқати пурраи тафсирро ба муқаррароти Қонун таъмин мекунад. Чунин мавқеъ имкон медиҳад аз тафсирҳои субъективӣ ва тавсеаи худсаронаи мафҳумҳо пешгирӣ карда шавад ва риояи қатъии талаботи Қонун таъмин гардад.

Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқ дар доираи мавқеи нормативистӣ имкон медиҳад сохтори Қонунгузорӣ ва назариявии таркиби ҷиноят ошкор карда шавад, ки ба таври низомнок ҳамаи аломатҳои зарурии кирдорро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар бар мегирад. Гарчанде ки дар баъзе ҳолатҳо ин сохтор метавонад камбудиҳои ҷудогона дошта бошад, дар маҷмӯъ

он фаҳмиши дурусти ҳуқуқӣ ва доктриналии масъалаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, мавқеи нормативистӣ ҳам камбудиҳо ва ҳам бартариҳои худро дорад. Ба ҷумлаи камбудиҳои он метавон маҳдуд шудани таҳлил ба доираи меъёрҳои Қонунро мансуб донист, ки баъзан баҳодиҳии кирдори мушаххасро аз нуқтаи назари хавфнокии ҷамъиятӣ ва оқибатҳои воқеии он душвор мегардонад. Бо вуҷуди ин, бартарии асосии он дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми шарҳи мазмун ва мафҳуми категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ - «таркиби ҷиноят» аз мавқеи Қонунгузор дур шудан имконнопазир аст. Ин ҳолат муайяннокии ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва устувории амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таъмин менамояд.

Ба ибораи дигар, нормативизм робитаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятиро бо Қонунгузорӣ мустаҳкам намуда, имкон медиҳад бандубасти кирдорҳо танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии муқарраршуда, на дар асоси баҳодиҳиҳои субъективӣ анҷом дода шавад. Аз ин рӯ, он ҳам барои ҳуқуқтатбиққунандагон ва ҳам барои муҳаққиқон воситаи муҳимми таҳлил ва татбиқи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Хулоса:

Аз нуқтаи назари назарияи нормативистӣ, таркиби ҷиноят сохтори ҳуқуқии аз тарафи Қонунгузор муқарраршуда мебошад, ки барои ба низом даровардани аломатҳои кирдор хизмат намуда, бандубасти ҳуқуқии онро таъмин мекунад. Ҷиноят ҳамчун кирдори воқеии барои ҷомеа хавфнок дар ҳаёт содир мешавад. Аммо таркиби ҷиноят чунин хусусият надорад: он худ ба худ дар воқеият вуҷуд намекунад, балки аз ҷониби Қонун тавассути меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сохта ва муайян карда мешавад.

Мавқеи нормативистӣ таркиби ҷиноятро ҳамчун модели иттилоотӣ баррасӣ мекунад, ки ҳамаи унсурҳои заруриро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар бар мегирад. Ин сохтор унсурҳои зеринро дар худ муттаҳид мекунад:

– аломатҳои объективии кирдор - ҳаракат ё беҳаракатии шахс, оқибатҳои кирдор, робитаи сабабӣ, тарз ва шароити содир намудани ҷиноят;

– аломатҳои субъективӣ - гуноҳ, ангеза ва мақсади кирдор, ки муносибати рӯҳии шахсро ба кирдори содиршуда инъикос мекунанд;

– субъект ва объекти ҷиноят - шахси мушаххасе, ки нисбат ба ӯ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ татбиқ мешаванд, ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба онҳо таҷовуз равона шудааст;

– хавфнокии ҷамъиятӣ - ҳамчун категорияе, ки манъ будани кирдорро инъикос мекунад, ҳарчанд масъалаи ворид намудани он ба тарафи объективии таркиби ҷиноят то ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок боқӣ мемонад.

Дар фаҳмиши нормативистӣ таркиби ҷиноят бо худи ҷиноят баробар нест, балки ҳамчун воситаи тавсиф ва таҳлили ҳуқуқии он хизмат мекунад. Он имкон медиҳад кирдори мушаххас бо аломатҳои рафтори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда, ки дар Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам гардидаанд, муқоиса карда шавад ва ҳамин тавр дақиқӣ ва низомнокии бандубасти ҷиноят таъмин гардад.

Дар доираи нормативизм таркиби ҷиноят тавассути диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ва унсурҳои Қисми умумии он муайян карда мешавад, ки ин имкон медиҳад модели ягона ва аз тарафи Қонунгузор асоснокшуда барои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба вуҷуд оварда шавад. Чунин мавқеъ тафсири худсаронаи меъёрҳоро истисно намуда, кафолат медиҳад, ки бандубасти кирдор пурра ба иродаи Қонунгузор мувофиқат кунад ва ҳамин тавр устуворӣ ва пешгӯишавандагии ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин намояд.

5.2. Мафҳум ва сохтори таркиби ҷиноят аз нуқтаи назари мавқеи «объективистӣ» оид ба фаҳмиши таркиби ҷиноят

Аҳаммияти омӯзиши масъалаи мазкур бо зарурати ташаккули фаҳмиши равшан ва асосноки доктриналӣ нисбат ба категорияи ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ – «таркиби ҷиноят» муайян мегардад, ки ҳамчун воситаи калидӣ ҳангоми ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баромад мекунад. Таркиби ҷиноят яке аз мафҳумҳои марказии ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, маҷмуи хусусиятҳои объективӣ ва субъективии кирдорро инъикос менамояд, ки мавҷудияти онҳо шарти зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба ҳисоб меравад. Ин институти ҳуқуқӣ дар раванди бандубасти кирдорҳое, ки хавфнокии ҷамъиятӣ доранд, нақши муҳим мебозад ва имконият фароҳам меорад, ки ҷазое таъин гардад, ки ба дараҷаи гуноҳ ва вазнинии кирдори содиршуда мутаносиб бошад.

Таркиби ҷиноят имкон медиҳад аломатҳои кирдорҳои ҷиноятӣ ба низом дароварда шаванд, оқибатҳои онҳо таҳлил гардида, робитаи сабабию натиҷавӣ муайян карда шавад. Аз ин рӯ, он ҳам барои таҳқиқоти назариявӣ ва ҳам барои фаъолияти амалии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ воситаи муҳимми таҳлил ба ҳисоб меравад. Таҳияи амиқи ин институт ба таъмин намудани адолат дар татбиқи ҳуқуқ ва ягонагии равишҳо ҳангоми баҳодиҳии намудҳои гуногуни ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Дар шароити муосири амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ муайян намудани он, ки чӣ гуна нуқтаҳои назари гуногун ба шарҳи моҳияти таркиби ҷиноят метавонанд ба воқеияти Қонунгузории ҷиноятии миллӣ мутобиқ гарданд, Аҳаммияти махсус дорад. Дар муҳити илмӣ одатан ду нуқтаи назари асосӣ ҷудо карда мешаванд: мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ. Ҳар яке аз онҳо фаҳмиши хоси худро нисбат ба сохтори таркиби ҷиноят ва меъёрҳои ташаккули он пешниҳод мекунад, ки ин зарурати таҳлили муфассалро барои муайян намудани равиши аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мувофиқтарин ба миён меорад.

Аҳаммияти институти таркиби ҷиноятро аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан мумкин нест, зеро он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ якбора чанд функсияи муҳимро иҷро мекунад. Пеш аз ҳама, таркиби ҷиноят фарқияти дақиқро байни кирдорҳое, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ меафтанд, ва кирдорҳое, ки чунин хусусият надоранд, таъмин менамояд, ки ин яке аз вазифаҳои асосии Қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Ғайр аз ин, маҳз дар асоси таркиби ҷиноят андозаи ҷазо муайян карда мешавад, ки бояд нисбат ба шахси гунаҳгор одилона ва мутаносиб татбиқ

гардад ва ҳамин тариқ тавозуни байни ҳуқуқҳои айбдоршаванда ва манфиатҳои ҷомеа таъмин карда шавад.

«Яке аз функсияҳои муҳимми дигаре, ки таркиби ҷиноят иҷро мекунад, нақши он дар оғози таъқиби ҷиноятӣ мебошад: маҳз аломатҳои объективӣ ва субъективии муқарраршудаи кирдор ҳамчун асоси Қонунии оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат мекунанд. Ҳамин тариқ, ин институти ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи бунёдӣ барои таъмин намудани адолат, Қонуният ва пайдарпайӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ баромад мекунад» [97, с. 136].

Таркиби ҷиноят категорияи таърихӣ ташаккулёфтаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки барои муайян намудани воқеияти содир гардидани кирдоре, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашад, истифода мегардад. Он маҷмуи аломатҳои объективии кирдори зиддиҳуқуқӣ, инчунин ҳаракатҳоеро дар бар мегирад, ки Қонунгузории ҷиноятӣ онҳоро ҳамчун кирдорҳои сазовори ҷазо муқаррар намудааст ва дар ташкил ва гузаронидани тафтиши пешакӣ, инчунин ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, нақши муҳим мебозад. Рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки рафтори ғайриҚонунӣ бояд ҳамчун падидаи сохторӣ ва низомнок баррасӣ карда шавад, ки унсурҳо ва аломатҳои муайянро дар бар мегирад; бе мавҷудияти онҳо бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят имконнопазир мебошад. Дар чунин замина таркиби ҷиноят на танҳо воситаи таҳлилӣ барои гурӯҳбандии кирдорҳои ҷиноятӣ мебошад, балки ҳамчунин сохтори ҳуқуқиест, ки Қонуният, адолат ва объективияти таъқиби ҷиноятиро таъмин мекунад.

«Ҳамин тариқ, таҳлили амиқи назариявии мавқеҳои мавҷуда нисбат ба муайян намудани таркиби ҷиноят шарти зарурӣ барои такмили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқи шаҳрвандон, инчунин барои баланд бардоштани сифати фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ҳудуди давлат ба ҳисоб меравад» [153, с. 1184].

Дар шароити муосири ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ ҷиноятқориро бояд ҳамчун маҷмуи ҳаракат ё беҳаракатие баррасӣ намуд, ки аз рӯи мақсад,

хусусият ва оқибатҳои худ барои ҷомеа хавфи воқеӣ ё эҳтимолӣ доранд. Чунин муносибат имкон медиҳад кирдорҳо на танҳо аз нуқтаи назари расман вайрон намудани Қонун, балки аз ҷиҳати зарароварии ҷамъиятии онҳо низ арзёбӣ карда шаванд. Дар ҳамин замина таркиби ҷиноят ҳамчун воситае баромад мекунад, ки имкон медиҳад кирдорҳои ғайриҚонунӣ вобаста ба дараҷаи хавфнокии онҳо барои манфиатҳои ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ ба низом дароварда ва фарқгузорӣ карда шаванд.

Моҳияти категорияи «таркиби ҷиноят» дар таъмини бандубасти дурусти кирдор ва муайян намудани гуноҳи шахси мушаххас ифода меёбад. Он талаб мекунад, ки ҳар як кирдори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда аз ҷиҳати мавҷудияти аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят бодиққат таҳлил карда шавад, зеро танҳо дар ин сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳгор мумкин аст. Аҳаммияти фаҳмиши дурусти таркиби ҷиноят дар он аст, ки маҳз дар асоси унсурҳои он муайян карда мешавад, кадом кирдорҳо ба доираи амали Қонуни ҷиноятӣ дохил мешаванд, кадом чораҳои ҷавобгарӣ татбиқ мегарданд ва чӣ гуна мувозинат байни ҷазо ва ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагон ва манфиатҳои ҷомеа дар маҷмӯъ таъмин карда мешавад.

Таркиби ҷиноят на танҳо мафҳуми расмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки сохтори мураккаби ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ошкор намудан, таҳлил ва бандубасти кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок хизмат мекунад ва ҳамзамон Қонуният, асоснокӣ ва адолати таъқиби ҷиноятиро таъмин менамояд [111, с. 376].

Мавқеи объективистӣ нисбат ба муайян намудани мафҳум ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят аз мавқеи нормативистӣ бо як қатор хусусиятҳои принсипӣ фарқ мекунад. Дар доираи объективизм таркиби ҷиноят на танҳо ҳамчун сохтори расмии Қонунгузорӣ, ки ҳангоми бандубасти кирдор истифода мешавад, балки ҳамчун категорияи расмӣ-моддӣ баррасӣ мегардад, ки зуҳуроти воқеӣ ва ҳаракатҳои мушаххаси барои ҷамъият хавфнокро инъикос мекунад. Чунин фаҳмиш ба он асос меёбад, ки унсурҳои таркиби ҷиноят

ҳолатҳои воқеии кирдорро инъикос намуда, барои бандубасти ҷиноят мувофиқи муқаррароти КҶ ҶТ асоси объективӣ фароҳам меоранд.

Бо вуҷуди фарқиятҳо, дар баъзе ҷиҳатҳо мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ метавонанд ба ҳам наздик бошанд. Масалан, ҳар ду мавқеъ зарурати таҳлили аломатҳои кирдор, хавфнокии ҷамъиятии он ва мутобиқати он ба меъёри ҳуқуқи ҷиноятиро эътироф мекунанд. Дар муҳити илмӣ то ҳол масъалаҳои душвори назариявӣ баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, сухан дар бораи робитаи хавфнокии ҷамъиятӣ бо таркиби ҷиноят ва унсурҳои он, пайванди таркиби ҷиноят бо диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ва фарқ кардани кирдори ҷиноятӣ аз рафтори Қонунӣ меравад.

Бояд қайд кард, ки рушди ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ бо равияи нормативистӣ аз соли 1961 оғоз гардид, вақте ки Кодекси ҷиноятии дахлдор қабул шуд. Ин санад принсипи Қонуниятро дар ҷавобгарии ҷиноятӣ мустаҳкам намуд, ки тибқи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс танҳо дар сурате имконпазир аст, ки барои кирдори содиршуда меъёри мушаххаси Қонун мавҷуд бошад.

Аз ҷиҳати таърихӣ ташаккули таълимот дар бораи таркиби ҷиноят бо рушди афкори ҳуқуқии хориҷӣ, махсусан доктринаи ҳуқуқии олмонӣ, робитаи зич дошт. Яке аз сарчашмаҳои муҳим таълимоти Та́ле́нг ба ҳисоб меравад, ки дар он кирдори ҷиноятӣ аз нуқтаи назари ду тарафа - берунии ва дохилӣ баррасӣ мегардид. Тарафи берунӣ ҳаракатҳои объективии шахсро фаро мегирифт, дар ҳоле ки тарафи дохилӣ паҳлуи субъективиро инъикос намуда, ният, ирода ва ангезаи шахсро дар бар мегирифт.

Олимон ин консепсияро ба шароити ҳуқуқии миллӣ мутобиқ намуда, истилоҳи «таркиби ҷиноят»-ро ҷорӣ карданд ва дар доираи он унсурҳои объективӣ ва субъективиро ҷудо намуданд. Ҳамин тариқ, таркиби ҷиноят ҳамчун сохтори низомнок баррасӣ гардид, ки ҳам зуҳуроти воқеии кирдори зиддиҳуқуқӣ ва ҳам муносибати руҳии дохилии шахсро ба кирдори содиршуда дар бар мегирад.

Дар он давра, инчунин дигар асосҳо барои муайян намудани мавҷудияти таркиби ҷиноят дар кирдори шахс пешниҳод мегардиданд. Масалан, С. И. Баршев қайд мекард, ки ҷиноят мавҷудияти якчанд шартҳои ҳатмиро талаб мекунад:

«1) шахси муайяне, ки кирдорро содир менамояд;

2) ҳаракати берунӣ, ки дар он зиддиҳуқуқии рафтор зоҳир мегардад;

3) ғайриҚонунӣ ё зиддиҚонунӣ будани ҳаракат, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар шудааст;

4) озодии ҳаракат, яъне қобилияти шахс барои бошуурона ва мустақилона амал кардан» [298, с. 170-175].

Ин муқаррарот нишон медиҳанд, ки ҳанӯз то мустаҳкам гардидани расмии мавқеи нормативистӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ, олимон аллакай аломатҳои асосии таркиби ҷиноятро ҷудо намуда, кӯшиш мекарданд онҳоро бо баррасии ҳам унсурҳои объективӣ ва ҳам субъективии он ба низом дароранд. «Чунин таҳлили таърихӣ имкон медиҳад таҳаввули доктринаи таркиби ҷиноят пайгирӣ гардида, фаҳмида шавад, ки тасаввуроти муосир дар бораи сохтори он чӣ гуна дар заминаи афкори ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ташаккул ёфтаанд» [198, с. 250].

Мавқеи зикршуда нишон медиҳад, ки намояндагони мавқеи объективистӣ диққати асосиро ба мавҷудияти воқеии кирдор дар ҳаёти воқеӣ равона мекунанд. Ба ибораи дигар, рафтори ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун меъёри абстрактии дар Қонун мустаҳкамшуда, балки пеш аз ҳама ҳамчун ҳаракат ё беҳаракатии воқеан содиршуда баррасӣ мегардад, ки дорои хавфнокии ҷамъиятӣ мебошад. Дар айни замон таъкид карда мешавад, ки барои бандубасти дурусти кирдор ҳамчун ҷиноят мавҷудияти робита бо меъёри манъкунандаи амалкунандаи ҳуқуқ, ки дар Кодекси ҷиноятӣ мустаҳкам шудааст, зарур мебошад. Ин ҳолат ба намояндагони мавқеи объективистӣ имкон медиҳад тарафи воқеии кирдорро бо шакли ҳуқуқии он пайваст намуда, асоснокии ҳуқуқии бандубастро таъмин намоянд.

Тибқи андешаи А.Н. Трайнин, таркиби ҷиноят маҷмуи унсурҳо ва аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки мутобиқи Қонунгузории ҷиноятӣ имкон медиҳанд ҳаракат ё беҳаракатии мушаххас ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок ва ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шавад. Ӯ таъкид менамояд, ки таркиби ҷиноят на танҳо зуҳуроти берунии ҳаракатҳои шахс, балки муносибати равонии дохилии ӯ, ангеза, мақсад ва дарки кирдори содиршударо дарбар мегирад. Ҳамин тариқ, назарияи А.Н. Трайнин хусусияти низомноки таркиби ҷиноятро таъкид мекунад, ки дар он аломатҳои объективӣ рафтори воқеиро инъикос мекунанд, дар ҳоле ки аломатҳои субъективӣ дараҷаи гуноҳ ва хусусияти хавфнокии ҷамъиятии кирдорро муайян менамоянд.

Дар маҷмӯъ, мавқеи намояндагони равияи объективистӣ ва консепсияи А.Н. Трайнин зарурати ҳамоҳангсозии мавқеҳои воқеӣ ва меъёриро ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо нишон медиҳанд, ки ин дақиқӣ ва Қонуни будани таъқиби ҷиноятиро таъмин менамояд. Ин ҳолат барои татбиқи дурусти Қонуни ҷиноятӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва шахсият Аҳаммияти махсус дорад [143, с. 898].

Намояндагони мавқеи объективистӣ таркиби ҷиноятро дар маънои расмӣ-моддӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунанд, ки бе мавҷудияти ҳаракат ё беҳаракатии мушаххаси субъекти ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ амалӣ шуда наметавонад ва худи таркиби ҷиноят низ муайян намегардад. Ба ибораи дигар, объективистҳо бар онанд, ки сохтори ҳуқуқии таркиби ҷиноят бо ҳаракат ё беҳаракатии воқеии шахс робитаи зич дорад: танҳо дар ҳолати исбот гардидани рафтори воқеии шахс метавон дар бораи мавҷудияти ҷинояти мушаххас ва татбиқи Қонуни ҷиноятӣ сухан гуфт. Чунин мавқеъ Аҳаммияти амалии муайян намудани унсурҳои объективии кирдорро барои бандубасти Қонунии ҷиноят таъкид намуда, робитаи устувори байни меъёри ҳуқуқӣ ва ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнокро таъмин менамояд.

Корҳои илмии чунин муҳаққиқон, ба монанди Н.Ф. Кузнесова, Н.С. Тагансев, Т.В. Серетели, А.А. Тер-Акопов, Н.А. Бабий ва дигар мутахассисони

соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ташаккул ва рушди мавқеи объективистӣ нисбат ба фаҳмиши таркиби ҷиноят нақши муҳим бозидаанд. «Ба шарофати таҳқиқоти таҳлилӣ ва низомноксозии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ имконият фароҳам омад, ки унсурҳои объективии ҷиноят, аз ҷумла кирдор, робитаи сабабӣ ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, амиқтар таҳлил карда шаванд. Ин таҳқиқот на танҳо ба мушаххас гардидани меъёрҳои бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят мусоидат карданд, балки асосҳои илмии доктринаи ҳуқуқи ҷиноятиро таҳким бахшида, имконият доданд нуқтаҳои назари дақиқтар ва пайдарпайтар барои татбиқи ҳуқуқ дар амалияи ҳуқуқӣ ташаккул ёбанд» [341, с. 255].

Ба андешаи Н. Ф. Кузнесова: «таркиби ҷиноят, мисли худи ҷиноят, кирдори объективии барои ҷамъият хавфнок ва баҳодиҳии ҳуқуқии онро аз нуқтаи назари Кодекси ҷиноятӣ дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, таркиби ҷиноят асоси муқоисаи аломатҳои мушаххаси кирдори аз ҷониби шахс содиршуда бо аломатҳои дар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ муқарраргардида мебошад. Маҳз чунин вазифаи муқоисавӣ имкон медиҳад муайян карда шавад, ки ҳаракат ё беҳаракатии мушаххас ба таркиби муайяни ҷиноят мувофиқат мекунад ё не ва оё шахс метавонад бо асосҳои Қонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад» [77, с. 336].

Р. М. Комягин як қатор муқаррароти асосии мавқеи объективистиро нисбат ба фаҳмиши таркиби ҷиноят ҷудо менамояд, ки робитаи онро бо фаъолияти воқеии инсон таъкид мекунанд:

1. Дар ин фаҳмиш таркиби ҷиноят на танҳо як сохтори назариявӣ, балки падидаест, ки дар ҷинояти мушаххас зоҳир мешавад ва бо вақт, ҷой ва ҳолатҳои содиршавии он алоқаманд аст;

2.Унсурҳо ва аломатҳои таркиби ҷиноят падидаҳои воқеӣ мебошанд ва мисли худи таркиби ҷиноят хусусияти воқеӣ доранд;

3.Муқоисаи ҷиноят ва таркиби ҷиноят дар сатҳи воқеаи мушаххас анҷом дода мешавад. Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки ҷиноят аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба таркиби худ васеътар буда, ғайр аз аломатҳои ҳатмии ба таркиб дохилшуда, он метавонад ҳолатҳои иловагиро, ки ба ҷазо таъсир мерасонанд,

хусусиятҳои шахсияти гунаҳгорро инъикос мекунанд, инчунин дигар омилҳоеро, ки Аҳаммияти мустақими ҳуқуқи ҷиноятӣ надоранд дар бар гирад.

Дар мавқеи объективистӣ таркиби ҷиноят ҳамеша бо кирдори воқеӣ пайваст аст. Яъне танҳо матни Қонун не, балки худи ҳолати содиршавии кирдор, нишонаҳо ва вазъияти он ба назар гирифта мешавад. Ин барои он муҳим аст, ки кирдор дуруст бандубаст шавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ бе асос татбиқ нагардад. Дар айни замон фарқгузории байни таркиби ҷиноят ва худи ҷиноят барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ Аҳаммияти муҳим дорад: таркиби ҷиноят асоси ҳуқуқии бандубастро муайян мекунад, дар ҳоле ки ҷиноят дар маҷмӯъ ҳамаи омилҳои иловагиро дар бар мегирад, ки ба қарори суд ва андозаи ҷазо таъсир мерасонанд [311, с. 6-14; 341, с. 255]. Масалан: «Судшаванда Абдуллоев Зубайдулло Асадуллоевич, ки дар ЧДММ «РУХШОНА» ба ҳайси механик кор мекард, дар давоми солҳои 2007-2009 борҳо бо роҳи дуздӣ амволи корхонаро (баллонҳои кислород, муҳаррикҳои барқӣ, мизи оҳанин ва дигар таҷҳизот) тасарруф намуда, онҳоро ба шахсони гуногун фурӯхта, маблағашро барои эҳтиёҷоти шахсӣ сарф кардааст.

Дар натиҷаи ин амалҳо ба корхона ва ҷабрдида Абдуллоев Асадулло зарари молиявӣ расидааст. Судшаванда дар мурофиа қисман гуноҳи худро эътироф намуда, изҳори пушаймонӣ кардааст.

Ҷабрдидагон ва шоҳидон тасдиқ кардаанд, ки ӯ аз имконияти дастрасӣ ба амвол истифода бурда, чандин маротиба дуздӣ содир намудааст. Баъзе зарарҳо баъдан ҷуброн гардидаанд ва ҷабрдидагон даъвои қатъӣ надошта, талаб кардаанд, ки нисбат ба ӯ ҷазои сабуктар (ғайриҳабсӣ) таъин карда шавад» [380]. Кирдорҳои А.З.А. ҳамчун зуҳуроти воқеии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ бояд дар алоқамандӣ бо таркиби ҷиноят баррасӣ шаванд. Дар ин ҳолат унсурҳои таркиби ҷиноят бо амалҳои воқеӣ равшан пайваст мешаванд: объект амволи корхона аст, тарафи объективӣ дар тасарруфи пинҳонӣ ва фурӯши он дида мешавад, субъект шахси масъул ё коргар мебошад, тарафи субъективӣ бошад бо қасди бевоситаи молумулкӣ ифода меёбад.

Аз нигоҳи объективистӣ танҳо худи кирдор муҳим нест. Ҳолатҳои ҳамроҳи он низ Аҳаммият доранд: такрор шудани амал, андозаи зарар, истифодаи мавқеи хизматӣ ва расонидани зарари моддӣ. Ин ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки таркиби ҷиноят асоси ҳуқуқии ҷавобгариро ташкил дода, дар ҳоле ки ҷиноят ҳамчун падидаи воқеӣ маҷмуи пурраи шароитҳоро дар бар мегирад, ки ба дараҷаи хатарнокӣ ва таъини ҷазо таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, дар доираи мавқеи объективистӣ таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдори барои ҷамъият хавфноке фаҳмида мешавад, ки бо гунаҳгорона содир гардидааст ва танҳо дар сурате метавонад ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шавад, ки дар Қонуни ҷиноятӣ меъёри манъкунандаи дахлдор муқаррар шуда бошад. Ба ибораи дигар, объективистҳо таркиби ҷиноятро на ҳамчун категорияи абстрактӣ, балки ҳамчун низоми воқеан мавҷудбудаи аломатҳое баррасӣ мекунанд, ки имкон медиҳад рафтори мушаххаси шахс бо меъёрҳои муқарраршудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқ гардонида шавад.

Тавсифи ҷинояти мушаххас аз нуқтаи назари таркиби воқеӣ имкон медиҳад унсурҳои объективӣ ва субъективӣ ба тавре ҷудо карда шаванд, ки ҳангоми бандубасти минбаъдаи кирдор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ҳаракат ё беҳаракатии мушаххаси шахс ба таври дақиқ муқоиса карда шаванд. Ин ҳолат робитаи қатъии ҳуқуқиро байни рафтори воқеии субъект ва татбиқи Қонунгузории ҷиноятӣ таъмин менамояд, ки барои риояи принсипҳои Қонуният ва адолат Аҳаммияти муҳим дорад.

Аксарияти олимоне, ки мавқеи объективистиро ҷонибдорӣ мекунанд, ба он назаранд, ки асоси ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ таркиби ҷиноят мебошад. «Дар айни замон таркиби ҷиноят ҳамчун нишондиҳандаи мураккаби хавфнокии ҷамъиятии кирдор баррасӣ мегардад, ки ҳам зуҳуроти объективӣ ва ҳам муносибати субъективии шахси гунаҳгорро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, мавқеи муқобил низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд на таркиби ҷиноят ҳамчун сохтори ҳуқуқӣ, балки худи ҷиноят дар маҷмӯъ бошад, ки ҳамаи ҳолатҳои ҳамроҳ, хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор ва дигар

омилҳои таъсиррасон ба андозаи ҷазоро дар бар мегирад» [143, с. 898; 341, с. 255].

Ҳамин тариқ, консепсияи объективистӣ диққати асосиро ба тарафи воқеӣ ва сохтории таркиби ҷиноят равона намуда, дақиқии бандубаст ва Қонуни будани татбиқи ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд, дар ҳоле ки мавқеи алтернативӣ ба заминаи васеътарини иҷтимоӣ ва амалӣ такя мекунад, ки дар он ҷиноят ҳамчун падидаи ягона ва мураккаб баррасӣ мегардад.

Мавқеи мазкур ба қадри кофӣ асоснок ба назар намерасад, зеро ҷиноят, ғайр аз таркиби ҷиноят ва аломатҳои асосии кирдори барои ҷамъият хавфнок ва гунаҳгорона, инчунин унсурҳои иловагиро, аз ҷумла ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунанда, марҳилаи содир шудани кирдор, инчунин дигар аломатҳое, ки барои муайян намудани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ Аҳаммияти муҳим доранд, дар бар мегирад. Яъне ҷиноят доираи васеътари омилҳоро фаро мегирад нисбат ба таркиби ҷиноят, ки танҳо ба таври расмӣ муайян шудааст, ва ҳолатҳоеро ба назар мегирад, ки ба андозаи ҷазо ва бандубасти кирдор таъсир мерасонанд.

Дар консепсияи объективистӣ таркиби ҷиноят функсияи ба низом даровардани бандубасти кирдорро ҳамчун ҷиноят иҷро мекунад. Таркиби ҷиноят ҳамчун категорияи воқеӣ имкон медиҳад аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии кирдори шахси гунаҳгор ҷудо карда шаванд, ки баъдан бо меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ муқоиса мегарданд. Танҳо дар ҳолате, ки ин аломатҳо ба меъёрҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мутобиқат кунанд, мумкин аст хулоса бароварда шавад, ки кирдори мушаххас ҷиноят мебошад.

Бояд таъкид кард, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳз мутобиқати таркиби ҷиноят ба меъёрҳои ҳуқуқ мебошад, бе дарназардошти омилҳои иловагӣ, ба монанди ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунанда, марҳилаи содир шудани ҷиноят ё имкони озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ. Ба ибораи дигар, таркиби ҷиноят ҳамчун такягоҳи воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои бандубасти кирдор хизмат намуда, Қонуният ва дақиқии татбиқи Қонуни ҷиноятиро

таъмин мекунад, дар ҳоле ки дигар унсурҳои ҷиноят ба фардисозии ҷазо ва баҳодиҳии ниҳоии ҳуқуқии кирдор таъсир мерасонанд.

Бартарии эҳтимолии мавқеи объективистӣ дар он зоҳир мегардад, ки таркиби ҷиноят бевосита бо кирдори воқеан содиршудаи барои ҷамъият хавфнок алоқаманд карда мешавад. Мувофиқи ин назар, таркиби ҷиноят аз нишонаҳои ҳатмии объективӣ ва субъективӣ иборат аст. Ин нишонаҳо бояд ба ҳамон дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ мувофиқ бошанд, ки дар ҳаракат ё беҳаракатии воқеии шахс зоҳир мегардад. Ин ҳолат имкон медиҳад бандубасти кирдор ба таври дақиқ анҷом дода шуда, принсипи Қонуният дар таъқиби ҷиноятӣ ба таври қатъӣ риоя гардад.

Бо вуҷуди ин, равияи объективистӣ низ бо як қатор масъалаҳои баҳснок рӯ ба рӯ мегардад. Аз ҷумла, масъалаи дуруст муайян намудани таносуби таркиби ҷиноят бо хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва инчунин эътирофи таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ягона барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баҳснок боқӣ мемонад. Ҷонибдорони мавқее, ки таркиби ҷиноятро ҳамчун «ҷисм» ё сохтори асосии кирдор барои эътироф намудани он ҳамчун ҷиноят мешуморанд, таъкид мекунанд, ки хавфнокии ҷамъиятӣ бояд ба сохтори таркиби ҷиноят дохил карда шавад, яъне тавассути аломатҳои объективӣ ва субъективӣ зоҳир гардад. Дар чунин ҳолат кирдори мушаххас танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳамаи унсурҳои зарурии таркиби ҷиноят, ки мутобиқати онро ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин мекунанд, метавонад ҳамчун ҷиноят эътироф гардад.

Барои дарки дурусти моҳият ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир зарур аст таҳлили муқоисавии мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ гузаронида шавад. Бо дарназардошти бартариҳо ва маҳдудиятҳои ҳар ду равия мумкин аст роҳҳои оптималии такмили доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян гардида, инчунин пешниҳодҳое барои бартараф намудани ихтилофоти Қонунгузорӣ пешниҳод карда шаванд. Чунин таҳлил имкон медиҳад низоми дақиқтари бандубасти ҷиноятҳо ташаккул ёбад, ки дар

он мувозинат байни сабти объективии кирдор ва баҳодиҳии ҳуқуқии хавфнокии ҷамъиятии он таъмин мегардад.

Хулоса:

Таркиби ҷиноят яке аз категорияҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки Қонуният ва дақиқии бандубасти кирдорро таъмин менамояд. Он ҳамчун ҳалқаи пайванддиҳанда байни рафтори воқеии шахс ва меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ баромад карда, имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро муайян мекунад.

Мавқеи объективистӣ диққати асосиро ба кирдори воқеан содиршуда равона намуда, таркиби ҷиноятро ҳамчун низоми аломатҳои объективӣ ва субъективӣ баррасӣ мекунад, ки кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнокро инъикос менамоянд. Тибқи ин равиш таркиби ҷиноят асоси воқеӣ барои бандубасти кирдор мебошад.

Таркиби ҷиноят ва худи ҷиноят мафҳумҳои якхела нестанд. Ҷиноят аз таркиби ҷиноят васеътар аст. Барои таъини ҷазо танҳо мавҷуд будани аломатҳои таркиб кофӣ нест; ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, то кадом марҳила расидани кирдор ва шахсияти гунаҳгор низ Аҳаммият доранд. Дар айни замон таркиби ҷиноят асоси ҳуқуқии бандубасти кирдорро ташкил медиҳад.

Мавқеи объективистӣ имкон медиҳад бандубасти кирдорҳо ба таври низомнок анҷом дода шуда, бо меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ мутобиқ гардонида шавад. Аммо баҳс дар ин ҷо поён наёфтааст. Ҳанӯз ҳам савол мемонад, ки таркиби ҷиноят то чӣ андоза дараҷаи хавфнокии кирдорро нишон медиҳад ва оё танҳо мавҷуд будани он барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан кофӣ аст ё не.

Аз нуқтаи назари мавқеи объективистӣ, таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдори воқеан содиршудаи барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки танҳо дар сурати мавҷуд будани меъёри манъкунандаи дахлдор дар Қонуни ҷиноятӣ метавонад ҳамчун ҷиноят эътироф гардад. Аломатҳои объективӣ рафтори воқеии субъектро (ҳаракат ё

беҳаракатӣ) инъикос мекунанд, дар ҳоле ки аломатҳои субъективӣ муносибати руҳии ӯро ба кирдор (гуноҳ, ангеза, мақсад) нишон медиҳанд. Таркиби ҷиноят ҳамчун асоси воқеӣ ва ҳуқуқии бандубасти кирдор хизмат намуда, имкон медиҳад кирдори мушаххаси шахс бо талаботи Қонуни ҷиноятӣ муқоиса карда шуда, имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ муайян карда шавад.

5.3. Таносуби мавқеи «нормативистӣ» ва «объективистӣ» нисбат ба мафҳум ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят

Бо мақсади таҳлил ва муқоисаи мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ нисбат ба мафҳум ва Аҳаммияти таркиби ҷиноят, мумкин аст аломатҳои умумии ин категорияи муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла бо муроҷиат кардан ба муқаррароти Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд. Масалан, тибқи **м.11 КҶ ҶТ**, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар кирдор пурра ба аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар Кодекси мазкур муқаррар шудаанд, мутобиқат намояд. Ин муқаррарот нишон медиҳад, ки таркиби ҷиноят ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ барои фарқгузории рафтори Қонунӣ ва ғайриҚонунӣ хизмат намуда, асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро муайян мекунад ва риояи принсипи Қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд. Муқоисаи равиши нормативистӣ ва объективистӣ барои он муҳим аст, ки нишон медиҳад назария дар амал чӣ гуна кор мекунад. Аз ин ҷо фаҳмидан мумкин аст, ки ҳангоми баҳодиҳии кирдори барои ҷамъият хавфнок ин ду равиш дар кадом нуқтаҳо ба ҳам наздик мешаванд ва дар кадом масъалаҳо аз ҳам ҷудо мегарданд [6].

Дар доираи мавқеи нормативистӣ нисбат ба фаҳмиши таркиби ҷиноят масъалаи таносуби байни ҷиноят ва таркиби ҷиноят пурра муайян нашудааст. Дар ин масъала муҳим аст муайян шавад, ки хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун нишонаи ҷиноят дар нисбат ба категорияи таҳқиқшаванда чӣ ҷой дорад.А. А. Пионтковский қайд менамуд, ки: «Хавфнокии ҷамъиятӣ хусусияти объективии таркиби ҷиноят мебошад ва таълимот дар бораи хавфнокии ҷамъиятии кирдор

ба таълимот дар бораи тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил мешавад» [116, с. 311].

А.Э. Жалинский ин масъаларо дигар хел мефаҳмид. Ба фикри ӯ, таркиби ҷиноятро бо ҳамаи нишонаҳои ҷиноят баробар донистан дуруст нест, чунки дар он хавфнокии ҷамъиятӣ пурра инъикос намешавад. Ба андешаи ӯ: «аломати бо таҳдиди ҷазо манъ кардани кирдор низ ба доираи таркиби ҷиноят дохил намешавад. Худи далели вайрон намудани меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ танҳо метавонад зиддиҳуқуқӣ будани кирдорро асоснок намояд, аммо масъалаи мавҷуд будан ё набудани хавфнокии ҷамъиятӣ боз ҳам кушода боқӣ мемонад» [223, с. 697].

Е. В. Благов низ чунин мешуморад, ки: «агар ба таркиби ҷиноят аломатҳои хавфнокии ҷамъиятӣ ва зиддиҳуқуқӣ дохил карда шаванд, пас ин категория бо мафҳуми ҷинояти навъи муайян баробар мегардад, ки дар натиҷа як падида бо ду истилоҳи гуногун ифода карда мешавад. Ба андешаи ӯ, таркиби ҷиноят танҳо метавонад хавфнокии ҷамъиятии кирдорро инъикос ё тавсиф намояд» [18, с. 692].

А.В. Иванчин хавфнокии ҷамъиятиро ба дохили таркиби ҷиноят намедарорад. Ба назари ӯ, ин аломат берун аз таркиб меистад, зеро бештар нишон медиҳад, ки кирдор аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ манъ шудааст ва хусусияти зиддиҳуқуқӣ дорад [330, с. 462].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои фаҳмидани муносибати байни ҷиноят ва таркиби ҷиноят равишҳои дигар низ мавҷуданд.

В. Н. Кудрявсев қайд мекард, ки: «Дар таркиби ҷиноят аломатҳо дар пайдарпайии нисбатан қатъӣ ҷойгир шуда, гурӯҳбандӣ гардидаанд ва ба унсурҳои муайяни ҷиноят вобаста карда мешаванд, ки ин хусусият барои мафҳуми умумии ҷиноят хос нест» [74, с. 352]. Хавфнокии ҷамъиятиро метавон ҳамчун нишонаи умумии як гурӯҳи ҷиноятҳо дар таркиби ҷиноят нишон дод. Муаллиф аз он бармеояд, ки ҷинояти мушаххас дар ҳаёт ҳамчун воқеаи ҷудогона рух медиҳад, вале таркиби ҷиноят танҳо нишонаҳои умумии чунин кирдорҳоро ҷамъбаст мекунад. Аз ҳамин сабаб, таркиби ҷиноят дар

воқеият танҳо тавассути ҷиноятҳои мушаххас маъно пайдо мекунад [75, с. 244].

Л.Д. Гаухман ишора мекард, ки: «Аломатҳои ҷиноят, ки Аҳаммияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии онро ифода мекунанд, барои фарқгузории кирдорҳои ҷиноятӣ аз кирдорҳои ғайриҷиноятӣ хизмат менамоянд. Дар айни замон аломатҳои таркиби ҷиноят сохтори дохилии онро инъикос намуда, барои ҷудо намудан ва минбаъд фарқгузории намудҳои гуногуни ҷиноят заруранд. Илова бар ин, мафҳуми ҷиноят ва таркибҳои мушаххаси ҷиноят дар Қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, дар ҳоле ки мафҳуми умумии таркиби ҷиноят бештар хусусияти абстраксияи назариявӣ дорад» [27, с. 316].

Ба андешаи Н.А. Лопашенко: «таркиби ҷиноят на танҳо хавфнокии ҷамъиятӣ, балки дигар аломатҳои ҷиноятро низ инъикос мекунад, ки ин, масалан, аз аломати гунаҳгорӣ равшан дида мешавад. Ҳамзамон дар ҳаёти воқеӣ танҳо ҷиноят вуҷуд дорад, ки мазмунро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки таркиби ҷиноят шакли муқаррароти Қонунгузории он мебошад» [165, с. 711].

Аз ин ҷо бармеояд, ки робитаи ҷиноят ва таркиби ҷиноят то ҳол пурра равшан нашудааст. Худи меъёрҳое ҳам, ки бояд ин робитаро муайян кунанд, баҳсӣ мемонанд. Баъзе муҳаққиқон хавфнокии ҷамъиятиро берун аз таркиби ҷиноят мегузоранд, баъзеи дигар онро ба ҳамаи унсурҳои таркиб ё танҳо ба қисми муайяни он, масалан ба тарафи объективӣ, вобаста медонанд. Дар баробари ин, назаре низ вуҷуд дорад, ки ҷиноятро ҳамчун падидаи воқеӣ ва таркиби ҷиноятро ҳамчун мафҳуми Қонунӣ ё меъёрӣ шарҳ медиҳад.

Категорияи мавриди баррасии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар дигар меъёрҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зикр шудааст. Аз ҷумла, дар қ. 1 м. 32 КҶ ҶТ, ки ба ҷиноятҳои хотимаёфта ва нотамом бахшида шудааст, дар қ. 3 м. 34 КҶ ҶТ, ки радкунии ихтиёран даст кашидан аз ҷиноятро танзим мекунад, инчунин дар м. 73 КҶ ҶТ, ки масъалаи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро дар ҳолати ҷуброн намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда пешбинӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, дар ин меъёрҳо, ҳамчунин

дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, таърифи мустақими таркиби ҷиноят ё шарҳи мазмуни он оварда нашудааст.

Таҳлили меъёрҳои Қисми умумӣ имкон медиҳад аломатҳои асосии объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят ҷудо карда шаванд. Масалан, объекти умумии ҷиноят дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ инъикос ёфтааст, ки тибқи он Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият равон гардидааст. Ин муқаррарот заминаи дарки хусусияти кирдори барои ҷамъият хавфнокро фароҳам меоранд, ки мавриди баҳодиҳии ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор мегирад ва ҳамзамон ба номгузории бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мутобиқат мекунанд, ки дар онҳо намудҳои мушаххаси ҷиноят ва чораҳои ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо мушаххас карда шудаанд.

Бо вуҷуди он ки таърифи мустақими таркиби ҷиноят танҳо дар баъзе меъёрҳои алоҳида дучор меояд, таҳлили Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ имкон медиҳад аломатҳои бунёдие муайян карда шаванд, ки барои бандубасти ҷиноят заруранд ва самти ҳуқуқии Қонунгузории ҷиноятиро муайян месозанд.

Тарафи субъективии ҷиноят дар м. м. 7 ва 27-30 КҶ ҶТ шарҳ дода шудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки шахс кирдорро гунаҳгорона содир карда бошад, яъне онро дидаву дониста ва бо муносибати руҳии муайян ба кирдорҳои худ анҷом диҳад. Қонунгузор якчанд шакли гуноҳро пешбинӣ менамояд: қасд, ки метавонад бевосита ё бавосита бошад, инчунин беэҳтиётӣ, ки дар шакли худбоварӣ ё бепарвоӣ зоҳир мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст якҷоя шудани шаклҳои гуногуни гуноҳ ба амал ояд, ки онро шакли дугонаи гуноҳ меноманд.

Тарафи объективии ҷиноят, мувофиқи нуқтаҳои назари гуногуни назариявӣ, дар марҳилаи хотимаёбии ҷиноят таҳлил гардида, дар боби 6 КҶ ҶТ муфассал танзим шудааст ва дар моддаҳои Қисми махсус мушаххас мегардад. Он зуҳуроти берунии кирдори ҷиноятиро инъикос намуда, аз ҷумла тарз ва

воситаҳои содир намудани ҷиноят, олоти ҷиноят, робитаи сабабии байни ҳаракат ё беҳаракатии шахси гунаҳгор ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, инчунин дигар унсурҳое, ки кирдорро аз нуқтаи назари объективӣ тавсиф мекунанд, дар бар мегирад. Тавсифи берунии ҷиноят дар диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мушаххас мегардад, масалан дар меъёрҳое, ки ба одамкушӣ, истеҳсол ва муомилоти ғайриҚонунии воситаҳои нашъадор ҷиноятҳои ҷинсӣ ва дигар намудҳои ҷиноят бахшида шудаанд. Ин ҳолат имкон медиҳад кирдорҳо аз рӯи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо гурӯҳбандӣ гардида, дақиқии бандубаст, мутаносибии ҷазо ва риояи принсипи Қонуният ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ таъмин гардад.

Дар моддаи 22 КҶ ҶТ гуфта мешавад, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ буда метавонад. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан ӯ бояд мукаллаф бошад ва ба синне расида бошад, ки Кодекс барои ҷавобгарӣ муқаррар кардааст. Ин муқаррарот принсипи фардисозии ҷазоро инъикос намуда, имкони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки мазмун ва Аҳаммияти кирдорҳои худро дарк карда наметавонанд ё ба синни пешбинишуда нарасидаанд, истисно менамояд.

Ҷудо намудани субъект, дар баробари объект, тарафи объективӣ ва тарафи субъективӣ, ба унсурҳои асосии таркиби ҷиноят мансуб мебошад. Ин унсурҳо дар бисёр дастурҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ муфассал баррасӣ гардида, ҳангоми таҳлили масъалаҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун категорияҳои роҳнамо истифода мешаванд. Онҳо имкон медиҳанд донишҳо дар бораи ҷиноят ба низом дароварда шаванд, заминаи методологӣ барои бандубасти кирдор фароҳам гардад ва инчунин ҳамчун асос барои таҳияи тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили Қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ хизмат кунанд.

Муроҷиат ба мафҳуми ҷиноят имкон медиҳад онро бо таркиби ҷиноят муқоиса намуда, Аҳаммияти ин категорияи ҳуқуқи ҷиноятиро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян кард. Мувофиқи қисми 1 моддаи 17 КҶ ҶТ, ҷиноят

ҳамон ҳаракат ё беҳаракатие мебошад, ки бо гуноҳ содир шуда, барои ҷамъият хавфнок аст ва Кодекс онро бо таҳдиди ҷазо манъ кардааст.

Ин таъриф чанд ҷанбаи муҳимеро нишон медиҳад: аввалан, ҷиноят ҳамеша бо кирдори гунаҳкоронаи шахс алоқаманд мебошад, ки онро бо тарафи субъективии таркиби ҷиноят мепайвандад; дуюм, он бо хавфнокии ҷамъиятии кирдор тавсиф мешавад, ки таъсири манфии онро ба арзишҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда инъикос мекунад; сеюм, Қонунгузории ҷиноятӣ чунин кирдорҳоро манъ намуда, имкони татбиқи ҷазоро пешбинӣ менамояд, ки ҷиноятро ба категорияи дорои Аҳаммияти ҳуқуқӣ табдил медиҳад.

Муқоисаи мафҳуми ҷиноят бо таркиби ҷиноят нишон медиҳад, ки истилоҳи аввал падидаи васеътарро ифода мекунад, дар ҳоле ки таркиби ҷиноят сохторе мебошад, ки имкон медиҳад аломатҳои мушаххаси кирдор ба низом дароварда шуда, асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ, омӯзиши мафҳуми ҷиноят ва таносуби он бо таркиби ҷиноят барои дарки мантиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмин намудани Қонуният дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ Аҳаммияти бунёдӣ дорад [6].

Аз ин рӯ, мафҳуми ҷиноят як қатор унсурҳои асосиро дар бар мегирад: мавҷудияти гуноҳ, хавфнокии ҷамъиятии кирдор, манъи мустақими он аз ҷониби Кодекси ҷиноятӣ, инчунин санксияе, ки барои содир намудани ҳаракат ё беҳаракатӣ пешбинӣ шудааст. Ҳангоми муқоиса бо таркиби ҷиноят равшан мегардад, ки таркиби ҷиноят мазмуни маҳдудтар дорад: он санксияро барои кирдори зиддиҳуқуқӣ дар бар намегирад ва асосан ба аломатҳое тамаркуз мекунад, ки худи кирдорро тавсиф менамоянд.

Гуноҳ ҳамчун аломати ҷиноят тарафи субъективии таркиби ҷиноятро инъикос мекунад, яъне муносибати руҳии шахсро ба кирдори содиршуда ва оқибатҳои он нишон медиҳад. Дар айни замон масъалаи он ки оё хавфнокии ҷамъиятӣ бояд мустақиман ба таркиби ҷиноят дохил карда шавад ё ҳамчун хусусияти васеътарини кирдори ҷиноятӣ баррасӣ гардад, то ҳол дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳснок боқӣ монда, ҳалли ягона надорад. Ҳамин тариқ, таҳлили мафҳуми ҷиноят ва таркиби ҷиноят имкон медиҳад таносуби онҳо

дақиқтар муайян гардида, ядрои категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ошкор карда шавад ва унсурҳое муайян гарданд, ки ҳамчун асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат мекунанд.

Пештар мавқеи намояндагони равияи нормативистӣ баррасӣ гардид, ки мувофиқи он хавфнокии ҷамъиятии кирдор ба тарафи объективии таркиби ҷиноят дохил карда мешавад. Таҳлили ин мавқеъ имкон медиҳад хулосаҳои муфассалтар бароварда шаванд: ҳангоми бандубасти ҷиноят баҳодиҳии зуҳуроти берунии кирдор, ба монанди тарзи содиршавӣ, воситаҳои истифодашуда ва оқибатҳои ба вуҷудомада, маҳз тавассути тарафи объективии таркиби ҷиноят амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, он ҷанбаҳои хавфнокии ҷамъиятӣ, ки бевосита бо хусусиятҳои берунии кирдор алоқаманданд, метавонанд воқеан ба тарафи объективии таркиби ҷиноят мансуб дониста шаванд.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун хусусияти кирдор танҳо бо аломатҳои берунии он маҳдуд намешавад. Он инчунин метавонад дар дараҷаи таҳдид ба манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда ва дар оқибатҳои иҷтимоии кирдор зоҳир гардад, ки ин онро аз ҷиҳати консептуалӣ нисбат ба тарафи объективии таркиби ҷиноят васеътар мегардонад. Чунин мавқеъ имкон медиҳад муқаррароти назариявии равияи нормативистӣ бо вазифаҳои амалии бандубасти ҷиноятҳо пайваст гардида, фарқгузории дақиқтари кирдорҳо аз рӯи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онҳо таъмин карда шавад ва ҳамзамон мутобиқати амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ба принсипи Қонуният нигоҳ дошта шавад.

Ҳамзамон дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои алтернативӣ низ нисбат ба масъалаи таносуби таркиби ҷиноят ва категорияи хавфнокии ҷамъиятӣ мавҷуданд. “Тибқи яке аз чунин мавқеъҳо, хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун хусусияти мустақили ҳуқуқи ҷиноятии кирдор баррасӣ мешавад, ки мустақиман ба таркиби ҷиноят дохил намешавад ва бо он робитаи бевоситаи ҳуқуқӣ надорад. Ҷонибдорони ин назария таъкид мекунанд, ки таркиби ҷиноят танҳо бо маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии зарурӣ барои

бандубасти кирдор маҳдуд мегардад, дар ҳоле ки баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ хусусияти умумӣ ва арзёбии меъёрӣ дорад» [239, с. 566-567].

Тибқи мавқеи дуюм, хавфнокии ҷамъиятиро наметавон ҳамчун унсури ҷудогонаи таркиби ҷиноят нишон дод. Бо вуҷуди ин, он аз таркиби ҷиноят дур нест ва бо аломатҳои он робитаи наздик дорад. Аз ин нуқтаи назар, хавфнокии ҷамъиятӣ дараҷаи таҳдидеро тавсиф мекунад, ки кирдор ба манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда мерасонад ва ба муайян намудани шакли гуноҳ, вазнинии оқибатҳо ва андозаи ҷазо таъсир мерасонад. «Ҳамин тариқ, хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун асоси категориявӣ барои таҳлили таркиби ҷиноят баррасӣ гардида, нақши унсури пайванддиҳандаро байни муқаррароти назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ иҷро мекунад» [242, с. 25-28].

Мавқеи аввал бештар ба равияи нормативистӣ хос мебошад, ки намояндагони он ба муқаррароти расмии Қонунгузорӣ такя мекунанд. Дар ин равиш савол дар бораи ҷойи хавфнокии ҷамъиятӣ дар тарафи объективии таркиби ҷиноят Аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Аз ҷавоби ҳамин савол вобаста аст, ки муқаррароти моддаи 11 КҶ ҶТ то чӣ андоза дуруст ва дақиқ арзёбӣ карда мешавад. Олимоне, ки ба равияи нормативистӣ пайравӣ мекунанд, таҳлил менамоянд, ки то чӣ андоза мустаҳкам намудани аломатҳои таркиби ҷиноят дар Қонунгузорӣ ба мантиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва принсипи Қонуният мутобиқат мекунад ва дар асоси ин зарурати мушаххас намудани ё тафсири баъзе меъёрҳои ҳуқуқиро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, мавқеи нормативистҳо фаҳмиши назариявии хавфнокии ҷамъиятиро бо сохтори расмии таркиби ҷиноят мепайвандад ва ҳамчун роҳнамо барои таҳлил ва такмили амалияи бандубасти ҷиноятҳо хизмат мекунад.

Эҳтимолан Қонунгузор аз он баромадааст, ки категорияи хавфнокии ҷамъиятӣ ба тарафи объективии таркиби ҷиноят мансуб мебошад, зеро дар м.11 КҶ ҶТ он ҳамчун асоси мустақили ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷудо карда нашудааст. Дар айни замон бояд қайд кард, ки худи модели назариявии таркиби

ҷиноят, ки таносуби аломатҳои объективӣ ва субъективиро дар бар мегирад, на дар м. 11 ва на дар дигар моддаҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал шарҳ дода нашудааст.

Ин ҳолат имкон медиҳад ба хулоса омад, ки Қонунгузор зарурати шарҳи муфассали нақши хавфнокии ҷамъиятиро надида, баҳодиҳии онро ба сатҳи таҳлили назариявӣ ва амалияи судӣ вогузор намудааст. Чунин сохт ҳамчунин нишон медиҳад, ки таркиби ҷиноят дар шакли меъёрӣ пеш аз ҳама ба аломатҳои мушаххаси кирдор, ки барои бандубаст ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ заруранд, диққат медиҳад, дар ҳоле ки тавсифи васеътарини рафтори ҷиноятӣ, ки бо хавфнокии ҷамъиятӣ алоқаманд аст, ҳамчун мафҳуми консептуалӣ баррасӣ мегардад ва тавассути таҳлили зуҳуроти берунии кирдор ва оқибатҳои он барои манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда мушаххас мегардад.

Мавқеи дуюм бештар ба намояндагони равияи объективистӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ хос аст, ки таркиби ҷиноятро ҳамчун сохтори расмӣ-моддӣ баррасӣ мекунанд. Тибқи ин мавқеъ, хавфнокии ҷамъиятии кирдор наметавонад ҳамчун унсури алоҳидаи таркиби ҷиноят баррасӣ гардад. Гарчанде хавфнокии ҷамъиятӣ бо таркиби ҷиноят робитаи зич дорад, онро на ба тарафи объективӣ ва на ба тарафи субъективӣ дохил кардан мумкин нест, зеро табиати он хусусияти васеътар ва консептуалӣ дорад ва аз доираи аломатҳои расмии зарурӣ барои бандубасти ҷиноят берун мебарояд.

Ҳамин тариқ, равияи объективистӣ таъкид мекунад, ки ҳангоми таҳлили таркиби ҷиноят бояд, пеш аз ҳама, ба аломатҳои мушаххаси объективӣ ва субъективии кирдор такя карда шавад, дар ҳоле ки баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ дар сатҳи умумии муайян намудани дараҷаи таҳдиде, ки кирдор ба манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда мерасонад, амалӣ мегардад. Чунин мавқеъ имкон медиҳад сохтори қатъии таркиби ҷиноят нигоҳ дошта шуда, дақиқии бандубасти ҷиноят ва мутобиқати он ба принсипи Қонуният таъмин гардад, ҳамзамон Аҳаммияти хавфнокии ҷамъиятӣ ҳамчун меъёри баҳодиҳии хусусияти барои ҷамъият хавфноки кирдор нодида гирифта намешавад.

Ғайр аз ин, агар кирдор дорои хавфнокии ҷамъиятӣ набошад, он мувофиқи қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ ҳамчун кирдори камАҳаммият арзёбӣ мегардад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки хавфнокии ҷамъиятӣ меъёре мебошад, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро муайян мекунад, аммо он бевосита ба таркиби ҷиноят дохил намешавад. Аз ин рӯ, хавфнокии ҷамъиятӣ бояд ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ гардад, ки аз ҷиҳати шаклӣ аз таркиби ҷиноят ҷудо бошад, вале ҳамзамон бо унсурҳои он робитаи зичи ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта бошад.

Чунин консепсия имкон медиҳад ҳам дараҷаи таҳдидеро, ки кирдор ба манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда мерасонад, ба назар гирифт ва ҳам сохтори дақиқи таркиби ҷиноятро, ки ба аломатҳои объективӣ ва субъективӣ асос меёбад, нигоҳ дошт. Ин ҳолат тавозуни байни бандубасти расмии кирдор ва баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятии онро таъмин мекунад, ки барои риояи принсипҳои Қонуният, мутаносибии ҷазо ва адолати татбиқи ҳуқуқ Аҳаммияти махсус дорад.

Дар амалия ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки шахсон барои кирдорҳое ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки хавфнокии ҷамъиятии назаррас надоранд. Чунин вазъият бо бандубаст гардидани кирдорҳои камАҳаммият ҳамчун ҷиноят дар баъзе ҳолатҳо алоқаманд аст. Таҳлили муфассали ин масъалаҳо ҳангоми баррасии таркибҳои расмии ҷиноят пешниҳод мегардад, ки дар он ҷо таносуби аломатҳои объективии кирдор ва меъёрҳои ҳуқуқии бандубаст арзёбӣ карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, муқаррароти зикршуда нишон медиҳанд, ки хавфнокии ҷамъиятӣ ва унсурҳои таркиби ҷиноят ҳангоми муайян намудани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ набояд ҷудогона баррасӣ карда шаванд. Робитаи байни онҳо ягонагии таҳлили ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд: унсурҳои таркиби ҷиноят аломатҳои мушаххаси кирдорро муайян мекунанд, дар ҳоле ки баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ имкон медиҳад муайян карда шавад, ки татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ то чӣ андоза асоснок аст ва ҷазо то кадом андоза

мутаносиб мебошад. Чунин муносибат риояи принсипҳои Қонуният ва адолатро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Мазмуни **м.11 КҶ ҶТ**-ро метавон ба шакли зерин ифода кард: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноятро, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, дар бар мегирад».

Дар ин муқаррарот ду ҷанба Аҳаммияти асосӣ доранд. Аввалан, гуноҳ, ки ба тарафи субъективии таркиби ҷиноят дохил мешавад, муносибати руҳии шахсро ба кирдори содиршуда ва оқибатҳои он инъикос мекунад. Дуюм, хавфнокии ҷамъиятӣ, ки бо ҳар як унсури таркиби ҷиноят робитаи зич дорад, баҳодиҳии дараҷаи таҳдиди кирдорро барои манфиатҳои аз ҷониби Қонун ҳифзшаванда таъмин менамояд. Баррасии якҷояи ин омилҳо имкон медиҳад мафҳуми пурраи асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ гардад ва аломатҳои расмии таркиби ҷиноят бо хавфнокии воқеии ҷамъиятии кирдор пайваст карда шаванд.

Бо чунин фаҳмиш масъалаи норавшание, ки дар қисми 2 моддаи 17 КҶ ҶТ ба назар мерасад, равшантар мегардад. Яъне агар кирдор аз берун ба яке аз амалҳои дар Қисми махсуси Кодекс пешбинишуда монанд бошад, вале аз сабаби камАҳаммиятӣ барои ҷомеа хавфнокӣ надошта бошад, онро ҷиноят ҳисобидан мумкин нест. Ворид намудани баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятӣ ба таҳлили асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ имкон медиҳад кирдорҳои камАҳаммият аз кирдорҳои воқеан хавфнок дуруст фарқ карда шаванд, ки ин мутаносибии татбиқи ҷазо ва риояи принсипи Қонуниятро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Аз нуқтаи назари намояндагони равияи объективистӣ, дурусттар он аст, ки таркиби ҷиноят аз ҷиҳати табиат ҳамчун категорияи расмӣ-моддӣ эътироф карда шавад. Чунин мавқеъ имкон медиҳад ба истилоҳ «скелет»-и кирдор ҷудо карда шавад, яъне маҷмуи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии он, ки барои бандубасти ҷиноят заруранд. Ҳамаи дигар хусусиятҳои кирдор, аз ҷумла ҳолатҳои берунии иловагӣ ва зуҳуроти гуногун, ҳамчун «шакли берунӣ»

баррасӣ мегарданд, ки барои эътироф намудани кирдор ҳамчун ҷиноят ҳатмӣ нестанд.

Равияи объективистӣ сохтори равшани таҳлили таркиби ҷиноятро таъмин намуда, имкон медиҳад маҷмуи ҳадди ақали аломатҳое, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд, аз доираи васеи унсурҳои воқеӣ ва ҳолатӣ ҷудо карда шавад. Ин барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ Аҳаммияти махсус дорад, зеро ба суд ва мақомоти тафтиш имкон медиҳад диққати худро ба аломатҳои ҳатмии зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс равона намоянд ва ҳамзамон хавфнокии ҷамъиятӣ ва дигар хусусиятҳои ҳамроҳи кирдорро ҳангоми муайян намудани дараҷаи ҷазо ва бандубасти ҷиноят ба назар гиранд.

А. А. Пионтковский таъкид мекард, ки: «таркиби ҷиноят ягона асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, зеро танҳо дар доираи таркиби ҷиноят метавон аломатҳои объективӣ ва субъективиро муайян намуд, ки асоси чунин ҷавобгариро ташкил медиҳанд» [116, с. 311].

Масъалаи асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ аз ҷониби В. Н. Кудрявсев низ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. «Дар яке аз корҳои илмии худ ӯ қайд менамояд, ки аломатҳои таркиби ҷиноят хусусияти объективӣ дошта, дар ҳар як ҷинояти мушаххас ҳамчун аломатҳои падидаҳои воқеӣ зоҳир мегарданд. Аз ин ҷо хулоса бароварда мешавад, ки таркиби ҷиноят ягона асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад» [75, с. 244]. Аммо дар таҳқиқоти дигари монографӣ В. Н. Кудрявсев ба хулосае меояд, ки: «аломати таркиби ҷиноят - ин яке аз унсурҳои сохтори ҷиноят мебошад, ки дар доираи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам шудааст. Муайян намудани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дар раванди бандубасти ҷиноят, тавассути муқоисаи аломатҳои таркиби ҷиноят бо аломатҳои воқеии кирдори содиршуда амалӣ мегардад» [74, с. 352].

И. Я. Гонтар пешниҳод мекард, ки: «асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқати аломатҳои кирдори барои ҷамъият хавфноки аз ҷониби шахс содиршуда ба тавсифи онҳо дар Кодекси ҷиноятӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, таркиби ҷиноят наметавонад ҳамчун асоси ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад кунад» [28, с. 200].

А.И. Марсев ҳам ҳамин фикрро пеш мегузорад: ҷавобгарии ҷиноятӣ пеш аз ҳама аз худи содир шудани ҷиноят сар мезанад. Ба назари ӯ, маҳз ҷиноят, на танҳо таркиби он, беҳтар нишон медиҳад, ки чаро шахс бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад [97, с. 136]. Ин мавқеъро С. А. Маркунсов низ ҷонибдорӣ мекунад, ки: «ба андешаи ӯ таркиби ҷиноят наметавонад асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад. Ӯ асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун далели аз ҷониби ҳукми суд муқарраршудаи гунаҳгорона вайрон намудани манъи ҳуқуқи ҷиноятӣ мефаҳмад, яъне ҷинояти мушаххаси содиршуда» [346, с. 550].

Дар байни камбудиҳои таҳрири амалкунандаи м. 8 «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ» КҶ ФР (м.11 КҶ ҶТ) А. В. Иванчин: «аз ҷумла набудани ишора ба аломати хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршударо қайд менамояд, ки ба меъёри марбут ба камАҳаммиятии кирдор мухолифат мекунад. Ҳамчунин ӯ ибораи «таркиб дар кирдор мавҷуд аст»-ро нодуруст меҳисобад, зеро таркиби ҷиноят дар Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ мегардад, на дар худи кирдор» [330, с. 462].

Фаҳмидани робитаи таркиби ҷиноят бо асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ҷойи ин мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ равшантар гардад. Аммо дар ин масъала миёни олимон то ҳол ягонагии назар нест. Бархе асоси ҷавобгариро дар таркиби ҷиноят мебинанд, баъзеи дигар дар худи ҷинояти мушаххас, гурӯҳи сеюм бошад онро дар мувофиқ омадани нишонаҳои кирдори содиршуда ба нишонаҳои дар Қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда медонад.

То замоне ки ин масъалаҳо равшан нашаванд, фаҳмиши нормативистии таркиби ҷиноят низ пурра устувор намегардад, зеро дар дохили худ ҳанӯз баъзе зиддиятҳоро нигоҳ медорад. Масалан, А. П. Козлов асоснок қайд менамояд, ки: «таркиби ҷиноят дар фаҳмиши нормативистӣ наметавонад ба сохтори меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ ворид карда шавад, зеро он яке аз унсурҳои меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ -диспозитсияро иваз мекунад. Диспозитсия дар асл модели намуди ҷиноят мебошад ва аз ҷиҳати ҳаҷм ба таркиби ҷиноят баробар меояд. Дар чунин шароит тасаввуррот дар бораи таркиби ҷиноят ҳамчун модели назариявии сохтори ҷиноят маънои худро аз даст медиҳад» [57, с. 751].

Агар ба мавқеи нормативистҳо муроҷиат намоем, бояд таъкид кард, ки дар доираи чунин мавқеъ мазмуни категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ -»таркиби ҷиноят» ба таври ҷиддӣ тағйир меёбад. Тибқи ин назар, вазифаи асосии таркиби ҷиноят: мустаҳкам намудани аломатҳои кирдор, ки барои бандубасти он заруранд амалан ба худи меъёри мушаххаси Қонуни ҷиноятӣ интиқол дода мешавад. Ба ибораи дигар, дар фаҳмиши нормативистӣ таркиби ҷиноят нақши дуюмдараҷаро иҷро менамояд, зеро функсияи асосии ҳуқуқӣ оид ба муайян намудани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бевосита аз ҷониби матни Қонун амалӣ карда мешавад.

Ин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки чаро мавқеи нормативистӣ ба муқаррароти расмии КҶ ҶТ такя намуда, таркиби ҷиноятро асосан ҳамчун воситае баррасӣ мекунад, ки аломатҳои аллакай дар меъёри ҳуқуқӣ пешбинишударо мустаҳкам месозад, на ҳамчун категорияи мустақили таҳлилӣ барои баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва гуноҳи шахс. Чунин мавқеъ таркиби ҷиноятро аз матни Қонун сахт вобаста намуда, мустақилияти назариявии онро коҳиш дода, имконияти таҳлили кирдори воқеии субъектро дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳдуд мекунад.

Ҳангоми ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон фарқиятҳои муҳимми мавқеҳоро дар муайян намудани мафҳум ва Аҳаммияти «таркиби ҷиноят» ҷудо кард. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ маъмулан мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ фарқ карда мешаванд, ки мутаносибан моҳияти расмӣ ва расмӣ-моддии таркиби ҷиноятро инъикос менамоянд. Нормативистҳо диққати асосиро ба матни Қонун равона намуда, таркиби ҷиноятро ҳамчун воситаи мустаҳкам намудани аломатҳои кирдор, ки дар меъёри мушаххас пешбинӣ шудаанд, баррасӣ мекунанд. Объективистҳо бошанд бар онанд, ки таркиби ҷиноят сохтори нисбатан мустақил буда, маҷмуи аломатҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии кирдорро, ки, ба истилоҳ «скелети» ҷиноятро ташкил дода имкон медиҳад моҳияти дохилии онро аз ҳолатҳои берунии иловагӣ ҷудо намоем, дар бар мегирад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии ҶТ бо таҳрири амалкунандаи Кодекси ҷиноятӣ мавқеи объективистӣ мувофиқтар ба назар мерасад. Ин мавқеъ имкон медиҳад таркиби ҷиноят ба таври фарогир арзёбӣ гардад, зеро дар он ҳам аломатҳои объективӣ ва тарзҳои содир шудани кирдор, ҳам тарафи субъективӣ ва ҳам хавфнокии ҷамъиятӣ ба назар гирифта мешаванд, дар ҳоле ки сохтори дақиқи таҳлили ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад. Чунин мавқеъ ба ҳамоҳанг гардидани муқаррароти назариявии ҳуқуқи ҷиноятӣ бо амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намуда, ба бандубасти дақиқтари ҷиноятҳо, риояи принсипи Қонуният ва адолат ҳангоми таъини ҷазо мусоидат мекунад.

Зери мафҳуми таркиби ҷиноят бояд категорияи калидии ҳуқуқи ҷиноятӣ фаҳмида шавад, ки ҳамчун асоси Қонунии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мутобиқи Қонунгузории амалкунанда хизмат мекунад. Ин категория маҷмуи аломатҳои расмӣ-моддиро инъикос менамояд, ки ҳам тарафи объективӣ ва ҳам тарафи субъективии кирдори зиддиҳуқуқии барои ҷамъият хавфнокро тавсиф мекунанд. Вобаста ба чунин мавқеъ таркиби ҷиноят имкон медиҳад дар кирдори мушаххас мавҷуд будани ҷиноят дар муқоисаи ҳолатҳои воқеӣ бо критереиятҳо бо Қонун муқарраршуда муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, таркиби ҷиноят ҳамзамон функсияи назариявӣ ва амалиро иҷро мекунад: аз як тараф, он ҳамчун асоси методологӣ барои таҳлили кирдор дар таҳқиқоти илмӣ хизмат менамояд, аз ҷониби дигар бошад, ҳамчун воситаи бандубасти ҷиноятҳо дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода мешавад ва Қонуният, адолат ва мутаносибии татбиқи ҷазоро таъмин мекунад.

Таркиби ҷиноят ҳамчун категорияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои Аҳаммияти бисёрҷанба буда, дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ як қатор функсияҳои муҳимро иҷро мекунад. Пеш аз ҳама, он бандубасти дурусти кирдори зиддиҳуқуқиро таъмин намуда, имкон медиҳад аломатҳои мушаххаси ҳаракат ё беҳаракатии шахс муайян карда шаванд ва ҳамзамон ҳуқуқу озодиҳои ӯ, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ кафолат дода шудаанд, риоя гарданд. Сохтори назариявии таркиби ҷиноят имкон медиҳад аз баҳодиҳии умумии рафтори гунаҳгор ба муайян

намудани асоси ҳадди ақал ва кофии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс гузарем, ки ин ба дақиқӣ ва адолати фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат менамояд.

Хулоса:

Таҳлили таносуби мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосири низоми ҳуқуқии ҶТ мавқеи объективистӣ мувофиқтар ба назар мерасад. Бартарии ин мавқеъ дар он аст, ки баҳодиҳии кирдор бо дарназардошти аломатҳои расмӣ-моддӣ анҷом дода мешавад, ки ҳам дар КҶ ҶТ мустаҳкам гардидаанд ва ҳам дар воқеияти амалии ҳаёт зоҳир мешаванд. Чунин мавқеъ таркиби ҷиноятро ҳамчун сохтори ягонаи бо хавфнокии ҷамъиятӣ алоқаманд баррасӣ намуда, имкон намедиҳад хавфнокии ҷамъиятии хоси ҳар як ҷиноят нодида гирифта шавад. Ин ҳолат ба муқаррароти **м.11 КҶ ҶТ**, ки тибқи он таркиби ҷиноят асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, мутобиқат мекунад.

Чунин тавзеҳ додан ё дақиқтар фаҳмидани таркиби ҷиноят аз ҷиҳати назариявӣ муҳим аст. Он метавонад норавшаниҳоеро, ки ҳангоми бандубасти кирдорҳои камАҳаммият ба миён меоянд, кам кунад ва хатогиҳои ҳуқуқтатбиққуниро пешгирӣ намояд. Чунин мавқеъ ба баланд гардидани дақиқии бандубасти ҳуқуқи ҷиноятӣ, риояи принсипи Қонуният ва таҳкими адолат ҳангоми таъини ҷазо мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти муқоисавии мавқеи объективистӣ ва мавқеи нормативистӣ нисбат ба фаҳмиши таркиби ҷиноят нишон медиҳад, ки назарияи объективистӣ ба рушди консепсияи умумии таркиби ҷиноят бештар мусоидат мекунад. Агар таркиби ҷиноят, мисли худи ҷиноят, ҳамчун падидаи воқеӣ фаҳмида шавад, пас хавфнокии ҷамъиятӣ танҳо ба як ҷузъи он маҳдуд намемонад. Дар чунин ҳолат ин аломат метавонад ба ҳамаи унсурҳо ва нишонаҳои таркиби ҷиноят дахл дошта бошад.

Аз нуқтаи назари мавқеи нормативистӣ, таркиби ҷиноят ҳамчун зуҳуроти зиддиҳуқуқии ҷиноятӣ баррасӣ мешавад ва аз ин рӯ нақши он метавонад қисман бо худи матни меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ иваз гардад. Дар

чунин мавқеъ, аввалан, таркиби ҷиноят бевосита дар раванди бандубасти кирдори ҷиноятӣ иштирок намекунад, зеро бандубаст тавассути муқоисаи хусусиятҳои кирдори содиршуда бо муқаррароти меъёри дахлдори Қонун анҷом дода мешавад; дуюм, таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан хизмат мекунад, дар ҳоле ки худи кирдор асоси воқеии чунин ҷавобгарӣ ба ҳисоб меравад.

Бар хилофи мавқеи нормативистӣ, консепсияи пешниҳодшуда ба сохтори кирдори содиршуда такя мекунад, ки унсурҳо ва аломатҳоеро дар бар мегирад, ки гунаҳгорӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мушаххасро инъикос мекунанд. Дар натиҷа, таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ягонаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баромад мекунад.

Муаллиф таркиби ҷиноятро дар робита бо навъи мушаххаси ҷиноят мефаҳмад. Яъне ин мафҳум танҳо дар матни Қонун маънои ҳуқуқӣ пайдо мекунад ва маҳз Қонун муайян месозад, ки кадом нишонаҳо барои як ҷинояти муайян заруранд.

Агар равишҳои нормативистӣ ва объективистӣ ба ҳам наздик карда шаванд, таркиби ҷиноятро метавон ҳамчун шакле фаҳмид, ки дар он ҷиноят пурратар инъикос меёбад. Дар ин сурат он танҳо маҷмуи нишонаҳои расмӣ намемонад, балки ҳам зиддиҳуқуқӣ, ҳам гунаҳгорӣ ва ҳам хавфнокии ҷамъиятии кирдорро дар бар мегирад.

5.4. Намудҳои таркиби ҷиноят

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамаи таркибҳои ҷиноят вобаста ба як қатор ҳолатҳо ба намудҳои муайян тасниф карда мешаванд. Одатан чунин тасниф пешниҳод мегардад:

1. Аз рӯи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ:

а) таркиби асосӣ – нишонаҳоеро дар бар мегирад, ки барои ҳамин навъи ҳуқуқвайронкунӣ заруранд ва ҳангоми содир шудани ҷинояти мушаххас ҳамеша ҷой доранд;

б) таркиби бандубастшаванда (таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда) - илова бар аломатҳои таркиби асосӣ аломатҳои махсусеро дар бар мегирад, ки нисбат ба таркиби асосӣ ҷазои вазнинтарро муқаррар месозад;

в) таркиби махсусан бандубастшаванда – чунин нишонаҳоеро дар бар мегирад, ки хавфнокии кирдорро бештар карда, боиси пешбинӣ шудани ҷазои сахттар мегарданд;

г) таркиби имтиёзнок – дар баробари нишонаҳои таркиби асосӣ, аломатҳои махсусеро дар бар мегирад, ки ҷазоро нисбат ба таркиби асосӣ сабуктар месозанд.

Бояд қайд кард, ки баъзе муаллифон нисбат ба таркибҳои бандубастшаванда, махсусан бандубастшаванда ва имтиёзнок тарзи дигари ҷудосозиро пешниҳод мекунанд: аломатҳои бандубастшавандаи дараҷаи I (қ. 2), аломатҳои бандубастшавандаи дараҷаи II (қ. 3), аломатҳои бандубастшавандаи дараҷаи III (қ. 4). Дар корҳои қаблии худ ин муаллифон таснифи анъанавиро пешниҳод карда буданд [47, с. 350].

2. Аз рӯи сохтори таркиб:

а) таркиби моддӣ - ҷиноят аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани оқибати ҷиноятӣ, ки дар диспозитсияи меъёр тавсиф шудааст, хотимаёфта ҳисобида мешавад;

б) таркиби расмӣ - ҷиноят аз лаҳзаи содир шудани худи кирдори ҷиноятӣ, новобаста аз ба вуҷуд омадани оқибатҳо, хотимаёфта эътироф мешавад;

в) таркиби кутоҳкардашуда - ҷиноят бо сабаби хавфнокии баланди кирдор дар марҳилаҳои барвақттар: тайёрӣ ё суиқасд хотимаёфта ҳисобида мешавад.

3. Аз рӯйи сохтор:

а) таркиби оддӣ – ҳолатест, ки Қонун нишонаҳои ҷиноятро ба шакли яклухт ва бе мураккабсозии иловагӣ нишон медиҳад;

б) таркиби мураккаб – ҳолатест, ки дар он нишонаҳои ҷиноят васеътар ифода мешаванд: масалан, ду объект, якчанд ҳаракат ё якчанд оқибати ҷиноятӣ нишон дода мешавад;

в) таркиби алтернативӣ - Қонун ҳамчун ҷиноят содир намудани ҳадди ақал яке аз кирдорҳое, ки дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон дода шудаанд, эътироф мекунад.

Ҳамин тариқ, таркиби ҷиноят бояд ҳамчун категорияи бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ карда шавад, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври меъёрӣ мустаҳкам гардида, маҷмуи низомноки аломатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ Аҳаммиятдоштаи кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнок ва сазовори ҷазоро инъикос менамояд. Ин категория дар худ хусусиятҳои типологии таҷовузи ҷиноятиро муттаҳид намуда, имкони дарки назариявӣ ва ҷудокунии меъёрии онро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Мазмуни сохтории таркиби ҷиноят дар ягонагӣ ва робитаи мутақобилаи унсурҳои ҳатмии он: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ ифода меёбад, ки маҷмуи онҳо модели универсалии ҷиноятро ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Муайян ва таҳлил намудани ин унсурҳо имкон медиҳад хусусияти ҳар як таркиби ҷинояти алоҳида ошкор гардида, ҷойгоҳи он дар низоми умумии манъкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда шавад.

Аз нуқтаи назари функсионалӣ, таркиби ҷиноят ҳамчун асоси ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва шарти зарурии бандубасти кирдори барои ҷамъият хавфнок мутобиқи талаботи Қонуни ҷиноятӣ баромад мекунад. Он функсияи фарқгузориро иҷро намуда, ҷиноятҳоро аз рӯи дараҷа ва хусусияти хавфнокии ҷамъиятӣ ҷудо мекунад ва ҳамзамон кирдори ҷиноятиро аз дигар шаклҳои рафтори иҷтимоӣ, ки хусусияти ҷиноятӣ надоранд, фарқ менамояд. Ғайр аз ин, тавассути муайян намудани таркиби ҷиноят ҳудудҳои ҷазодиҳии кирдор муайян мегарданд, ки дар маҷмӯъ имкон медиҳад онро ҳамчун яке аз кафолатҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ барои амалӣ намудани принсипи конститутсионии озодии шахсӣ ва дахлнопазирии шахсият баррасӣ намоем [299, с. 188-190].

Содир гардидани кирдори ҷиноятӣ метавонад бо ба вуҷуд омадани оқибатҳои моддӣ ё ғайримоддӣ ҳамроҳ бошад, ки дар тарафи объективии

таркиби ҷиноят инъикос меёбанд. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифодаи таркиби моддӣ одатан бо он намудҳои ҷиноят алоқаманд аст, ки барои онҳо расонидани зарари мушаххаси барои ҷамъият хавфнок, ки онро муайян кардан мумкин аст, хос мебошад.

«Дар доираи таркиби моддии ҷиноят, тарафи объективӣ хусусияти васеъ дошта, на танҳо тавсифи кирдори манъшуда (ҳаракат ё беҳаракатӣ)-ро дар бар мегирад, балки ҳамчунин ишораи ҳатмӣ ба ба вуҷуд омадани оқибатҳои муайяни барои ҷамъият хавфнокро низ дар бар мегирад, ки бо кирдори содиршуда дар робитаи сабабӣ қарор доранд. Муайян намудани чунин оқибатҳо шарти зарурии эътироф намудани ҷиноят ҳамчун анҷомёфта ва, мутаносибан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мебошад» [155, с. 864].

Мувофиқи ин меъёр, таркиби моддии ҷиноят чунин таркибест, ки дар байни аломатҳои он оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мавҷуд мебошанд, дар ҳоле ки таркиби ғайримоддӣ чунин аломатро дар бар намегирад.

Меъёри дигар лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноят мебошад [59, с. 353]. Ба андешаи Д. В. Решетникова, «Равшан аст, ки лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят бевосита бо масъалаи даврaҳои содир шудани он алоқаманд мебошад» [291, с. 132-136]. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ин муқаррарот бештар ба ҷиноятҳои қасдона дахл дорад, зеро дар доираи ҷиноятҳои беэҳтиётӣ назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан аз категорияи марҳилаҳои фаъолияти ҷиноятӣ истифода намекунад. Тибқи ин меъёр, таркиби моддии ҷиноят чунин сохтори Қонунгузорӣ мебошад, ки дар он кирдор танҳо дар ҳолати ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки Қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, анҷомёфта ҳисобида мешавад. Дар навбати худ, таркиби ғайримоддӣ бо он фарқ мекунад, ки ҷиноят аз лаҳзаи содир шудани худи кирдор ё ҳатто дар марҳилаи фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани он анҷомёфта ҳисобида мешавад.

Истифодаи чунин меъёри тасниф имкон медиҳад таркибҳои ғайримоддии ҷиноят ба таркиби расмӣ ва таркиби кӯтоҳкардашуда ҷудо карда шаванд. Дар таркиби расмӣ лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноят ба давраи

иҷрои кирдори ҷиноятӣ мувофиқат мекунад, дар ҳоле ки дар таркиби кӯтоҳкардашуда Қонунгузор анҷоми ҷиноятро бо давраи тайёрӣ, яъне бо фароҳам овардани шароит барои содир намудани таҷовузи ҷиноятӣ, алоқаманд менамояд.

Ҳангоми баррасии сифати Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун маҷмуи хусусиятҳое, ки ба шакл ва мазмуни он хос буда, қобилияти Қонунро барои танзими самараноки муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин мекунанд, дар доираи таҳқиқоти мазкур кӯшиш карда мешавад Аҳаммият ва арзиши таркибҳои моддии ҷиноят ҳамчун воситаи расидан ба сатҳи оптималии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок карда шавад [294, с. 25-28].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидае устувор вуҷуд дорад, ки шиддатнокии таъқиби ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд дар робитаи мустақим ва мутаносиб бо дараҷаи амалӣ гардидани қасди ҷиноятии шахс қарор дошта бошад. Аммо таҳлили Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин принсип на ҳамеша ба таври пайдарпай ва низомнок дар меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ инъикос ёфтааст.

Масалан, диспозитсияи моддаи 310 КҶ ҶТ «Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ» ба кирдор новобаста аз он ки марги ҷабрдида ба вуҷуд омадааст ё не, баҳои якхелаи ҳуқуқи ҷиноятӣ медиҳад. Аз нуқтаи назари принсипҳои адолат ва фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин муносибат ба қадри кофӣ асоснок ба назар намерасад. Мушоҳидаҳои монанд нисбат ба сохтори моддаи 308 КҶ ҶТ «Ҷосусӣ» низ ба миён меоянд, ки дар доираи он ҳам воқеан супоридани маълумоти дорои сирри давлатӣ ба шахси қабулкунанда ва ҳам ҳаракатҳое, ки танҳо ба омодагӣ барои чунин ҳаракат, яъне супоридан равона шудаанд (аз ҷумла ҷамъоварӣ, тасарруф ё нигоҳдории чунин маълумот бо ҳамин мақсад), якхел бандубаст карда мешаванд.

Пурзӯр намудани ҷазодиҳии кирдор тавассути нодида гирифтани фарқиятҳо дар андозаи амалишавии қасди ҷиноятӣ ва даст кашидан аз фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба марҳилаи фаъолияти ҷиноятӣ қобили қабул нест. Аз ин рӯ, ворид намудани ишораҳо ба шаклҳои омодагии

кирдорҳои ҷиноятӣ дар диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба вазифаҳои танзими одилонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгӯ нест ва бояд бо мақсади таъмин намудани фарқгузории дурусти ҷавобгарии ҷиноятӣ аз онҳо даст кашида шавад.

Бо вуҷуди ин, тавре ки Д.В. Решетникова дуруст қайд мекунад, мустаҳкам гардидани таркибҳои расмии ҷиноят дар матни КҶ на танҳо бо иродаи Қонунгузор, балки бо мавҷудияти як қатор омилҳои объективӣ низ вобаста мебошад, ки ба хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда ва тарзи расонидани зарар ба онҳо алоқаманданд [291, с. 132-136].

Ба ҷумлаи чунин омилҳои объективӣ, ки истифодаи таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашудаи ҷиноятро аз ҷониби Қонунгузор асоснок менамоянд, метавон зеринро мансуб донист:

– хусусияти ғайримоддии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки имкони ифодаи дақиқи миқдорӣ ё сифатии онҳоро истисно мекунад;

– мушкилӣ ё ҳатто номумкин будани сабти дурусти чунин оқибатҳо дар амалияи Қонунгузорӣ ва судӣ, инчунин мушкилоти марбут ба исботи мурофиавӣ;

– дур будани лаҳзаи ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок аз лаҳзаи содир шудани ҳаракат ё беҳаракатии ғайриҚонунӣ, ки муайян намудани робитаи сабабиро душвор мегардонад.

Дар баробари ин, дар баробари чунин омилҳои объективӣ, наметавон мавҷудияти омили субъективӣро низ истисно кард, ки дар талоши Қонунгузор барои пурзӯр намудани таъқиби ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад. Чунин пурзурсозии ҷавобгарӣ на тавассути вазнин намудани санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки тавассути ба давраи пештари амалӣ гардидани қасди ҷиноятӣ гузаронидани лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноят ба даст оварда мешавад.

Сабабҳое, ки Қонунгузор ба ҷойи пурзӯр намудани мустақими санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз усули «кӯтоҳкардани» таркиби ҷиноят истифода мебарад, метавонанд гуногун бошанд. Аз ҷумла, пурзур намудани ҷазо метавонад бо тамоюли либерализатсияи Қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар марҳилаи муосир яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, дар зиддият қарор гирад [272, с. 14-18].

Давлат барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва нигоҳ доштани амнияти ҳуқуқӣ нисбат ба баъзе гурӯҳҳои ҷиноятҳо муносибати сахттарро зарур мешуморад. Аз ҳамин сабаб, таъсири ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба чунин шахсон нигоҳ дошта мешавад ва дар ҳолатҳои асоснок метавонад пурзӯр гардад. Аммо бо риояи сиёсати эълоншудаи либерализатсияи Қонунгузории ҷиноятӣ, давлат амалан имконияти амалӣ намудани чунин пурзӯркуниро тавассути механизмҳои махсуси ҳуқуқӣ маҳдуд мекунад. Дар чунин шароит, сохтани таркибҳои ҷинояте, ки дар онҳо лаҳзаи анҷоми ҳуқуқии ҷиноят бо марҳилаи барвақттари амалӣ гардидани қасди ҷиноятӣ алоқаманд мегардад, ҳамчун воситаи ба таври пинҳонӣ пурзӯр намудани таъқибнамоии ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, чунин техникаи Қонунгузорӣ, новобаста аз бетарафии зоҳирии худ, ногузир ба оқибатҳои манфие оварда мерасонад, ки қаблан зикр гардиданд. Таъмини сифати зарурии Қонуни ҷиноятӣ талаб менамояд, ки аз усулҳои намоишкорона ё ҷубронкунанда дар фаъолияти Қонунэҷодкунӣ даст кашида шуда, воситаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо мувофиқи таъиноти функсионалии онҳо истифода гарданд.

Маълум аст, ки пурзӯр намудани ҷазои ҷиноятӣ ҳудди объективӣ дорад, ки дар муқаррароти Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои намудҳои муайяни ҷазо муқаррар гардидаанд. Аз ин рӯ, муроҷиати Қонунгузор ба таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашудаи ҷиноят метавонад ҳамчун кӯшиши ҷуброн намудани ғайриимконии пурзӯр намудани минбаъдаи санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ арзёбӣ гардад. Ба таври назаррас баланд бардоштани ҳадди поёнии ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян низ дар аксари ҳолатҳо душвор ё ҳатто номумкин

мебошад, ки ин ҳолат истифодаи чунин сохторҳои Қонунгузориро боз ҳам бештар ҳавасманд мегардонад.

Мавҷудияти таркибҳои ғайримоддии ҷиноятро инчунин бо ӯҳдадориҳои байналмилалии давлат асоснок кардан мумкин аст. Дар баъзе ҳолатҳо давлат вазифадор мешавад, ки кирдорҳои муайянро дар Қонунгузории ҷиноятӣ манъ намуда, барои содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кунад [289, с. 397-399]. Дар баробари ин, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, одатан, хусусияти умумӣ дошта, танҳо аломатҳои умумии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро муайян мекунанд, ки давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадор мешаванд онҳоро ҳамчун ҷиноят эътироф намуда, ҷалби шахсони гунаҳгорро ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин намоянд. Аз ин рӯ, Қонунгузори миллӣ ҳақ дорад чунин манъкуниҳоро бо дарназардошти низоми ҳуқуқии дохилӣ дақиқ намояд. Муҳим он аст, ки онҳо ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати тарзи навишт ба қоидаҳои ҳуқуқии миллӣ мувофиқ бошанд.

Бар хилофи таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашуда, таркиби моддии ҷиноят дорои Аҳаммияти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, ҳамчун яке аз кафолатҳои муҳимми татбиқи муқаррароти вобаста ба радкунии ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят баромад мекунад. Тибқи мазмуни м. 34 КҶ, радкунии ихтиёрӣ то лаҳзаи анҷоми ҳуқуқии ҷиноят имконпазир мебошад.

Мақсади иҷтимоӣ-ҳуқуқии ин институт дар ҳавасманд намудани шахс ба қатъ намудани фаъолияти равонашуда ба фароҳам овардани шароит барои содир намудани ҷиноят, инчунин даст кашидан аз ҳаракат (ё беҳаракатӣ), ки бевосита ба амалӣ намудани қасди ҷиноятӣ нигаронида шудаанд, ифода меёбад [41, с. 86]. Истифодаи таркиби моддии ҷиноят аз ҷониби Қонунгузор мавҷудияти фосилаи оптималии вақтро таъмин мекунад, ки дар доираи он шахс имконияти воқеии қабули қарор оид ба ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро нигоҳ медорад. Баръакс, истифодаи таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашудаи ҷиноят ба таври объективӣ ба коҳиши назарраси чунин фосилаи вақт оварда мерасонад ва бо ин роҳ имконияти амалии татбиқи институти ихтиёрӣ даст

кашидан аз ҷиноятро маҳдуд намуда, Аҳаммияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳавасмандкунандаи онро коҳиш медиҳад [59, с. 353].

Фаҳмиши лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии баъзе ҷиноятҳо бештар аз тарзи тафсири муқаррароти Қонуни ҷиноятӣ вобаста мебошад. Масалан, мувофиқи мавқеи як қатор мутахассисон, моил намудани шахс ба истеъмоли воситаҳои нашъадор (м. 202 КҶ ҶТ) ҳамчун ҷинояте баррасӣ мешавад, ки аз лаҳзаи оғози таъсири воқеӣ ба шахси мавриди моилкунӣ хотимаёфта ҳисобида мешавад, новобаста аз он ки баъд аз ин маводди нашъадор истеъмол карда шудааст ё не [63, с. 298].

Муаллифони дигар хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноятро бо додани розигии шахси мавриди моилкунӣ барои истеъмоли воситаҳои алоқаманд медонанд [63, с. 298]. Мавқеи сеюм бошад бар он асос меёбад, ки чунин ҷиноят аз лаҳзаи истеъмоли маводди мухаддир аз ҷониби шахси моилшуда анҷомёфта ҳисобида шавад [252, с. 56-64].

Дар ҳақиқат, масъалаи тафсири исмҳои аз феъл ҳосилшуда, ки калимаи «моилкунӣ» низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад, то имрӯз мушкилоти ҳалнашуда боқӣ мемонад [365, с. 19]. Чунин исмҳо метавонанд ҳам аз феълҳои шакли тамомшуда ва ҳам аз феълҳои шакли нотамом ҳосил гарданд. Дар ин ҳолат, исмҳое, ки аз феълҳои нотамом ба вуҷуд омадаанд, раванди иҷрои кирдорро инъикос мекунанд, ки ҳанӯз ба анҷоми мантиқии худ нарасидааст, дар ҳоле ки исмҳое, ки аз феълҳои тамомшуда бармеоянд, ба анҷом расидани пурраи кирдорро нишон медиҳанд.

Аз ин рӯ, танҳо дар асоси таҳлили грамматикӣ муайян намудани лаҳзаи анҷоми ҳуқуқии чунин ҷиноятҳо имконнопазир мебошад. Бо дарназардошти ҳолатҳои мазкур, мақсаднок ба назар мерасад, ки анҷоми ҳуқуқии чунин ҷиноятҳо бо назардошти марҳилаи дертарини амалӣ гардидани кирдор муайян карда шавад.

Дар ин замина таркиби моддии ҷиноят ҳамчун воситаи муҳимми таъмин намудани сифати Қонуни ҷиноятӣ баромад мекунад, гарчанде имкониятҳои он дар амалияи муосир танҳо қисман истифода мешаванд. Истифодаи таркибҳои

моддӣ имкон медиҳад фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври пайдарпай ва якхела таъмин карда шавад, ҳаҷми матни Қонунгузории ҷиноятӣ оптимизатсия гардад ва ҳамзамон кафолати боэътимоди ҳуқуқӣ барои татбиқи институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ба вуҷуд оварда шавад.

Таркиби расмии ҷиноят

Таркиби расмии ҷиноят бо он тавсиф мешавад, ки меъёри ҳуқуқ тарафи объективии кирдорро асосан тавассути нишон додани аломатҳои худи ҳаракати ҷиноятӣ тавсиф мекунад. Дар чунин ҳолат диққати асосӣ ба унсурҳои кирдори шахсе равона мегардад, ки ҷиноятро содир кардааст. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки дар таркиби расмӣ, бар хилофи таркиби моддӣ, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ба тавсифи тарафи объективӣ дохил намешаванд; ҳатто агар чунин оқибатҳо ба вуҷуд оянд, онҳо ба ҳолатҳои вазнинкунанда таъсир намерасонанд ва барои зиёд намудани ҷазо асос намегарданд.

Бандубасти кирдорҳо аз рӯи таркибҳои расмӣ, одатан, нисбат ба таҷовузҳо ба объектҳои ғайримоддӣ татбиқ мегардад. Аз нигоҳи таърихӣ, ҷудо намудани таркибҳои моддӣ ва расмии ҷиноят аз доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии олмонӣ сарчашма мегирад. Дар ин замина асосгузори низомсозии ҷиноятҳо аз рӯи меъёрҳои расмӣ ва моддӣ Э. Абегг ба ҳисоб меравад, ки корҳои илмии ӯ заминаи назариявии чунин таснифро дар илми ҳуқуқи ҷиноятии аврупоӣ гузоштаанд [160, с. 581; 291, с. 132-136].

Аз нуқтаи назари доктриналӣ, ҷиноятҳое, ки дорои таркиби расмӣ мебошанд, бо назардошти хусусияти сохтори ҳуқуқии меъёри ҷиноятӣ, одатан ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ намекунанд. Аммо чунин мавқеъ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша ба таври бечунучаро қабул нашудааст. Масалан, Н.Ф. Кузнесова чунин фаҳмишро танқид намуда, онро ба қадри кофӣ асоснок намешуморид [77, с. 336].

Дар мақолаи худ Н.Е. Крилова далелҳои Н.Ф. Кузнесоваро муфассал таҳлил намуда, ба мавқеи ӯ оид ба номувофиқ будани қабул кардани бевоситаи таснифи таркибҳои ҷиноят аз доктринаи хориҷӣ ишора мекунад [248, с. 15-28].

Ба андешаи Н. Ф. Кузнесова, категорияи «таркиби ҷиноят» дар давлатҳое, ки дорои анъанаҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, мазмун ва функсияҳои гуногун дорад. Аз ин рӯ, нусхабардории бевоситаи таснифоти хориҷӣ на танҳо мақсаднок нест, балки метавонад аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ нодуруст низ бошад [77, с. 336].

Фарқиятҳои забонӣ, инчунин хусусиятҳои Қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ имконияти қабул кардани мустақими баъзе муқаррароти ҳуқуқиро маҳдуд мекунанд, ҳатто дар ҳолате ки онҳо ба як оилаи ҳуқуқӣ мансуб бошанд. Гарчанде ки аксари муаллифон эътироф мекунанд, ки ҳангоми содир шудани ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ низ метавонанд оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд оянд, онҳо таъкид менамоянд, ки ворид намудани чунин оқибатҳо ба тавсифи тарафи объективии ҷиноят шарт нест.

Бо мавқеи Н. Е. Крилова розӣ шудан мумкин аст, ки ба он назар аст, ки истифодаи таркиби расмӣ ҳангоми бандубасти кирдор дар баъзе ҳолатҳо метавонад ба вайрон шудани принсипҳои бунёдии таълимот дар бораи ҷиноят ва таркиби он оварда расонад. Ҳангоми таҷовуз ба объекте, ки аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ ҳифз мешавад, кирдори шахс ба ин ё он шакл ба ин объект зарар мерасонад ё ба тамомият ва амнияти он таҳдид мекунад (масалан, дар ҳолати суиқасд).

Тафсири нодурусти доктриналии таркибҳои расмии ҷиноят аз ҷониби баъзе муҳаққиқон ба он оварда мерасонад, ки мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда камАҳаммият будани кирдорро, ки яке аз аломатҳои рафтори ғайриҷиноятӣ мебошад, ба назар намегиранд. Аз ҷумла, Д. А. Гарбатович ҳолатҳои бандубасти кирдорҳои камАҳаммиятро, ки аломатҳои таркиби расмиро доранд, таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки дар як қатор ҳолатҳо судяҳо аз эътироф намудани чунин кирдорҳо ҳамчун камАҳаммият худдорӣ мекунанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки танҳо кирдорҳое метавонанд дорои аломати камАҳаммиятӣ бошанд, ки таркиби моддӣ доранд, дар ҳоле ки ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ аз рӯи табиати худ наметавонанд ба чунин гурӯҳ мансуб

бошанд. Илова бар ин, Д. А. Гарбатович ба хатогиҳои бандубаст ишора мекунад, ки ҳангоми пешниҳод накардани далелҳои камАҳаммиятии кирдор аз ҷониби тарафи айбдоркунӣ [210, с. 13-164], дарки нодурусти мазмуни манъи муқарраршуда дар Кодекси ҷиноятӣ, баҳодиҳии нодурусти ангеза ва мақсади кирдор, инчунин баррасӣ накардани масъалаи татбиқи қ. 2 м. 14 КҶ ФР (қ.2 м.17 КҶ ҶТ) ба вуҷуд меоянд [210, с. 13-164].

Ҳамин тариқ, дар илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи таносуби хавфнокии ҷамъиятӣ бо таркибҳои расмии ҷиноят ҳамчун масъалаи баҳснок баррасӣ мешавад. Дар аксари дастурҳои таълимӣ ва корҳои илмӣ таъкид мегардад, ки дар яке аз маъноҳои худ таркиби расмӣ чунин сохтори ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ба шумораи аломатҳои тарафи объективии ҷиноят дохил намешаванд. Дар чунин фаҳмиш таркибҳои расмӣ ба таркибҳои моддӣ муқобил гузошта мешаванд, ки барои онҳо мавҷудияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок унсури ҳатмии бандубасти кирдор ба ҳисоб меравад [291, с. 132-136].

Дар дастурҳои таълимии М. И. Ковалев [55, с. 591], Е. Л. Харковский [164, с. 197], С. Л. Никонович [163, с. 176], И. В. Дворянсков [160, с. 581], К. А. Насреддинова [101, с. 243], Ф. Р. Сундуров [155, с. 864] ва дигар муаллифон мавод оид ба хусусиятҳои таркиби расмии ҷиноят ба тавре пешниҳод мешавад, ки аломати хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят гӯё дар зери сояи набудани талаботи ҳатмӣ оид ба ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок қарор мегирад.

Дар натиҷаи вазъияти мазкур мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда баъзан ҳангоми бандубасти кирдорҳое, ки ба таркибҳои расмии ҷиноят мансубанд, ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Дар чунин ҳолатҳо мафҳуми камАҳаммият будани кирдор нодуруст бо таркиби расмӣ алоқаманд дониста намешавад, зеро аксари муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки ҳангоми бандубасти таркибҳои расмӣ ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ва расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда ба таркиби ҷиноят дохил карда намешаванд.

Дар ин замина савол ба миён меояд: оё мавқее, ки ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро ҳатмӣ намедонад, ба талаботи муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ мувофиқат мекунад? Таҳлили таносуби таркиби ҷиноят ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ, ки қаблан гузаронида шуд, имкон медиҳад ба ин савол ба таври равшан ҷавоби манфӣ дода шавад. Ҳамин тариқ, таркиби расмии ҷиноят дар ҷанбаи доктриналӣ ду мушкилии асосиро ба вуҷуд меорад:

– баррасии танҳо худи далели анҷом ёфтани кирдор, бе дарназардошти хавфнокии ҷамъиятии он, ба бандубасти нодурусти кирдорҳои камАҳаммият, ки дорои таркиби расмӣ мебошанд, оварда мерасонад;

– ҳатто агар дар матни Қонуни ҷиноятӣ ишораи мустақим ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ё зарари расонидашуда вуҷуд надошта бошад, ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳангоми бандубаст бояд нодида гирифта шаванд.

Дар натиҷа метавон ба чунин хулоса омад, ки доктринаи амалкунандаи ҷудо намудани таркибҳои ҷиноят ба расмӣ ва моддӣ универсалӣ нест ва тамоми мураккабии таносуби байни кирдор ва хавфнокии ҷамъиятии онро пурра инъикос намекунад.

Тавре ки қаблан таъкид гардид, нусхабардории мустақими таълимот дар бораи таркиби ҷиноят аз доктринаи хориҷӣ ба ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ самаранок ҳисобида намешавад, зеро дар рушди таърихӣ-ҳуқуқии Қонунгузории ҷиноятӣ ва мавқеҳои доктриналии ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқиятҳои назаррас мавҷуданд. Мушкилоте, ки ба таркибҳои расмии ҷиноят хос мебошанд, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳои мушаххас ба КҶ ҶТ-ро тасдиқ мекунанд, ки онҳо дар боби якуми таҳқиқоти мазкур баррасӣ гардидаанд.

Илова бар ин, таҳлил ва баҳодиҳии зарари ҷамъиятӣ, ки ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ ба вуҷуд меояд, имконият фароҳам меорад, ки дар ҳолатҳое, ки шахс шартҳои муқарраршудаи Қонунро риоя

мекунад, асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ татбиқ карда шаванд.

Ҳар як кирдори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда бо ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок алоқаманд мебошад. Ишораи Қонунгузор ба мавҷудият ё набудани чунин оқибатҳо дар диспозитсияи меъёри ҳуқуқ танҳо нишон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо зарари моддӣ ҳангоми муайян намудани мавҷудият ё ҳаҷми ҷавобгарии ҷиноятӣ нақши калидӣ мебозад. Гарчанде Қонунгузор дар баъзе ҳолатҳо бевосита ба ба вуҷуд омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ишора намекунад, зараре, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда расонида мешавад, дар воқеият вуҷуд дорад. Бар хилофи таркиби моддии ҷиноят, ҳангоми бандубасти таркибҳои расмӣ баҳодиҳии сифатии оқибатҳои ба вуҷудомада талаб карда намешавад, зеро андоза ё хусусияти зарари ба ҷабрдида расонидашуда ба баҳодиҳии ҳуқуқии кирдор таъсир намерасонад.

Таркиби кӯтоҳкардашудаи ҷиноят

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таркибҳои кӯтоҳкардашудаи ҷиноят аз таркибҳои расмӣ ҷудо карда шудаанд. Ф. Р. Сундуров қайд мекунад, ки таркибҳои кӯтоҳкардашуда нисбат ба таркибҳои расмӣ хусусияти хоси сохторӣ доранд, аммо дар айни замон дорои як қатор аломатҳои монанд мебошанд [155, с. 864].

Дар доираи танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ Қонунгузор сохтори кирдори ҷиноятиро ба тавре месозад, ки лаҳзаи анҷоми ҳуқуқии он ба марҳилаи барвақттари амалӣ гардидани кирдор интиқол дода мешавад. Дар натиҷа марҳилаи суиқасд, ки дар қ. 3 м. 32 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, амалан хориҷ мегардад ва ҳамин тавр лаҳзаи ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ ба таври расмӣ тағйир меёбад.

А. А. Денисюк ва Е. А. Шишенко пайдоиши ба истилоҳ «таркибҳои кӯтоҳкардашудаи ҷиноят»-ро бо сохтори назариявии ин навъи таркиб шарҳ медиҳанд. Ба андешаи онҳо, «сохтори таркиби кӯтоҳкардашуда аз эҳтиёҷи Қонунгузор барои таъмини ҳифзи соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти шаҳрвандон,

ҷомеа ва давлат ба вуҷуд меояд, ки ин ҳамчунин бо талаботи даврае муайян мегардад, ки дар он меъёрҳои дахлдор қабул карда мешаванд». Ҳамин тариқ, кӯтоҳ кардани таркиб ҳамчун воситаи сиёсати Қонунгузорӣ баромад мекунад, ки ба муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар марҳилаи барвақттари ҳаракатҳо, ки ба манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, равона шудааст [218, с. 730-733].

Дар чунин замина масъалаи татбиқи қ. 2 м. 33 КҶ ҶТ ба миён меояд, зеро институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят имкони татбиқи худро дар марҳилаҳои суиқасд ё тайёрӣ пешбинӣ мекунад, яъне дар ҳолате ки шахс иҷрои тарафи объективии кирдорро қатъ менамояд.

Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷудо намудани таркибҳои кӯтоҳкардашудаи ҷиноят ҳамчун категорияи мустақил, ки гӯё «кӯтоҳ намудани» сохтори Қонунгузориро пешбинӣ мекунад, комилан дуруст ҳисобида намешавад. Масалан, ба мисоли м. 249 КҶ ҶТ «Роҳзанӣ» муроҷиат намоем. Мувофиқи қ. 1 м. 249 КҶ ҶТ, роҳзанӣ ҳамчун «ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст» муайян карда мешавад. Ҷиноят аз лаҳзаи содир гардидани ҳуҷум бо чунин аломатҳо хотимаёфта ҳисобида мешавад.

Ба андешаи Н.Ф. Кузнесова, таркиби зикршуда наметавонад ҳамчун таркиби кӯтоҳкардашуда арзёбӣ гардад, зеро Қонунгузор таркиби «роҳзани»-ро пурра муайян кардааст ва шакли соддакардашудаи онро пешбинӣ накардааст. Хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдор равшан аст: шахсе, ки чунин ҷиноятро содир мекунад, ё ҳаракатҳои зӯроварона бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр анҷом медиҳад ё таҳдиди воқеии истифодаи зӯровариро ба вуҷуд меорад [77, с. 336].

Ҳамчунин мавқее мавҷуд аст, ки мувофиқи он, бар хилофи таркиби моддии ҷиноят, таркибҳои кӯтоҳкардашуда кафолати ҳуқуқии татбиқи институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро таъмин намекунанд. А. А. Денисюк, Е. А. Шишенко, А. И. Кокунов ва як қатор муҳаққиқони дигар ин

ҷиҳатро ҳамчун мушкилоти муҳимми доктринаи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ намуда, маҳдудияти чунин сохторҳоро аз нуқтаи назари ҳавасманд намудани шахс ба қатъ намудани фаъолияти ҷиноятӣ таъкид мекунанд [218, с. 730-733; 237, с. 105-108].

Ба андешаи А. И. Кокунов, Қонунгузор бояд аз истифодаи таркибҳои кӯтоҳкардашудаи ҷиноят худдорӣ намояд, зеро дар чунин ҳолатҳо шахсе, ки кирдор содир кардааст, имконияти пурраи татбиқи институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро надорад. Дар маҷмӯъ, мавқеи ин муҳаққиқ асоснок ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, тавре ки қаблан нишон дода шуд, Қонунгузор маҳз он таркибҳоро «кӯтоҳ» месозад, ки ҳатто дар марҳилаи оғози кирдори ҷиноятӣ, тайёрӣ ё суиқасд ба он, дорои хавфнокии баланди ҷамъиятӣ мебошанд. Дар чунин ҳолатҳо Кодекси ҷиноятӣ имконияти ихтиёран даст кашидан аз ҷиноятро истисно мекунад, зеро ҳатто амалҳои ибтидоӣ, ки ба иҷрои тарафи объективии кирдор равона шудаанд, аллакай ба муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби Қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонанд.

Мисоли овардаи А. И. Кокунов низ ҳамин ҳолатро тасдиқ мекунад. Дар ин ҳолат суд кирдори Т.-ро дуруст бандубаст кардааст, зеро таҳдиди истифодаи зӯроварӣ бо корди ҷайбӣ аллакай ба ҷабрдида зарари ҷамъиятӣ расонида буд, ки дар таъсири равонӣ ба ӯ зоҳир мегардид. Ҳамин тариқ, кирдори барои он ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда ногузир ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок оварда мерасонад ва ҳамчун таркиби кӯтоҳкардашуда арзёбӣ мегардад, зеро зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ новобаста аз ҳолатҳои мушаххаси содир шудани кирдор ба вуҷуд меояд. Чунин тасниф танҳо тарзи баҳодиҳии дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ ва таъсири онро ба бандубасти кирдор инъикос менамояд.

Ҳангоми ҷамъбасти таҳлил бояд қайд намуд, ки таснифи доктриналии мавҷудаи таркибҳои ҷиноят вобаста ба хусусиятҳои тарафи объективӣ ба таркибҳои моддӣ, расмӣ ва кӯтоҳкардашуда ҷудо карда мешавад.

Дар таркибҳои моддии ҷиноят масъалаи асосӣ муайян намудани робитаи сабабии байни ҳаракат ё беҳаракатии шахс ва оқибатҳои барои ҷамъият

хавфнок мебошад. Баҳодиҳии нодурусти таъсири кирдор ба оқибатҳои ба вуҷудомада метавонад ба татбиқи ғайриҚонунии Қонунгузории ҷиноятӣ аз сабаби гунаҳгоркунии объективӣ гардад.

Дар таркибҳои расмии ҷиноят мушкили асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ ва зарари расонидашуда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ на ҳамеша бо тарафи объективии кирдор мувофиқат мекунад. Дар натиҷа мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ҳангоми бандубасти кирдорҳои камАҳаммият, ки дорои таркиби расмӣ мебошанд, ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Ғайр аз ин, дар амалияи судӣ на ҳамеша имконияти озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои дорои таркиби расмӣ ба назар гирифта мешуд. Бо вуҷуди ин, ҳар як кирдори сазовори ҷазо мавҷудияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ мекунад. Овардан ё наовардани ин нишонаҳо дар диспозитсияи меъёр танҳо як чизро нишон медиҳад: дар таркибҳои моддӣ оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳангоми муайян кардани мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ё андозаи он Аҳаммияти асосӣ дорад.

Таркибҳои кӯтоҳкардашудаи ҷиноят, бар хилофи таркибҳои моддӣ ва расмӣ, аксар вақт мавриди баҳс қарор мегиранд ва масъалаи мақсаднокии истифодаи онҳо на ҳамеша бо далелҳои кофӣ асоснок карда мешавад. Аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқон бармеояд, ки чунин таркибҳо барои кирдорҳое пешбинӣ мешаванд, ки ҳатто дар марҳилаи аввали содиршавӣ хавфи ҷиддии ҷамъиятӣ доранд. Аз ҳамин сабаб, ҷой додани онҳо дар Қонун асос дорад. Ин тарз ба ҳуқуқи гумонбаршуда ё айбдоршаванда халал намерасонад, балки пеши роҳи кирдорҳоеро мегирад, ки ба манфиатҳои муҳимми ҷомеа таҳдид мекунанд.

Хулоса:

Таснифи таркибҳои ҷиноят ба моддӣ, расмӣ ва кӯтоҳкардашуда яке аз категорияҳои муҳимми доктриналӣ барои бандубасти дурусти кирдорҳо ба ҳисоб меравад. Таркибҳои моддӣ диққатро ба робитаи сабабии байни кирдор ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок равона мекунанд, таркибҳои расмӣ - ба

худи далели содир шудани кирдор, ва таркибҳои кӯтоҳкардашуда - ба марҳилаи ибтидоии кирдор, ки аллакай дорои хавфнокии баланди ҷамъиятӣ мебошад.

Мушкилоти таркибҳои расмӣ дар он аст, ки тарафи объективии онҳо на ҳамеша бо зарари воқеии ба муносибатҳои ҷамъиятӣ расонидашуда мувофиқат мекунад. Ин ҳолат метавонад ба хатогиҳо ҳангоми бандубасти кирдорҳои камАҳаммият ва баъзан ба нодида гирифтани имконияти озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ сарфи назар аз мавҷудияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок оварда расонад.

Мушкилоти таркибҳои моддӣ бошад, ба зарурати муайян намудани дақиқи робитаи сабабии байни ҳаракат ё беҳаракатии шахс ва оқибатҳои ба вуҷудомада вобаста мебошад. Хатогиҳо дар ин самт метавонанд ба татбиқи ғайриҚонунии Қонунгузории ҷиноятӣ, яъне гунаҳгоркунии объективӣ оварда расонанд.

Таркибҳои кӯтоҳкардашуда ҳамчун воситаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар марҳилаи барвақти кирдор хизмат мекунанд, зеро хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳо аллакай дар оғози содиршавӣ ё марҳилаи тайёрӣ зоҳир мегардад. Бо вуҷуди эродҳои мавҷуда, чунин таркибҳо аз нуқтаи назари ҳифзи манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ мақсаднок мебошанд, ҳарчанд метавонанд имконияти татбиқи институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро маҳдуд намоянд.

Аҳаммияти муайян намудани лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноят ва робитаи он бо кафолати ҳуқуқии ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят зарурати фарқгузории дақиқи таркибҳои расмӣ, моддӣ ва кӯтоҳкардашударо нишон медиҳад. Ба марҳилаи барвақттар вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят бе асоснокии кофӣ метавонад ба вайрон шудани принсипи адолат ва мутаносибии ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда расонад.

Қабули мустақими мавқеҳои доктриналии хориҷӣ дар бораи таркиби ҷиноят маҳдуд мебошад, зеро он бо хусусиятҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва анъанаҳои миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ

бояд бо дарназардошти стандартҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мутобиқ карда шавад.

Ворид намудани тағйирот ба КҶ ҶТ, ки мушаххас намудани мафҳуми таркиби кӯтоҳкардашудаи ҷиноятро пешбинӣ намояд ва имконияти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро дар марҳилаи барвақти содир шудани кирдор таъмин кунад, агар кирдор ҳанӯз зарари воқеӣ нарасонда бошад.

Таҳияи тавсияҳои методӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда оид ба баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои дорои таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашуда, аз ҷумла муайян намудани меъёрҳои камАҳаммиятӣ ва зарари расонидашуда.

Асоснок намудан ва мустаҳкам намудани фарқгузории Қонунгузорӣ байни таркибҳои моддӣ, расмӣ ва кӯтоҳкардашудаи ҷиноят бо мақсади баланд бардоштани дақиқии бандубасти кирдорҳо ва таъмин намудани адолат дар татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ.

БОБИ 6. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ НИЗОМӢ-СОХТОРИИ ҚИСМИ МАХСУСИ КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ

6.1. Таҳлили низомӣ-сохтории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ: методологияи сохтор, унсурҳо ва омилҳои ташаккул

Ҷинояткорӣ, ки ҳамчун падидаи хоси иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, дар тӯли давраи тӯлонии таърихӣ ҳамеша рушди ҷомеаи инсонӣро ҳамроҳӣ кардааст. Аз ин рӯ, аз байн бурдани комили он эҳтимолияти кам дорад, ки ин, аз ҷумла, бо набудани мавқеи ягона ва бечунучаро ба шарҳи категорияҳои «ҷиноят» ва «ҷинояткорӣ» вобаста мебошад. Ғайр аз ин, ҷинояткорӣ хусусияти динамикӣ дошта, ба тағйироти таърихӣ дучор мегардад. Бо рушди ҷомеа ва дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ баъзе кирдорҳо аломати хавфнокии ҷамъиятиро аз даст медиҳанд ё тамоман аз амалияи иҷтимоӣ хориҷ мешаванд. Ҳамзамон шаклҳои нави рафтори барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меоянд ва раванди криминализатсияи кирдорҳое ба амал меояд, ки қаблан ҳамчун барои ҷомеа хавфнок арзёбӣ намешуданд [96, с. 799; 19, с. 639].

Муроҷиат ба асосҳои назариявӣ-методологии таҳлили низомии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, эътироф намудани он аст, ки низомнокӣ танҳо ба мавқеи таърихии муҳаққиқ маҳдуд намешавад ва на танҳо натиҷаи қобилияти зеҳнии ӯ барои ба тартиб даровардани объекти таҳқиқот дар шакли низом мебошад. Дар доираи мавқеи онтологӣ, ки дар илми муосир мавқеи ҳукмрон дорад ва сарчашмаи он ба таълимоти системавӣ-онтологии Б. Спиноза ва Г. Лейбнис бармегардад, хусусияти низомнокӣ ҳамчун сифатест, ки ба худи объектҳои воқеияти объективӣ хос мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи субъекти маърифат на сохтани низом ба таври ихтиёрӣ, балки ошкор намудани робитаҳо ва муносибатҳои воқеан мавҷуд байни унсурҳо, тавсифи илмии онҳо, гурӯҳбандӣ ва инчунин шарҳи назариявии Қонуниятҳои ошкоршуда мебошад [300, с. 576;98, с. 463].

Дар доираи чунин мавқеъ, ҳуқуқ ҳамчун сохтори мукаммали низомӣ баррасӣ мегардад, ки хусусиятҳои онтологии он зарурати истифодаи

муносибати низомнокро ҳамчун воситаи мувофиқи методологӣ барои дарки илмии он ба миён меорад. Ба ибораи дигар, худи табиати ҳуқуқ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-меъёрӣ истифодаи таҳлили низомнокро ҳангоми таҳқиқи он пешакӣ муайян менамояд.

Бо вуҷуди ин, мавҷудияти ҳам ҷанбаҳои онтологӣ ва ҳам гносеологӣ дар категорияи «низом» зарурати фарқгузории байни низомнокӣ ҳамчун хусусияти имманентии ҳуқуқ ва муносибати низомнокро ҳамчун усули маърифати онро ба миён меорад. Дар шакли умумитарин, низомнокӣ бояд ҳамчун сифати дохилии ҳуқуқ баррасӣ гардад, ки дар тартибёбӣ, алоқамандӣ ва сохтори иерархии унсурҳои он ифода меёбад ва маҳз ошкор намудани ҳамин хусусиятҳо ҳадафи таҳқиқоти илмӣ мебошад. Дар навбати худ, муносибати низомнокӣ маҷмуи усулҳо ва тарзҳои таҳқиқотиро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо ҳуқуқ ҳамчун низоми мукаммал таҳлил ва тафсир карда мешавад.

КҶ ҶТ соли 1998 қабул гардида, аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор гирифт. Таҳия ва қабули он бо тағйироти куллии воқеияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳам дар дохили давлат ва ҳам дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ба амал омаданд, вобаста буд. Тавре ки **Н. Ф. Кузнесова**, ки бевосита дар таҳияи ин санади меъёрии ҳуқуқӣ иштирок дошт, қайд кардааст, аз 360 моддаи Кодекси нави ҷиноятӣ танҳо як модда нисбат ба Қонунгузории пешинаи ҷиноятӣ бетағйир боқӣ мондааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки сухан на дар бораи коркарди формалии Қонуни пешина, балки дар бораи таҳияи як санади кодификатсионии сифатан нав меравад, ки равишҳои муосири танзими ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос менамояд.

Дар давоми зиёда аз бисту панҷ соли амал намудани КҶ ҶТ ба он борҳо тағйирот ва иловаҳо ворид карда шудаанд, ки на танҳо ба мазмуни муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки то андозае ба сохтори дохилии он низ таъсир расониданд. Дар ҳамин замина, барои доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, фаъолияти Қонунэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ сохтори Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ Аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Зери мафҳуми сохтори Қисми махсус бояд тарзи махсуси ташкили ин ҷузъи таркибии Кодекси ҷиноятӣ фаҳмида шавад, ки бо таркиби хоси фаслҳо, бобҳо, моддаҳо ва дигар унсурҳое, ки як маҷмуи ягона ташкил медиҳанд, инчунин бо робита ва ҷойгиршавии мутақобилаи онҳо тавсиф мегардад. Дар айни замон, чунин мувофиқати дохилӣ на танҳо дар ташкили дохилии Қисми махсус, балки дар алоқамандии он бо унсурҳои сохтории Қисми умумии Қонуни ҷиноятӣ низ зоҳир мегардад.

Яке аз хусусиятҳои асосии ҳар гуна низоми муташаккил сохтори он мебошад. Сохтор тартибёбии робитаҳо ва муносибатҳои устувори байни унсурҳои низомро ифода мекунад, ки ягонагӣ ва мувозинати функсионалии онро таъмин менамоянд. Ба ибораи дигар, сохтор тарзи ташкили низом ва шакли робитаи мутақобилаи байни қисмҳои таркибии онро нишон медиҳад. Ҳамаи нишонаҳои низоми муташаккил ба Қисми махсуси КҶ ҶТ низ хос мебошанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назаре васеъ паҳн гардидааст, ки мувофиқи он низоми Қисми махсус асосан тавассути таҳлили сохтори он шарҳ дода мешавад. Масалан, низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳамчун тартиби муайяни ҷойгиршавии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки дар доираи он онҳо ба бобҳои махсус муттаҳид гардида, одатан бо назардошти Аҳаммияти объекте, ки аз ҷониби ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз мегардад, пайдарпай ҷойгир карда мешаванд. Дар тафсири дигар, он ҳамчун ташкили сохтории Қисми махсус фаҳмида мешавад, ки дар гурӯҳбандии таркибҳои ҷиноят аз рӯи нишонаи объекти хелии ҷиноят ва дар баъзе ҳолатҳо бо дарназардошти хусусиятҳои субъекти ҷиноят ва дигар меъёрҳо ифода меёбад.

Бо вуҷуди ин, маҳдуд кардани фаҳмиши Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ танҳо ба сохтори он аз ҷиҳати методологӣ нокифоя ба назар мерасад. Тавре ки А.П. Кузнесов асоснок таъкид мекунад, Кодекси ҷиноятӣ наметавонад танҳо ҳамчун маҷмуи механикии меъёрҳои ҷудогонаи ҳуқуқӣ баррасӣ шавад. Он як низоми ягонаи меъёрӣ мебошад, ки унсурҳои он дар робитаи органикӣ қарор

дошта, пайваста дар таъсири мутақобила қарор доранд ва ҳамчун низоми ягона амал менамоянд [250, с. 365].

Ба назари мо, низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ маҷмуи мукаммали унсурҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳад, ки дар зернизомҳои сатҳҳои гуногун муттаҳид шудаанд. Дар доираи чунин фаҳмиш, низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳатман унсурҳои алоҳида (моддаҳо, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ), инчунин робитаҳои байни онҳоро дар бар мегирад, ки тавассути принсипҳои зарурият ва кофигӣ ва инчунин тавассути сохтори ташкилии низом ифода меёбанд. Маҷмуи ҳадди ақали чунин унсурҳои низомсоз ягонагии низомро таъмин намуда, вазифаҳои мақсадноки онро муайян мекунад, раванди фаъолияти онро танзим менамояд ва дар ниҳоят самаранокии татбиқи онро кафолат медиҳад.

Ба андешаи А. В. Наумов бояд диққати махсус дода шавад, ки таъкид менамояд: меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ФР дар ҳамбастагӣ бо меъёрҳои Қисми умумӣ на танҳо ҳифзи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ таъмин менамоянд, балки тавассути мушаххас намудани манъкуниҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки рафтори ҷиноятиро аз рафтори ғайриҷиноятӣ фарқ мекунанд, инчунин функсияи кафолати риояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ иҷро мекунанд.

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки таҳқиқоти низомии Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бидуни омӯзиши сохторҳои низомии монанд дар Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имконнопазир мебошад. Дар ин замина андешаи Г. А. Есаков асоснок ба назар мерасад, ки қайд мекунад: «ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, имрӯз ҷузъи ҷудонашавандаи илми академии ҳуқуқ мебошад» [221, с. 22-35].

Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (компаративистика) дар баробари соҳаи он - ҳуқуқи ҷиноятии муқоисавӣ имрӯз яке аз унсурҳои муҳимми илми ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, ҳамчун воситаи асосии методологӣ хизмат мекунад. Он имконият фароҳам меорад, ки низомҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун бо ҳам муқоиса

карда шаванд, Қонуниятҳои фаъолияти онҳо ошкор гарданд, хусусиятҳои Қонунгузории миллӣ муайян карда шаванд ва инчунин таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ такмил ёбад.

Аҳаммияти асосии ҳуқуқшиносии муқоисавиро метавон дар чанд самти асосӣ нишон дод:

Самти методологӣ: Усули муқоисавӣ яке аз усулҳои бунёдӣ дар омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Он имкон медиҳад «ҷуғрофияи ҳуқуқӣ» муайян гардида, хусусиятҳои оилаҳои гуногуни ҳуқуқ таҳлил карда шаванд.

Соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ: Дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибати муқоисавӣ ба таҳқиқи заминаҳои таърихии ташаккул, Қонуниятҳои рушди институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқоисаи институтҳои ҳамном дар низомҳои гуногуни ҳуқуқии миллӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалӣ: Муқоисаи низомҳои ҳуқуқӣ барои равандҳои ҳамоҳангсозии ҳуқуқи байналмилалӣ ва такмили Қонунгузории миллӣ Аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Аҳаммияти илмӣ: Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ имкониятҳои таҳлили назариявиро васеъ намуда, дарки моҳияти ҳуқуқро амиқтар мегардонад ва ба ташаккули андешаҳои нави илмӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти таҳлили муқоисавӣ дар шароити равандҳои ҷаҳонии муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии Қонунгузории давлатҳои гуногун боз ҳам бештар мегардад. Омӯзиши низоми Қисми махсуси кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад хусусиятҳои хоси онҳоро муайян намуда, таҷрибаи бадастомадаро барои таҳлил ва такмили Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ истифода бурд.

Бо такя ба истилоҳоти А.А. Ушаков, Қисми махсуси Қонуни ҷиноятиро метавон ҳамчун «композитсияи ҳуқуқӣ» баррасӣ кард, ки дар он робитаи мутақобилаи меъёрҳо ва сохтори низомии онҳо як низоми ягонаи функсионалии Қонунгузории ҷиноятиро ташкил медиҳад [305, с. 73-85].

Қонунгузор сохтори анъанавии Кодекси ҷиноятиро ба Қисми умумӣ ва Қисми махсус нигоҳ доштааст. Чунин тақсимоти сохторӣ модели устувори

ҳуқуқӣ мебошад, ки на танҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар ҳуқуқи маданӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ истифода мегардад. Қисми умумӣ мафҳумҳо, принсипҳо ва таърифҳои асосиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки Қисми махсус меъёрҳои мушаххасеро дар бар мегирад, ки институтҳои алоҳида ва ҳолатҳои муайяни ҳуқуқиро танзим мекунанд.

Ин дуализми сохторӣ бори аввал дар Қонунгузории ҷиноятӣ дар солҳои 1920-ум инъикос ёфта, барои ҳамаи санадҳои кодификатсионии минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятии давраи шӯравӣ, аз ҷумла КҶ ҶШФСР соли 1922, КҶ ҶШФСР соли 1926, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935, ва КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 хос буд. Бо вуҷуди ин, чунин тарзи ташкили маводди ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамеша якхела пазируфта намешуд.

Дар ибтидои асри XX, махсусан дар солҳои 1920-ум, дар илми ҳуқуқи шӯравӣ бо такя ба ғояҳои Е. Б. Пашуканис пешниҳодҳо оид ба барҳам додани Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ баён мегардиданд. Пешниҳод мешуд, ки он бо чораҳои чандири ҳифзи иҷтимоӣ иваз карда шавад, ки ин ба консепсияи «аз байн рафтани ҳуқуқ» дар ҷомеаи сотсиалистӣ асос меёфт. Гуфта мешуд, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи давлати буржуазӣ бояд ба чораҳои пешгирии иҷтимоӣ иваз карда шавад. Аз ҷумла, ба ҷойи моддаҳои мушаххаси Қисми махсус, ки таркибҳои ҷиноятро муфассал муайян мекунанд, истифодаи меъёрҳои умумӣ оид ба «кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок» пешниҳод мегардид, ки ин ғояи ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятиро тавассути механизмҳои иҷтимоӣ, на тавассути ҷазои қатъии кодификатсионӣ, инъикос мекард [108, с. 160].

Консепсияи «сохтори дуқисмавӣ»-и Қонуни ҷиноятӣ ҳам аз нуқтаи назари техникаи Қонунгузорӣ ва ҳам аз нуқтаи назари татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқ дастоварди муҳим мебошад. Сохтори дуқисмавии санади ҷиноятӣ, ки аз Қисми умумӣ ва Қисми махсус иборат аст, яке аз унсурҳои асосии методикаи Қонунэҷодкунӣ ба ҳисоб рафта, кӯтоҳӣ ва возеҳии меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Чунин тарз имкон медиҳад аз такрори чандинкаратаи як қатор муқаррарот худдорӣ карда шавад, зеро меъёрҳои умумии Қисми умумӣ (масалан, вобаста ба синну сол, мукаллафӣ, даврaҳои ҷиноят) ба ҳамаи таркибҳои ҷинояте, ки дар Қисми махсус оварда шудаанд, татбиқ мегарданд. Дар натиҷа, сохтори низомнок ва мукаммали Қонунгузории ҷиноятӣ ташаккул меёбад, ки барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқтар мебошад.

Дар таърихи ҳуқуқи миллӣ мисолҳое низ мавҷуданд, ки санадҳои ҷиноятӣ танҳо аз муқаррароти умумӣ иборат буда, Қисми махсус надоштанд. Масалан, ба чунин санад «Роҳбарикунандаи аввалини Қонунгузории ҷиноятӣ» соли 1919 мансуб мебошад, ки баъзе муҳаққиқон онро ҳамчун як навъ кодекс бидуни Қисми махсус арзёбӣ мекунанд [65, с. 346].

Мисоли дигар «Асосҳои Қонунгузории ҷиноятии Иттифоқи ҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» соли 1958 мебошад. Ҳамин тариқ, яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи кодексҳои ҷиноятии миллӣ дугонагии сохтории онҳо мебошад, яъне муттаҳид намудани Қисми умумӣ ва Қисми махсус дар доираи як санади ягонаи меъёрӣ. Дар айни замон Қисми махсус, ки ҳамчун унсури мустақили сохтории Қонуни ҷиноятӣ баррасӣ мешавад, натиҷаи ташаккули низоми ҳуқуқии давраи шӯравӣ мебошад.

Қисми махсус, ки ҷузъи ҷудонашавандаи Кодекси ҷиноятӣ мебошад, дорои ташкили зернизомии худ буда, бо зернизоми Қисми умумӣ робитаи зич дорад. Бар хилофи кодексҳои пешинаи ҷиноятии давраи шӯравӣ, дар Қонунгузории нав фаслҳо) ҳамчун воҳидҳои мустақили сохторӣ баромад мекунанд. Тибқи андешаи В. П. Коняхин, Қонунгузор бори аввал сохторбандии сесатҳии маводди меъёриро амалӣ намудааст, ки фаслҳо, бобҳо ва моддаҳоро дар бар мегирад. Чунин тартиб имкон медиҳад мантиқӣ, низомнокӣ ва самаранокии татбиқи Қонун таъмин гардад [65, с. 346].

Бо вуҷуди ин, ҳангоми баҳодиҳии маҷмуии Қонуни ҷиноятӣ дурусттар он аст, ки дар бораи сохторбандии чорсатҳии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронем, зеро Қисми умумӣ ва Қисми махсус ҳамчун унсурҳои калонтарини сохтори он баромад мекунанд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон соли 1998 15 фасл ҷудо карда шудааст, ки аз онҳо нуҳ фасл ба Қисми махсус мансуб мебошанд. Қонун дорои рақамгузории пайдарпай буда, ҳар як унсури сохторӣ дорои унвони мустақил мебошад.

Фаслҳо бобҳоро муттаҳид менамоянд, ки ба ҷиноятҳое бахшида шудаанд, ки ба объектҳои хелии ягона равона гардидаанд. Пайдарпайии ҷойгиршавии онҳо аз Аҳаммияти иҷтимоӣ ва сиёсии объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста мебошад. Қисми махсус бо маҷмуи бобҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили шахсият оғоз ёфта, бо бобҳои марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният анҷом меёбад. Қобили зикр аст, ки аз соли 1998 то имрӯз Қонунгузор ба шумора ва номгузории фаслҳо тағйирот ворид накардааст.

Метавон гуфт, ки ворид намудани фасл ҳамчун унсури мустақили сохтории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ қадами муҳим дар рушди Қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Дар ин масъала метавон бо мавқеи В. П. Коняхин розӣ шуд, ки қайд кардааст: «сохтори Кодекси ҷиноятӣ мураккабтар гардид, аммо ҳамзамон барои ҷустуҷӯи маводди зарурӣ ва дарки он дар раванди татбиқи ҳуқуқ дастрас ва осонтар шуд» [65, с. 346].

Дар дохили фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ 19 боб ҷойгир шудаанд, ки ҳар яке моддаҳоро муттаҳид менамояд ва ба ҳифзи объекти намудии ягона равона шудааст. Ҷолиби диққат аст, ки шумораи бобҳо дар давоми зиёда аз бисту панҷ сол тағйир наёфтааст. Монанди фаслҳо, бобҳо низ дорои рақамгузории ягонаи пайдарпай мебошанд, ки бобҳои Қисми умумиро низ дар бар мегирад, ва бо унвонҳое таъмин шудаанд, ки предмети танзими онҳоро инъикос мекунанд.

Ҳамчунин, моддаҳо ҳамчун унсури мустақили сохтории Қисми махсус бояд ҷудо карда шаванд. Тавре ки Р. Кабрияк дуруст қайд кардааст, модда ҳамчун «воҳиди ибтидоии сохторӣ» ва «унсури асосии матни Қонун» баромад намуда, дар сохтори кодекс нақше дорад, ки онро метавон бо нақши атом дар олами моддӣ муқоиса кард. Чунин тарз ҳам низомнокӣ ва ҳам дақиқии

танзимро таъмин намуда, барои роҳнамоӣ дар матни кодекс ҳангоми татбиқи Қонун шароити мусоид фароҳам меорад [49, с. 476].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи таносуби меъёр ва модда то ҳол Аҳаммияти худро нигоҳ доштааст. Дар илми ҳуқуқ мавқеи бартаридошта бар он аст, ки ин категорияҳо дар муносибати мазмун ва шакл қарор доранд: модда ҳамчун унсури сохтории Қонун баромад мекунад, дар ҳоле ки меъёр ҳамчун унсури асосии сохтории ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мегардад. Чунин фаҳмиш имкон медиҳад мазмуни воқеии муқаррароти ҳуқуқӣ аз шакли Қонунгузории ифодаи онҳо равшан ҷудо карда шавад, ки ин барои низомнокии кодекс ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Аҳаммияти муҳим дорад [85, с. 339].

Дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ ҳамчунин таъкид мешавад, ки муқаррароти меъёрӣ тавассути моддаи Қонун амалӣ мегардад. Агар меъёр дар назария одатан дорои сохтори сегона (гипотеза, диспозитсия ва санксия) ҳисобида шавад, гарчанде ки дар давраи пешазинқилобӣ дар илми ҳуқуқи миллӣ тасаввурот дар бораи сохтори дузвенаи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ низ вуҷуд дошт, пас модда мутобиқи принсипҳо, қоидаҳо ва усулҳои техникаи Қонунгузорӣ ташаккул меёбад. Метавон бо чунин андеша розӣ шуд, ки «агар сохтори меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ устувор буда, ҳамеша аз се унсур иборат бошад, пас сохтори модда, ки унсури асосии матни Қонун мебошад, метавонад шаклҳои гуногуни ташкилии худро дошта бошад». Ин ҳолат чандирӣ ва мутобиқшавии функсионалии моддаро ҳамчун воситаи кодификатсияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад [340, с. 26].

Ҳамаи моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ рақамгузорӣ гардида, дорои ном мебошанд, ки ин нисбат ба кодексҳои ҷиноятии давраи шӯравӣ бартарии муҳим ба ҳисоб меравад. Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳар як модда одатан аз диспозитсия, санксия ва баъзан аз эзоҳ иборат аст. Дар айни замон, як моддаи Қисми махсус метавонад ба якчанд қисм ҷудо шавад, ки ҳар яке диспозитсия ва санксияи худро дорад. Шумораи чунин қисмҳо аз зарурати Қонунгузорӣ барои фарқгузории дақиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба хусусияти ҷиноят муайян карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, тавре ки А. В. Иванчин қайд мекунад, таҷрибаи ҷудо намудани шумораи зиёди қисмҳо дар баъзе моддаҳои Қисми махсуси КҶ падидаи номатлуб мебошад. Ба андешаи ӯ, «шумораи оптималии қисмҳо дар моддаи Қисми махсус, ки ҷиноятӣ мушаххасро тавсиф мекунад, набояд аз се қисм зиёд бошад ва танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ то чор қисм иҷозат дода мешавад» [44, с. 206]. Бо вуҷуди ин, Қонунгузор баъзан аз тавсияҳои доктрина дар бораи сохтори оптималии модда дур мешавад. Дар баъзе моддаҳо зиёд гардидани шумораи қисмҳо мушоҳида мешавад, ки ба принсипҳои возеҳият ва мухтасарии баёни Қонун мухолифат мекунад. Ба ҳисоб меравад, ки чунин тамоюл на танҳо ба сифати техникаи Қонунгузорӣ таъсири манфӣ мерасонад, балки самаранокии фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятиро низ коҳиш медиҳад.

Дар доираи сохтори моддаи Қисми махсус метавон инчунин бандҳоро ҷудо кард, ки ҳадафи асосии онҳо ба низом даровардан ва тартиб додани маводди меъёрӣ дар дохили ҳар як қисми модда мебошад.

Ҳангоми таҳияи диспозитсияҳои моддаҳо Қонунгузор аз усулҳои гуногун истифода мебарад: ҳаволакунанда, бланкетӣ, оддӣ, тавсифӣ, абстрактӣ ва казуистӣ. Усули казуистӣ чунин маъно дорад, ки дар диспозитсияи модда номгуйи пурра ва муфассали намудҳои мушаххаси кирдори ҷиноятӣ ва инчунин ҳолатҳое оварда мешаванд, ки вазъиятҳои воқеии ҳаётиро тавсиф мекунанд. Усули абстрактӣ бошад, баръакс, моҳияти кирдори барои ҷамъият хавфнокро ба таври умумӣ баён намуда, аз овардани номгӯйи муфассали таркибҳои ҷиноят худдорӣ мекунад ва диққатро ба муқаррароти умумии кирдори хавфнок равона месозад [217, с. 94-98].

Барои Қонунгузории муосири ҷиноятӣ омезиши усули абстрактӣ ва казуистӣ хос мебошад. Бо вуҷуди ин, баъзе муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки истифодаи аз ҳад зиёди усули казуистӣ метавонад нишонаи нокифоя будани рушди техникаи Қонунгузорӣ бошад, зеро мушаххасгардонии аз ҳад зиёди шаклҳои мушаххаси рафтори ҷиноятӣ чандирии танзими ҳуқуқиро коҳиш дода, татбиқи меъёрҳоро дар амал мушкил мегардонад [235, с. 142-146].

С. С. Алексеев қайд менамуд, ки истифодаи усули абстрактии баёни меъёрҳои ҳуқуқӣ сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқиро инъикос намуда, аз рушди илми ҳуқуқ шаҳодат медиҳад [10, с. 401]. Дар доктринаи илмӣ, инчунин андешаи асоснок баён мешавад, ки Қонунгузор бояд миёни усули абстрактӣ ва казуистӣ «мавқеи мобайни»-ро риоя намояд, яъне дақиқии танзими ҳуқуқиро бо умумияти кофии муқарраротҳо муттаҳид намояд, то ки татбиқи самараноки Қонун таъмин гардад [234, с. 15-18].

Дар диспозитсияҳои моддаҳои Қонунгузории ҷиноятӣ, одатан, аломатҳои хоси таркибҳои гуногуни ҷиноят мустаҳкам карда мешаванд. Дар айни замон, дар Қисми махсуси КҶ ҶТ меъёрҳое вуҷуд надоранд, ки ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноятро пурра ва ҳамаҷониба фаро гиранд, зеро баъзе аломатҳо, инчунин дар моддаҳои Қисми умумии КҶ ҶТ шарҳ дода мешаванд. Дар адабиёти илмии ҳуқуқӣ методологияи мустақиле ҷудо карда мешавад, ки ба усули сохтори таркибҳои ҷиноят, инчунин усулҳо ва тарзҳои гуногуни низомноксозӣ ва баёни маводди Қонунгузорӣ бахшида шудааст [331, с. 462].

Ҳангоми ташаккули сохтори санксияҳои моддаҳо Қонунгузор аз усулҳо ва воситаҳои гуногун истифода мебарад. Масалан, Л. Л. Кругликов санксияҳоро вобаста ба сохтор ва мазмуни онҳо ба намудҳои зерин ҷудо мекунад: оддӣ ва кумулятивӣ, ягона ва алтернативӣ, инчунин нисбатан муайян ва мутлақан муайян. Ӯ қайд мекунад, ки дар давраи шӯравӣ Қонунгузор, инчунин аз санксияҳои бавосита муайяншуда, аз ҷумла санксияҳои ҳаволакунанда, истифода мебурд [247, с. 109-114].

Аз нуқтаи назари В. В. Намнясев, дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ФР таъкид мегардад, ки «таҳрири ибтидоии Кодекси ҷиноятии амалкунанда бо номукаммалии низоми санксияҳо тавсиф мешуд ва тағйироти минбаъда танҳо камбудиҳои мавҷударо боз ҳам амиқтар карданд» [275, с. 85-92].

Сохтори санксияҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи мураккаб буда, то имрӯз пурра танзим нашудааст. Илова бар ин, худи Қонунгузор низ мушкилот эҷод мекунад, зеро на ҳамеша имкон дорад аз мавқеи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сохтор ва мазмуни санксияҳои дар моддаҳои Қисми махсус

муқарраршударо асоснок шарҳ дод. Баҳсҳои шадид махсусан нисбат ба ҷорӣ намудани чунин намуди ҷазо, ба мисли якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, ки нисбат ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии шахс татбиқ мешавад, ба миён меоянд. Ин ҳолат саволҳоро ба вуҷуд меорад, зеро чунин ҷазо барои баъзе ҷиноятҳои дигари вазнин, масалан одамкушӣ, ки объекти таҷовуз дар он ҳаёти инсон мебошад, пешбинӣ нашудааст (қ.1 м.104 КҶ ҶТ). Аз ин рӯ, зарур ба назар мерасад, ки принсипҳои дақиқи ташкили санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ таҳия ва мустаҳкам карда шаванд. Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ Г. Л. Кригер, намудҳои ҷазое, ки дар санксияи модда пешбинӣ шудаанд, бояд бо категорияи ҷиноят мутобиқат дошта бошанд ва ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он мувофиқ бошанд [238, с. 81-85].

Эзоҳҳо низ ҳамчун унсури мустақили сохтории Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ Аҳаммияти муҳим доранд. Дар адабиёти илмӣ мавқее мавҷуд аст, ки мувофиқи он эзоҳҳоро бояд ҳамчун яке аз воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ баррасӣ кард, ки ҳангоми ташаккули мазмуни моддаҳо истифода мешавад. Онҳо ба танзими дақиқи санксияҳо, муайян намудани ҳадди ҷиноят ва мутобиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор мусоидат мекунанд ва аз ин рӯ унсури муҳимми танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд [321, с. 31].

Ба андешаи А. В. Иванчин, эзоҳ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ набояд ҳамчун зерқисми мустақими мазмуни модда баррасӣ шавад. Он дорои Аҳаммияти ҳуқуқӣ ва сохтории мустақил буда, воҳиди алоҳидаи санади меъёрӣ мебошад. Бар хилофи матни асосии модда, эзоҳ вазифаи мушаххаскунӣ, тавзеҳ ва ё дақиқ намудани муқаррароти дар модда зикршударо иҷро мекунад. Ин ҳолат фаҳмиши дақиқтари меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии онҳоро дар фаъолияти ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, эзоҳро наметавон бо зербандҳо ё сархатти модда баробар донист, зеро он ба таври мустақил вуҷуд дошта, бори махсуси меъёрӣ-ҳуқуқиро бар дӯш дорад ва ба тафсир ва татбиқи меъёрҳои муқарраршуда таъсир мерасонад [44, с. 206].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчунин андешае баён мегардад, ки мувофиқи он аз матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хориҷ намудани эзоҳҳо мақсаднок мебошад. Тарафдорони ин мавқеъ бар онанд, ки мавҷудияти эзоҳҳо метавонад ҳангоми тафсири меъёрҳо мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд оварда, инчунин эҳтимоли тафсирҳои гуногунро ҳангоми татбиқи Қонунгузорӣ дар амал зиёд намояд. Дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин танқид Аҳаммияти махсус дорад, зеро дақиқӣ ва муайянии мафҳумҳо бевосита ба имконияти бандубасти дурусти кирдор, инчунин ба риояи принсипҳои Қонуният ва презумпсияи бегуноҳӣ таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи фаъолияти Қонунэҷодкунӣ ва таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳанд, ки пурра хориҷ намудани эзоҳҳо аз матни Қонун метавонад Қонунгузорро аз воситаи муҳимми дақиқ намудани меъёрҳо бидуни тағйир додани мазмуни асосии модда маҳрум созад. Аз ин рӯ, масъалаи хориҷ намудани онҳо баҳснок буда, арзёбии бодиққати оқибатҳои ҳуқуқиро талаб мекунад [333, с. 25]. Дар марҳилаи муосир эзоҳ ҳамчун унсури сохтории санади меъёрии ҳуқуқӣ маҷмуи васеи функсияҳоро иҷро мекунад, ки аз доираи тавзеҳи одии модда берун мераванд. Дар онҳо метавонанд меъёрҳои махсус ҷой дошта бошанд, ки тартиби озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё татбиқи чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар ҳолатҳои муайян танзим мекунанд. Илова бар ин, эзоҳҳо аксар вақт таърифҳои Қонунгузории истилоҳоте, ки дар модда истифода шудаанд, дар бар мегиранд, ки ин ба дарки дақиқ ва якмаънои муқаррароти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Чунин имкониятҳои функсионалӣ эзоҳҳоро ба воситаи муҳимми Қонунгузор табдил медиҳанд, ки ба воситаи он меъёрҳо мушаххас гардонида шуда, шартҳои татбиқи онҳо равшан ва Қонунгузорӣ ба воқеияти иҷтимоӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мутобиқ карда мешавад. Дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин масъала Аҳаммияти махсус дорад, зеро тафсири дурусти меъёрҳо бевосита ба бандубасти ҷиноятҳо, муайян намудани ҷазо ва риояи принсипҳои Қонуният ва адолат таъсир мерасонад.

Ба ташаккули Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки аз ҷумла метавон чунинҳоро номбар кард: 1) тағйироти

иҷтимоӣ-иқтисодӣ; 2) вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ; 3)идеологияи давлатӣ;4) уҳдадориҳои байналмилалии давлат;5) асоснокии конститутсионии меъёрҳо; 6) робита бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ; 7) вазъи криминогении ҷомеа ва институтҳои алоҳидаи иҷтимоӣ;8) сатҳи рушди техникаи Қонунгузорӣ;9) сифати таҳқиқоти илмӣ ва коркарди назариявӣ.

Шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар лаҳзаи қабули Қонуни ҷиноятӣ вуҷуд доранд, то андозае мазмун ва сохтори санади меъёриро муайян мекунанд. Маҳз онҳо хусусияти кирдорҳои криминализатсияшуда ва декриминализатсияшуда, тарҳи санксияҳо, намудҳои ҷазо ва дараҷаи фарқгузории онҳоро фароҳам меоваранд. Тавре ки М. Д. Шаргородский дуруст таъкид кардааст, «низоми Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, сохтори диспозитсияҳо ва санксияҳои моддаҳои алоҳида на танҳо масъалаи техникаи Қонунгузорӣ, балки сиёсати давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ низ мебошад». Ин андеша нишон медиҳад, ки сохтани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро танҳо аз нуқтаи назари расмӣ баррасӣ кардан мумкин нест; он ҳамеша бо воқеияти иҷтимоӣ, стратегияи сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои муборизаи самаранок бар зидди ҷинояткорӣ алоқаманд аст [174, с. 312].

Қабули Кодекси ҷиноятӣ дар давраи тағйироти амиқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба амал омад. Ба ҷойи модели сотсиалистии иқтисод иқтисоди бозорӣ пайдо гардид, ки боиси зуҳури намудҳои нави ҷиноятҳо гардид: ҷиноятҳо дар соҳаи андоз, гумрукӣ ва қарзӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи соҳибкорӣ ва фаъолияти бонкӣ ва дигар кирдорҳои монанд. Бар хилофи Қонунҳои ҷиноятии давраи шӯравӣ, ки ба «принсипҳои устувори марксизм-ленинизм» такя мекарданд, Қонунгузори муосир аз ҷузъи ҳатмии идеологӣ пурра даст кашид ва бар он мавқеъ қарор гирифт, ки ҳеҷ гуна ғоя наметавонад ҳамчун ғояи давлатӣ ё ҳатмӣ таҳмил карда шавад. Ин тарз имконият фароҳам овард, ки Қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон равона гардида, ба воқеияти муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутобиқ карда шавад [33, с. 319]

Уҳдадориҳои байналмилалии давлат низ ба ташаккули сохтори Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ таъсири назаррас мерасонанд. Бо такя ба

муқаррароти Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ, ин санад бо дарназардошти принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ таҳия мешавад. Ин ҳолат зарурати муборизаи фаъол бар зидди ҷиноятҳои дорои Аҳаммияти байналмилалиро ба вуҷуд меорад, аз ҷумла савдои одамон, истисмори меҳнати ғуломона, Қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастомада, ҷиноятҳои марбут ба воситаҳои нашъадор ва дигар кирдорҳое, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд.

Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бо дарназардошти афзалияти ҳифзи шахсият, пеш аз ҳама ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сипас манфиатҳои ҷомеа ва давлат ташаккул ёфтааст. Зинабандии арзишҳое, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд, пайдарпайии ҷойгиршавии фаслҳо ва бобҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро муайян намуда, афзалиятҳои зинавии ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос менамояд.

Ғайр аз ин, вазъи криминогении дохилии ҷомеа ба сохтори Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ таъсири мустақим мерасонад. Тавре ки муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъкид мекунанд, динамикаи ҷинояткорӣ вобаста ба давраи таърихӣ фарқ мекунад: масалан, ҷинояткорӣ дар солҳои 1960 ва ҷинояткорӣ дар солҳои 1990 аз ҷиҳати сифатӣ хусусиятҳои гуногун доранд, ки ин ҳангоми сохтани модели ҳуқуқи ҷиноятии санксияҳо ва таснифи ҷиноятҳо бояд ба назар гирифта шавад [179, с. 522].

Вобаста ба сатҳи фаъолиятҳои ҷиноятӣ, паҳншавии намудҳои алоҳидаи кирдорҳои ҷиноятӣ, категорияи шахсоне, ки онҳоро содир мекунанд, инчунин дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳо, Қонунгузор муайян менамояд, ки кадом аломатҳои ҷиноятҳо бояд дар Қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шаванд ва моддаҳои дахлдор дар кадом пайдарпайӣ ҷойгир гарданд. Дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ намудҳои нави ҷавобгарии ҷиноятӣ низ инъикос меёбанд, аз ҷумла барои ҷиноятҳо бар зидди давлат, ки ин бо тағйир ёфтани вазъи криминогенӣ ва пурзӯр гардидани ҳифзи сохтори конститутсионӣ алоқаманд аст.

Тамоюлҳои муосир дар муҳити иттилоотии ҷомеа низ дар Қонунгузорӣ инъикос меёбанд. Ин ҳолат дар пайдоиши моддаҳои махсус, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ танзим мекунанд, зоҳир мегардад (масалан, м. 298--304 КҶ ҶТ).

Сатҳи баланди техникаи Қонунгузорӣ дар лаҳзаи қабули Қонуни ҷиноятӣ ба ташаккули санади меъёрии бештар мантиқӣ, низомнок ва мухтасар мусоидат мекунад. Қонунгузор маводди меъёриро бо дарназардошти унсурҳои гуногуни сохторӣ - бахшҳо, зербобҳо, китобҳо ва ғайра низомнок месозад ва аз усулҳо ва воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ истифода мебарад, ки ин пайдарпайӣ ва ягонагии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро таъмин менамояд.

Тавре ки Т. В. Непомняшая қайд мекунад, «сатҳи фарҳанг ва рушди раванди Қонунэҷодкунӣ, ва дар натиҷа сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, нишондиҳандаи дараҷаи тамаддун ва демократизми ҷомеа ва давлат мебошад». Ин андеша робитаи мустақими байни рушди раванди Қонунэҷодкунӣ ва самаранокии Қонунгузории ҷиноятиро дар ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ таъкид мекунад [277, с. 86-94].

Илми ҳуқуқ ба ташаккули сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ таъсири назаррас мерасонад. Ҳанӯз дар давраи шӯравӣ М. Д. Шаргородский, бо пайравӣ аз пешниҳодҳои А. Н. Трайнин, ғояи ворид намудани боби алоҳидаеро пешниҳод карда буд, ки ба «ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва инсоният» бахшида шавад. Дар адабиёти илмӣ инчунин пешниҳодҳо оид ба ҷудо намудани ҷиноятҳои экологӣ дар боби мустақил баён гардида буданд. Ҳангоми таҳияи КҶ ҶТ соли 1998 на танҳо мақомоти Қонунгузор, балки ҷомеаи илмӣ низ нақши муҳим бозиданд. Ин ҳамкорӣ имкон дод масъалаҳои муҳимми доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳокима шуда, мавқеъҳои гуногуни намояндагони илм ҳангоми ташаккули Қисми махсуси нави Кодекси ҷиноятӣ ба назар гирифта шаванд. Муаллифони Кодекси соли 1998 дастовардҳои марҳилаҳои қаблии рушди Қонунгузории ҷиноятиро рад накарда, онҳоро бо пешниҳодҳои илмии назариявӣ ҳамгиро намуда, Қисми махсусеро таҳия карданд, ки ба талаботи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аз замони қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 тамоюли устувории шумораи «макроунсурҳо», яъне фаслҳо ва бобҳо, нигоҳ дошта шудааст. Бо вуҷуди ин, яке аз хусусиятҳои Қонунгузории ҷиноятии муосир афзоиши назарраси шумораи моддаҳо мебошад. Ин ҳолат, масалан, дар баъзе бобҳои Кодекси ҷиноятӣ, масалан дар боби 21 ба назар мерасад, ки дар онҳо шумораи моддаҳо қариб ду баробар зиёд гардидааст. Ба андешаи Н. Г. Кадников, ворид намудани моддаҳои нав на ҳамеша бо доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муқаррароти Конститутсия, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ва принсипҳои низомнокии Қонунгузории ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Ворид намудани меъёрҳои нав бояд аз нуқтаи назари мақсаднокии криминологӣ ва самаранокии минбаъдаи онҳо асоснок карда шавад. Афзоиши шумораи моддаҳо дар санади меъёрӣ бояд ба тағйироти ҷиддии муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда вобаста бошад, масалан ба дигаргуншавии муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ дар дохили давлат. Аммо дар шароити муосир чунин тағйироти куллӣ дар давлат ба назар намерасад, ки талаб намояд мақомоти Қонунгузор ба таври фаврӣ ба ин равандҳо тавассути зиёд намудани моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ посух диҳанд.

Дар адабиёти илмӣ ҳамчунин масъалаи асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дар доираи ҷиноятҳое, ки бо преюдитсияи маъмурӣ алоқаманданд, фаъолона баррасӣ мешавад. Мавқеъҳои муҳаққиқон дар ин масъала дер боз шакл гирифта, бо далелҳои асоснок фарқ мекунанд. Баъзе муаллифон чунин сохторҳои ҳуқуқиро Қонунӣ мешуморанд ва онҳоро бо хусусиятҳои робитаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ шарҳ медиҳанд. Мутахассисони дигар бошанд институти ҷиноят бо преюдитсияи маъмуриро ҳамчун воситаи сунъии пурзӯр намудани функсияҳои таъқибнамоии Қонунгузории ҷиноятӣ арзёбӣ мекунанд, ки дар он ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо бо сабаби хусусиятҳои шахсии ҳуқуқвайронкунанда, яъне майли ӯ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои такрорӣ ба кирдори ҷиноятӣ табдил дода мешавад. Дар чунин шарҳ амалишавии консепсияи таърихӣ радшудаи «ҳолати хавфноки шахсият» дида мешавад.

Бе ворид шудан ба таҳлили муфассали ин масъала, бояд таъкид кард, ки ҳатто дар доираи консепсияи «асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ - кирдор» чунин ҷиноятҳо пурра ба меъёрҳои муқарраршуда мувофиқат намекунанд. Агар, мувофиқи мавқеи Н. А. Лопашенко, тарафи объективии ҷиноятҳои дорои преюдитсияи маъмурӣ ҳамчун сохтори мураккабе баррасӣ шавад, ки аз ду ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат аст ва яке аз онҳо аллакай бо ҷалби шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ анҷом ёфтааст, пас ҷалби минбаъдаи шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдор метавонад ба вайрон шудани принсипи адолат, яъне манъи ҷазои такрорӣ барои як кирдори ҳуқуқвайронкунанда, оварда расонад.

Тибқи андешаи В. В. Хилюта ва як қатор муҳаққиқони дигар, агар тарафи объективӣ танҳо бо ҳуқуқвайронкунии дуюм маҳдуд карда шавад, ки аз ҷониби субъекти махсус - шахсе, ки аллакай ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст содир мегардад, пас шубҳаи ҷиддӣ ба миён меояд, ки то чӣ андоза чунин кирдор ба талаботи конститутсионии «хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятӣ» ҷавобгӯ мебошад. Беҳуда нест, ки маҳз бо ҳамин сабаб судҳо дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои преюдитсияи маъмурӣ маҷбур мешаванд ба муқаррароти қ.2 м. 14 КҶ ФР (қ.2 м.17 КҶ ҶТ) оид ба камАҳаммият будани кирдор муроҷиат намоянд [257, с. 64-71; 233, с. 119-125; 264, с. 72-74; 312, с 44-52; 204, с. 90-99; 307, с. 4-12].

Яке аз тамоюлҳои хоси Қонунгузории муосир афзоиши шумораи санксияҳои бенизом ба ҳисоб меравад. Яке аз мушкилоти асосӣ ҳангоми ташаккули санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бекор намудани ҳадди поёнии ҷазо барои баъзе намудҳои чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ гардид. Дар адабиёти илмӣ чунин санксияҳо бо истилоҳи «санксияҳои беандоза» маъруф шудаанд. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчунин таъкид мешавад, ки «дар таҳрири ибтидоии Кодекси ҷиноятии амалкунанда низоми санксияҳо бо дараҷаи баланди низомнокӣ ва такмилёбӣ фарқ намекард, аммо тағйироти минбаъда камбудиҳои мавҷударо боз ҳам амиқтар карданд» [238, с. 81-85].

Ба назари мо, ташаккули санксияҳо масъалаи мураккаб буда, то имрӯз дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври кофӣ танзим нашудааст. Дар ин самт худи Қонунгузор низ мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меорад, зеро на ҳамеша имкон дорад аз нуқтаи назари принсипҳои асосии Қонунгузории ҷиноятӣ сохтор ва мазмуни санксияҳои дар моддаҳои Қисми махсус пешбинишударо ба таври мантиқӣ асоснок намуд. Аз ин рӯ, мувофиқ ба назар мерасад, ки принсипҳои асосии ташаккули санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ таҳия ва мустаҳкам карда шаванд. Аз ҷумла, ба андешаи Г. Л. Кригер, намудҳои ҷазое, ки ба санксияи моддаи муайян дохил карда мешаванд, бояд бо категорияи ҷиноят мутобиқат дошта бошанд ва ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он мувофиқ бошанд.

Дар мавриди самтҳои эҳтимолии такмили сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ бояд қайд кард, ки Қонунгузор модели нисбатан оқилонаи сохторбандии Қонуни ҷиноятиро интихоб намудааст. Тақсим намудани Кодекси ҷиноятӣ ба қисмҳо, фаслҳо, бобҳо ва моддаҳо мантиқ ва низомнокии танзими меъёриро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, ба назари мо, сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба такмили минбаъда ниёз дорад. Аз ҷумла, чунин такмил метавонад тавассути ҷорӣ намудани унсурҳои нави ташкилии калонтар, ба мисли бахшҳо ва зербобҳо, амалӣ гардад, ки ин имконият медиҳад маводди меъёрӣ ба таври низомноктар тартиб дода шавад. Дар ҳолати ҷорӣ намудани институти рафтори ҷиноятӣ (уголовный проступок) дар Қонунгузории ҷиноятӣ, мувофиқ мебуд аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ истифода бурда шавад, ки дар онҳо Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ бо истифода аз ду зерқисми калон сохторбандӣ гардидааст: яке барои моддаҳои марбут ба рафтори ҷиноятӣ ва дигаре барои моддаҳои марбут ба ҷиноятҳо дахл доранд.

Дар илми ҳуқуқ, инчунин консепсияҳои гуногуни сохторбандии алтернативии Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешниҳод мешаванд. Аз ҷумла, пешниҳодҳо оид ба ҷудо намудани 11 фасли нав бо тағйир додани шумора, мазмун ва тартиби ҷойгиршавии бобҳои Қонуни ҷиноятӣ баён гардидаанд.

Масалан, А. И. Рарог пешниҳод менамояд, ки дар Кодекси ҷиноятӣ боби мустақиле барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ таъсис дода шавад, ки ба андешаи ӯ ба низомнокии беҳтари меъёрҳои Қисми махсус ва баланд гардидани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат мекунад [287, с. 155-178].

Бо вуҷуди ин, ба назари мо, тағйир додани сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани унсурҳои нави ташкилӣ, танҳо дар доираи ислоҳоти мукаммали тамоми Қонунгузории ҷиноятӣ имконпазир мебошад. Кӯшиши ворид намудани фаслҳо ё бобҳои иловагӣ ва тағйир додани сохтори мавҷуда бидуни муносибати низомнок метавонад на ба танзими беҳтари Қонун, балки баръакс ба ноустувории он оварда расонад ва унсурҳои бенизомии меъёриро ба вуҷуд оварад.

КҶ ҶТ воқеан дорои баъзе зиддиятҳои дохилӣ мебошад. Аз як тараф, «сутуни асосӣ»-и Қисми махсус, яъне фаслҳо ва бобҳо дар тӯли қариб се даҳсола бетағйир боқӣ мондааст, ки аз нуқтаи назари пайдарҳамӣ ва устувории танзими ҳуқуқӣ ҷиҳати мусбат ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар, мазмуни баъзе бобҳо ба тағйироти зуд-зуд ва босуръат дучор мегардад: моддаҳои нав бо сохтор ва мафҳумҳои дигар ворид мешаванд, ки дар як қатор ҳолатҳо дарк ва татбиқи меъёрҳои Қонунро дар амал мушкил мегардонанд.

Хулоса:

Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ аз моддаҳо иборат аст, ки диспозитсияҳо, санксияҳо, эзоҳҳо ва зерсохторҳо (қисмҳо ва бандҳо)-ро дар бар мегиранд. Диспозитсияҳо ҳам ба шакли абстрактӣ ва ҳам ба шакли казуистӣ баён карда мешаванд, ки ин мувозинати байни дақиқии танзими ҳуқуқӣ ва чандирии татбиқи Қонунро таъмин менамояд.

Эзоҳҳо функсияи мушаххаскунӣ, шарҳ ва дақиқ намудани меъёрҳо-ро иҷро мекунанд. Онҳо метавонанд шартҳои махсуси озод кардан аз ҷавобгарӣ ё таърифҳои Қонунгузории истилоҳотро дар бар гиранд. Хусусияти нисбатан мустақили онҳо ба дақиқии бандубасти ҷиноятҳо мусоидат мекунад, аммо ҳамзамон метавонад дар баъзе ҳолатҳо мушкилоти тафсириро ба вуҷуд оварад.

Шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, криминогенӣ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ, инчунин афзалиятҳои конститутсионӣ ҳам мазмуни моддаҳо ва ҳам сохтори Кодекси ҷиноятиро муайян мекунанд. Дар баробари ин, техникаи Қонунгузорӣ ва доктринаи илмӣ ба низомнокӣ ва мантиқӣ сохтори Қисми махсус таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Самтҳои мушкилоти Қонунгузории муосир

– зиёд шудани шумораи моддаҳо ва пайдоиши санксияҳои бенизом татбиқи меъёрҳоро мушкил мегардонад;

– дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба ҷиноятҳое, ки бо преюдитсияи маъмурӣ алоқаманданд, зиддиятҳо вуҷуд доранд;

– тағйироти зуд-зуд дар баъзе моддаҳо метавонад ягонагии низомии кодексро халалдор созад;

– набудани муттаҳидсозии кофии санксияҳо ва принсипҳои мушаххаси мураттаб сохтани ҷазоҳо ба пешгӯишавандагӣ ва адолати татбиқи Қонун таъсири манфӣ мерасонад.

Тамоюлҳои муосир нишон медиҳанд, ки бидуни ислоҳоти мукаммали Қонунгузории ҷиноятӣ кӯшишҳои тағйир додани унсурҳои алоҳидаи сохтори Қисми махсус метавонанд ба ноустувории меъёрӣ ва душвор гардидани татбиқи Қонун оварда расонанд.

6.2. Институтҳои Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар қатори масъалаҳои муҳимми методологӣ, ки мантиқ ва мазмуни таҳлили минбаъдаи низоми ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, масъалаи институтҳои ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дарки моҳият ва вазифаи функсионалии онҳо асоси назариявии ибтидоӣ барои ташаккули консепсияи мукаммали соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ошкор намудани Қонуниятҳои ташкили дохилии он ба ҳисоб меравад.

Дар илми ҳуқуқ мавқеи устуворе ҷой дорад, ки мувофиқи он институти ҳуқуқӣ ҳамчун унсури асосии сохтории соҳаи ҳуқуқ баромад мекунад. Маҳз

дар сатҳи институтҳо систематизатсияи ибтидоии маводди меъёрӣ амалӣ гардида, маҷмуи устувори меъёрҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, ки онҳоро ягонагии предмети танзим ва самти таъсири ҳуқуқӣ муттаҳид менамояд. Бо ҳамин, институт зинаи аввалин ва асосӣ дар раванди ташаккули соҳаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Низоми ҳуқуқ, агар онро аз ҷиҳати сохторӣ-функсионалӣ баррасӣ намоем, дар асл маҷмуи институтҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд ва ба таври иерархӣ ташкилёфтаро ифода мекунад. Тавассути муттаҳид намудани меъёрҳо дар шакли институтҳо онҳо хусусияти низомӣ пайдо намуда, маҷмуи нисбатан мустақили меъёрҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Маҳз ба воситаи институтҳо ҳамгироии муқаррароти ҳуқуқӣ дар доираи сохтори ягонаи соҳавӣ амалӣ гардида, мувофиқати дохилӣ, мукаммалии мантиқӣ ва устувории танзими ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи институти ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун воҳиди сохтории соҳа барои ошкор намудани хусусиятҳои моҳиятии он, муайян кардани самтҳои рушди минбаъда ва такмили танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ Аҳаммияти принсипиалӣ дорад [11, с. 263].

Таҳлили институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доираи низоми умумии соҳа ҳам аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ҳам аз ҷиҳати объективӣ зарур ба назар мерасад. Омӯзиши онҳо имкон медиҳад Қонуниятҳои ташаккули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян гардида, принсипҳои робитаи дохилии онҳо ошкор карда шаванд ва ҷойгоҳи ҳар як институт дар сохтори соҳа муайян гардад. Бидуни дарки низомии институтҳои Қисми махсус ташаккули тасаввури мукаммал дар бораи механизми танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъиноти функсионалии он ғайриимкон мебошад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи муайян ва истифодаи дурусти категорияи «институти ҳуқуқӣ» то имрӯз баҳснок мебошад. Ҳанӯз дар миёнаи асри XX Л. И. Дембо ба тамоюли истифодаи аз ҳад зиёди ин истилоҳ дар адабиёти ҳуқуқӣ ишора карда буд. Ба андешаи ӯ, бисёр вақт мафҳуми «институти ҳуқуқ» нисбат ба падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ бидуни муайян намудани нишонаҳои мазмунии

он истифода мешуд, ки ин ба норавшан гардидани категорияи илмӣ ва коҳиш ёфтани арзиши таҳлилии он оварда мерасонд [215, с. 88-98].

Чунин номуайянӣ ба ташаккули модели қатъии назариявии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ монеа эҷод мекунад, зеро бидуни фаҳмиши равшани хусусиятҳои моҳиятии институт муайян намудани меъёрҳои ҷудо кардани он, сохтор ва ҳудуди он ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, зарурати дақиқ намудани дастгоҳи мафҳумӣ ва таҳияи андешаҳои илмӣ барои тасниф ва низомсозии институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ Аҳаммияти махсус пайдо мекунад [193, с. 30-38; 306, с. 126-132]. Истилоҳи «институт» чи тавре таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад барои ифода намудани муқаррароттҳои алоҳидаи меъёрӣ истифода мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар доираи таҳлили институти ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун унсури сохтории соҳа бояд қайд кард, ки дар доктринаи ҳуқуқӣ фаҳмиши нисбатан устувори моҳияти он шакл гирифтааст. Мавқеи бартаридошта дар илми ҳуқуқ ба он асос меёбад, ки институти ҳуқуқи ҷиноятӣ маҷмуи муназзами меъёрҳо ва муқаррароти ҳуқуқӣ мебошад, ки бо ягонагии предмети батанзимдарорӣ муттаҳид шуда, барои таъсиррасонӣ ба гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба соҳаи батанзимдарории ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дохил мешаванд, равона шудаанд.

Ба ибораи дигар, институт ҳамчун воҳиди мустақили меъёрӣ баромад мекунад, ки танзими мақсаднок ва низомии бахши муайяни робитаҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд. Дар зинабандии сохтории ҳуқуқ он мавқеи мобайниро ишғол мекунад: аз як тараф, унсури соҳаи ҳуқуқ мебошад, аз тарафи дигар, меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқиро ба маҷмуи устувори функсионалӣ муттаҳид менамояд.

Ин консепсияро идома дода, В. Д. Филимонов ва О. В. Филимонов пешниҳод мекунанд, ки институти ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ карда шавад, ки дар низоми қоидаҳои ба ҳам алоқаманди рафтор муттаҳид гардидаанд. Чунин низом барои танзими мукаммали муносибатҳои ҷамъиятии ҳамҷинс ва монанд, инчунин робитаҳои

иҷтимоии аз онҳо бармеомада ё ба тарзи дигар бо онҳо алоқаманд пешбинӣ шудааст. Ба андешаи муаллифон, самти функсионалии институт дар татбиқи вазифаҳои пешгирии ҷиноятқорӣ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ки бо таҷовузи ҷиноятӣ вайрон шудааст, ифода меёбад [172, с. 252].

Мавқеи В. Д. Филимонов ва О. В. Филимонов нисбат ба табиати институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ як қатор масъалаҳои методологиро ба миён меорад. Дар тафсири пешниҳоднамудаи онҳо ин институтҳо амалан Аҳаммияти худро ҳамчун унсурҳои сохтории соҳаи ҳуқуқ аз даст дода, бештар ба унсурҳои ташкили санади кодификатсионии меъёрӣ табдил меёбанд. Чунин нуқтаи назар ба суст гардидани робитаи консептуалӣ байни институти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва категорияи васеътари ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ оварда мерасонад, ки бо асосҳои назариявии худи муаллифон дар муайян намудани табиати институт дар зиддият қарор мегирад.

Агар аз мантиқе бароем, ки институт, пеш аз ҳама, ҳамчун унсури сохтори Кодекси ҷиноятӣ баррасӣ мешавад, пас ногузир бояд эътироф кард, ки ташаккули он ба иродаи Қонунгузор вобастагии зиёд дорад. Дар ин ҳолат ташкили институтҳо натиҷаи қарорҳои ихтиёрии Қонунгузор мегардад, ки дар ҷараёни кодификатсия бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, талаботи амалӣ ва дигар омилҳои субъективӣ қабул карда мешаванд.

Дар айни замон, худи муаллифон пайваста мавқеи табиати объективӣ ва иҷтимоӣ асосёфтаи институти ҳуқуқиро ҳимоя мекунанд ва нақши ҳалкунандаи омили субъективиро дар ташаккули он инкор менамоянд. Ба андешаи онҳо, институт маҳсули худсаронаи техникаи Қонунгузорӣ набуда, балки ҳамчун инъикоси муносибатҳои воқеан мавҷуда ва устувори ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, ки ба танзими меъёрӣ ниёз доранд.

Бо вуҷуди ин, дар чунин мантиқ як зиддияти муҳим ба назар мерасад, ки ба он А. В. Курочкин ишора мекунад. Ба андешаи ӯ, агар Қонун ҳамчун меъёри асосии институтсионалӣ дар ҳуқуқ баррасӣ гардад, пас он бояд аз ибтидо муносибатҳои ҷамъиятии танзимшавандаро ба таври возеҳ фарқгузорӣ намояд, усулҳои гуногуни таъсири ҳуқуқӣ, принсипҳо ва меъёрҳоро истифода

барад ва доираи субъектҳоро муайян созад. Аммо чунин тарз дар шакли умумии худ метавонад бо талаботи техникаи ҳуқуқӣ, ки дар марҳилаи эҷоди Қонун нақши бунёдӣ мебозад, дар зиддият қарор гирад [255, с. 69-70].

Вобаста ба ин, А. В. Курочкин ба таври асоснок ба чунин хулоса меояд: баробар донистани Қонунҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ ҳамчун категорияҳои ҳаммаъно имрӯз аллакай кӯҳна ба назар мерасад. Ба андешаи ӯ, чунин мавқеъ рушди тасаввуроти илмиро дар бораи институтҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои мустақил ва асосии низоми ҳуқуқ маҳдуд мекунад [255, с. 69-70].

Институтҳои ҳуқуқӣ аксар вақт ҳамчун сохторҳои устувор ва қариб бетағйир дарк карда мешаванд. Аммо дар воқеият онҳо сохторҳои нисбатан чандир буда, метавонанд зери таъсири равандҳои маънавӣ-тафсирӣ тағйир ёбанд. Ҳар як субъекти ҳуқуқ ҳангоми дарк намудани воқеияти ҳуқуқӣ на танҳо онро тафсир мекунад, балки дар ташаккули он низ иштирок менамояд ва ба таври воқеӣ ҳаммуаллифи ин воқеият мегардад. Дар натиҷа институтҳои ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун сохторҳои омода вуҷуд доранд, балки дар раванди робитаҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, пайваста бознигарӣ мешаванд. Ин раванд, дар навбати худ, ба ташкили низоми ҳуқуқ ва рушди тартиботи ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад [278, с. 102-107]. Бинобар ин, тасодуфӣ нест, ки масъалаи мавҷуд будан ё набудани ин ё он институти ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ пурра ба ихтиёри ҷомеаи илмӣ вогузор мешавад [255, с. 69-70].

Ба расмият даровардани таҳқиқоти институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳамзамон субъективӣ гардидани тасаввурот дар бораи онҳо ба он вобаста аст, ки хусусиятҳои институтсионалии ҳуқуқ сахт бо сохтори Қонунгузорӣ ва ҳукмронии назарияи сохтори соҳавии низоми ҳуқуқ пайваст карда шудаанд. Дар доираи чунин мавқеъ ҳар гуна муҳокима дар бораи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз як фарзияи қаблан қабулшуда оғоз меёбад, ки мувофиқи он ҳуқуқ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар шакли низоми соҳаҳо ташкил шудааст ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф мегардад.

Нуқтаи назари институтсионалӣ, дар навбати худ, фарқгузории ду категорияи таҳлилиро пешбинӣ мекунад, ки аз ҷиҳати ном ба ҳам наздик, вале

аз ҷиҳати мазмун фарқ доранд ва равандҳои ташаккули институтҳоро дар соҳаи ҳуқуқ тавсиф мекунанд. Инҳо мафҳумҳои «институтсионализатсияи ҳуқуқ» ва «институтсионализатсияи ҳуқуқӣ» мебошанд.

Тавре ки Р. Г. Валиев таъкид мекунад, институтсионализатсияи ҳуқуқ раванди ташаккули ҳуқуқи мусбат ҳамчун институти иҷтимоӣ мебошад [373]. Дар навбати худ, институтсионализатсияи ҳуқуқӣ бевосита бо сохтор ва ташаккули институтҳо дар дохили низоми ҳуқуқи позитивӣ алоқаманд аст. Ба андешаи ӯ, фарқгузории ин падидаҳо масъалаи муайян намудани дақиқи категорияи институтсионализатсия ва худи институтҳоро бо дарназардошти табиати низомии онҳо ва вобастагии мутақобилаи онҳо ба миён мегузорад.

Институтсионализатсияи ҳуқуқ чунин равандҳоро инъикос менамояд:

– аввалан, робитаи амиқ ва органикии ҳуқуқ бо дигар институтҳои иҷтимоӣ, ки вобастагии онро аз шароити ҷамъиятӣ нишон медиҳад (масалан, институти ҳуқуқии моликият танҳо якҷоя бо рушди институти иҷтимоии моликият ташаккул меёбад);

– дуюман, ягонагии раванди эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба танзими муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ равона шудаанд (масалан, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият бо мавҷудияти институти ҳуқуқи моликият робитаи ҷудонашаванда дорад);

– сеюм, мустаҳкам гардидани ҳуқуқ ҳамчун механизми мустақили танзими иҷтимоӣ, ки имконияти ташаккули мақсадноки муҳити иҷтимоӣ ва институтҳои ҷамъиятиро ба манфиати ҷомеа дар маҷмӯъ ё гурӯҳҳои алоҳидае, ки ба раванди Қонунэҷодкунӣ таъсири бевосита доранд, фароҳам меорад.

Ин мулоҳизаҳои назариявӣ имконият медиҳанд, ки фаҳмиши муаллифонаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия гардад, ки потенсиали равиши институтсионалиро барои таҳлили пайдоиш ва фаъолияти онҳо инъикос мекунад.

Татбиқи нуқтаи назари институтсионалӣ дар таҳқиқи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки асосҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ташаккули онҳо амиқтар дарк карда шаванд ва ҳамзамон масъалаҳои васеътари назарияи

танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гиранд. Аз ҷумла, чунин нуқтаи назар шароит фароҳам меорад, ки баҳсҳои илмӣ оид ба предмети ҳуқуқи ҷиноятӣ ва нақши он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки то содир шудани кирдори ҷиноятӣ вуҷуд доранд, аз нав арзёбӣ карда шаванд.

Дар сарчашмаҳои назариявӣ ҷудо намудани институтҳои ҳуқуқӣ одатан бо ду ҷанбаи асосӣ - предмети танзими ҳуқуқӣ ё усули танзими ҳуқуқӣ алоқаманд дониста мешавад. Баъзан муаллифон таъкид мекунанд, ки сухан танҳо дар бораи баъзе ҷанбаҳои мушаххаси ин унсурҳо меравад. Бо вуҷуди ин, меъёрҳои асосӣ ҳамоно предмет ва усули танзим мебошанд, ки барои соҳаи дахлдори ҳуқуқ хосанд. Ҳамзамон меъёрҳое, ки имкон медиҳанд як институт аз институти дигар ҷудо карда шавад, аз ибтидо дар доираи хусусиятҳои соҳавии меъёрҳои ҳуқуқ маҳдуд мегарданд [322, с. 416; 219, с. 22-31].

Мавқеъе низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он чунин мавқеро комилан асоснок намешуморад. Таврe ки қаблан қайд гардид, ҳамаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро бо усулҳои монанд танзим мекунанд. Маҳз ҳамин ҳолат замина фароҳам меорад, ки институтҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доираи як соҳаи ягона муттаҳид гарданд [231, с. 178-195].

Бо вуҷуди ин, агар консепсияи тақсим намудани институтҳо ба ибтидоӣ ва дуюмдараҷа татбиқ карда шавад, имконият пайдо мегардад, ки меъёрҳои ҷудо намудани онҳо дақиқтар муайян гардида, усулҳои ташаккули онҳо низ равшантар гарданд [190, с. 145-153].

Институтҳои ибтидоӣ, ки ба Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ тааллуқ доранд, тавассути ҷудо намудани маҷмӯаҳои махсуси меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз маҷмуи умумии меъёрҳо дар асоси ягонагии муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда ташаккул меёбанд. Меъёри асосии ташаккули онҳо дараҷаи рушди он институти иҷтимоӣ мебошад, ки ин меъёрҳо бояд ҳифз намоянд, инчунин манфиати давлат дар нигоҳдорӣ ва таҳкими ҳамин институт мебошад.

Институтҳои дуюмдараҷа, ки ба Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешаванд, дар раванди татбиқи амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо тавассути ҷудо намудани қоидаҳо ва меъёрҳои умумӣ аз маҷмуи умумии муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбанд ва ба чунин хусусиятҳо такя мекунанд, ба монанди бахши алоҳида, тараф ё унсури муносибати ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин усули танзими ҳуқуқӣ, ки истифода мешавад.

Фарқгузории институтҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсус таъиноти иҷтимоии гуногуни онҳоро инъикос менамояд: институтҳои Қисми махсус, пеш аз ҳама, ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда равона шудаанд, дар ҳоле ки институтҳои Қисми умумӣ барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ин ҳифз хизмат мекунанд. Танҳо фаъолияти якҷояи ҳар ду гурӯҳи институтҳо имкон медиҳад, ки вазифаҳои асосии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пурра амалӣ гарданд.

Таҳқиқоти асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро ҷамъбаст намуда, метавон чунин хулосаҳо баён намуд:

Фаҳмиши позитивистии ҳуқуқ имкониятҳои маҳдудро барои таҳлили меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фароҳам меорад, зеро он дар доираи муайяни маърифат амал мекунад. Дар шароити муосир ин ҳолат зарурати истифодаи чанд равиши методологӣ ва инчунин ҷалб намудани воситаҳои дигар назарияҳо ва консепсияҳои ҳуқуқшиносиро, дар ҳадди қобили қабул, таъкид менамояд.

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ таҷрибаи васеъ намудани муносибатҳои методологӣ дар омӯзиши институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле маҳдуд боқӣ мемонад. Он асосан бо истифодаи мавқеҳои сохторӣ-функсионалӣ ва сотсиологӣ алоқаманд аст. Бо вуҷуди Аҳаммияти чунин мавқеҳо инҳо барои ташаккули фаҳмиши пурра ва ҳамаҷонибаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ кофӣ нестанд.

Имкониятҳои назарраси таҳқиқотро мавқеи институтсионалӣ фароҳам меорад. Ин нуқтаи назар фарқгузории пайдарпайи ду раванди ба ҳам наздик, вале аз ҷиҳати мазмун гуногунро пешбинӣ мекунад: аз як тараф, институтсионализатсияи ҳуқуқ, яъне ташаккули ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ; аз тарафи дигар, институтсионализатсияи ҳуқуқӣ, яъне ташаккули институтҳои ҳуқуқи позитивӣ дар раванди низомноксозии меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Дар доираи чунин мавқеъ ташаккули институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва худи соҳа метавонад ҳамчун раванди дуҷанба баррасӣ гардад. Аз як тараф, ин раванд ҷудо намудани маҷмуи умумии муқаррароти ҳуқуқӣ ва гурӯҳбандии меъёрҳо вобаста ба таъиноти функсионалии онҳоро дар бар мегирад; аз тарафи дигар, он ҳамгироии ҳамаи институтҳоро дар асоси ягонагии предмет ва усули танзим дар доираи як соҳаи мукаммали ҳуқуқ таъмин менамояд.

Мантиқи ташаккули институтсионалии ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ду навъи институт ҷудо карда шаванд:

– институтҳои ибтидоӣ, ки ба Қисми махсус тааллуқ доранд ва аз маҷмуи умумии меъёрҳо ҷудо шуда, бо такя ба дараҷаи рушди институти иҷтимоие ташаккул меёбанд, ки онҳоро ҳифз менамоянд;

– институтҳои дуюмдараҷа, ки ба Қисми умумӣ мансуб буда, дар ҷараёни амал ва татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути умумисозии муқаррароти ҳуқуқӣ вобаста ба бахшҳо, тарафҳо, унсурҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ё усулҳои танзим ба вуҷуд меоянд.

Мавқеи институтсионалӣ таҳаввулоти институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, функсияҳои онҳо ва робитаҳои байнисоҳавии онҳоро шарҳ медиҳад, аммо дар айни замон истифодаи дигар воситаҳои методологиро барои омӯзиши мазмун ва сохтори онҳо низ истисно намекунад.

Дар марҳилаи аввал метавон ба фарқиятҳои байни таърифҳои мавҷуда Аҳаммияти зиёд надод ва нуктаи асосиро таъкид кард: дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамчунон ки дар назарияи умумии ҳуқуқ, фаҳмиши умумии институти ҳуқуқ шакл гирифтааст. Тибқи ин фаҳмиш, институти ҳуқуқ маҷмуи

нисбатан мустақили муқаррароти меъёрӣ мебошад, ки як қисми муайяни муносибатҳои ҳуқуқиро, ки ба доираи танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешаванд, ба таври мукаммал танзим менамояд.

Бо вуҷуди ин, ин тезисро набояд ҳамчун хулосаи ниҳоӣ дар бораи табиати институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ кард. Баръакс, он бояд ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои таҳлили амиқтар ва муфассалтари ин падидаи ҳуқуқӣ хизмат намояд.

Масалан, В.П. Коняхин дар таҳқиқоти худ оид ба институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таъкид мекунад, ки онҳо танҳо ҳамчун «маҷмуи муқаррароти меъёрӣ» баррасӣ карда мешаванд. Н.М. Казансев ҳангоми таҳлили институтҳои ҳуқуқи молиявӣ онҳоро ҳамчун гурӯҳи нисбатан устувори муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнавъ шарҳ медиҳад [48, с. 509].

В.Д. Филимонов ва О.В. Филимонов бошанд, миёни ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқ мегузоранд. Ба назари онҳо, ҷанбаи иҷтимоӣ на муносибатҳои ҷамъиятии аллакай ташаккулёфтаро, балки он муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки бояд зери таъсири меъёрҳои институти дахлдори ҳуқуқӣ ба вуҷуд оянд [172, с. 252]. Ба андешаи онҳо, мазмуни ҳуқуқии институт маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки бо маънои умумӣ ва самти танзими равандҳои муайяни иҷтимоӣ ба ҳам пайвастаанд.

Баръакс, М. С. Жук институти ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун падидаи ягона баррасӣ мекунад ва ҷанбаҳои меъёрӣ ва сотсиологиро муттаҳид менамояд. Дар фаҳмиши ӯ институт на танҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки инчунин муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар асоси онҳо ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад [285, с. 7-21].

Ба назари мо, ин мавқеъҳоро бе фаҳмидани он ки ҳар муаллиф ҳуқуқро аз кадом назар мебинад, дуруст баҳогузорӣ кардан мумкин нест. Ҳар андеша ба як заминаи назариявии муайян такя мекунад. Барои ҳамин, танқид ҳам танҳо вақте маъно дорад, ки пешакӣ мавқеи худи таҳқиқотчӣ нисбат ба мафҳуми ҳуқуқ равшан бошад. Дар масъалаи институти Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ муносибати яктарафа кофӣ нест; ин ҷо бояд чанд равиши методологӣ якҷоя ба назар гирифта шавад [190, с. 145-153].

Ҷанбаи иҷтимоии институти ҳуқуқи ҷиноятӣ, бешубҳа, муҳим аст, вале онро бештар дар доираи сотсиологияи ҳуқуқи ҷиноятӣ омӯхтан дурусттар мебошад.

Дар мавриди «ғоя» низ бояд эҳтиёт кард. Ж.-Л. Бержель таъкид менамояд, ки ғоя метавонад асоси ташаккули як институти ҳуқуқӣ бошад ва пояи маънавии онро ташкил диҳад, аммо он ҳанӯз принсип нест [36, с. 627; 16, с. 574]. Ба назари мо, дар чунин ҳолат ғоя пеш аз ҳама манфиати иҷтимоиро ифода мекунад. Масалан, зарурати ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон метавонад боиси ташаккули институти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқии оила гардад. Аз ин ҷиҳат, ғоя танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ нест; он ба пайдоиш ва ташкили муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Бинобар ин, дар таҳқиқи институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ диққати асосӣ бояд ба мазмуни ҳуқуқии онҳо равона шавад. Ин мазмун дар меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дар ҳамин замина метавон мавқеи он олимонеро дастгирӣ кард, ки таъкид менамоянд: «дарки дурусти моҳият, мазмун ва сохтори низоми ҳуқуқ танҳо тавассути равиши меъёрӣ ба ҳуқуқ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ дар давлат имконпазир мебошад», «дар сохтори институти ҳуқуқӣ ҷудо намудани унсурҳои ҳуқуқие, ки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ фарқ дошта бошанд, ғайриимкон аст» [338, с. 23; 356, с. 30; 265, с. 43-68].

Вақте мазмун ва моҳияти институти Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мешавад, ногузир савол ба миён меояд, ки меъёрҳои онро кадом манбаъҳо ташаккул медиҳанд. Дар ин ҳолат худи институтро метавон ба якчанд унсурҳои ба ҳам алоқаманд ҷудо кард.

Пеш аз ҳама, сухан дар бораи масъалаи таҳияи номгӯйи пурраи муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ меравад, ки он дар навбати худ андозаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятии Қисми махсусро дар ҳар як давраи муайяни вақт маҳдуд месозад [301, с. 31-36; 284, с. 10-15].

Самти дуюм ба он вобаста аст, ки меъёрҳои институтҳои Қисми махсус дар кадом шакл ифода шудаанд. Яъне бояд муайян кард, ки онҳо аз кадом

сарчашмаҳои ҳуқуқӣ бармеоянд ва дар кадом шакли берунӣ мустаҳкам шудаанд.

Масъалаи сеюм бошад, ба ҳудуди ҳуқуқи ҷиноятӣ мерасад. Барои муайян кардани он ки кадом муқаррарот ба институти Қисми махсус дохил мешаванд, пеш аз ҳама бояд равшан бошад, ки худи ҳуқуқи ҷиноятӣ то куҷо паҳн мегардад [106, с. 502; 329, с. 62; 224, с. 152-157].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ба таври мантиқӣ тахмин намуд, ки доираи институтҳои Қисми махсусро набояд танҳо ба матни Кодекси ҷиноятӣ маҳдуд кард. Албатта, дар маънои расмӣ он пеш аз ҳама аз меъёрҳои ҳамин Кодекс иборат аст. Вале агар ба моҳияти масъала нигоҳ кунем, ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ баъзан бо он кирдорҳое низ пайванд пайдо мекунад, ки дар наздикии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ қарор доранд. Аз ин ҷиҳат, фаҳмиши васеътар дурусттар менамояд, зеро ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо маҷмуи моддаҳо нест, балки воситаи ҳифзи ҷомеа аз кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва воқеан хавфнок мебошад.

Маҳдуд кардани мазмуни институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ба муқаррароти меъёрӣ ба таври табиӣ масъалаи муҳимми назариявиро ба миён меорад, ки ба таркиб, намудҳо ва шумораи чунин муқаррарот, ки институтро ташкил медиҳанд, дахл дорад.

Ҷанбаи расмии ин масъала ба таҳлили он равона мегардад, ки институт метавонад чанд муқаррароти меъёриро дар бар гирад, онҳо бо сохтори Қонуни ҷиноятӣ чӣ гуна робита доранд ва оё дар низоми соҳа муқаррароти меъёрие метавонанд вуҷуд дошта бошанд, ки ба ягон институт дохил намешаванд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи устуворе баён шудааст, ки мувофиқи он институти ҳуқуқӣ наметавонад аз як меъёр иборат бошад. Тавре ки Г.В. Малсев қайд кардааст: «ҳамон тавре ки як парасту омадани баҳорро муайян намекунад, як меъёри ҳуқуқӣ низ наметавонад вазъияти пурраи ҳуқуқиро ба вуҷуд оварад» [92, с. 264].

Қонуни ҷиноятӣ муқаррароти алоҳидаро мустаҳкам мекунад, ки маҳз онҳо институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Аз ин

нуқтаи назар, унсурҳои сохтории он, аз як тараф, бо сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд (гарчанде ки пурра ба он мувофиқат намекунанд), аз тарафи дигар, тамоми мазмуни институти мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятиро дар худ фаро намегиранд.

Маҳз дар ҳамин ҷо масъалаи ҷанбаи моддии масъала ба миён меояд, ки ба хусусиятҳои муқаррароте, ки ба таркиби институти Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешаванд, марбут аст. Дар таҳқиқоти М. С. Жук модели ба ном «идеалии» маҷмуи муқаррарот, ки институтҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд, пешниҳод гардидааст. Ба ин модел муқаррароти зерин дохил мешаванд: муқаррароти умумӣ; муқаррароти декларативӣ; муқаррароти таърифӣ (дефинитивӣ); муқаррароти асосӣ; муқаррароти оперативӣ; муқаррароти коллизионӣ [329, с. 62; 54, с. 52]. Бе баҳс кардани моҳияти ин мавқеъ, ба ду ҷанбаи муҳим диққат додан лозим аст.

Истифодаи муносибати низомнок, ки тасаввуротро дар бораи сохтор ва вазифаҳои институти ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид мекунад, имкон медиҳад мазмуни оптималии чунин институт бо самаранокии бештар муайян карда шавад.

Ҳам сохтор ва ҳам мазмуни институти ҳуқуқи ҷиноятӣ (мисли ҳар як институт дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ) аз предмет ва усули танзими ҳуқуқии соҳаи дахлдор вобаста буда, таҳти таъсири бевоситаи онҳо қарор доранд. Маҳз ҳамин ҳолат мавқеи паҳншудаи илмиро шарҳ медиҳад, ки мувофиқи он институтҳои соҳаи ҳуқуқ барои инъикоси хусусиятҳои муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ё усулҳои танзими онҳо ташаккул меёбанд. Тавре ки Е. А. Киримов қайд мекунад, «вобастагии қатъии меъёрҳое, ки институти ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз муносибатҳои ҷамъиятие, ки онҳо танзим менамоянд, вуҷуд дорад». Муҳаққиқони дигар илова менамоянд, ки «меъёри асосии ҷудо намудани меъёрҳо ба институти мустақил мавҷудияти маҷмуи хоси муносибатҳои якхела мебошад, ки хусусиятҳои хоси меъёрҳои ҳуқуқиро муайян намуда, ба онҳо имкон медиҳад ягонагии дохилии ҳуқуқии худро нигоҳ доранд» [192, с. 136-141;54, с.52;201, с. 101-104].

Бо вуҷуди он ки Аҳаммияти предмет ва усули соҳаи ҳуқуқ барои ташаккули институтҳои соҳавӣ шубҳае ба миён намеорад, бояд эътироф кард, ки ин меъёрҳо аз ҳад умумӣ буда, имкон намедиҳанд як институт аз институти дигар ё институт аз тамоми соҳа ба таври дақиқ ҷудо карда шавад.

Дар ҳамин замина, барои омӯзиши сохтор ва мазмуни институт ворид намудани мафҳуми сохтори ҳуқуқӣ ба назарияи ҳуқуқ Аҳаммияти муҳим дорад. С. С. Алексеев қайд мекард: «Яке аз зуҳуроти равшани хусусиятҳои танзимкунанда ва мазмуни иродавӣ-зеҳнии институти ҳуқуқӣ беназирии конструксияи ҳуқуқии ба он хос мебошад. Агар гурӯҳи муайяни меъёрҳо, ҳатто агар онҳо дар низоми санадҳои меъёрӣ ё сохтори як санади алоҳида ба таври зоҳирӣ ҷудо шуда бошанд, бе муттаҳид шудан ба сохтори ягонаи ҳуқуқӣ, дар бораи мавҷудияти институти ҳуқуқ сухан гуфтан мумкин нест».

Илова бар ин, истилоҳи «ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ» дар илми соҳавӣ ба таври васеъ ва бештар дар заминаҳои амалӣ истифода мешавад. Он самтҳои алоҳидаи фаъолияти давлатиро ифода мекунад, ки вобаста ба объекти ҳифз ҷудо карда мешаванд, аз ҷумла ҳифзи моликият, шахсият, оила ва дигар арзишҳои ҷамъиятӣ [189, с. 289-300; 203, с.224-230; 260, с. 207-209; 261, с. 103-107; 295, с. 71-76;]. Дар айни замон, барои илми муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ хулосаҳои бунёдии Б. Т. Разгилдиев ҳамчун роҳнамо хизмат мекунанд. Ӯ таъкид мекард, ки ҳифз мафҳуми Қонунгузорӣ мебошад, ки ҳадафҳои ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос намуда, дорои сохтори унсурӣ аст. Ба ин сохтор дохил мешаванд: объект (муносибатҳои ҷамъиятие, ки бояд ҳифз шаванд); субъектҳо (мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсоне, ки иҷрои меъёрҳоро таъмин мекунанд); институти ҷавобгарии ҷиноятӣ [359, с. 38].

Бидуни ворид шудан ба таҳлили муфассали ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳамчун сохтори мустақили ҳуқуқии ҳуқуқи ҷиноятӣ, зеро ин масъалаи аз доираи таҳқиқоти мо берун мебошад, метавон қайд кард, ки ба назари мо, ин сохтор ба таври органикӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

– объекти ҳифз - он муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар ҷомеа ташаккул ёфта, устувории он ва рушди минбаъдаи онро таъмин менамоянд.

– манфиат дар ҳифзи ин муносибатҳо - ҳам аз ҷониби ҷомеа дар маҷмӯъ ва ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҳокимият.

– номгӯйи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки ба чунин муносибатҳо таҳдид намуда, бояд бо татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ манъ карда шаванд.

– маҷмуи муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ин кирдорҳоро танзим намуда, барои содир намудани онҳо санксияҳоро пешбинӣ мекунанд.

– чораҳои мувофиқи таъсиррасонӣ, ки ба функсияҳои муҳофизатӣ, пешгирикунанда ва барқароркунандаи ҳуқуқ мутобиқ буда, нисбат ба шахсоне, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок содир мекунанд, татбиқ мегарданд.

Асоси институти ҳуқуқи ҷиноятии Қисми махсус, дар асл, сохтори ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад, ки робитаи заруриро байни муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ ва меъёрҳои муқарраршудаи ҳуқуқ таъмин менамояд. Чунин сохтор имкон медиҳад, ки муқаррароти меъёрии Қисми махсусро беҳтар аст аз рӯйи институтҳои ҷудогона фаҳмид. Ҳар кадоми онҳо ба объекти муайяни ҳифзшаванда ва навъи таҷовузе, ки ба он равона мешавад, вобаста аст. Бо чунин тартиб меъёрҳо беҳуда пароканда намешаванд: онҳо дар як низоми муайян ҷой гирифта, ба ҳамон хатарҳои ҷиноятие ҷавоб медиҳанд, ки воқеан ба объектҳои ҳифзшаванда таҳдид мекунанд.

Дар ҷамъбасти таҳлили мазмун ва сохтори институти Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

Тавсифи пурраи мазмуни институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки дар тафсири ҳуқуқ мақеи плюралистӣ истифода шавад. Масалан, пайдоиш ва нақши иҷтимоии институти ҳуқуқиро метавон аз нуқтаи назари равиши институтсионалӣ шарҳ дод. Агар сухан дар бораи мазмуни иҷтимоӣ ва кори воқеии он равад, равиши сотсиологӣ мувофиқтар менамояд. Аммо барои фаҳмидани мазмуни ҳуқуқии институти Қисми махсус, равиши позитивизми ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам Аҳаммияти худро нигоҳ медорад.

Мазмуни ҳуқуқии институти Қисми махсус танҳо аз он унсурҳое ташаккул меёбад, ки ба таркиби худи ҳуқуқ дохил мешаванд, яъне аз

муқаррароти меъёрӣ ва принсипҳои ҳуқуқ. Дар ин маврид танҳо он принсипҳо ба назар гирифта мешаванд, ки барои ҳама ҳатмӣ буда, воқеан ба муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Агар принсип танҳо дар сатҳи ғоя ё ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ боқӣ монад, онро ҷузъи институти Қисми махсус ҳисобидан дуруст нест.

Институти Қисми махсус ҳам аз як меъёри танҳо ба вуҷуд намеояд. Як модда ё ҳатто як қисми модда метавонад ҷавобгариро барои кирдори муайян нишон диҳад, аммо барои танзими пурраи чунин муносибат кофӣ нест. Институт вақте шакл мегирад, ки чанд муқаррароти ба ҳам алоқаманд якҷоя амал кунанд; баъзан ба ин доира меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ ворид мешаванд.

Доираи амалии институтҳои Қисми махсус метавонад ба ду тарз фаҳмида шавад:

– дар маънои маҳдуд, яъне танҳо дар доираи муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ва меъёрҳои ба онҳо мувофиқ;

– дар маънои васеъ, бо дарназардошти ягонагии Қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

Мавқеи дуюм бештар моҳияти функсияи ҳуқуқи оммавии ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос менамояд, ки ба ҳифзи ҷомеа аз таҷовузҳои барои ҷамъият хавфнок равона шудааст. Дар ин ҳолат муқаррароти Қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ ҳамчун маҷмуи ягонаи меъёрҳо баррасӣ мешаванд, ки институтҳои Қисми махсуси ба истилоҳ «ҳуқуқи ҷиноятии васеъ»-ро ташаккул медиҳанд.

Иддаое, ки мувофиқи он институти Қисми махсус бояд ҳатман дар доираи як воҳиди калони матни Қонуни ҷиноятӣ аз ҷиҳати меъёрӣ ҷудо карда шавад, бевосита аз нишонаҳои назариявии институт барнамеояд. Сохтори Қисми махсуси Қонун метавонад танҳо ҳамчун самти роҳнамо барои дарки ташкили институтсионалии соҳа хизмат намояд, яъне ҳамчун як навъ «сутунбандӣ», ки муқаррароти меъёрии алоҳидаро низомнок месозад. Аз ин ҷиҳат унсурҳои сохтории Қисми махсус қисман бо сохтори умумии ҳуқуқи

ҷиноятӣ мувофиқат мекунанд, аммо бо он пурра якхел нестанд ва тамоми мазмуни институтсионалиро дар бар намегиранд.

Асоси ташаккул ва низомсозии институтҳои соҳавии ҳуқуқ бояд сохторҳои ҳуқуқии соҳавӣ бошад, ки:

а) ба тасаввуроти умумии назариявӣ дар бораи сохтори ҳуқуқӣ мувофиқат кунад;

б) дар доираи соҳа хусусияти фарогир дошта, имкон медиҳад маҷмуи муқаррароти меъёрӣ ба таври низомнок танзим ва тартиб дода шаванд;

в) функсияҳо ва таъиноти иҷтимоии соҳаи ҳуқуқро инъикос намуда, робитаи онро бо муносибатҳои воқеии ҷамъиятӣ таъмин намояд.

Нисбат ба институтҳои Қисми махсус чунин сохтор сохтори ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад.

Сохтори ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки робитаи байни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муқаррароти ҳуқуқиро таъмин менамояд, асоси институти Қисми махсусро ташкил медиҳад. Ин сохтор имкон медиҳад муқаррароти меъёрӣ бо дарназардошти хусусиятҳои объекти ҳифзшаванда ва хусусияти таҷовузҳо ба институтҳои алоҳида фарқгузорӣ карда шаванд. Ҳамзамон, он низомнокии институтро таъмин намуда, пуррагӣ ва мутобиқати муқаррароти ҳуқуқиро ба таҳдидҳои воқеии криминалӣ инъикос мекунад.

Низомнокии институти Қисми махсус чунин маъно дорад, ки он тамоми доираи эҳтимолии намудҳои муқаррароти меъёриро фаро мегирад. Дар сохтори институт ҷойи муқаррароти асосӣ ва ёрирасон ҳамеша як хел нест. Аз пеш, танҳо дар сатҳи назариявӣ, муайян кардан душвор аст, ки институт бояд аз чанд муқаррарот ва аз кадом навъи онҳо иборат бошад. Мазмуни он аз вазифае бармеояд, ки иҷро мекунад, ва вобаста ба тарзи ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои нисбатан устувори худро нигоҳ медорад.

Бо вуҷуди Аҳаммияти назариявӣ ва амалии худ, масъалаҳои тасниф ва ба низом даровардани институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ дар илми ҳуқуқшиносии муосир ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд. Талаботи методологияи қатъии илмӣ нисбат ба омӯзиши онҳо то ҳол пурра амалӣ нагаштааст. Таҳлили

сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки дар адабиёти илмӣ якчанд нуқтаҳои назар оид ба муайян намудани намудҳои институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва сохтани низоми онҳо ташаккул ёфтаанд [214, с. 84-95].

Аз ҷумла, нуқтаи назари ҷолиби худро ба масъалаи сохтани низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ В. Д. Филимонов пешниҳод кардааст, ки онҳоро бо такя ба хусусиятҳои функсионалӣ тасниф менамояд. Мувофиқи назари ӯ, низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз се гурӯҳи институтҳо ташкил меёбад.

Ба гурӯҳи аввал институтҳое дохил мешаванд, ки бевосита ба муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда таъсир мерасонанд. Филимонов ба ин гурӯҳ ҳамаи институтҳои Қисми махсусро мансуб медонад. Ҳамчунин баъзе институтҳои Қисми умумиро низ ба ҳамин доира дохил мекунад, зеро онҳо муайян месозанд, ки кадом шахсон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва ҳаҷму ҳудуди ин ҷавобгарӣ то куҷо мерасад.

Институтҳое, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бевосита таъсир намерасонанд, аммо татбиқи чунин таъсирро таъмин мекунанд. Ба ин гурӯҳ институтҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти судро оид ба таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фардисозии он танзим менамоянд.

Ба гурӯҳи сеюм он институтҳое дохил мешаванд, ки ба ду гурӯҳи қаблӣ намедароянд, аммо ҳамчун унсурҳои таркибии онҳо амал мекунанд. Ба чунин институтҳо муаллиф, аз ҷумла, институти таркиби ҷиноят, институти шартан татбиқ накардани ҷазо ва як қатор институтҳои дигарро мансуб медонад, ки гарчанде функсияи ёрирасон доранд, дар доираи низоми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши заруриро иҷро менамоянд [171, с. 196].

Баъзе муҳаққиқон институтҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо такя ба категорияҳои асосии Қисми умумӣ тасниф мекунанд. Ин нуқтаи назар махсусан дар корҳои Т. Г. Понятовская ифода ёфтааст, ки дар сохтори институтсионалии ҳуқуқи ҷиноятӣ категорияҳои «ҷиноят» ва «ҷазо»-ро ҳамчун унсурҳои асосии низомсоз муайян мекунад. Мавқеи Н. Ф. Кузнесова дар ин масъала аз ҷиҳати принсипӣ фарқ надорад. Ӯ чор институтеро ҷудо менамояд, ки мазмуни Қонунгузории ҷиноятиро ташкил медиҳанд: Қонуни

ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва аз ҷазо. Ба андешаи муаллиф, ин институтҳо дар доираи Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ ташкил ёфта, дар навбати худ ба институтҳои хурдтар ва ҷузъитар тақсим мешаванд [118, с. 231; 82, с. 611].

Мавқеи наздикро В. В. Малсев низ ҷонибдорӣ мекунад. Ӯ меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро вобаста ба мансубияти онҳо ба «низомҳои асосии Қонунгузории ҷиноятӣ» тасниф менамояд, ки ба назари ӯ чунинанд: Қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷазо [93, с. 531].

Нуқтаҳои назари баррасишуда, аз як тараф, нисбатан асоснок ба назар мерасанд, зеро воқеан ҳамаи унсурҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар атрофи категорияҳои ҷиноят ва ҷазо мутамарказ гардидаанд. Аммо, аз тарафи дигар, ба сифати эрод қайд кардан лозим аст, ки муаллифон сохтори ҳуқуқро на дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии воқеӣ, балки бар пояи меъёрҳои доктриналӣ ташаккул медиҳанд, ки ба андешаи мо, аз ҷиҳати методологӣ хатои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Навъи дигари иштибоҳи методологӣ дар корҳои баъзе муҳаққиқон мушоҳида мешавад, ки кӯшиш мекунанд сохтори институтсионии ҳуқуқи ҷиноятиро дар асоси консепсияи меъёри мантиқии ҳуқуқи ҷиноятӣ бунёд намоянд. Масалан, Ю. Е. Пудовочкин, бо такя ба чунин пешфарз, низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятиро танҳо ҳамчун низоми институтҳои муҳофизатӣ баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, ҳар як чунин институт аз маҷмуи муқаррароти Қисми умумии Қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин аз муқаррароти Қисми махсусе, ки ҷавобгариро барои намуди муайяни ҷиноятҳо бо объекти умумии хелӣ таҷовуз танзим мекунанд, ташаккул меёбад [180, с. 698; 125, с. 237]. В.В. Малсев, ба таври асоснок қайд мекунад, ки аввалан, меъёри мантиқии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар чунин усул аз рӯи моҳияти худ бештар ба мафҳуми институти ҳуқуқ монанд аст, на ба меъёри одии ҳуқуқие, ки талаботи ҳатмиро муқаррар мекунад. Дуюм, на як меъёри алоҳида ва на ҳатто як институти пурраи ҳуқуқи ҷиноятӣ қодир нест тамоми гуногунрангии муқаррароти Қонунгузории ҷиноятиро дар бар гирад. Илова бар ин, маҳдуд кардани таснифи институтҳои

ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо бо унсурҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ё муҳофизатӣ аз ҷиҳати методологӣ нодуруст буда, сохтори воқеии соҳаи ҳуқуқро таҳриф мекунад [93, с. 531; 329, 62].

Пас, агар институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо аз рӯйи категорияҳои Қисми умумӣ ё танҳо аз рӯйи меъёрҳои Қисми махсус шарҳ дода шаванд, масъала пурра ҳал намешавад. Чунин таҳлил сохтори воқеии институтҳоро ба таври кофӣ нишон намедиҳад ва барои муайян кардани намудҳо ва низоми онҳо асоси қаноатбахш намедиҳад.

Ғояи таҳқиқи алоҳидаи институтҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсус равшантар дар корҳои Э. С. Тенчов инкишоф ёфтааст [302, с. 23-24]. Бо таҳқиқоти ӯ дар адабиёти илмӣ Қисми махсус дигар танҳо маҷмуи моддаҳои ҷудогона фаҳмида намешавад. Он ҳамчун низоми институтҳое баррасӣ мегардад, ки ҳар кадом ба гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо вобаста аст. Асоси чунин ҷудокунӣ объекти ягона ё ҳамнавъи таҷовуз мебошад.

Н.А. Лопашенко низ ҳамин фикрро дастгирӣ мекунад. Ба назари ӯ, институтҳои Қисми махсус одатан аз рӯйи бобҳои Кодекси ҷиноятӣ муайян мешаванд, зеро дар дохили ҳар боб меъёрҳое ҷой мегиранд, ки як навъи объектро ҳимоя мекунанд. Яъне дар маркази ҳар институт объекти калони ҳифзшаванда меистад, ки онро объекти хелӣ ё намудӣ меноманд. Ҳамзамон муҳаққиқ як нуктаро махсус таъкид мекунад: «нисбат ба Қисми махсус истилоҳи «институти ҳуқуқи ҷиноятӣ» нисбатан кам истифода мешавад; бештар сухан дар бораи гурӯҳҳои ҷиноятҳо меравад, ки ба як объект равона шудаанд» [84, с. 224].

Ба назари мо, мушкили назарияи институтҳои Қисми махсус аз он сар мезанад, ки онҳо бештар дар сухан эътироф мешаванд, вале дар шакли мушаххас кам таҳқиқ гардидаанд. Аз ҳамин сабаб, ба ҷойи омӯзиши худи институтҳо, аксар вақт масъала ба таснифи ҷиноятҳо бурда мешавад.

Дар ин ҷо инчунин фарқи байни объекти ҳифзи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва объекти ҷиноят Аҳаммият дорад. Ин масъала дар адабиёти илмӣ зиёд баррасӣ шудааст, бинобар ин дар доираи ин таҳқиқот ба таҳлили муфассали он зарурат

нест. Барои мо муҳим он аст, ки маҳз объекти ҳифзшаванда асоси ҷудо шудани институтҳои Қисми махсусро ташкил медиҳад.

Аз ҳамин нигоҳ, институтҳои Қисми махсусро метавон ҳамчун гурӯҳи меъёрҳое фаҳмид, ки дар атрофи манфиатҳо ва арзишҳои муҳимми ҷамъиятӣ ҷамъ мешаванд. Ин меъёрҳо ҳам ба сохтори воқеии ҷомеа пайванд доранд ва ҳам вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро амалӣ мекунанд.

Ба чунин институтҳо, масалан, ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, озодии ҷисмонӣ, обрӯ ва эътибор, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ, оила, рушди шахсияти кӯдак, моликият, муносибатҳои қарзӣ ва андозӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, амнияти муҳоҷиратӣ ва интизоми бақайдгирӣ дохил шуда метавонанд. Дар айни замон масъалаи муайян намудани намудҳои институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ дар илми ҳуқуқи муосир қариб ки мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Умуман, чунин нуқтаи назар паҳн шудааст, ки мувофиқи он ҳамаи ин институтҳо асосан ҳамчун институтҳои предметӣ, на функсионалӣ, баррасӣ шуда, тавассути на нақши батанзимдарорӣ, балки нақши муҳофизатии онҳо шарҳ дода мешаванд [125, с. 237; 65, с 346]. Бо ин тарз, аз як тараф, ҳамаи институтҳои Қисми махсус ба гурӯҳҳои муайян мансуб дониста мешаванд, ки дар асоси меъёрҳои гуногун ҷудо карда шудаанд, аз тарафи дигар, ҳамин гурӯҳҳо тамоми институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро фаро мегиранд. Дар асл, дар чунин тарз сухан бештар дар бораи муайян намудани мансубияти навъии институтҳо дар доираи сохтори умумии институтсионалии соҳаи ҳуқуқ меравад, на дар бораи таснифи мустақили онҳо. Аз ин рӯ, масъалаи таснифи худи институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол ҳаллу фасли ниҳоии худро наёфта, Аҳаммияти худро барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ нигоҳ медорад.

Татбиқи асосҳои умумӣ ва универсалии таснифи институтҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад чунин хулосаҳо баён карда шаванд.

Дар ин маврид институтҳо аз рӯйи он фарқ мекунанд, ки асоси муттаҳид шудани меъёрҳо чист. Агар меъёрҳо як гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро фаро гиранд, сухан дар бораи институти предметӣ меравад. Агар

онҳо ба муносибати мушаххас баста нашуда, барои иҷрои як вазифаи умумӣ дар қисмҳои гуногуни танзим хизмат кунанд, чунин институт функционалӣ дониста мешавад.

Дар ин замина, фарқгузории ҷавобгарӣ метавонад ҳамчун унсури зарурии мазмуни раванди муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ гардад. Татбиқи функсияи фарқгузорӣ тавассути гурӯҳи муайяни муқаррароти меъёрии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи эътироф намудани табиати институтсионалии онҳоро ба миён меорад. Дар илми ҳуқуқи муосир баъзе муҳаққиқон мавҷудияти институти функсионалии аломатҳои бандубастшавандаро дар сохтори соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мекунанд, ки маҳз ҳамин функсияи батанзимдарориро иҷро менамояд [83, с. 287; 280, 261-263].

Дар ҳамин замина институтҳои функсионалии Қисми махсусро метавон бо вазифаи фарқ гузоштан миёни намудҳои ҷавобгарӣ пайваст кард. Онҳо чунин сохторро ташкил медиҳанд: ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар шакли умумӣ ва ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳое, ки дорои аломатҳои бандубастшаванда мебошанд.

Муқаррароти ҳавасмандкунанда дар Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, дар шакли эзоҳҳо ба моддаҳои алоҳидаи Қонун ифода меёбанд, ки дар онҳо асосҳои махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати қатъ намудани фаъолияти ҷиноятӣ аз ҷониби шахс ва анҷом додани амалҳои мусбати пасазҷиноятӣ муқаррар шудаанд. Ин меъёрҳо як мақсади умумӣ доранд: шахсро ба рафтори дуруст ва фоиданок водор мекунанд ва дар ҳолатҳои муайян барои озод кардани ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ асос мегузоранд. Аз ҳамин сабаб, дар Қисми махсус метавон як самти алоҳидаи ҳавасмандкунандаро дид, ки вазифаи он сабук ё қатъ кардани ҷавобгарӣ дар ивази рафтори мусбати шахс мебошад.

Ҳангоми баррасӣ ва арзёбии институтҳои функционалӣ бояд таъкид кард, ки худи мафҳуми институти функционалӣ то андозае хусусияти нисбӣ дорад. Тавре ки С. С. Алексеев қайд мекунад, институтҳои функционалӣ танҳо

дар муқоиса бо дигар институтҳо, яъне институтҳои предметӣ, чунин тавсиф мегиранд. Ҳангоми таҳлили ҷудогона ҳар як институти функсионалӣ, албатта, доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятии танзимшавандаро дар бар мегирад ва аксаран ба он навъи махсуси чунин муносибатҳо низ мувофиқ меояд [364, с. 458; 362, 160; 317, с. 605; 11, с. 263].

Яке аз меъёрҳои универсалии таснифи институтҳои ҳуқуқӣ дараҷаи умумисозии меъёрӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он институтҳое ҷудо карда мешаванд, ки аз рӯи сатҳи фарқгузорӣ ва ҳамгироии муқаррароти меъёрӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ин гурӯҳбандӣ бештар дар корҳои В. П. Коняхин таҳия шудааст. Ӯ панҷ навъи институти ҳуқуқиро ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи аввал институти намунавӣ дохил мешавад, ки ба фасли дорои сохтори бобӣ мувофиқат дорад. Гурӯҳи дуюм институти хелӣ-намунавӣ мебошад, ки ба фасле мансуб дониста мешавад, ки дар дохили худ ба бобҳо ҷудо нашудааст. Институти хелӣ муқаррароторо фаро мегирад, ки дар сатҳи як боб муттаҳид шудаанд. Институти намудӣ бошад, ба як гурӯҳи моддаҳо дар дохили боб дахл дорад. Ниҳоят, институти асосӣ дар доираи як моддаи алоҳидаи Қонун ифода меёбад.

Ғайр аз ин, В.П. Коняхин субинститутҳоро низ ҷудо менамояд. Ба назари ӯ, онҳо муттаҳидшавии меъёрҳоро дар сатҳи қисми алоҳидаи моддаи Қонуни ҷиноятӣ нишон медиҳанд, вале ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ шуда наметавонанд [65, с. 346; 329, с. 62].

Ин нуқтаи назар дар илми ҳуқуқ барои он танқид мешавад, ки аз ҳад зиёд ба сохтори Қонуни ҷиноятӣ вобаста карда шудааст [329, с. 62; 188, 122-128]. Бо вуҷуди ин, чунин танқид пурра асоснок ба назар намерасад, зеро дар таснифи пешниҳоднамудаи В.П. Коняхин мавҷудияти институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ (аз ҷумла институтҳои намудӣ) пешбинӣ мешавад, ки дар сатҳи унсури алоҳидаи сохтории Қонуни ҷиноятӣ ҳатман шакли мустақили расмӣ надоранд. Ғайр аз ин, ба андешаи мо, чунин дараҷабандӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ қобили қабул аст, балки метавонад барои рушди минбаъдаи таълимот дар бораи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ замина фароҳам оварад.

Пеш аз ҳама зарур аст масъалаи баҳсноки субинститутҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дақиқ карда шавад. Аз таҳлили корҳои В. П. Коняхин чунин бармеояд, ки муаллиф гӯё субинститутро бо баёни он ки онҳо тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ- техникӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқ ба расмият дароварда нашудаанд, берун аз доираи институти ҳуқуқ қарор медиҳад. Бо вуҷуди ин, чунин ҷудосозӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоси кофӣ надорад, зеро субинститут метавонад танҳо ҳамчун қисми таркибӣ ё унсури институти ҳуқуқ вуҷуд дошта бошад [279, с. 51-55]. Аз ин рӯ, масъалаи таносуби ҳар як институти пешина ва минбаъда дар зинабандии амудии пешниҳодкардаи В.П. Коняхин бе дарназардошти категорияи субинститут ҳал карда намешавад.

Ҳамин тавр, андешаи В.П. Коняхин дар бораи он ки институти асосии соҳавӣ дар сатҳи як моддаи алоҳидаи Қонуни ҷиноятӣ вуҷуд дорад, нисбат ба низоми Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ба тавзеҳ ниёз дорад. Чунин ҳолат танҳо дар он сурат имконпазир аст, ки объекти мушаххаси ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ тавассути як моддаи ягонаи Қонун ҳифз карда шавад [35, с. 307; 320, 217; 124, с. 330]. Дар ҳолатҳои дигар, вақте ки як объекти мустақими ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар якчанд моддаи Қонуни ҷиноятӣ инъикос меёбад, маҳз маҷмуи ҳамин моддаҳо институти асосии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳад.

Сохтори назариявӣ дар асоси мантиқи муносибатҳои хел ва намуд- аз объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба объектҳои намудӣ, хелӣ метавонад ба ташаккули институтҳои мувофиқи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, бинобар набудани нуқтаи назари ягона дар илми ҳуқуқ нисбат ба «дараҷабандии амудии» объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, тавсифи институтҳои калони ҳуқуқӣ аксаран хусусияти субъективӣ мегирад ва бештар нуқтаи назари муаллифонро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, сохтори меъёрии Қисми махсуси Қонуни ҷиноятӣ қариб ҳеҷ гоҳ пурра бо моделҳои назариявии институтсионализатсияи соҳа мутобиқат намекунад.

Яке аз роҳҳои асосии таҳлили институтҳои Қисми махсус ҷудо кардани онҳо аз рӯйи объекти ҳифзшаванда мебошад. Дар чунин ҳолат ҳар гурӯҳи институтҳо ба як навъи муайяни манфиат ё муносибати ҷамъиятӣ вобаста мегардад ва одатан ба бобҳои Қонуни ҷиноятӣ рост меояд. Инро таснифи комилан қатъӣ гуфтан душвор аст, зеро объектҳои ҳифзшаванда танҳо ба ду гурӯҳ ҷудо намешаванд. Аммо ҳамин равиш сохтори амалии Қисми махсусро равшан нишон медиҳад.

Ин тарзи ҷудокунӣ бо дараҷаи умумияти меъёрҳо алоқаманд аст, вале бештар ба мазмуни онҳо дахл дорад. Яъне масъала танҳо дар он нест, ки институт дар кадом сатҳи Қонун ҷой гирифтааст, балки дар он аст, ки кадом арзиш ё муносибати ҷамъиятиро ҳимоя мекунад. Бо вуҷуди устувор будани ин равиш, он баъзан мавриди танқид қарор мегирад ва ҳамин танқид барои аз нав фикр кардани асосҳои низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим аст.

В.Н. Кудрявсев ва В.В. Лунеев низ нисбат ба низоме, ки Қисми махсусро танҳо аз рӯйи объекти ҳифзшаванда месозад, бо эҳтиёт эрод гирифтаанд. Онҳо қайд мекунанд, ки «чунин таснифи паҳншуда дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне низоми намудҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятҳо вобаста ба объектҳои хелӣ ва намудии таҷовуз, дар асл хусусияти сунъӣ дошта, аксаран натиҷаи созиш ва тасодуфӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, он бо воқеиятҳои криминологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳатто байналмилалӣ то андозае мувофиқат мекунад» [249, с. 54-66].

В. Н. Кудрявсев ва В. В. Лунеев дар баробари ин аз пешниҳод намудани тавсияҳои мушаххас оид ба ислоҳ ё такмили низоми мавҷудаи Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ худдорӣ мекунанд. Дар навбати худ, Н. И. Коржанский таъкид менамояд: «Ҳангоми сохтани Қисми махсуси Қонунгузории ҷиноятӣ зарур аст, ки талаботи амалияи криминологӣ ва пенитенсиарӣ низ ба назар гирифта шаванд. Бо ин мақсад ҷиноятҳои алоҳида метавонанд на танҳо аз рӯи аломати объекти таҷовуз, балки инчунин бо дарназардошти хусусияти ангезаҳои зиддиҷамъиятии гунаҳгор ва ҳамчунин хусусиятҳои умумии криминологии шахсияти субъекти ҷиноят ба гурӯҳҳо муттаҳид карда шаванд» [66, с. 248].

Дар бораи ҷустуҷӯи асосҳои алтернативӣ барои сохтани сохтори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ М.С. Кириенко низ менависад. Бар хилофи баъзе муҳаққиқони дигар, ӯ диққати асосиро ба омӯзиши аломатҳои объективии ҷиноят равона мекунад. Ба андешаи ӯ, «монандии тарафи объективии як қатор ҷиноятҳо имкон медиҳад, ки ба истилоҳ «тарафи объективии намудӣ» ҷудо карда шавад (масалан: тасарруф, маҷбуркунӣ, даъватҳои оммавӣ, ташкил ва иштирок дар гуруҳҳо, иттиҳодияҳо ё воҳидҳои ғайриҚонунӣ, муомиоти ғайриҚонунӣ ё истеҳсоли ашёе, ки аз муомилот бароварда ё маҳдуд шудаанд, вайрон кардани қоидаҳои махсуси бехатарӣ, таҳқир ва тӯҳмат, ришвадиҳӣ ва ғайра). Истифодаи чунин аломатҳо, ба андешаи ӯ, метавонад барои ташаккули сатҳҳои сохтории низоми Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муносиб бошад» [337, с. 26; 329, 62].

Чунон ки дида мешавад, дар муҳити илмӣ баҳсҳо дар бораи меъёрҳои сохтани сохтори институтсионалии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ идома доранд. Ҳангоми иштирок дар ин баҳс, ба як масъалаи муҳим диққат додан зарур аст. Низомноксозии ҷиноятҳо (ва муқаррароти ҳуқуқии вобаста ба онҳо) дар асоси аломатҳои объективӣ ё субъективии таркиби ҷиноят, бешубҳа, муфид ва зарур аст. Аммо, ба андешаи мо, чунин муносибат бевосита ба сохтори институтсионалии соҳаи ҳуқуқ иртибот надорад.

Аввал, аломатҳои алоҳидаи тарафи объективӣ ё ангезаҳои ҷиноят ба ҳамаи ҷиноятҳо хос нестанд ва танҳо ба гурӯҳи муайяни ҳуқуқвайронкуниҳо тааллуқ доранд, дар ҳоле ки объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусияти умумитар дорад. Аз ин рӯ, чунин аломатҳо наметавонанд меъёри ягона барои дараҷабандии тамоми маҷмуи муқаррароти меъёрии Қисми махсус бошанд.

Дуюм, истифодаи чунин аломатҳо бо моҳияти институти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои асосии он чандон мувофиқ нест. Онҳо барои ошкор намудани робитаи институт бо муҳити иҷтимоии ташаккулдиҳандаи он мусоидат намекунанд ва функсияҳои иҷтимоиро, ки институт дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ иҷро мекунад, пурра инъикос намесозанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, истифодаи аломатҳое, ки аз объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ фарқ мекунанд, барои сохтани низоми институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо зарур нест, балки аз ҷиҳати методологӣ низ асоснок ба назар намерасад.

Ба назар мерасад, ки ҷудо кардани ҷиноятҳо аз рӯйи нишонаҳои ғайриобъектӣ бештар дар дохили институтҳои асосӣ Аҳаммият дорад. Ин гуна нишонаҳо тамоми институтро ташкил намедиҳанд, балки дар дохили он гурӯҳҳои хурдтари меъёрҳоро ҷудо мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат, сухан на дар бораи институтҳои мустақил, балки дар бораи субинститутҳои Қисми махсус меравад.

Ин гурӯҳҳо аз институти асосӣ ҷудо нестанд. Онҳо дар доираи ҳамон объекти ҳифзшаванда амал мекунанд ва бо вазифаи умумии он пайванд доранд. Вале ҳар субинститут метавонад аз рӯйи аломати хоси худ фарқ кунад: тарзи содиршавӣ, шакли кирдор, хусусияти субъект, оқибат ё дигар нишонаи ҳуқуқӣ. Аз ин сабаб, як субинститут танҳо қисми муайяни меъёрҳоро фаро мегирад ва наметавонад тамоми мазмуни институти асосиро иваз намояд.

Дар ҳамин ҷо сохтори таркиби навъи ҷиноят Аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Маҳз он нишон медиҳад, ки дар дохили як институти асосӣ кадом гурӯҳҳои меъёриро метавон ҷудо кард ва онҳо аз рӯйи кадом нишонаҳо ба ҳам наздик мешаванд.

Аз ин рӯ, робитаҳои институтҳои Қисми махсусро бояд дар як сатҳ маҳдуд накарда, васеътар дид. Дар як сатҳ робитаи байни меъёрҳои дохили як институт меистад. Дар сатҳи дигар бошад, муносибати ҳамаи институтҳои Қисми махсус бо институтҳои Қисми умумӣ ва унсурҳои ҷудогонаи онҳо Аҳаммият пайдо мекунад. Инчунин, бояд робитаҳои байни институтҳои гуногуни Қисми махсус низ ба назар гирифта шаванд. Чорум, робитаҳои байни институтҳои Қисми махсус ва дигар унсурҳои низоми ҳуқуқ дар маҷмӯъ Аҳаммияти муҳим доранд.

Маълум аст, ки таҳлили пурраи ҳамаи ин робитаҳо аз доираи таҳқиқоти мазкур берун мебошад. Ғайр аз ин, мулоҳизаҳои муҳимми илмӣ дар бораи

мазмун ва намудҳои робитаҳои системавии дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавии ҳуқуқи ҷиноятӣ аллакай дар адабиёти махсуси ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур диққати асосӣ ба омӯзиши робитаҳои байни худи институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ равона карда мешавад. Ҳамзамон ба назар гирифта мешавад, ки хусусияти ин робитаҳо вобаста ба сатҳи низоми ҳуқуқ метавонад тағйир ёбад. Махсусан робитаҳои системавии байни институтҳои асосӣ, предметӣ ва муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мегарданд, ки онҳо сохтори асосии Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд.

Дар асоси робитаи системавии онҳо чанд хусусияти муҳим қарор дорад.

Аввал, ин робитаҳои сохторӣ мебошанд, ки бо хусусиятҳои пайдоиши институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешаванд. Азбаски институтҳои алоҳида аз сохторҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ сарчашма мегиранд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ниёз доранд, онҳо низоми арзишӣ ва меъёрии ҷомеаро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, сохтори Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд бо низоми чунин институтҳои иҷтимоӣ мувофиқат намояд. Ин ҳолат пуррагӣ ва пайдарпайии низоми институтсионалии Қисми махсусро таъмин намуда, мутобиқати онро ба воқеияти иҷтимоӣ, ҷавобгӯ будан ба эҳтиёҷоти ҷомеа ва татбиқи самараноки функсияи муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ амалӣ месозад.

Дуюм, ин робитаҳои ҳамоҳангсозӣ байни унсурҳои низом мебошанд. Агар низоми институтҳои Қисми махсус сохтори институтҳои иҷтимоии ҳифзшавандаро дуруст инъикос намояд, пас ягон институти алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ наметавонад дар ҳолати ҷудогона вуҷуд дошта бошад ва маҷмуи чунин институтҳо низ маҷмуи ҷудогона ва пароканда нест. Робитаи байни неъматҳои иҷтимоии ҳифзшаванда ба таври табиӣ робитаи байни институтҳои ҳуқуқи ҷиноятиро низ ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа низомнокӣ ва ягонагии соҳаи ҳуқуқ таъмин мегардад.

Хулоса:

Пеш аз ҳама, маҳдуд намудани тамоми маҷмуи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ба гурӯҳҳои ҳуқуқие, ки категорияҳои Қисми умумиро хизмат мерасонанд, ё танҳо ба гурӯҳҳое, ки ҷавобгариро барои намудҳои гуногуни ҷиноятҳо танзим мекунанд, аз ҷиҳати методологӣ нодуруст мебошад. Мавқеи асосноктар ва самараноктар таҳлили ҷудогонаи институтҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он муқаррароти меъёрӣ ҳамчун унсури ибтидоии низоми ҳуқуқ эътироф карда мешавад.

Кӯшишҳои дараҷабандӣ ва низомсозии институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки танҳо ба тасаввурот дар бораи предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ асос меёбанд, самаранок нестанд. Беҳтар аст институтҳои Қисми махсус ҳамчун низоми муқаррароти меъёрӣ баррасӣ шаванд, ки дар асоси объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ гардида, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятии неъматҳо ва манфиатҳои ҳуқуқӣ институтсионалӣ шудаанд.

Фаҳмиши институтҳои ҳуқуқи ҷиноятии Қисми махсус танҳо ҳамчун институтҳои предметии муҳофизатӣ ба тавзеҳ ниёз дорад. Дар сохтори Қисми махсус бояд мавҷудияти институтҳои функсионалӣ низ эътироф карда шавад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

а) институти ҳавасмандкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ;

б) институти фарқгузории ҷавобгарӣ.

«Нуқтаи муттаҳидкунандаи» муқаррароти алоҳидаи меъёрӣ дар дохили институти асосӣ ва ҳамзамон «нуқтаи фарқгузории» институтҳои гуногуни Қисми махсус объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад. Аз нуқтаи назари методологӣ истифодаи меъёрҳои дигар барои сохтани низоми институтҳои Қисми махсус, ғайр аз объект, асоснок ба назар намерасад.

Дар доираи институтҳои асосӣ ҷудо намудани субинститутҳои Қисми махсус имконпазир ва мақсаднок мебошад, яъне гурӯҳҳои нисбатан мустақили муқаррароти меъёрӣ, ки бо аломатҳое тавсиф мешаванд, ки аз аломати объекти асосӣ фарқ мекунанд. Дар ин маврид сохтори таркиби намудии ҷиноят ҳамчун

асоси боэътимод барои ҷудо намудани чунин субинститутҳо дар сохтори институтҳои асосии Қисми махсус хизмат мекунад.

Хусусияти низомии институтҳои Қисми махсус бо мавҷудияти ду намуди робита таъмин мегардад:

а) робитаҳои сохторӣ, ки бо хусусиятҳои инкишофи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян карда мешаванд;

б) робитаҳои ҳамоҳангсозӣ, ки тавассути амалияҳои ҳуқуқию техникӣ дар раванди созмондиҳии таркибҳои ҷиноят амалӣ мегарданд.

Ин робитаҳои системавӣ байни унсурҳои сохтори Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ягонагӣ, муттасилӣ ва бидуни мухолифат амал кардани Қонуни ҷиноятиро таъмин намуда, чандирии низомро нигоҳ медоранд. Вобаста ба чунин хусусиятҳо низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоиро пайдо мекунад, метавонад тағйироти мазмунии институтҳои алоҳидаро ҷуброн намояд ва холигиҳои мавҷуд дар Қонунгузориро бартараф созад.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1.Забоншиносии Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун як соҳаи алоҳида ва муҳим дар илми ҳуқуқ ба таври фаъол ташаккул ёфта он на фақат воситаи таҳлили шаклии Қонун, балки заминаи методологии таҳия ва татбиқи самараноки Қонунгузории ҷиноятӣ ебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии забоншиносии Қонунгузорӣ – фароҳам овардани заминаи илмӣ барои таҳияи моделҳои консептуалӣ ва когнитивии забони Қонуни ҷиноятӣ мебошад, ки тавонад иродаи Қонунгузорро дақиқ, возеҳ ва амалӣ инъикос намояд. Муайян кардани сохтор, унсурҳо ва хусусиятҳои забонии санадҳои Қонунгузории ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки на танҳо сатҳи фаҳмопазирии онҳо баланд бардошта шавад, балки татбиқи одилонаи Қонунгузории ҷиноятӣ дар амалия таъмин гардад.

2.Дар натиҷаи таҳлили илмии Қонунгузории ҷиноятӣ, чунин муносибат ба забони Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун падидаи мураккаби назариявӣ ва амалӣ ташаккул ёфтааст, ки ҳамзамон воситаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва объекте барои тафсири ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин росто, забоншиносии Қонунгузорӣ на танҳо ба тарзи баён, балки ба муҳтавои ҳуқуқӣ, мантиқ ва тартиби ҷойгиркунии муқарраротҳо, инчунин ба воситаҳои забонии ифодаи онҳо Аҳаммият медиҳад.

3.Забони Қонуни ҷиноятӣ дар назария ва амалияи ҳуқуқ на танҳо воситаи асосии ифода ва интиқоли меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки объект ва субъектҳои назариявии таҳқиқот маҳсуб мешаванд. Муносибати анъанавӣ ба забон ҳамчун воситаи интиқоли иттилоот дар бораи мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ асоси назариявӣ барои таҳқиқи забоншиносии Қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳои амалӣ ва адабиёти муосир нишон доданд, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон асосан ба масъалаҳои забонии Қонунгузорӣ – саҳеҳӣ, равшанӣ, дақиқият ва соддагии баён – равона шудааст.

Забони Қонуни ҷиноятӣ бояд возеҳ ва дақиқ бошад, то барои шахсоне, ки Қонунро татбиқ мекунанд ё ҳуқуқвайронкунандагон фаҳмо бошад; бо риояи талаботи услубӣ, грамматикӣ ва сохторӣ таҳия шавад; ва ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ барои таҳияи муқаррароҳои ҳуқуқӣ хизмат намояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки сатҳи фаҳмопазирии санадҳои Қонуни ҷиноятӣ баланд бардошта шуда, татбиқи одилонаи онҳо дар амалия таъмин гардад.

Дар натиҷа, забоншиносии Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи илмӣ ва амалӣ, ки ба таҳияи моделҳои консептуалӣ ва когнитивии забони Қонуни ҷиноятӣ, ташаккули воситаҳои баёни дақиқ ва возеҳ ва баланд бардоштани сатҳи одилона ва самараноки татбиқи Қонун равона шудааст, ҳамчун равияи афзалиятноки таҳаввулоти илми ҳуқуқ ва таҳияи Қонунҳои муассир пазируфта мешавад. Ин самт имконият медиҳад, ки Қонунҳои ҷиноятӣ дар амал фаҳмо, дақиқ ва татбиқи онҳо дар ҷомеа самаранок гардад, ки ба таҳкими ҳуқуқу адолат ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири муассир мерасонад.

4.Мавҷудияти сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, масъалаи баҳсталаб ва назариявист, ки дар байни олимон ду андешаи асосӣ вуҷуд дорад: баъзеҳо Кодекси ҷиноятиро сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мешуморанд, дар ҳоле ки дигарон мавҷудияти сарчашмаҳои гуногуни соҳавиро эътироф мекунанд. Таҳлили маводди илмӣ нишон медиҳад, ки Кодекси ҷиноятӣ асоси муқарраркунии манъкуниҳои ҷиноятӣ ва аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад, аммо наметавонад ҳамаи паҳлӯҳои мураккаби муносибатҳои ҷиноятиро фаро гирад **[5-М].**

5.Дар амалия ва назарияи муосир сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

1). Сарчашмаҳои ибтидоӣ – Қонунҳое, ки аломатҳои таркиби ҷиноят ва манъкуниҳои ҳуқуқиро мустақиман муайян мекунанд (аз ҷумла Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ).

2). Сарчашмаҳои дуввумдараҷа – санадҳое, ки вазифаи мушаххасгардонӣ ё маънидодсозии меъёрҳоро доранд (масалан, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ), ки хусусияти ҳатмӣ ё тавсиявӣ доранд **[5-М].**

6.Табиати низомнокии Қисми махсуси КҶ имкон медиҳад, ки он ҳамчун зернизоми мустақили Қонуни ҷиноятӣ баррасӣ гардад, ки функсияҳои берунаро (ҳифзкунанда-пешгирикунанда, танзимкунанда ва тарбиявӣ) тавассути мушаххас намудани кирдорҳои хавфноки ҷамъиятӣ амалӣ менамояд. Маҳз Қисми махсус манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муқаррар намуда, аломатҳои таркиби ҷиноят ва санксияҳоро муайян мекунад, ки ин робитаи самараноки низомро бо муҳити беруна: ҷомеа, шахсият ва давлат таъмин менамояд **[10-М].**

7.Робитаи мутақобилаи функсияҳои дохилӣ ва берунии Қисми махсус барои амалӣ самараноки он аҳаммияти калидӣ дорад. Функсияҳои дохилӣ (расмисозии муқаррарот, ҳамоҳангсозӣ, мутобиқсозӣ ва тобеият) заминаи сохтории низомро фароҳам оварда, робитаи унсурҳоро таъмин менамоянд, ки ин ба амалисозии функсияҳои беруна ва расидан ба мақсадҳои Қонуни ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

Функсияи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ асосан тавассути Қисми махсус амалӣ мегардад. Бе мушаххас намудани объектҳои ҳифз ва тавсифи аломатҳои ҷиноят, ки дар Қисми махсус мустаҳкам шудаанд, амалисозии функсияи ҳифзкунандаи Қонуни ҷиноятӣ ғайриимкон аст. Қисми умумӣ принсипҳои консептуалиро муайян менамояд, аммо бидуни Қисми махсус ин принсипҳо хусусияти абстрактӣ касб мекунанд ва аз мазмуни мушаххаси амалӣ маҳрум мемонанд.

Функсияҳои пешгирикунанда ва тарбиявӣ низ ба таври бавосита тавассути пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва таъсир ба шуури шаҳрвандон амалӣ мегарданд **[10-М].**

8.Мақсад ва вазифаҳои КҶ бо мақсади умумии тамоми Қонуни ҷиноятӣ ва сиёсати ҷиноятии давлат мувофиқат доранд: муқовимат ба ҷиноятқорӣ, ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат, сулҳ ва амният, пешгирии ҷиноятҳо, муқаррар намудани манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мушаххас намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо.

Ҳамоҳангсозии Қисми умумӣ ва Қисми махсуси Кодекс масъалаи муҳимми муосир боқӣ мемонад. Аз ҷумла, номгӯйи арзишҳои ҳифзшаванда дар м. 2 КҶ ҶТ на ҳамеша тамоми низоми объектҳои дар Қисми махсус муқарраршударо пурра инъикос менамояд, ки метавонад номутобиқатӣ байни вазифаҳои Қонун ва мушаххасоти кирдорҳои ҷиноятиро ба миён оварад **[13-М].**

9.Сохтори сезинагии меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, яъне гипотеза, диспозитсия ва санксия барои таҳлил ва татбиқи Қонунгузории ҷиноятӣ модели асоснок ва аз ҷиҳати функсионалӣ мукаммал ҳисоб мешавад. Гипотеза ҳолатҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муайян мекунад, диспозитсия моҳияти манъкуниро мустаҳкам намуда, уҳдадориҳои ҳуқуқиро ташаккул медиҳад ва санксия оқибатҳои вайрон намудани меъёрро муайян месозад. Ҷудо намудани гипотеза ҳамчун унсури мустақили меъёр номувофиқии истилоҳотиро, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой дорад, бартараф намуда, ба таълимоти умуминазариявӣ дар бораи сохтори меъёри ҳуқуқ мувофиқат мекунад.

Ҳамгироии муқаррароти Қисми умумӣ ва Қисми махсус низомнокии Қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамояд. Меъёрҳои Қисми умумӣ гипотеза, диспозитсия ва санксияро пурра намуда, имкон медиҳанд, ки меъёр ҳамчун маҷмуи ягона ва функсионалӣ баррасӣ гардад. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин тарз имкон медиҳад, ки аз таҳлили ҷудогонаи моддаҳо худдорӣ карда шуда, бандубасти дуруст ва дақиқи ҷиноятҳо таъмин гардад.

10.Ҳалли мушкилоти зиддияти меъёрӣ байни Қонунгузории ҷиноятӣ ва санадҳои муҷовири алоҳида барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Пешниҳод мегардад, ки принсипи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми ба миён омадани зиддиятҳо муқаррар карда шавад, ки ин низомнокӣ, пешгӯишавандагӣ ва муайянии ҳуқуқии татбиқи Қонунро таъмин мекунад. Навгонии илмӣ дар ин ҷо дар таҳияи алгоритми амалии бартараф намудани зиддиятҳо ифода меёбад, ки ҳам Қисми умумӣ ва ҳам Қисми махсуси Кодекс, инчунин Қонунгузории муҷовирро дар бар мегирад **[7-М].**

Меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бояд ҳамчун сохтори бисёрсатҳа арзёбӣ гардад, ки унсурҳои мантиқӣ, функсионалӣ ва низомиро дар бар мегирад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки ҳам мазмуни меъёр ва ҳам функсияҳои ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври ҳамгиро ба назар гирифта шаванд. Ин барои соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ Аҳаммияти махсус дорад, зеро ҳалли масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бевосита ба сарнавишти инсон таъсир мерасонад.

11.Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури сохтории Қонуни кодификатсияшудаи ҷиноятӣ мебошад, ки маҷмуи мафҳумҳо, категорияҳо ва институтҳои аз ҷониби Қонунгузор мустаҳкамшударо дар бар мегирад ва ягонагиву ҳамоҳангии дохилии Қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамояд. Он ҳамчун бахши низомсоз баромад карда, заминаи Қисми махсусро ташаккул медиҳад ва принсипҳои асосии танзими ҷавобгарии ҷиноятиро муайян менамояд.

Қисми умумӣ дар ҷараёни рушди таърихии Қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун натиҷаи ҷамъбасти меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои алоҳида танзим мекарданд, ба вуҷуд омадааст. Дар ибтидо ҳуқуқи ҷиноятӣ ба Қисми умумӣ ва Қисми махсус ҷудо нашуда буд, ки ин ҳолат бо манбаъҳои таърихӣ ва санадҳои меъёрии минбаъда тасдиқ мегардад **[10-М].**

12.Пайдарпайии баёни меъёрҳои Қисми умумӣ (аз муайян намудани мафҳуми ҷиноят ва категорияҳои он, тавассути институти гуноҳ ва шарикӣ то шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба принсипи «аз умумӣ ба хусусӣ» асос ёфта, бартарии кирдори барои ҷамъият хавфнокро нисбат ба чораҳои маҷбуркунии давлатӣ таъкид менамояд. Бо вуҷуди ин, сохтори амалкунандаи КҶ ҶТ қисман мантиқи чунин тақсимбандиро вайрон намуда, баъзе институтҳоро, ки аз ҷиҳати мазмун ба ҳам алоқаманд нестанд, дар як ҷой муттаҳид мекунад **[13-М].**

13. Ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ асоси консептуалии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Ҷиноят ҳамчун кирдоре баррасӣ мешавад, ки дорои аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад, дар ҳоле ки ҷавобгарии ҷиноятӣ мафҳуми васеътар буда, чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-

ҷиноятиро, ки барои содир намудани ҷиноят таъйин мегарданд, дар бар мегирад. Ин категорияҳо заминаи мантиқии тамоми сохтори институтҳои Қисми умумиро муайян менамоянд **[20-М].**

14.Зинабандии институтҳо ва пайдарҳамии мантиқии онҳо:

1). Сохтори оптималии Қисми умумӣ бояд аз рӯи принсипи «аз умумӣ ба махсус», «аз ягона ба сершумор», «аз қоидаҳои умумӣ ба истисноҳо» ташкил карда шавад. Вобаста ба ин пайдарҳамии мазкури институтҳо, ки категорияҳои ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятиро ошкор месозанд тавсия дода мешавад:

– институти мафҳум ва категорияҳои ҷиноят, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки хавфнокии ҷамъиятии кирдорро истисно мекунанд;

– институти шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;

– институти гуноҳ, бо дарбаргирии субинститути ҳолатҳое, ки гунаҳгориро истисно мекунанд;

– институти ҷинояти нотамом;

– институти сершумории ҷиноятҳо;

– институти шарикӣ дар ҷиноят;

– институти ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон.

2). Ба чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бояд мансуб дониста шаванд: ҷазо, чораҳои ивазкунандаи он, чораҳои ҳамзамон бо ҷазо таъйиншаванда ва чораҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқ, ки дар доираи шартан маҳкумнамоӣ ё шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷазо татбиқ мешаванд. Озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷазо набояд ҳамчун чораҳои мустақил баррасӣ карда шаванд, зеро онҳо шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошанд.

3). Институтҳо ба институтҳои асосӣ ва зериниститутҳо ҷудо мешаванд:

– Институтҳои асосӣ- сохтори мантиқии категорияҳоро ташкил медиҳанд (масалан, институти мафҳуми ҷиноят, институти ҷавобгарии ҷиноятӣ).

– Субинститутҳо - мазмуни институтҳои асосиро мушаххас ва муфассал мегардонанд (масалан, ҳолатҳое, ки ҷиноятӣ будани кирдор ё гунаҳгориро

истисно мекунанд, чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, меъёрҳо оид ба ҷавобгарии ноболиғон).

– Институтҳои байнисоҳаӣ (авф ва бахшиши ҷазо) - бояд ҳамчун гурӯҳи алоҳида берун аз сохтори КҶ ҶТ ҷудо карда шаванд ё дар доираи Қонунгузории байнисоҳаӣ танзим гарданд **[21-М].**

15.Таркиби ҷиноят яке аз категорияҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки Қонуният ва дақиқии бандубасти кирдорро таъмин менамояд. Он ҳамчун ҳалқаи пайванддиҳанда байни рафтори воқеии шахс ва меъёрҳои Қонунгузории ҷиноятӣ баромад карда, имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсро муайян мекунад.

Мавқеи объективистӣ диққати асосиро ба кирдори воқеан содиршуда равона намуда, таркиби ҷиноятро ҳамчун низоми аломатҳои объективӣ ва субъективӣ баррасӣ мекунад, ки кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнокро инъикос менамоянд. Тибқи ин равиш таркиби ҷиноят асоси воқеӣ барои бандубасти кирдор мебошад **[11-М].**

16.Таркиби ҷиноят ва худи ҷиноят мафҳумҳои якхела нестанд. Ҷиноят, илова ба таркиби ҷиноят, инчунин ҳолатҳои иловагиро дар бар мегирад, ки ба андозаи ҷазо таъсир мерасонанд, аз ҷумла ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, марҳилаи содир шудани кирдор ва хусусиятҳои шахсияти гунаҳгор. Дар айни замон таркиби ҷиноят асоси ҳуқуқии бандубасти кирдорро ташкил медиҳад.

Мавқеи объективистӣ имкон медиҳад бандубасти кирдорҳо ба таври низомнок анҷом дода шуда, бо меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ мутобиқ гардонида шавад. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои марбут ба таносуби таркиби ҷиноят бо дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ва инчунин масъалаи он ки оё таркиби ҷиноят асоси ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад ё не, ҳамоно баҳснок боқӣ мемонанд.

Аз нуқтаи назари мавқеи объективистӣ, таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдори воқеан содиршудаи барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки танҳо дар сурати мавҷуд будани меъёри

манъкунандаи дахлдор дар Қонуни ҷиноятӣ метавонад ҳамчун ҷиноят эътироф гардад. Аломатҳои объективӣ рафтори воқеии субъектро (ҳаракат ё беҳаракатӣ) инъикос мекунанд, дар ҳоле ки аломатҳои субъективӣ муносибати руҳии ӯро ба кирдор (гуноҳ, ангеза, мақсад) нишон медиҳанд. Таркиби ҷиноят ҳамчун асоси воқеӣ ва ҳуқуқии бандубасти кирдор хизмат намуда, имкон медиҳад кирдори мушаххаси шахс бо талаботи Қонуни ҷиноятӣ муқоиса карда шуда, имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ муайян карда шавад.

17.Таснифи таркибҳои ҷиноят ба моддӣ, расмӣ ва кӯтоҳкардашуда яке аз категорияҳои муҳимми доктриналӣ барои бандубасти дурусти кирдорҳо ба ҳисоб меравад. Таркибҳои моддӣ диққатро ба робитаи сабабии байни кирдор ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок равона мекунанд, таркибҳои расмӣ - ба худи далели содир шудани кирдор, ва таркибҳои кӯтоҳкардашуда - ба марҳилаи ибтидоии кирдор, ки аллакай дорои хавфнокии баланди ҷамъиятӣ мебошад.

Мушкилоти таркибҳои расмӣ дар он аст, ки тарафи объективии онҳо на ҳамеша бо зарари воқеии ба муносибатҳои ҷамъиятӣ расонидашуда мувофиқат мекунад. Ин ҳолат метавонад ба хатогиҳо ҳангоми бандубасти кирдорҳои камАҳаммият ва баъзан ба нодида гирифтани имконияти озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ сарфи назар аз мавҷудияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок оварда расонад.

Мушкилоти таркибҳои моддӣ бошад, ба зарурати муайян намудани дақиқи робитаи сабабии байни ҳаракат ё беҳаракатии шахс ва оқибатҳои ба вуҷудомада вобаста мебошад. Хатогиҳо дар ин самт метавонанд ба татбиқи ғайриҚонунии Қонунгузории ҷиноятӣ, яъне гунаҳгоркунии объективӣ оварда расонанд.

Таркибҳои кӯтоҳкардашуда ҳамчун воситаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар марҳилаи барвақти кирдор хизмат мекунанд, зеро хавфнокии ҷамъиятии чунин кирдорҳо аллакай дар оғози содиршавӣ ё марҳилаи тайёрӣ зоҳир мегардад. Бо вуҷуди эродҳои мавҷуда, чунин таркибҳо аз нуқтаи назари ҳифзи манфиатҳои муҳимми ҷамъиятӣ мақсаднок мебошанд,

ҳарчанд метавонанд имконияти татбиқи институти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро маҳдуд намоянд **[8-М].**

18.Аҳаммияти муайян намудани лаҳзаи хотимаёбии ҳуқуқии ҷиноят ва робитаи он бо кафолати ҳуқуқии ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят зарурати фарқгузории дақиқи таркибҳои расмӣ, моддӣ ва кӯтоҳкардашударо нишон медиҳад. Ба марҳилаи барвақттар вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷиноят бе асоснокии кофӣ метавонад ба вайрон шудани принсипи адолат ва мутаносибии ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда расонад.

Қабули мустақими мавқеҳои доктриналии хориҷӣ дар бораи таркиби ҷиноят маҳдуд мебошад, зеро он бо хусусиятҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва анъанаҳои миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ бояд бо дарназардошти стандартҳо ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ мутобиқ карда шавад.

19.Ворид намудани тағйирот ба КҶ ҶТ, ки мушаххас намудани мафҳуми таркиби кӯтоҳкардашудаи ҷиноятро пешбинӣ намояд ва имконияти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро дар марҳилаи барвақти содир шудани кирдор таъмин кунад, агар кирдор ҳанӯз зарари воқеӣ нарасонда бошад.

Таҳияи тавсияҳои методӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда оид ба баҳодиҳии хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои дорои таркибҳои расмӣ ва кӯтоҳкардашуда, аз ҷумла муайян намудани меъёрҳои камАҳаммиятӣ ва зарари расонидашуда.

Асоснок намудан ва мустаҳкам намудани фарқгузории Қонунгузорӣ байни таркибҳои моддӣ, расмӣ ва кӯтоҳкардашудаи ҷиноят бо мақсади баланд бардоштани дақиқии бандубасти кирдорҳо ва таъмин намудани адолат дар татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ.

20.Пеш аз ҳама, маҳдуд намудани тамоми маҷмуи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ба гурӯҳҳои ҳуқуқие, ки категорияҳои Қисми умумиро хизмат мерасонанд, ё танҳо ба гурӯҳҳое, ки ҷавобгариро барои намудҳои гуногуни ҷиноятҳо танзим мекунанд, аз ҷиҳати методологӣ нодуруст мебошад. Мавқеи асосноктар ва самараноктар таҳлили ҷудогонаи институтҳои Қисми умумӣ ва

Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он муқаррароти меъёрӣ ҳамчун унсури ибтидоии низоми ҳуқуқ эътироф карда мешавад.

Кӯшишҳои дараҷабандӣ ва низомсозии институтҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки танҳо ба тасаввурот дар бораи предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ асос меёбанд, самаранок нестанд. Беҳтар аст институтҳои Қисми махсус ҳамчун низоми муқаррароти меъёрӣ баррасӣ шаванд, ки дар асоси объектҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ гурӯҳбандӣ гардида, дар низоми муносибатҳои ҷамъиятии неъматҳо ва манфиатҳои ҳуқуқӣ институтсионалӣ шудаанд **[13-М].**

21.Фаҳмиши институтҳои ҳуқуқи ҷиноятии Қисми махсус танҳо ҳамчун институтҳои предметии муҳофизатӣ ба тавзеҳ ниёз дорад. Дар сохтори Қисми махсус бояд мавҷудияти институтҳои функсионалӣ низ эътироф карда шавад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

а) институти ҳавасмандкунандаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ;

б) институти фарқгузории ҷавобгарӣ.

«Нуқтаи муттаҳидкунандаи» муқаррароти алоҳидаи меъёрӣ дар дохили институти асосӣ ва ҳамзамон «нуқтаи фарқгузории» институтҳои гуногуни Қисми махсус объекти бевоситаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад. Аз нуқтаи назари методологӣ истифодаи меъёрҳои дигар барои сохтани низоми институтҳои Қисми махсус, ғайр аз объект, асоснок ба назар намерасад.

Дар доираи институтҳои асосӣ ҷудо намудани субинститутҳои Қисми махсус имконпазир ва мақсаднок мебошад, яъне гурӯҳҳои нисбатан мустақили муқаррароти меъёрӣ, ки бо аломатҳое тавсиф мешаванд, ки аз аломати объекти асосӣ фарқ мекунанд. Дар ин маврид сохтори таркиби намудии ҷиноят ҳамчун асоси боэътимод барои ҷудо намудани чунин субинститутҳо дар сохтори институтҳои асосии Қисми махсус хизмат мекунад.

